Ба номи Худованди бахшояндаи

меҳрубон

# Имом Ризо (а)

## ба ривояти аҳли суннат

Таълифи

**Муҳаммадмуҳсини Табасӣ**

Табасӣ, Муҳаммадмуҳсин, 1360-
امام رضا علیه السلام به روایت اهل سنت: زنـدگانی شخصـیت... \ Муҳаммадмуҳсини Табасӣ; мутарҷим Нормуҳаммади Саидзода.-Машҳад: Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, 1390.
326с.
Фипо.
Тоҷикӣ.
ISBN 978-964-971-475-2
1. Алӣ ибни Мӯсо(а), имоми ҳаштум, 153? -203қ.-Аҳодиси аҳли суннат. Алиф. Саидзода, Нормуҳаммад, 1963-М., Мутарҷим. II. Seyeed Zadeh, Noor Mohammad. Б. Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ. Ҷ.Унвон.
BP 47/2/ط2/ Алиф 804951390 297/957
Китобхонаи миллии ҷумҳурии исломии Ирон 2487279

# Имом Ризо(а) ба ривояти аҳли суннат

**Муҳаммадмуҳсини Табасӣ**

**Тарҷумаи Нормуҳаммади Саидзода**

**Виростории адабӣ ва татбиқии Ризо Нақдӣ**

Чопи аввал: 1390, 1000 нусха, вазирӣ , қимат 62000 риёл.
Чоп ва саҳҳофӣ: Муассисаи чоп ва интишороти остони қудси разавӣ.
Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: сандуқи пустӣ 91735-366.
Марокизи тавзеъ:
Телефон ва дурнигори воҳиди фурӯши бунёди пажӯҳишҳои исломӣ: 2230803
Фурӯшгоҳҳои китоби бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: 2233923, Қум: 7733029.
www.islamic-rf.ir info@islamic-rf.ir

**Ҳаққи чоп маҳфуз аст**

# Феҳристи матолиб


Муқаддимаи устоди муҳаққиқ Ҳоҷ шайх Наҷмиддини Табасӣ ........................................................................7
Пешгуфтор ..........................................................................11


## Дафтари аввал: зиндагонӣ


Дудмон ..........................................................................20
Куния ва алқоб ..........................................................................21
Чӣ касе лақаби «Ризо» -ро ба имом додааст?........... 22
Падару модар ..........................................................................23
Валодати имом ..........................................................................24
Ҷамъбандӣ ..........................................................................33
Фарзандон ..........................................................................33


## Дафтари дуввум: шахсият


Ҷойгоҳи ҳадисии имом (а) аз дидгоҳи аҳли суннат.....36
Имом Ризо (а) дар сухани паёмбари аъзам (с) ............39
Имом Ризо (а) ба гуфтаи аҳли суннат ..........................39
Ду пурсиши бепосух ..........................................................................90

## Дафтари саввум: ривоёт

Таъйини маҳалли низоъ ..............................................94
Котибони силсилатуззаҳаб..........................................95
Нахуст: ривояти «ҳисн» ............................................96
Дуввум: ривояти «имон»........................................... 112
Саввум: соири аҳодис .............................................171
Пурсише бепосух ......................................................177

## Дафтари чорум: имомат

Маънои вожаи имом ..................................................180
а) Маънои ом...............................................................180
б) Маънои хос .............................................................183
Ҷамъбандӣ...................................................................186

## Дафтари панҷум: вилоятаҳдӣ

Масъалаи аввал: пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ аз ҷониби Маъмун аст ё Фазл ибни Саҳл?................192
Масъалаи дуввум: Оё Маъмун дар пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ содиқ буда ё хайр?.............................194

Масъалаи саввум: Вокуниши имом ба ин пешниҳод чӣ буд? ........................................................................211
Ҷамъбандӣ ..........................................................................217

## Дафтари шашум: каромат

Дидгоҳи аҳли суннат дар бораи кароматли имом (а) ..221
Партаве аз каромот .................................................... 229
Баъд аз валодат .............................................................230
Баъд аз ҳиҷрат ба Тус.................................................. 237
Нуктае муҳим дар азамати имом Ризо (а)...................269

## Дафтари ҳафтум: зиёрат

Фазилати зиёрат ............................................................272
Зиёрат ва тавассулҳои уламои аҳли суннат ва мардум ба Машҳадурризо ..........................................................279
Пурсиши бепосух ........................................................ 300
Пасгуфтор.................................................................... 303
Китобнома ................................................................... 305

# Муқаддимаи устоди муҳаққиқ Ҳоҷӣ шайх Наҷмиддини Табасӣ

**Алҳамду лиллоҳи раббил оламин вас салоту вассалому ало хайри халқиҳӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ва ало олиҳиттоҳирин.**

Китоби шарифи «Имом Ризо (а) ба ривояти аҳли суннат» таълифи олими фозил ва муҳаққиқи тавонманд, валадунал азиз (фарзанди азизи мо), шайх Муҳаммадмуҳсини Табасиро боиштиёқ ва алоқаи фаровон хондам. Ба вижа, ин китоб дар бораи шахсиятест, ки ба эътирофи омму хос олими оли Муҳаммад (с) ва пораи тани расули Худо (с) мебошад. Бузургворе, ки зиёрати марқади поки ӯ савоби ҳафтод ҳаҷ ва як шаб ба сар бурдан дар муҷовирати боргоҳи малакутии ӯ, баробар бо зиёрати осмониён буда ва зоир рӯзи қиёмат дар барҷастатарин мақом ва дар канори аиммаи тоҳирин (а) қарор хоҳад дошт.[1]

---

1. «Уюну ахбору Ризо (а)алайҳиссалом»,ҷ.2, саҳ. 263 ва «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас сабтин вал аимма мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.194.

Шахсияти волое, ки ҳатто бузургтарин донишварони аҳли суннат аз ҳар фирқа ва мазҳабе дар баробари марқади шарифи ӯ мутавозеъона сари таъзим фуруд оварда ва адои эҳтиром мекарданд ва зиёрати боргоҳи вайро суннат ва фазилат меангоштанд, чунон ки дар мавриди ибни Хузаймаи шофеӣ гуфта шуда:

**Аз бузургдошти ӯ, аз он турбат ва фурутаниаш дар баробари он ва гиряву нолааш ба ҳангоми расидан ба он ҷо чизе дидам, ки моро ба ҳайрат водошт ва ҳамагӣ гуфтанд: агар ин имом инро суннат ва фазилат намедонист, чунин намекард.**[1]

Бузургшахсияте, ки назди шиъаву суннӣ баровარда шудани ҳоҷот ва тавассул ба ӯ амре мусаллам ва ҷо афтода ва муҷарраб буда, ба гунае, ки Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳл, аз фақеҳони баноми шофеӣ мегӯяд:

**Ҳар мушкиле аз умури динӣ ва дунявӣ бар ман ориз гашт, барои ҳалли он гирифторӣ ба зиёрати марқади мутаҳҳари имом Ризо (а) рафтам ва дар канори он буқъаи мутабаррика дуъо кардам ва ҳоҷатам баровარда шуд ва мушкилам бартараф гардид ва ин мавзуъ бароям ба сурати одат даромада ва ба таҷриба низ собит гашта аз ин рӯ, дар тамоми мушкилот ба он қабри шариф мутавассил мешавам.**[2]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас сабтин вал аимма мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ. 339.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас сабтин вал аимма мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.220.

Таърих ҳаргиз ҷумлаи ибни Ҳиббони Бустии шофеиро аз ёд набурда, ки мегӯяд:

**Борҳо ба зиёрати қабри имом Ризо (а) мушарраф шудам ва замони иқоматам дар Тус ҳаргоҳ бо мушкиле рӯ ба рӯ мешудам ба зиёрати қабри имом Ризо (а), дуруду саломи Худо ба ҷаддаш ва ӯ бод, мерафтам ва аз Худованд мехостам мушкиламро бартараф созад ва Худованд мушкили маро ҳал мекард ва борҳо ин мавзуъро таҷриба кардаам.**[1]

Албатта, ин воқеъиятҳо ва эътирофоти бузургони аҳли суннат, ки баъзан 300 ё 400 сол қабл аз ибни Тайимия ва ё 800 сол қабл аз ҳизби тафриқаангез ва фитнаҷӯи ваҳҳобият баён гашта,гувоҳе бар батлони тафаккуроти ваҳҳобият дар заминаи ҳурмати тавассул ва табаррук ва истиғоса ва зиёрат ба қубури аиммаи тоҳирин (а) ва сулаҳо ва муъминин ба шумор меояд.

Ин китоб бо таҳқиқ ва баррасии васеъ ва густарда ва бо истифода аз даҳҳо манбаи асили аҳли суннат ва мазоҳиби гуногуни он, ба баёни мавозеъи мусбат ва назарҳои нисбатан воқеъбинонаи он дар баробари имом Ризо (а) пардохта, ба гунае, ки ҳар мунсифе бо мутолиаи он ба ин натиҷа мерасад. Имрӯза ҷараёни салафигарӣ ва такфирӣ, худро сухангӯи мусалмонон ва аҳли суннат қаламдод мекунад, ҳамон хатти уммавиён ва душманони паёмбари аъзам (с) ва хонадони поки он ҳазрат аст, ба яқин бо хатти аҳли суннат тағоюр ва тафовут дорад.

Кофӣ аст, бидонем Абузуръаи Розии ҳанбалӣ ва Муҳаммад

---

1. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ. 426.

ибни Аслами Тусӣ ба ҳамроҳи беш аз бист ҳазор тан дар Нишобур ба истиқболи имом Ризо (а) меоянд ва ба таъбири Ҳокими Нишобурии шофеӣ:

**Иддаъе гирён ва ҷамъе бо шевану зорӣ ва гурӯҳе худро ба хок менадохтанд ва иддаъе пои астари (қотир,улоғ) имомро бӯса мезаданд.**[1]

Бозгӯ кардани ин ҳақоиқ барои насли имрӯз хидмати бузурге дар ростои эҷоди улфат ва тақриб байни мазоҳиби уммати исломӣ хоҳад буд ва муаллифи мӯҳтарам ба ҳақ дар ин замина муваффақ будааст. Умедворам, ки ин баҳс силсилавор бо унвони «Аиммаи аҳли байт (а) ба ривояти аҳли суннат» ҷамъоварӣ шавад ва дар ихтиёри умум қарор гирад. Худованд бар таъйидоти эшон бияфзояд.

**Вассалом,**
**Наҷмуддини Табасӣ,**
**Қуми муқаддас.**

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242.

# Пешгуфтор

Имом Ризо (а) фарзанди расули Худо ва ҳаштумин пешвои ҳақҷӯён, ҳақиқате нуронист, ки анвори дурахшони шахсият ва дониши ӯ танҳо дар мактаби шиъа набуда, балки шуъои нураш соири фирақ ва мазоҳиби аҳли суннатро низ фаро гирифтааст, ба гунае, ки ононро ба баёни суханоне дар ситоиш ва мадҳи он ҳазрат водор кардааст. Бо ҷустуҷӯ ва мутолиъа ва баррасии муҳимтарин кутуби аҳли суннат бад-ин матлаб метавон даст ёфт. Албатта, бад-ин нукта бояд изъон дошт, ки дар ин мутун ҷойгоҳи ҳақиқии олими оли Муҳаммад (с) табйин нашудааст, валекин ҳар як бо нигоҳе хос ва баёне мутафовит бар азамати шахсияти ҳазрати Ризо (а) эътироф кардаанд.

Дар ин миён метавон ба суханон, амалкард ва навъи нигоҳи аҳли суннат, ба вижа донишмандони онон дар бораи ҳақиқати нуронии имом Ризо (а) аз даврони он ҳазрат то ҳоли ҳозир ишора кард. Аз ин рӯ, ҷамъоварӣ ва табақабандии ин мероси гаронсанг, бо вуҷуди бархе костиҳои пайдову пинҳон ва ғаразварзиҳои огоҳонаи тадвингарони он, зарурате шоиста аст, ки мабонии тарроҳии ин асар шудааст.

**Зарурати ин пажӯҳиш:** Сели хурӯшони мардум аз нуқоти дуру наздик бо ҳар фирқа ва мазҳабе ба остони малакутии Разавӣ (а), рӯшан набудани дидгоҳи аҳли суннат дар бораи имом Ризо (а) ва изҳори назарҳои парокандаи онон дар бораи он ҳазрат фитнагарии ваҳҳобият дар таҳрифи шахсияти аҳли байт (а) ва фатовои фитнагароёнаи онон дар тахриби атаботи олиёт, аз ҷумла боргоҳи нуронии Разавӣ (а) ва фиқдони пажӯҳише ҷомеъ ва такнигорона дар ин заминаро метавон чаҳор омили муҳим дар зарурати пардохтан бар ин мавзӯъ баршумурд.

**Аҳдофи ин пажӯҳиш:** Бо таваҷҷуҳ ба зарурати ин паҷӯҳиш, аҳдофи сегонаи зайл дунбол мешавад: шинохти ҷомеъ ва воқеъбинона аз навъи нигоҳ ва андешаҳои аҳли суннат дар бораи абъоди гуногуни шахсиятии имом Ризо (а), эҷоди ҳамдилӣ ва заминсозии тақриби мантиқӣ байни пайравони ду мазҳаби шиъаву суннӣ бо меҳварияти вуҷуди муқаддаси фарзанди расули Худо (с), имом Ризо (а) ва дар ниҳоят, пешгирӣ ва ҷилавгирӣ аз ҳаракатҳои кинатӯзонаи гурӯҳаки тафриқаангези ваҳҳобият барои эҷоди фитна байни пайравони ду мазҳаби шиъа ва суннӣ.

**Пешинаи таҳқиқ:** Дар бораи шахсияти имом Ризо (а) бо ин рӯйкард ва равиш китоби ҷомеъ ва мустақиле нигошта нашудааст, вале ба сурати ғайри мустақил дар лобалои мутун гомҳое дар ин замина аз ҷониби аҳли суннат бардошта шудааст, ки иборатанд аз:

1. Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ(652ҳ)[1]: «Матолибус суул фӣ маноқиби оли расул (с)».

2. Ибни Саббоғи моликӣ (855ҳ): «Алфусулул муҳиммату фӣ маърифатил аимма (а)».

3. Умар ибни Шуҷоъуддини Муслиҳи шофеӣ (660ҳ): «Аннаимул муқим лиитрати набаил азим (а)».

4. Муҳаммадхоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ(822ҳ): «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб».

5. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ (898ҳ): «Шавоҳидун нубувва».

6. Мирхонди шофеӣ (903ҳ): «Таърихи Равзатуссафо»

7. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ): «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)» ва «Меҳмонномаи Бухоро».

8. Ибни Тулуни Димишқии ҳанафӣ (953ҳ): «Алаимматул исно ашар (а)».

9. Хондамири шофеӣ (942ҳ): «Таърихи Ҳабибусияр фӣ ахбори афроди башар».

10. Ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ (974ҳ): «Ассавоиқул муҳарриқа».

11. Қармонии Димишқӣ (1019ҳ): «Ахборуд дувал ва осорул увал».

12. Шибровии шофеӣ (1172ҳ): «Алитҳоф биҳуббил ашроф».

13. Қундузии ҳанафӣ (1294ҳ): «Янобеъул мавaддат лизил қурбо (а)».

---

1. Минбаъд дар қавсайн ҳарфи «ҳ» ба унвони солшумории ҳиҷрии қамарӣ истифода мешавад

14. Шабланҷии шофеӣ (1298ҳ): «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиийил мухтор (а)».

15. Саидмуҳаммад Тоҳири Ҳошимии шофеӣ (1412ҳ): «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат».

Аз донишмандони шиъа низ заҳамот ва талошҳои шаҳид Солиси Қозӣ Нуруруллоҳи Ҳусайни Шуштарӣ дар «Эҳқоқул ҳақ» ва таълиқоти гаронсанги ҳазрати оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ ба номи «Мулҳақоти эҳқоқул ҳақ»дар шиносондани аҳли байт (а) ва мазҳаби ҳаққи онон аз дидгоҳи аҳли суннатро наметавон нодида гирифт. Заҳамоти ин ду бузургвор сангбинои ин китоб аст. Аз ин рӯ, савоби ин асар ба рӯҳи мутаҳҳари ин ду олими бузургвор эҳдо мешавад.

**Ва китоби ҳозир:** Бо таваҷҷуҳ ба корҳои анҷомшудаи ғайримустақил ва пароканда дар бораи имом Ризо (а) аз нигоҳи аҳли суннат ва ба лиҳози фиқдони асаре ҷомеъ ба сурати такнигорӣ бо унвони «Имом Ризо (а) ба ривояти аҳли суннат» дар ҳафт дафтари зайл таҳия ва танзим шудааст.

**Дафтари аввал:** Зиндагонӣ, насаб ва дудмон, куния ва алқоб, падару модари бузургвори имом Ризо (а), таърих ва маҳалли валодат, шаҳодати имом ва дидгоҳи аҳли суннат дар бораи шаҳодати имом Ризо (а) ва фарзандони он ҳазрат.

**Дафтари дуввум:** Шахсият. Ин дафтар шомили суханони муосирони имом Ризо (а) ва бузургон ва уламои аҳли суннат аз қарни дуввуми ҳиҷрӣ то қарни ҳозир дар бораи абъоди шахсиятии имом Ризо (а) аст.

**Дафтари саввум:** Ривоят. Ҷараёни таърихии воруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва истиқболи беназири мардум ва уламои аҳли суннат аз эшон, мадорики ҳадиси силсилатуззаҳаб аз имом Ризо (а) аз мавзӯъоти ин дафтар аст.

**Дафтари чорум:** Имомат. Корбурди вожаи «имом» дар калимоти аҳли суннат аз қарни ҳафтум то ҳоли ҳозир ва нусуси дол бар имомати имом Ризо (а) дар кутуби онҳо дар ин дафтар нақл ва баррасӣ шудааст.

**Дафтари панҷум:** Вилоятаҳдӣ. Ҷараёни вилоятаҳдии таҳмилӣ бар имом Ризо (а) аз ҷониби Маъмун ва посух ба як силсила аз пурсишҳои асосӣ дар бораи вилоятаҳдии имом, дар дафтари панҷум баррасӣ шудааст. Аз ҷумлаи пурсишҳо ин аст, ки оё пешниҳоди вилоятаҳдӣ аз ҷониби Маъмун будааст ё аз ҷониби Фазл ибни Саҳл?! Агар аз ҷониби Маъмун будааст, оё Маъмун дар ин пешниҳод содиқ будааст ва ё ағрози (ғаразҳои) дигареро дунбол мекардааст? Мавзеъи имом Ризо (а) дар баробари ин пешниҳод чӣ буд?

**Дафтари шашум:** Каромат. Муҳтавои ин дафтар дидгоҳи уламои аҳли суннат дар бораи каромот ва маноқиби имом Ризо (а), кароматҳо ва муъҷизоти имом Ризо (а) қабл аз валодат то шаҳодати он ҳазрат аст.

**Дафтари ҳафтум:** Зиёрат. Ин дафтар низ шомили «фазилати зиёрат»-и қабри имом Ризо (а) ва таъкид бар он аз забони паёмбар (с), имом Козим (а), имом Ризо (а), имом Ҷавод (а) ва

имом Ҳодӣ (а) ва «Машҳадурризо» ва таърихчаи сохти боргоҳ бар қабри имом Ризо (а) ва тавассулоти бузургони аҳли суннат ба ин буқъаи муборака аз қарни саввум то ҳоли ҳозир аст.

Чанд нукта: дар поён зикри чанд нукта зарурист:

1. Аз миёни мазоҳиби гуногуни аҳли суннат, мақсуд аз аҳли суннат дар ин навиштор бештар уламо ва пайравони шофеӣ, моликӣ, ҳанбалӣ, ҳанафӣ ва зоҳирист ва аз назари замонӣ дидгоҳи аҳли суннат аз садаи дуввуми ҳиҷрии қамарии то ҳоли ҳозир мавриди назар аст. Аз ин рӯ суханони гурӯҳаки ҷаълӣ (сохта) ва бидъатомези ваҳҳобият ва ба тасреҳи аҳли суннат аз онон нестанд, дар ин навиштор наёмадааст.

2. Рӯйкарди ин пажӯҳиш бо парҳез аз тавсифе маҳз ва ё таҳлиле маҳз **«тавсифӣ-таҳлилӣ»** аст. Ҳамон гуна ки тамомии иттилоот ва гузоришҳои таърихии ва суханон ва амалкардҳои аҳли суннат дар бораи имом Ризо (а) гирдоварӣ ва табақабандӣ шудааст. Дар мавориде низ бо баъзе аз гузоришҳо ва суханон бо нигоҳе интиқодӣ бархурд ва нақду баррасӣ ва таҳлил шудааст. Ин рӯйкард низ бар асоси дидгоҳ ва мабонии аҳли суннат сурат гирифтааст, аз ин рӯ дар ин навиштор исроре бар татбиқи мабоҳиси матраҳшуда ва нақду баррасии он бо омӯзаҳои шиъӣ нест, ҷуз дар мавориди хос.

3. Матолиби ин навиштор мубтанӣ ба беш аз дувист унвон аз манобеъи аҳли суннат аст, ки бидуни восита ва мустақим аз онҳо нақл шудааст, ҷуз дар мавориди хосе, ки имкони истифода аз асли китоб ба хотири хаттӣ ва ё ноёб будани он вуҷуд надоштааст, ки бо истифода аз соири манобеъ ба сурати ғайри

мустақим аз онҳо нақл шудааст. Аз ин рӯ, матолибе, ки дар кутуби шиъа ба нақл аз аҳли суннат дар бораи имом Ризо (а) омада, дар ин навиштор лиҳоз нашудааст.

Гарчӣ ин асарро метавон гоми ҷадиде дар ин арса баршумурд, вале муаллифи ин маҷмуъа, иддаъои бенуқс будани онро надорад ва аз интиқодҳо ва нукоти дилсӯзонаи дӯстон бо камоли майл истиқбол мекунад.

Дар поён аз роҳнамоиҳои ҳазароти оёт Ҳоҷ шайх Наҷмуддини Табасӣ ва Ҳоҷ шайх Муҳаммадҳодии Юсуфии Ғаравӣ, нукоти арзандаи ҳуҷҷатулислом Ҳоҷ шайх Муҳаммад Боқири Пураминӣ ва Ҳасани Балқонободӣ, ки дар ғинои ин асар нақши муассире доштаанд, ташаккур ва қадрдонӣ мешавад.

**Муҳаммадмуҳсини Табасӣ,**

**Қуми муқаддас**

# Дафтари аввал

# Зиндагонӣ

# Дудмон

Самъонии шофеӣ, дудмони имом (а) –ро ин гуна баён мекунад: «Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусейн ибни Алӣ ибни Абитолиб (а)».[1]

Пурвозеҳ аст, ки имом Ризо (а) аз дудмон ва зуррияи паёмбари аъзам (с) аст, чунончи Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба ин мавзуъ ишора карда ва мегӯяд:

**Яке аз бузургтарин ифтихорот ва фазоили Алӣ ибни Мӯсарризо (а) ин аст, ки вай аз насли паёмбари аъзам (с) аст ва ин матлаб ҷузъи эътиқодоти мазҳаби суннат ва ҷамоат аст ва тамоми фуқаҳои Ҳиҷоз бар ин матлаб иттифоқи назар доранд. Ва касоне, ки бо ин мавзӯъ мухолифат варзанд, бо Қуръон ва суннат ба мубориза бархоста ва бо ҳақ ба ситез пардохтаанд ва то қиёмат дар мавриди ду сарвари ҷавонони биҳиштӣ ва дудмони он ду, таассуб ва душманӣ иброз доштаанд.**[٢]

Гуфтанист, таъкид бар баёни насаби имом Ризо (а) ҳокӣ аз

1. «Алансоб», ҷилди 3, саҳ 75.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас сабтин вал аимма (а) мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.202, ба нақл аз Ҳокими Нишобурӣ.

силсилаи ҷараёнҳои аҳли байт (а) ситез дар тӯли таърих аст, ки саъй дар ҷудосозии аҳли байт (а) аз паёмбари аъзам (с) доштаанд ва ҳамчунин ҳокӣ аз огоҳӣ ва бедорӣ ва истодагии афроде ҳамчун Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар баробари ин ҷараёнҳои фитнаангез аст.

## Куния ва алқоб

Номи мубораки он ҳазрат Алӣ ва аз дидгоҳи аҳли суннат вай дар ҷамъи аҳли байти паёмбари аъзам (с) саввумин шахсест, ки баъд аз имом Алӣ (а) ва имом Саҷҷод (а) (Алӣ ибнал Ҳусайн) Алӣ номида шудааст.[1]

Кунияи он ҳазрат Абулҳасан аст[2], чунон ки падари бузургвораш имом Козим (а) низ мефармояд:

Фарзандам ҳамкунияи ман аст.

Гарчи бархе Абубакрро кунияи имом медонанд[3], вале ин гуфта нодуруст аст ва кунияи маъруфи эшон ҳамон Абулҳасан аст.

Ғиёсуддини шофеӣ, маъруф ба Хондамир мегӯяд:

Он ҳазрат алқоби бисёре дорад,[4]ки дар ҷамъбандӣ иборатанд аз: Ризо[5], Ҳошимӣ, Алавӣ, Ҳусайнӣ, Фарошӣ, Маданӣ[1], Валий,

---

1. «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295
2. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125; «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ. 315; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387 ва «Алибару фӣ хабари ман ғабар», ҷ.1, саҳ.266.
3. «Мақотилут толибин», саҳ.375.
4. «Таърихи Ҳабибусияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.82.
5. «Алансоб», ҷ.3, саҳ 75; «Аллубоб фӣ таҳзибул ансоб», ҷ.2, саҳ.30; «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125; «Қомусул муҳит», ҷ.4, саҳ.337; «Таҳзибул камол фӣ

Ҳаффий, Собир, Закий, Зокий[2], Қоим[3] ва машҳуртарини онҳо **Ризо (а) аст.**[4]

## Чӣ касе лақаби «Ризо»-ро ба имом додааст?

Дар ин хусус, ки чӣ шахсе лақаби **«Ризо»**-ро ба имом дода ва ба чӣ маъност, бояд гуфт:

Гурӯҳе аз аҳли суннат Маъмунро номгузори аслӣ донистаанд, яъне вақте Маъмун дар соли 201 вилоятаҳдиро бар имом таҳмил намуд, он ҳазратро мулаққаб ба Ризо кард.[5] Аммо дар ривояти Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абинасри Базантӣ аз имом Ҷавод (а) ин масъала такзиб шуда ва дар ин ривоят чунин омадааст:

**Ибни Абинасри Базантӣ рӯзе ба имом Ҷавод (а) арз кард: гурӯҳе аз мухолифони шумо гумон мекунанд, Маъмун лақаби «Ризо»-ро дар баробари пазириши вилоятаҳдӣ ба падари Шумо**

---

асмоир риҷол», ҷ.13, саҳ408; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387; «Тақрибут таҳзиб», ҷ.2, саҳ.45 ва «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.261.

1. «Таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ҷ.13, саҳ408; «Сайрул аъломил нубало» , ҷ.9, саҳ.387; «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом», (ҳаводис201-210), саҳ.260; «Алибару фӣ хабари ман ғабар», ҷ.1, саҳ.408; «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.261 ва «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», , ҷ.2, саҳ.219.
2. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.234; «Сабоиказзаҳаби фӣ маърифати қабоилил араб», саҳ.75; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.289.
3. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.238.
4. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.234; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.232 ва «Аҳсанул қасас», ҷ.4, саҳ.289.
5. «Таърихул умам вал мулук», ҷ.5, саҳ.138; «Мақотилут толибин», саҳ.376; «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», ҷ.3, саҳ.366; «Таъриху мухтасарид дувал», саҳ.134 ва «Татиматул мухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.1, саҳ.318.

**ато кардааст! Имом Ҷавод (а) дар посух фармуд: ба Худо савганд! Дурӯғ мегӯянд. Худои мутаол лақаби «Ризо»-ро бад-ин ҷиҳат, ки тамомии мухолифин ва мувофиқини вай аз ӯ розӣ буданд, ба падарам додааст...[1]**

Бархе аз аҳли суннат низ монанди Ҷувайнии шофеӣ[2] ва Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ[3] ин маъноро таъйид карда ва бархе дигар низ ин мавзуъро чунин ба назм даровардаанд:

**Имоми Алӣ ном, олинасаб,**
**Паноҳи Аҷам, муқтадои араб.**
**Аз ӯ буд розӣ ҷаҳонофарин,**
**Аз он рӯ Ризо гашт ӯро лақаб.[4]**

## Падару модар

Падари бузургвори вай ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Козим (а) аст, вале дар номи модари мукаррамаи имом (а) ихтилоф аст:

Модари ҳазрат каниз буда, ки барои ӯ номҳои мутааддиде зикр кардаанд: Сакина[5], Урво[6], Хизрони Марисия[7],

---

1. «Уюнул ахборур Ризо(а)», ҷ.1, саҳ.13.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.187.
3. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.183.
4. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.82.
5. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387.
6. «Аҳсанул қасас», саҳ.289.
7. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315 ва «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295.

Наҷма[1] ва лақаби ӯро Шақроунавбия[2] ва ё Уммулбанин[3], гуфтаанд.

Гуфтанист Муҳаммадхоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ дар мақоми таҷлил аз модари имом Ризо (а) ва мақоми маънавии он бону чунин мегӯяд:

**Модари он ҳазрат аз бузургзодагони ғайри араб буда ва аз назари ақлу дин саромади занони даврони хеш будааст.**[4]

## Валодати имом

Имом Ризо (а) як сол пас аз шаҳодати имом Содиқ (а) дар Мадина рӯзи ҷумъа дида ба ҷаҳон кушуд. Дар солу моҳи валодати он ҳазрат ихтилоф аст: бархе соли валодати ӯро 143ҳ[5], 148ҳ[6], 151ҳ[7], 153ҳ[8] ва баъзе рӯзи валодати вайро низ шашум,

---

1. «Таърихул хамис фӣ аҳволи анфуса нуфус», ҷ.2, саҳ.83.
2. «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295 ва «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387.
3. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.248.
4. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» бино бар анқли «Янобеъул мавададати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.
5. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.232.
6. «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.178; «Татиматул мухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.4, саҳ.178; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387; «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.248 ва «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.232.
7. «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
8. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.34; «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.270; «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон» , ҷ.2, саҳ.10 ва «Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.98.

ҳафтум ва ё ҳаштуми Шаввол сабт кардаанд.[1]

Дар мавриди валодати имом Ризо (а) моҷароҳои шигифтоваре дар кутуби аҳли суннат нақл шуда, ки дар дафтари шашум бад-онҳо ишора хоҳад шуд.

## Вафот ё шаҳодати имом (а)

Дар таърихи шаҳодати имом ихтилофи бисёр аст.

- Шанбе, авохири моҳи сафари соли 203ҳ дар даврони хилофати Маъмуни аббосӣ (раъйи бештари аҳли суннат).[2]

- Аввали сафари соли 203ҳ.[3]

- Шаби ҷумъаи моҳи мубораки рамазони 203ҳ.[4]

- Панҷуми зиҳиҷҷаи соли 203ҳ.[5]

- Сенздаҳуми зиқаъдаи 203ҳ.[6]

---

1. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.270; «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10 ва «Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.98.
2. «Таъриху халифату ибни Хиёт», саҳ.312; «Таърихи Яъқубӣ» », ҷ.2, саҳ.453; «Таърихул умам вал мулук», ҷ.5, саҳ.146; «Муравваҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.33; «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.457; «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.121; «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», ҷ.3, саҳ.376; «Аллубоб фӣ таҳзибул ансоб», ҷ.2, саҳ.30; «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.187; «Таъриху мухтасарид дувал», саҳ.134; «Алмухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.2, саҳ.23; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.389; «Алкошиф фӣ маърифати мал лаҳу ривоя фил китобил ситта», ҷ.2, саҳ.287; «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.261; «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», ҷ.2, саҳ.219; «Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.95 ва «Таърихул хамис фӣ аҳволи анфуса нуфус» , ҷ.2, саҳ.335.
3. «Аттанбеҳу вал ишроф», саҳ.303.
4. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125; «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.248; «Таҳзибул таҳзиб» , ҷ.7, саҳ.339.
5. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.270; «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.

6 .Ҳамон.

- Соли 202ҳ.[1]

Имом Ризо (а) ҳудуди панҷоҳсолгаӣ ба шаҳодат расид.[2] Албатта дар синни дақиқи он ҳазрат ба ҳангоми шаҳодат ихтилоф аст, бархе чилу чор[3]-ро зикр кардааст ва иддаъе чилу ҳафт[4], чилу нуҳ[5], панҷоҳ[6] ва панҷоҳу се[7] солагиро синни имом ба ба ҳангоми шаҳодат сабт кардаанд.

Имом (а) дар даврони хилофати Маъмуни аббосӣ дар Тус ва дар рустое ба номи «Санобод»[8] аз тавобеъи шаҳри «Нуқон»[9] ба шаҳодат расид ва ба дастури Маъмун канори қабри Ҳорун ба хок супурда шуд.[10]

Гуфтанист дар бораи чигунагии шаҳодати имом Ризо (а) ва пешгӯии имом дар ин бора ва масоиле, ки баъд аз шаҳодати эшон падид омад, гузоришҳо ва ривоятҳои шигифтангезе нақл шуда, ки дар дафтари шашум бад-онҳо ишорат хоҳад шуд.

---

1. «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
2. «Тақрибут таҳзиб», ҷ.2, саҳ.45.
3. «Таърихи Яъқубӣ», ҷ.2, саҳ.453.
4. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.33.
5. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.33, зайли «Таърихи Бағдод», ҷ.19, саҳ.142, «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.393; «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.248 ва «Таҳзибул таҳзиб» , ҷ.7, саҳ.339.
6. «Икмолу таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ҷ.9, саҳ.380.
7. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.33.
8. Яке аз рустоҳои Нуқон аз шаҳрҳои Тус, ниг: «Мӯъҷамул булдон», ҷ.3, саҳ. 259.
9. Дар он даврон Тус ду шаҳри бузург ба номҳои Тобарон ва Нуқон дошт, ки ҳар кадом аз онҳо беш аз ҳазор русто доштанд. Ниг: «Мӯъҷамул булдон», ҷ.5, саҳ.311.
10. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.457; «Китобул ишорот ило маърифатиз зиёрот», саҳ.7, «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.339; «Алвофӣ бил вафиёт» , ҷ.2, саҳ.248; «Таҳзибул таҳзиб» , ҷ.7, саҳ.339.

## Дидгоҳи уламои аҳли суннат

Бо ин ки имом Ризо (а) дар мақотеъи гуногуне аз ҳаёти шарифи худ тасреҳ карда буд, ки **«ман бо самм (заҳр) кушта ва дар диёри ғурбат ба хок супурда хоҳам шуд»**.[1] Ва Маъмунро низ қотили хеш муаррифӣ карда буд[2] ва ин суханонро бузургони аҳли суннат гузориш ва ривоят кардаанд, ба гунае, ки доктор Комил Мустафо Шайбӣ мегӯяд:

Он гуна, ки бештари таърихнигорон бар онанд, имом Ризо (а) масмум аз дунё рафт. Бархе ин ҳақиқатро пӯшонда ва матолиби норавоеро дар ин замина нақл кардаанд ва вафот ё шаҳодати имом (а)-ро ба суратҳои мухталифе мунъакис кардаанд, ки ба онҳо ишора мешавад.[3]

Мутаассифона, иддае бидуни таваҷҷуҳ ба вақоеъ ва ҳақоиқи таърихӣ ҳамонанди ибни Ҷарири Табарии шофеӣ иллати вафоти имом (а)–ро зиёд хурдани ангур медонанд. Вай мегӯяд:

**Алӣ ибни Мӯсо зиёд ангур хурд ва бад-он сабаб ногаҳон даргузашт.**[4]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.812; ҳ492, саҳ.192, ҳ496; «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.167.
2. «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.300-302; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.250, «Шавоҳидун нубувва», саҳ.389-392; «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.49-52; «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.3, саҳ.88-91; «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», ҷ.1, саҳ.256; «Мифтоун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ. 82; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.244 ва «Аланворул қудсия фӣ маноқибил содатил Нақшбандия», саҳ.39
3. «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», ҷ.3, саҳ.244.
4. «Таърихул умам вал мулук», ҷ.5, саҳ.146.

Бархе монанди ибни Асири шофеӣ[1], Шамсиддин ибни Халакони шофеӣ[2], ибни Ҷавзии ҳанбалӣ[3], Абулфидои Димишқии шофеӣ[4], ибни Касири Димишқии шофеӣ[5] ва ин суханро пазируфтаанд.

Дар муқобил, касоне ҳамчун Мискавейҳ, Ёфеъии шофеӣ ва Муҳаммадхоҷаи Порсои ҳанафӣ, бо тардид ба гуфтаи ибни Ҷарири Табарии шофеӣ нигариста ва байни вафот ва шаҳодати имом (а) таваққуф кардаанд. Мискавейҳ менависад:

**Бинобар он чӣ нақл шуда вай бар асари зиёд хӯрдани ангур ногаҳонӣ аз дунё рафтааст.**[6]

Ёфеъии шофеӣ мегӯяд:

**Сабаби реҳлати имом бинобар он чӣ гуфтаанд бар асари зиёд хӯрдани ангур иттифоқ афтодааст.**[7]

Ҳамчунин гуфта шуда: вай масмум аз дунё рафтааст.

Муҳаммадхоҷа Порсои ҳанафӣ низ бо нақли суханони мухолиф ва мувофиқ дар мавриди шаҳодат ё вафоти имом таваққуф ва аз изҳори назар худдорӣ мекунад.[8]

---

1. «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.177.
2. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.23.
3. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.121.
4. «Алмухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.2, саҳ.23.
5. «Албидояту ваннихоя», ҷ.10, саҳ.260.
6. «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», ҷ.37, саҳ.376.
7. «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
8. «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.168.

Бархе дигар низ монанди ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ[1] ва Фазл ибни Рӯзбеҳони Хунҷии ҳанафӣ[2] марги ногаҳонии имом (а)-ро ношӣ аз масмум шудани он ҳазрат бо анор ё ангур медонанд, аммо сухане аз қотили вай ба миён намеоваранд.

Дар идома касоне ҳамчун Масъудии шофеӣ, ибни Тақтақӣ, Мақризии шофеӣ ва аз муосирин доктор Тармонинӣ бо пазириши масмум шудани имом, Маъмунро бо шакку тардид, қотили имом муаррифӣ мекунанд:

Масъудии шофеӣ менависад:

**Дар даврони хилофати Маъмун, имом Ризо (а) дар Тус масмум аз дунё рафт.[3]**

Ибни Тақтақӣ:

**Гуфта шуда: Маъмун, имом Ризо (а)-ро бо ангур масмум сохт.[4]**

Мақризии шофеӣ:

**Маъмун муттаҳам ба масмум кардани имом Ризо (а) бо ангур аст.[5]**

Албатта дар ҷои дигар бо сароҳат мегӯяд:

---

1. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.539.
2. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.
3. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.4 ва«Аттанбеҳу вал ишроф», саҳ.303.
4. «Алфахрӣ фӣ одобул султония вад дувалил исломия», саҳ.215.216.
5. «Китобул муқаффал кабир», ҷ.4, саҳ.284.

**Маъмун имом Ризо (а)-ро масмум кард.**[1]

Тармонинӣ менависад:

**Гуфтаанд: Маъмун бо хӯронидани самм(заҳр) ба имом Ризо (а), вайро** масмум кард.[2]

Дар муқобил, бисёре аз таърихнигорон ва муҳаддисони номӣ монанди Муҳаммад ибни Алии Ҳалабӣ маъруф ба ибнал Азимӣ, ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, Самъонии шофеӣ[3], Сафадии шофеӣ, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Ҳокими Нишобурии шофеӣ, Мақризии шофеӣ (дар баъзе аз кутуби хеш)[4], ибни Саббоғи моликӣ, Шабланҷии шофеӣ[5], Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳониддини Мирхонди шофеӣ[6], Ғиёсуддини шофеӣ, Хондамир ва Аббос ибни Алии Маккии шофеӣ[7], бо сароҳат, Маъмунро қотили имом Ризо (а) муаррифӣ мекунанд:

Ибнал Азимӣ мегӯяд:

**Имом Ризо (а) бо самме, ки Маъмун ба вай хӯронд, ба шаҳодат расид.**[8]

Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ менависад:

---

1. «Аннуқудул исломия» , саҳ.72.73.
2. «Аҳодисил таърихил исломия битартибис синин», ҷ.2, саҳ.1169.
3. «Алансоб», ҷ.3, саҳ.74.
4. «Аннуқудул исломия», саҳ.72-73.
5. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.324-325.
6. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.50.
7. «Нузҳатул ҷалиси ва маниятул адибил анис», саҳ.105.
8. «Таърихи Ҳалаб», ҷ.8, саҳ.457.

**Алӣ ибни Мӯсарризо бо ҷуръае самм (заҳр), ки Маъмун ба вай нӯшонд, бедаранг аз дунё рафт.**[1]

Ва дар ҷои дигар мегӯяд:

**Имом бо оби анори масмум (заҳрдошта) ба шаҳодат расид ва онро Маъмун ба вай нӯшонд.**[2]

Сафадии шофеӣ мегӯяд:

**Рӯзгори имом бо Маъмун бад-он ҷо расид, ки саранҷом он ҳазратро бо анор масмум сохт то назари бани Аббосро ҷалб намояд.**[3]

Абулфараҷи Исфаҳонӣ менависад:

**Маъмун Алӣ ибни Мӯсарризоро валиаҳди худ қарор дод, вале сипас он гуна, ки гуфта шуда, самме ба ӯ хӯронд ва ҳазрат бар асари он, дунёро видоъ гуфт.**[4]

## Вожаи шаҳодат

Ҷолиб аст, ки Ҳокими Нишобурии шофеӣ, ибни Саббоғи моликӣ ва Фазл ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ, аз вафоти имом Ризо (а) таъбир ба «шаҳодат» кардаанд:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

---

1. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.457.
2. «Китобул маҷруҳин», ҷ.2, саҳ.107.
3. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.251.
4. «Мақотилут толибин», саҳ.375.

**Имом Ризо (а) дар Санобод аз тавобеъи Тус ба шаҳодат расид.**[1]

Ибни Саббоғи моликӣ менависад:

**Имом Ризо (а) ба шаҳодат расид...**[2]

Фазл ибни Рӯзбеҳони Хунҷиии Исфаҳонии ҳанафӣ гуфтааст:

**Имоми ҳаштум бо самм (заҳр) ба шаҳодат расид...**[3]

Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ бо сароҳат имом Ризо (а)-ро шаҳид медонад ва Маъмунро қотили имом муаррифӣ карда мегӯяд:

... Маъмун аз нашри улум ва анвори ҳидояти имом (а) ба танг омад, саранҷом бо заҳри ҷафо он ҳазратро шаҳид намуд ва адами иҷтимоъи зулму адл, ҳаққу ботил, илму ҷаҳлро дар як ҷо бо иртикоби ин амали ғаддорона исбот кард.[4]

## Баррасии бештар

Афзун бар суханони ёдшуда, ки ҳокӣ аз масмум шудан ва шаҳодати ҳазрат аст, марги табиии имом (а) маъқул нест, зеро бо таваҷҷуҳ ба вақоеъи таърихии даврони имом Ризо (а), ки Маъмун вайро хатари бузурге барои худ ва ҳукуматаш медонист

---

1. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.393 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339 ҳар ду ба нақл аз «Таърихи Нишобур».
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.264.
3. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.
4. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157-159.

ва бо тарфанди валиаҳдӣ низ натавонист бо аҳдофи худ бирасад ва ҳамчунин норизоятии бештари бани Аббос аз вилоятаҳдии имом Ризо (а) ҳар фарди ошнои бо таърих ба роҳатӣ марги табиии имомро намепазирад ва барояш пазируфтанӣ нест, ки имом Ризо (а) бо он ҳама нуфузи маънавӣ миёни мардум ва ҳукумат, ба марги табиӣ аз дунё рафта бошад. Аз сӯе, шахсияте, ки ба таъбири атрофиёни он ҳазрат: «қалилун навм, касирус савм...» буда, чигуна метавон зиёд хӯрдани ангурро сабаб вафоти эшон донист!?

## Ҷамъбандӣ

Ба ҳар ҳол, вуҷуди ривоёти муътабар, тасреҳи бештари мунсифин аз таърихнигорони аҳли суннат ба шаҳодати имом Ризо (а) ва сиёсатҳои дугонаи Маъмуни аббосӣ дар баробари имом Ризо (а) шакку шубҳае дар ин замина боқӣ намегузорад, ки имом ба шаҳодат расида ва Маъмун он ҳазратро масмум кардааст. Бинбар ин, ҷое барои бардоштҳои ғайривоқеъбинона ва тасаввуроти шахсии афроде чун ибни Халдуни моликӣ[1] ва Аҳмад Амини Мисрии шофеӣ[2] боқӣ нахоҳад монд.

## Фарзандон

Ба гуфтаи Фахри Розии шофеӣ:

Имом Ризо (а) дорои панҷ писар бо номҳои имом Абуҷаъфари Муҳаммадтақӣ, Ҳасан, Алӣ, Ҳусейн, Мӯсо ва

1. «Таърихи ибни Халдун», ҷ.4, саҳ.38.
2. «Зуҳал ислом», ҷ.3, саҳ.296.

духтаре ба номи Фотима буда ва ба иттифоқи таърихнигорон насли имом Ризо (а) аз имом Ҷавод (а) идома пайдо кардааст.[1]

Бархе дигар фарзандони имомро Муҳаммад (имом Ҷавод (а)) ва Ҳусейн донистаанд.[2]

Аммо Зарандии ҳанафӣ (757ҳ) мегӯяд:

**Дуруст он аст, ки ҷуз Муҳаммад ибни Алӣ мулаққаб ба Тақӣ фарзанде, чи писар ва чи духтар, надошт ва ин фарзанд, дорои фарзандоне аст.[3]**

Самъонии шофеӣ мегӯяд:

Фарзандони имом Ризо (а) ва дудмони он ҳазратро «разавӣ» меноманд.[4]

---

1. «Ашаҷаратул муборака фӣ ансобул толибия», саҳ.77, р.к: «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)» , саҳ.409, ва «Янобеъул мавадаати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.165.
2. «Ҷамҳаратул ансобил араб», саҳ.62.
3. «Меърочул васул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.159.160.
4. «Алансоб», ҷ.3, саҳ.75, раҷуъ кунид ба: «Аллубоб фӣ таҳзибул ансоб», ҷ.2, саҳ.30 ва «Луббул лубоб фӣ таҳрирул ансоб», ҷ.1, саҳ.354.

# Дафтари дуввум

# Шахсият

# Ҷойгоҳи ҳадисии имом Ризо (а) аз дидгоҳи аҳли суннат

Ҳарчанд аз дидгоҳи шиъа имом Ризо (а) фаротар аз ин суханон аст ва ҳаштумин ҷонишини маъсуми паёмбар (с) талаққӣ мешавад, бар асоси дидгоҳи аҳли суннат аз назари табақаи риҷоли ҳадис имом Ризо (а) аз тобеъини аҳли Мадина буда ва аз табақаи ҳаштум ба шумор меравад[1], аммо бархе он ҳазратро аз табақаи даҳум медонанд.[2]

Ҷойгоҳи илмӣ ва ҳадисии имом Ризо (а) назди аҳли суннат ба-дин гуна аст, ки ба гуфтаи Заҳабии шофеӣ аз сиҳоҳи шашгона, фақат Тирмизӣ, Абудовуд ва ибни Моҷа[3] дар китобҳои сунани худ дар мабоҳиси закот, имон ва... аз имом (а) нақли ҳадис кардаанд.[4]

Маззии шофеӣ менависад:

**Имом Ризо (а) аз бузургони бисёре аз ҷумла падарон ва**

1. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315.
2. «Тақрибут таҳзиб», ҷ.2, саҳ.45, гуфтанист, ихтилоф дар табақот ба хотири мелокҳоест, ки аҳли суннат онро муътабар медонанд. Ҳамон, ҷ.1, саҳ.5.
3. «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.26, ҳ.65.
4. «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом»(201 то 210), саҳ.26 ва «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387, гуфтанист дар китобҳои «Сунани Тирмизӣ» ва «Сунани Абудовуд», ки дар дастрас аст, чунин аҳодисе, ки Заҳабӣ шофеӣ иддао карда, ёфт нашуд.

**амуҳои (амакҳои) худ, монанди Мӯсо ибни Ҷаъфар (а), Исмоил, Исҳоқ, Абдуллоҳ, Алӣ, фарзандони Ҷаъфар, Абдурраҳмон ибни Абилмаволӣ ва... нақли ҳадис намуда ва афроде монанди Абосалт Абдуссаломи Ҳаравӣ, Аҳмад ибни Омири Тоӣ, Абдуллоҳ ибни Аббоси Қазвинӣ, Одам ибни Абӣ Иёс, Аҳмад ибни Ҳанбал, Муҳаммад ибни Рофеъ, Наср ибни Алии Ҷаҳзамӣ ё Ҷуҳнӣ, Холид ибни Муҳаммад Зуҳлӣ, Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Абузуръаи Розӣ, Муҳаммад ибни Аслами Тусӣ ва... аз ӯ нақли ҳадис кардаанд.**[1]

Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ пас аз арҷ ниҳодан ба имом ва хонадони он ҳазрат, аҳодиси вайро муътабар медонад ва чунин мегӯяд:

**Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо аз бузургон ва хирадварзони аҳли байт ва аз шахсиятҳои барҷаста ва бузургвори бани Ҳошим ба шумор меояд ва ҳар гоҳ ҳадисе аз ӯ ривоят шавад, бояд бад-он аҳамият дода шавад.**[2]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ низ дар ҷойгоҳи ҳадисии имом (а) мегӯяд: бузургон ва пешвоёни аҳли ҳадис аз он ҳазрат нақли ҳадис кардаанд:

---

1. «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асомир риҷол», ҷ.13, саҳ.408, р.к: «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом»(201 то 210), саҳ.270, «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387-388.
2. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.456, Идомаи ҷумлаи ибни Ҳаббон ин аст: «Изо раво анҳу ғайрал авлода ва шиъату Абисалт хосата...». Ибни Ҳаббони шофеӣ аҳодисеро, ки ғайр аз ин гурӯҳ аз имом Ризо (а) нақл карда бошанд мепазирад вагарна пазирои онҳо нест. Акнун ин пурсиш матраҳ мешавад: агар аҳодиси ин гурӯҳро канор бигзорем, дигар ҳадисе аз имом Ризо (а) боқӣ нахоҳад монд. Бо ин авсоф сухани ибни Ҳаббони шофеӣ чӣ маъно ва мафҳуме ғайр аз канор гузоштани аҳодиси имом Ризо (а) хоҳад дошт?!

**Аз ӯ пешвоёни ҳадис: Одам ибни Абиёс, Наср ибни Алии Ҷуҳнӣ, Муҳаммад ибни Қушайрӣ ва дигарон ривоят кардаанд.[1]**

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки афроде монанди Иброҳим ибни Макрами Ҷаъфарӣ[2], Иброҳим ибни Довуди Яъқубӣ[3], Иброҳим ибни Мӯсо[4], Аҳмад ибни Ҳасани Куфии Усайдӣ[5], Исмоил ибни Ҳумоми Басрӣ[6], Салаҷ ибни Абисалаҷи Яъқубӣ[7], Ҷаъфар ибни Иброҳими Ҳазрамӣ[8], Ҷаъфар ибни Саҳл[9], Ҷаъфар ибни Шарик[10], Шарик[10], Ҳасан ибни Иброҳими Куфӣ[11], Диъбили Хузоъӣ[12], Абдуссалом ибни Солеҳ[13], Аҳмад ибни Алии Риққӣ[14], Довуд ибни Сулаймони Ҷурҷонӣ[15], Довуд ибни Сулаймони Ғозӣ[16] низ аз ровиён ва ёрони имом Ризо (а) шумурда шудаанд, аммо аҳли суннат ба ҷиҳати шиъа будан ва ё иртиботи наздики онон бо имом ва ё нақли аҳодиси муҳим ва калидӣ аз он ҳазрат, ривоёти ононро заъиф шумурдаанд!

---

1. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339, ба нақл аз «Таърихи Нишобур».
2. «Лисонул мизон», ҷ.1, саҳ.93.
3. Ҳамон,саҳ.55.
4. Ҳамон,саҳ.116.
5. Ҳамон,саҳ.151.
6. Ҳамон,саҳ.441.
7. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.83.
8. Ҳамон,саҳ.107.
9. Ҳамон,саҳ.115.
10. Ҳамон,саҳ.115.
11. Ҳамон,саҳ.192.
12. Ҳамон,саҳ.403.
13. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.5, саҳ.331, ва «Алкошиф фӣ маърифати мал лаҳу ривоя фил китобил ситта», ҷ.1, саҳ.625.
14. «Алмуғнӣ физ зуъафо», ҷ.1, саҳ.48.
15. Ҳамон, ҷ.1, саҳ.218.
16. Ҳамон.

## Имом Ризо (а) дар сухани паёмбари аъзам (с)

**Аз имом Козим (а) ривоят шуда, ки фармуд: паёмбар (с) ва амирулмуъминин (а)-ро дар руъё дидам расули Худо (с) ба ман фармуд: эй Мӯсо! Фарзандат ба нури Худо менигарад, ҳакимона сухан мегӯяд, дурусткор аст ва хато намекунад (маъсум аст), доност ва ҷаҳлу нодонӣ дар роҳ надорад ва саршор аз илму ҳикмат аст.[1]**

## Имом Ризо (а) ба гуфтаи аҳли суннат

**Қарни дуввум:**

1.Ҳасан ибни Ҳонӣ, маъруф ба Абунувос (196ҳ):

Рӯзе баъзе аз ёрони Абунувос ба вай гуфтанд: фарде густохтар аз туро суроғ надорем, дар бораи ҳар чизе, ҳатто шароб шеър дорӣ, вале бо ин ки муосир бо Алӣ ибни Мӯсарризо ҳастӣ дар бораи ӯ шеъре насурудаӣ!

Абунувос дар посух гуфт: ба Худо савганд! Шеър нагуфтани ман ба ҷиҳати бузургвории он ҳазрат аст, зеро ман дар он поя нестам, ки дар бораи чунин шахсияте шеър бисароям, аммо пас аз лаҳазоте дар бораи имом (а) чунин ашъоре суруд:

**Касе гуфто ба ман: эй он ки ҳастӣ,**
**Ягонаи аср дар шеъру суханвар.**

---

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.382; «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.84 ва «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.

**Туро бошад чунон қудрат ба гуфтор,**
**Ки резӣ аз сухан дар даст гавҳар.**
**Чаро лаб бастаӣ дар мадҳи мавло,**
**Алӣ Мӯсарризо пури паёмбар?**
**Бигуфтам: кай тавонам мадҳи он кас,**
**Ки бобашро будӣ Ҷабрил чокар.**
**Баёну шеър кӯтаҳ шуд зи васфаш,**
**Ки ҳаст авсофи ӯ аз мадҳ бартар.**[1]

Саидаббоси Маккии Ҳусайнии шофеӣ аз удабои аҳли суннат бо шигифтӣ дар азамати ин шеър мегӯяд:

**Тардиде нест, ки Худои мутаъол гуноҳони гузашта ва ояндаи сарояндаи ин шеъри гаронбаҳоро хоҳад бахшид.**[2]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ низ мегӯяд:

Рӯзе Абунувос аз манзил берун омад, савореро дид, ки ба муҳозоти ӯ дар ҳоли ҳаракат аст ва чеҳраи вайро намедид. Аз ӯ пурсид: кистӣ? Ба ӯ гуфта шуд: вай Алӣ ибни Мӯсарризост. Абунувос дар ҳамон ҳол бо шавқу завқ дар васфи он ҳазрат

---

1. Шоир: Аҳмади Хушнавис, ниг: «Мунатҳиюл омол», ҷилди 3, саҳ 1619-1620, интишороти Далели мо.
2. «Нузҳатул ҷалис ва мунияту адибул анис», ҷ.1, саҳ.266; Ин дар ҳолест, ки Заҳабии мутаассиб бедалел ва бо ишкол дар ин шеър мегӯяд: «Қила ҳозо ло яҷузу итлоқа илло бинасси ва ло насса»; гуфта шуда истеъмоли ин матлаб ҷоиз нест, магар он ки насс бошад ва дар ин ҷо насс нест». Ниг: «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ҷ.7, саҳ.45; Ибни Тулун дар китоби «Алаимматул исно ашар (а)» саҳ.98-99 ба ҷои мисраъи аввали байти дуввуми фавқ «лака мин ҷавҳарил каломи низом; барои ту аз гавҳари сухан назм ва сомонест, яъне суханварӣ» ва ба ҷои мисраъи нахусти байти чорум «қулту лаҳтадо лимадҳи имомин; гуфтам ба ситоиши чунин имоме раҳ намебарам.» омадааст.

чакомае инчунин суруд:

**Ҳар гоҳ дидагон аз фосилае бисёр дур назорагари симои ту бошанд ва дар вуҷудат тардид ба вуҷуд ояд, дил ба ҳаққонияти ту гувоҳӣ диҳад. Агар марде туро пешвои худ муқаррар дорад, насими вуҷудат ононро раҳбарӣ кунад ва ҳама бад-он раҳнамун гарданд.**[1]

Нақл аст: рӯзе Абунувос имом Ризо (а)-ро дар ҳоле, ки аз назди Маъмун омада буд, дид. Вай хидмати имом омад ва арз кард:

Эй фарзанди расули Худо! Шеъре дар мадҳи шумо сурудаам, дӯст дорам онро бишнавӣ, имом фармуд: бихон ва Абунувос чунин гуфт:

**Поксириштон ва покдоманонеанд, ки ҳар куҷо аз онон ёд шавад, бар онон дуруд ва салавот нисор мешавад. Ҳар ки аз хонадони алавӣ набошад дар гузашти рӯзгор ифтихоре аз ӯ нахоҳӣ ёфт. Он гоҳ, ки Худо офаридагонеро нек офарид, хонадони шуморо аз миёни онон баргузид. Шумо барҷастагони воломақомед, ки илми китоби Қуръон ва ончӣ сураҳои Қуръон овардаанд, назди онҳост.**[2]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.202, ҳ.481, ба нақл аз «Таърихи Нишобур».
2. «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.396; «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.271, «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.201, ҳ.480; «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.250, «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.11 ва«Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.99.

Имом Ризо (а) пас аз шунидани ин шеър Абунувосро ташвиқ карда ва сесад динор ба вай ҳадя дод.[1]

**Қарни саввум:**

2. Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ (207ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсарризо (а) шахсияте мавриди итминон буд ва бо ин ки бисту чор баҳори синн дошт дар масҷиди расули Худо фатво медод ва аз табақаи ҳаштуми тобеъини Мадина ба шумор мерафт.**[2]

3. Ҳасан ибни Саҳл (215ҳ):

**Маъмун Алӣ ибни Мӯсарризоро валиаҳди худ қарор дод. Вай дар ҷамъи фарзандони Аббос ва фарзандони Алӣ шахсиятеро бартар ва парҳезгортар ва огоҳтар аз Алӣ ибни Мӯсо наёфт...**[3]

4. Маъмуни Аббосӣ (218ҳ):

Маъмун, қотили имом Ризо (а) дар бораи он ҳазрат хитоб ба вазири худ Фазл ибни Саҳл мегӯяд:

**Ман касеро бартар аз ин мард (манзур имом Ризо(а)) суроғ надорам.**[4]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.201, ҳ.480; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.320-321 ва «Аҳсанул қасас», ҷ.4, саҳ.290,
2. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315.
3. «Таърихул умам вал мулук», ҷ.5, саҳ.138, «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», ҷ.3, саҳ.366, «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.162 ва «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.258.
4. «Мақотилут толибин», саҳ.402.

5. Абдулҷаббор ибни Саид (229ҳ):

Замоне, ки вилоятаҳдиро ба имом Ризо (а) таҳмил карданд, дар ҳамон сол Абдулҷаббор ибни Саид ба Мадина рафт ва дар бораи ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ чунин гуфт: «Валию аҳдил муслимин Алӣ ибни Мӯсо

ибни Ҷаъфар ибни Алӣ ибнал Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб (а)» ва сипас ин шеърро суруд:

**Шаш тан аз аҷдод ва падарони ӯ ҳамон бузургвороне ҳастанд, ки васфношуданианд ва аз бартарин касонеанд, ки борони раҳмати илоҳиро меошоманд.**[1]

Мавсилии шофеӣ дар таъйиди ин шеър мегӯяд:

**Ва чӣ некӯ суруда аст.**[2]

6. Абосалти Ҳаравӣ (236ҳ):[3]

Бадахшии Ҳиндии ҳанафӣ ба нақл аз Абосалт мегӯяд:

**Фарде донотар аз Алӣ ибни Мӯсарризо (а) надидам ва ҳар андешаманде он ҳазратро дид, дар ин сухан бо ман ҳамақида**

---

1. «Насруд дурар», ҷ.1, саҳ.363 ва «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол» , ҷ.13, саҳ.409. гуфтанист ин шиър аз они нобиғаизибаёни аст ки Абдулҷабор ибни Саъид, онро хонда аст. Р.к: «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.393, аллбата ин шиър бо сойи нусхаҳо ихтилоф дорад: р.к: «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.393, «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.245 ва «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.239.
2. «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.393.
3. Абосалт аз дидгоҳи бештари аҳли суннат, суннимазҳаб аст. Тафсили ин матлаб р.к: дафтари «Ривоят», саҳ.173.

**буд.**[1]

7. Иброҳим ибни Аббоси Сулӣ (243ҳ):

Замоне, ки Маъмун вилоятаҳдиро бар имом (а) таҳмил намуд, Иброҳими ибни Аббос ҷиҳати арзи таҳният ба имом Ризо (а) чунин суруд:

**Эътои вилоятаҳдӣ ба имом Ризо (а) тамомии дардҳо ва масоиби аҳли байтро бартараф сохт.**[2]

Ҳамчунин дар фироқи имом Ризо (а) ва шукӯҳ ва азамати он ҳазрат чунин суруда аст:

**Эй фарзанди Мӯсо (ибни Ҷаъфар) пас аз мусибати аз даст додани ту мусибате фаротар нест, ки моро бигирёнад, гарчӣ сабр дар ҳамаи ҷоҳо коре некӯст, шикебоӣ дар мусибати ту ин аст, ки шевану гиря кунем.**[3]

Ҳамчунин вай дар мадҳи хонадон ва дудмони мутаҳҳари имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а) ин гуна суруда аст:

**Огоҳ бош, ки беҳтарини мардумон худ , Алии бузург ва падару хонадон ва аҷдоди ӯ ҳастанд. Ба сабаби ӯ, ки ҳаштумин имом аст, аз дониш ва бурдборӣ бархурдор шудем, имоме, ки ҳуҷҷати пинҳони илоҳиро баён мекунад.**[4]

---

1. «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.179.
2. «Алағонӣ», ҷ.10, саҳ.63.
3. «Ниҳоятул адаб фӣ маърифати ансобул араб», ҷ.5, саҳ.169.
4. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.160.

8.Абузуръаи ҳанбалӣ (261ҳ) ва Муҳаммад ибни Аслами Тусӣ (242ҳ):

Ҳангоми вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ин ду тан аз бузургони уламои аҳли суннат дар он даврон ҳузур доштанд ва имом (а)-ро ин гуна мавриди хитоб қарор доданд:

**Эй сарвари воломақом! Эй фарзанди имомони бузургвор! Туро ба ҳаққи падарони пок ва аҷдоди арҷманди хеш, чеҳраи мубораки худро ба мо бинамоён ва ҳадисе барои мо аз падаронат нақл кун, то бад-ин васила ҳамвора аз ту ёд кунем.**[1]

9.Аҳмад ибни Яҳёи Балозурӣ (279ҳ):

Ҳангоме, ки имом Ризо (а) фарзанди худро аз даст дода буд, Балозурӣ бар он ҳазрат ворид шуд ва ингуна ба он ҳазрат таъзият гуфт:

**Ту волотар аз васфи моӣ ва мо аз панд додан ба ту нотавонем, ту аз донише кофӣ бархурдорӣ ва Худованд ба ту таъзият диҳад.**[2]

10.Аббос ибни Муҳаммад ибни Сул:

Иброҳим ибни Аббос мегӯяд: шунидам, ки Аббос ибни Муҳаммад ибни Сул аз муосирин имом Ризо (а) дар бораи Алӣ ибни Мӯсарризо (а) чунин мегуфт:

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.243; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594; «Ахборуд дувал», саҳ.115; «Янобеъул мавадцати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.168; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.236; «Асроруш шариъа билфатҳи раббонӣ вал файзир раҳмонӣ», саҳ.223-224 ва «Алэътисом биҳаблил ислом», саҳ.205; ба нақл аз: «Ҳокими Нишобурии шофеӣ», «Таърихи Нишобур»
2. «Ниҳоятул адаб фӣ маърифати ансобул араб», ҷ.5, саҳ.168.

**Ҳарчӣ аз Алӣ ибни Мӯсарризо (а) пурсида мешуд, посух медод. Ман то кунун фардеро огоҳтар аз вай надидаам. Маъмун он ҳазратро бо пурсишҳои гуногун меозмуд ва Алӣ ибни Мӯсо (а) бо ҷавобҳои қонеъкунандае посух медод. Алӣ ибни Мӯсо андаке мехобид ва бисёр рӯза мегирифт. Ҳеҷ гоҳ се рӯз рӯзаи моҳиёнааш тарк намешуд ва мефармуд: ин сер рӯз рӯза муодили рӯзаи як сол аст. Корҳои хайри зиёде ба анҷом мерасонд. Садақаи пинҳонӣ медод ва бештари ин садақот дар торикии шаб анҷом мегирифт. Дар тобистон бар ҳасир ва зимистон бар пӯстин менишаст.[1]**

11.Нуфалӣ:

Яке аз шоирони он даврон дар мадҳи имом (а) чунин месарояд:

**Сафедии маҳосин ва пириро нописанд мебинам, вале дар он виқоре аст, ки ҳаргиз бо гуноҳ ҷамъ намешавад. Замоне, ки пир ва солхӯрдае муртакиби гуноҳе шавад, ҳаргиз умед ба тавбаи ӯ надошта бош. Бемории овозахонон, сафедии мӯи ман аст ва касе, ки умраш тӯлонӣ шавад мӯяш сапед хоҳад гашт, бинобар ин ман то умр дорам, дар канори Алӣ ибни Мӯсарризо (а) хоҳам монд.[2]**

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.241; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.235-236; албатта дар баъзе аз нақлҳо, ин суханон аз Иброҳим ибни Аббос нақл шуда на Аббос р.к: «Алитҳоф биҳуббил ашроф» , саҳ.338; «Аҳсанул қасас», ҷ.74, саҳ.289.
2. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.251.

**Қарни чаҳорум:**

13. Абубакр ибни Хузаймаи шофеӣ (311 ҳ) ва Абуалии Сақафии шофеӣ (328ҳ):

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Аз Муҳаммад ибни Муъмал шунидам, ки мегуфт: рӯзе бо пешвои аҳли ҳадис, Абубакр ибни Хузайма ва Абуалии Сақафӣ ва дигар асотид худ ба зиёрати қабри Алӣ ибни Мӯсарризо ба Тус рафтем. Ҷамъияти анбӯҳе ба зиёрати қабри он ҳазрат рафта буданд. Муҳаммад ибни Муъмал мегӯяд: арҷ ва эҳтиром ва тавозуъ ва гиряву зории ибни Хузайма дар муқобили қабри Алӣ ибни Мӯсо ҳамагии моро шигифтзада кард.**[1]

Нуктаи ҷолиб ва шигифтангез, идомаи сухани ровӣ (Муҳаммад ибни Муъмал) аст, ки мутаассифона бархе онро гузориш накардаанд. Ровӣ мегӯяд:

**Ин ҳама тавозуъ ва эҳтироми вижаи ибни Хузайма дар баробари қабри имом Ризо (а) дар ҳузури бузургони оли Султон ва оли Шозон ва оли Шанқашин ва гурӯҳе аз алавиҳои Нишобур ва Ҳирот ва Тус ва Сарахс анҷом гирифта ва тамоми онҳо шамоил ва ҳаракоти ибни Хузаймаро ба ҳангоми зиёрати қабри имом Ризо (а) мушоҳида ва сабту забт карданд ва аз бархурди вай дар пешгоҳи он имом ва қабри шарифи ҳазраташ, бисёр шодмон гашта ва ба поси чунин бархурде, ки аз имомул**

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198 ва «Таҳзибул таҳзиб» , ҷ.7, саҳ.339, ҳар ду ба нақл аз: «Таърихи Нишобур», «Ҳокими Нишобурии Шофеӣ».

**уламо сар зада буд, аз хушҳолӣ садақа доданд ва ҳамагӣ изҳор доштанд: агар ин кор (зиёрати қубур ва гиряву зорӣ канори қубур ва тавозуъ ва эҳтиром ба соҳиби қабр) суннат набуд ва фазилат надошт, ҳеҷ гоҳ ибни Хузайма чунин намекард.**[1]

14. Муҳаммад ибни Яҳёи Сулӣ (335ҳ.):

Ба нақл аз Аҳмад ибни Яҳё, аз Шаъбӣ мегӯяд:

Рӯзе Шаъбӣ гуфт: беҳтарин байт чӣ байте аст? Ба ӯ гуфта шуд: сухани ансор дар ҷанги Бадр:

**Замоне, ки сарони мушрикон дар канори чоҳҳои Бадр бо шикаст рӯ ба рӯ шуданд, Ҷабраил ва паёмбар зери парчами мо (ансор) ҳузур доштанд.**

Муҳаммад ибни Яҳёи Сулӣ дар мақоми қазоват мегӯяд: «шеъри Абунувос дар мавриди имом Ризо (а) бартарин шеър аст.»[2], чунон ки пештар гузашт.

Ҷои дигар дар бораи вилоятаҳдии имом Ризо (а) чунин месарояд:

**Ба ҳангоме, ки мардум бо Алӣ ибни Мӯсо ба вилоятаҳдӣ байъат мекарданд дар миёни мо (ҳошимиён) касе, ки ситамро напазирад, ҷуз ӯ нест, ӯ кариме аст, ки мепазирад, ки боқии (мол)-ро ба соҳибаш бидиҳад ва онро баргардонад.**[3]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198, ҳ.477.
2. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.388.
3. «Ашъори авлодил хулафо ва ахборуҳум мин китобил авроқ», саҳ.30.

15. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудии шофеӣ (346ҳ):

**Маъмун дар замони худ фардеро бартар ва сазовортар аз Алӣ ибни Мӯсо дар вилоятаҳдӣ наёфт аз ин рӯ, вайро ба вилоятаҳдӣ гумошт ва бо вай байъат ва номи ӯро ба дирҳам ва динорҳо сабт кард.**[1]

16. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ (354ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсарризо (а) аз бузургон ва хирадварзон ва барҷастагони бани Ҳошим аст. Ман борҳо марқади ӯро зиёрат кардаам. Замоне, ки Тус будам ҳар мушкиле бароям рух медод, ба зиёрати қабри Алӣ ибни Мӯсарризо, дуруди Худо ба ҷадди бузургвор ва шахси ӯ бод, мерафтам ва барои бартараф шудани мушкилам дуъо менамудам ва дуъоям мустаҷоб мегашт ва мушкилам ҳал мешуд. Ин корро борҳо таҷриба кардам ва ҷавоб гирифтам. Худованд, моро бар муҳаббати паёмбари баргузидаи худ ва хонадонаш бимиронад, дуруди Худо бар ӯ ва хонадони вай бод.**[2]

17. Ҳусейн ибни Аҳмади Муҳаллибӣ (380ҳ):

Вай дар мавриди Нуқон, яке аз шаҳрҳои Тус ва ҳамчунин дар васфи шахсияти имом Ризо (а) мегӯяд:

**Нуқон аз беҳтарин ва ободтарин шаҳрҳои Хуросон аст. Дар ин шаҳр марқади имом Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) вуҷуд**

---

1. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.6, саҳ.33; р.к: «Таъриху мухтасарид дувал», саҳ.134 ва «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
2. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.458.

**дорад, ки бар рӯи қабри имом (а) ҳисоре аст, ки мардуме дар он муътакиф шуда ва ба ибодат мепардозанд.**[1]

18.Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли шофеӣ (384ҳ):

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Аз Абулҳасан Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли фақеҳ шунидам, ки мегуфт: Ҳеҷ матлаби муҳимми динӣ ва дунявӣ барои ман рух намедод, ки барои раво шудани он ҳоҷат ба қабри имом Ризо рафта ва дар онҷо дуъо карда бошам, ҷуз он ки он ҳоҷатам раво шуд ва Худованд бароям он муҳимро баровард ... ва ин одати ман шудааст, ки дар тамоми ҳавоиҷам (ҳоҷатҳоям) ба ин остон биёям, ки онро борҳо озмудаам.**[2]

19. Доруқутнии Бағдодии Шофеӣ (385ҳ).

Аз имом ба бузурги ёд карда мегӯяд:

**Ӯ Алӣ ибни Мӯсо,фарзанди Ҷаъфар ибни Муҳаммад Алавии Ҳусайнӣ,Абулҳасан Ризост. Ва аз падари бузургвораш Мӯсо ибни Ҷаъфар, аз падаронаш аз Алӣ (а) нақли ривоят мекунад.**[3]

**Қарни панҷум:**

20. Ҳокими Нишобурии Шофеӣ (405ҳ)

Вай яке аз бузургтарин донишмандони шофеимазаҳаб аст, ки дар китоби гаронсанги худ ба номи «Таърихи Нишобур» матлаби муҳим ва арзишманде дар бораи азамати шахсияти

---

1. «Китобул Азизӣ», саҳ.155.
2. «Фароидус самтин», саҳ.220, ҳ.496 ба нақл аз: «Таърихи Нишобур».
3. «Алмуъталаф вал мухталиф», ҷ.2, саҳ.1115.

имом Ризо (а) гузориш кардааст. Гарчи имрӯза асли ин китоб дар дастрас нест, нақли бузургони аҳли суннат аз ин китоб ва эътимоди онҳо барривоёт ва гузоришҳои Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар бораи имом Ризо (а) иртибот бо ин китоби арзишмандро то ҳудуде ҳифз кардааст.

Ҷувайнии шофеӣ дар китоби «**Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас сабтин вал аимма мин зурриятиҳим (а)**» то андозае ривоятҳо ва гузоришҳои Ҳокими Нишобурӣ дар бораи имом Ризо (а)-ро маҳфуз доштааст.

Ба ҳар ҳол Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар бораи шахсияти илмии имом Ризо (а) чунин мегӯяд:

**Имом Ризо (а) бо ин ки бисту чанд сола буд дар масҷиди расули Худо (с) фатво медод. Бузургони аҳли ҳадис монанди Одам ибни Абиаёс ва Наср ибни Алии Ҷуҳнӣ ва Муҳаммад ибни Рофеъи Қушайрӣ аз он ҳазрат ривоят нақл кардаанд.**[1]

Дар бораи насаби шарифи имом Ризо (а) бо таҷлил аз ин ки он ҳазрат аз дудмони паёмбари аъзам (с) аст, мегӯяд:

**Яке аз барҷастатарин фазоили Алӣ ибни Мӯсарризо насаби вай аст, ки аз зуррияи паёмбари акрам (с) мебошанд.**[2]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198, ҳ.478 ва«Таҳзибул таҳзиб» , ҷ.7, саҳ.339.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.202, ҳ.481.

**Худованд аз каромоти ин хок беҳтарин каромотро нишон додааст: Ман дучори бемории хушкии мафосил будам, ки ҷуз бо сахтӣ наметавонистам роҳ биравам, пас берун омадам ва он турбатро зиёрат кардам ва ба Нуқон бо ду кафши карбосӣ боз гаштам. Субҳи фардо дар Нуқон будам, дар ҳоле, ки он дард рафта буд ва тандуруст ба Нишобур баргаштам.**[1]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ афзун бар суханони мазкур шоҳиди эътирофоти бузургони аҳли суннат дар бораи шифо ёфтан аз буқъаи муборакаи имом Ризо (а) буда ва онҳоро гузориш карда, ки ба ин маворид ишора мешавад:

Ҳамза, зоири мисрӣ:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд: «Ҳамза аз Миср ба зиёрати марқади имом Ризо омада буд ва ба каромоти маънавии он ҳазрат эътиқод дошт». Шарҳи ин моҷаро дар «Дафтари зиёрат» хоҳад омад.[2]

2. Муҳаммад ибни Қосими шофеӣ:

Вай аз ҷумлаи мункирони каромат ва зиёрати марқади имом Ризо (а) буда, вале пас аз ҷараёнҳое, ки барои ӯ иттифоқ меафтад, аз ақидаи ботили худ боз мегардад ва аз зоирони қабри он ҳазрат мешавад, ба гунае, ки бо шароит ва авзоъи душвори сафар дар гузашта соле ду бор раҳсипори зиёрати марқади имом Ризо (а) мешуд.[3]

3. Фахриддини Адиби Ҷандии шофеӣ:

---

1. Ҳамон, саҳ.220, ҳ.497.
2. Ҳамон, саҳ.196, ҳ.474.
3. Ҳамон, саҳ.197, ҳ.475.

Вай низ зоири қабри имом Ризо (а) ва шоҳиди каромати шигифтоваре аз буқъаи имом Ризо (а) аст.[1]

4. Абуназари Муаззини Нишобурии шофеӣ:

Вай низ аз ҷумлаи афродест, ки ба баракати зиёрати қабри имом Ризо (а) шифо ёфтааст.[2]

5. Фарди ношинос:

Ҳокими Нишобурӣ шоҳиди моҷарои шигифтоваре дар мавриди фарди ношинос канори марқади имом Ризо (а) буда ва ба нақли он мепардозад, ки шарҳи он дар «Дафтари зиёрат» хоҳад омад.[3]

6. Зайди Форсӣ:

Вай бемории ғайри қобили илоҷе дошта ва ба баракати зиёрати марқади имом Ризо (а) шифо ёфтааст.[4]

7. Ҳамуя ибни Алӣ:

Ӯ аз зоирони қабри имом Ризо (а) ва муътақид ба шахсияти маънавии он ҳазрат ва шоҳиди каромоте аз буқъаи имом Ризо (а) будааст.[5]

21. Абулҳусайн ибни Абубакри шофеӣ:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Аз Абулҳусайн ибни Абубакри фақеҳ шунидам, ки мегуфт, Худованд ҳар ҳоҷатеро, ки дар остони имом Ризо кардам баровард, ҳатто ман аз Худо хостам, ки фарзанде ба ман ато**

1. Ҳамон, ҳ.476.
2. Ҳамон, саҳ.217, ҳ.491.
3. Ҳамон, саҳ.218, ҳ.493.
4. Ҳамон, саҳ.219, ҳ.494.
5. Ҳамон, саҳ.220, ҳ.498.

**кунад, Худованд ба ман дод, баъд аз он ки ноумед шуда будам.**[1]

22. Абусаъд Мансур ибни Ҳусайни Обӣ (421ҳ).

Вай низ дар китоби худ саҳафотеро ба баёни ҳолоти имом Ризо (а) ва суханони гуҳарбори вай ихтисос дода ва аз ҳама муҳимтар ҷараёни таърихии вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва истиқболи беназири мардум ... ва ҳадиси силсилатуззаҳаб ва суханони бузургони аҳли суннат дар бораи ин ҳадис ва шифои беморро ба баракати силсилатуззаҳаб нақл кардааст.[2]

23. Аҳмади ибни Алии Хатиби Бағдодии шофеӣ (463ҳ).

Дар бораи имом Ризо (а) мегӯяд:

**Ба Худо савганд! Алӣ ибни Мӯсарризо(а) ҳамон гуна, ки ном гирифта буд, ризо ба шумор меомад.**[3]

24. Алӣ ибни Ҳуббатуллоҳ ибни Мокулои шофеӣ (475ҳ).

Дар мавриди имом ҳаштум (а) мегӯяд:

**Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абутолиб дар илму дониш ва фазилат аз бачастагони хонадонаш ба шумор меомад.**[4]

**Қарни шашум:**

25. Абусаъд Абдулкарим ибни Мансури Тамимии Самъонии шофеӣ (562ҳ):

---

1. Ҳамон, саҳ.220, ҳ.498.
2. «Насруд дурар», ҷ.1, саҳ.361.365.
3. «Таърихи Бағдод», ҷ.1, саҳ.481.
4. «Алкамол фӣ рафъил иртиёб анил муъталиф вал мухталиф фил асмои валкино валансоб», ҷ.4, саҳ.75.

**Имом Ризо (а) аз донишварон ва аҳли фазл ва камол буд ва аз хонадон ва насаби бузургворе бархурдор буд.**[1]

26. Абулфараҷ ибни Ҷавзии ҳанбалӣ:

**Имом Ризо (а) бо ин ки бисту чанд сола буд дар масҷиди расули Худо (с) фатво медод... ба дастури Маъмун аз Мадина хориҷ шуда ва ҳангоме, ки ба Нишобур расид ба ҳавдаҷе савор бар астаре хокистарӣ моил ба сиёҳ буд, ки уламои шаҳр монанди Яҳё ибни Яҳё, Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Аҳмад ибни Ҳарб ва соирин аз он ҳазрат истиқбол ба амал оварданд ва муддате дар он шаҳр иқомат намуд.**[2]

Вай дар ҷои дигар чунин мегӯяд:

**Алӣ ибни Мӯсарризо аз пешвоёни бузург ва табақаи баъд аз тобеъин буд... Вай Алӣ фарзанди Ҷаъфар, фарзанди Муҳаммад, фарзанди Алӣ, фарзанди Ҳусайн ва фарзанди имом Алӣ (а) аз табори бани Ҳошим мулаққаб ба Ризо аст ва бисёр ростгӯ буд ва дар соли 203 ҳ дунёро видоъ гуфт.**[3]

**Қарни ҳафтум:**

27. Маҷдуддин ибни Асири Ҷазарии шофеӣ (606ҳ):

**Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсо... маъруф ба Ризо... муддати 29 солу чанд моҳ дар канори падари бузургвори хеш имом Мӯсо**

---

1. «Алансоб», ҷ.3, саҳ.74; р.к: «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.340.
2. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.
3. «Аҷоиби улумул қуръон», саҳ.59.

**ибни Ҷаъфар зиста ва баъд аз падар низ бист сол зиндагӣ кард... имомати шиъа дар замони Алӣ ибни Мӯсо ба он ҳазрат мунтаҳӣ гашт (хотима ёфт). Фазоили вай бешумор аст, раҳмат ва ризвони Худо бар ӯ бод.**[1]

28. Ибни Қудомаи Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ):

Вай он гоҳ, ки фарзандони имом Ҳусайн (а)-ро бармешумурд, мегӯяд:

**Алӣ фарзанди Ҳусейн, Муҳаммад фарзанди Алӣ, Абуҷаъфари Боқир ... Ҷаъфари Содиқ фарзанди Муҳаммад, Мӯсо фарзанди Ҷаъфар, Алӣ фарзанди Мӯсо ҳамагии онон имомоне мавриди ризояти илоҳӣ ва фазоилашон бисёр ва маъруф аст.**

Сипас дар бораи аиммаи (имомони) маъсумин (а) ба вижа, имом Ризо (а) чунин мегӯяд:

**Дар баъзе аз ривоёташон аз падарашон нусхае ҳаст, ки Алӣ ибни Мӯсо аз падараш... аз паёмбари акрам (с) ривоят кардааст, ки яке аз олимон гуфтааст: агар ин нусхаро ба девона бихонанд бемории ӯ бартараф мешавад.**[2]

29. Абулқосим Рофеъии шофеӣ (623ҳ):

**Имом Ризо (а) аз имомони аҳли байт ва бузургон ва**

---

1. «Татиммату ҷомеъил усули фӣ аҳодисир расул», ҷ.2, саҳ.715.
2. «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», саҳ.132-133.

**сарварони онон аст.**[1]

30. Шайх Муҳуддин ибни Арабии шофеӣ (638ҳ):

**Алӣ сирри илоҳӣ ва бинандаи ҳақоиқ чунон ки ҳаст, нури лоҳутӣ ва инсони ҷабарутӣ ва асли малакутӣ ва олими носутӣ аст. Мисдоқи муаллими мутлақ ва шоҳиди ғайбӣ ва ниҳонист. Таҳаққуқбахши руҳи тамоми руҳҳо ва зиндагонии ашбоҳ ва ҳад ва ҳандасии мавҷуд аст. Парвозкунанда дар авомили вуҷуд, паноҳи нуфуси қудсӣ ва фарёдраси қутбҳои инсонӣ, ҳуҷҷати қотеъи парвардигор, таҳаққуқбахши ҳақоиқи имконӣ, азали умури абадӣ ва абади умури азалӣ, ганҷи ниҳонӣ ва китоби бешакку райб, Қуръони умури муҷмал ва сарбастаи аҳадият ва фурқони умури тафсилӣ ва аҳадият, имоми мардумон, моҳи комили торикиҳо Абумуҳаммад Алӣ ибни Мӯсо мулаққаб ба Ризо.**[2]

31. Муҳиббиддин Абуабдуллоҳ, маъруф ба ибни Наҷҷори Бағдодии шофеӣ (643ҳ):

**Дар Мадина ба дунё омад ва аз падар ва амуҳояш (амакҳояш) ва дигар бузургони Ҳиҷоз истимоъи ҳадис намуд. Алӣ ибни Мӯсо аз чунон ҷойгоҳи илмӣ ва динии волое бархурдор буд, ки дар бисту чанд солагӣ дар масҷиди расули Худо фатво медод.**[3]

---

1. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.3, саҳ.425.
2. «Китобил маноқиб», (Чопшуда дар поёни «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.296), ба нақл аз: «Мулҳақоти эҳқоқул ҳақ», ҷ.28, саҳ.657.
3. Зайли «Таърихи Бағдод», ҷ.19, саҳ.135, ҳ.969.

32. Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ (652ҳ):

Шибровии шофеӣ ба нақл аз Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ дар мавриди фарзанди имом Козим (а) чунин мегӯяд:

**Имом Козим (а) беш аз 37 фарзанди писар ва духтар дошт, ки бузургвор тарин, шарифтарин ва комилтарини онҳо Алӣ ибни Мӯсарризо(а) буд.[1]**

Муҳаммад ибни Талҳа худ низ мегӯяд:

**Сухан дар бораи амири муъминон Алӣ (а) ва Зайнулобидин Алӣ (а) гузашт. Имом Ризо (а) вориси амири муъминон ва Зайнулобидин аст ва ҳукм мекунад, ки саввумин пешвоест, ки номи ӯ Алист. Имон ҷойгоҳ ва манзалат ва фаровонии ёрон ва дӯстдорони он ҳазрат сабаб шуд, то Маъмун вайро дар умури ҳукумат шарик гардонад ва вилоятаҳдиро ба ӯ биспорад... дорои маноқиб ва вижагиҳое воло ва сифоте барҷаста аст. Маниши ӯ паёмбаргуна ва хулқу хӯи писандидаи он ҳазрат хулқу хӯи инсонҳои асил ва ин вижагиҳоро аз падараш ба ирс бурдааст. Руҳиёташ ҳошимӣ ва хонадони арҷмандаш набавист. Ҳар вижагӣ аз ӯ шумурда шавад андак ва ҳар чӣ дар васфаш баён гардад, волотар ва болотар аз он аст.[2]**

---

1. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.310, зикри ин нукта зарурӣ аст, ки матлаби мазкур дар китоби «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)» Муҳаммади ибни Талҳа набуда ва мумкин аст Шировии шофеӣ ин суханонро аз китоби дигари Муҳаммад ибни Талҳа ба номи «Зубдатул мақол фи фазоилил ол(а)» нақл карда бошад, ки ин китоб дар дастрас нест. Р.к: «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», саҳ.205, шумораи 346.
2. «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295.

33. Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ):

**Имом Ризо (а) аз аҳли фазилат ва парҳезгорӣ ва караму бахшиш буд.**[1]

34. Ибни Абиҳадиди муътазилии шофеӣ (656ҳ):

Вай имомро аз бузургон ва уламои аҳли байт медонад.[2]

Ҷое дигар дар мақоми дифоъ аз бани Ҳошим дар мавриди имом Ризо (а) чунин мегӯяд:

**Имом Ризо (а) баргузида барои хилофат ва валиаҳд буд. Вай донотарин ва бахшандатарин ва хӯшхутарини мардум буд.**[3]

35. Муҳаммад ибни Юсуфи Ганҷии Димишқии шофеӣ (658ҳ):

**Имом Ризо (а) соли 148ҳ дар Мадина ба дунё омад ва пас аз Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) ба имомат расид ва дар Тус аз сарзамини Хуросон реҳлат кард.**

**36. Умар ибни Шуҷоъуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳид Мавсилии шофеӣ (660ҳ).**[4]

Вай дар бораи имом Ризо (а) фасле бо унвони «Фаслун фил имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) мекушояд ва дар мавриди он ҳазрат чунин мегӯяд:

**Он ҳазрат аз ҳайси адаб ва бурдборӣ ва биниш бисёр**

---

1. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.321.
2. «Шарҳи Наҳҷул балоға», ҷ.12, саҳ.254.
3. Ҳамон, ҷ.15, саҳ.291.
4. «Кифоятул толиб фӣ маноқиби Алӣ ибни Абитолиб (к)», саҳ.457-458.

**пурмоя буд. Аҳодиси бисёре ривоят карда ва дар биниш ва фаҳми ҳадис бисёр дақиқ буд. Дар илму дониш шахсияте қудратманд ва дар ниҳояти бурдборӣ қарор дошт. Дар парҳезгорӣ ва тарс аз Худо ва шаҳомат ва ҷавонмардӣ саромад буд.[1]**

37. Шамсиддин ибни Халлакони шофеӣ (681ҳ):

**Имом Ризо (а) бинобар ақидаи шиъа яке аз имомони дувоздаҳгона ба шумор меояд. Маъмун номи вайро бар сиккаҳо (дирҳам ва динор) сабт кард... ва он ҳазратро аз Мадина ба Тус фаро хонд... дар он даврон Маъмун касеро бартар ва лоиқтар аз Алӣ ибни Мӯсо барои вилоятаҳдӣ наёфт, аз ин рӯ бо вай байъат кард.[2]**

**Қарни ҳаштум:**

38. Шайхулислом Иброҳим ибни Муҳаммад Ҷувайнии Хуросонии шофеӣ (722ҳ)[3]:

---

1. «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.377.
2. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3 саҳ.269-270.
3. Абулмаҷомеъ Садруддин Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Муайяд ибни Ҳамуя Хуросонии Ҷувайнии шофеӣ.
   Вай дар соли 644 ҳ дар Ҷувайни (исми минтақае бузург ва хушобу ҳаво бар сари роҳи корвонҳо аз Бистом то Нишобур аст, ки Хурсониён онро «Пуён» меноманд, ки ба арабӣ онро «Ҷувайн» номиданд. Ҳудуд ва марзи он муттасил ба ҳудуди Байҳақ аз тарафи қибла ва ба ҳудуди Ҷоҷарм аз шимол аст. Ин минтақа бисёр пурхайру баракат ва дорои ғаллоти фаровон аст, ки чорсад деҳ ва чорсад қанот дорад. «Мӯъҷамул булдон», ҷ.2, саҳ.192, «Равзатул ҷаннот», ҷ.1, саҳ.176.) Хуросон ба дунё омад. Дар соли 664 ҳ аз бузургоне ҳамчун Усмон ибни Муваффақ ва ғайри ӯ ҳадис шунид. Яке аз хусусиёти боризи вай Мусофиратҳои зиёди ӯст. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ мегӯяд: «Ӯ сайру саёҳате густурда дошт». Вай барои касби ҳадис ва дониш ба манотиқи бисёре сафар кард. Аз ҷумла Хуросон, Омул, Табаристон, Табрез, Қазвин ва дар Ироқ шаҳрҳои Бағдод, Карбало, Наҷафи ашраф,

Ҳилла ва низ Ҳиҷоз ва дар Шом ба шаҳрҳои Димишқ ва Байтулмуқаддас. Бештарини аҳодисро аз аҳли Ироқ, Шом ва Ҳиҷоз шунидааст ва нақл мекунад. Ғозон яке аз подшоҳони муғул низ ба дасти Ҷувайнӣ мусалмон шуд. Вай дар синни 78 солагӣ баробари 5 –уми муҳаррамулҳароми 722ҳ дар Хуросон ё Ироқ дори фониро видоъ гуфт. «Алмӯъҷамул кабир (Муъҷами Шуйухуз Заҳабӣ)» саҳ.125, шумораи 156; «Алмӯъҷамул мухтасс (Муъҷами Муҳадиссии Заҳабӣ) саҳ.50, шумораи 73, «Тазкиратул ҳуффоз» ҷ.4, саҳ.199, шумораи 24; «Адурарул комина фӣ аъёнул миъатус сомина», ҷ1, саҳ 67, шумораи 181 ва «Алаълом», ҷилди 1, саҳ 63. Дар бораи шахсият ва ҷойгоҳи илмии Ҷувайнии шофеӣ чунин гуфта шудааст: Ҷувайнӣ, шайх ва устоди Заҳабии шофеӣ буд ва Заҳабӣ дар мақотеъи гуногун ва бо ибороти мухталиф ба ҷалолат ва азамати вай тасреҳ мекунад: «шайхи пешво ва муҳаддис буд ва ба ривоёт аҳамият медод... Садриддини хушандом, намакин, пурҳайбат ва бисёр некукор ва зебонавис, хушфаҳм ва ба ҷиҳати падараш ниҳоят назди суфиён бузург буд», «Алмӯъҷамул кабир (Муъҷами шуйхуз Заҳабӣ) саҳ.125 шумораи 156. «Пешвои бузург, муҳаддис ва шайхи машоих... дар Хуросон, Бағдод, Шом ва Ҳиҷоз ҳадис шунид ва бад-ин амр бисёр эҳтимом дошт» («Алмӯъҷамул мухтасс» (Муъҷами Муҳаддисии Заҳабӣ)» саҳ.50, шумораи 73. «Пешвои ягона ва акмал ва муҳаддис фахрул ислом... шайхи суфиён... бисёр аҳамиятдиҳанда ва ба ривоят ва намакинҷиёфа, пурҳайбат, диндор ва некӯкор буд...» (Тазкиратул Ҳуффоз, ҷ.4, саҳ.199, шумораи 24). «Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ низ дар бораи вай мегӯяд: Ӯ сайру саёҳати густурда дошт ва ба кори ҳадис эҳтимом меварзид, вай диндор, бовиқор, намакинандом, некуҷироаткунанда буд» («Адурарул комина фӣ аъёнул миъатулс сомина», ҷ.1, саҳ.67). Хайруддини Заркулӣ: «Шайхи Хуросон дар замони хеш ва Ҷувайнӣ буд. Дар ҷустуҷӯи ҳадис ба сафар пардохт ва дар Ироқ, Шом, Ҳиҷоз, Табрез, Омул, Табаристон, Байтулмуқаддас, Карбало, Қазвин ва дигар манотиқ ҳадис истимоъ кард ва дар Ироқ даргузашт», («Алаълом» ҷ.1, саҳ.63). Вай назди уламои шиъа низ аз ҷойгоҳи волое бархурдор аст. Мирзомуҳаммад Боқири Мусавии Хонсории Исфаҳонӣ мегӯяд: «Имоми пураҳамият ва шайхи мусалмонон ва ислом, шайхи пешво ва ориф, ҷамоли суннат аз олимони бузург ва муҳаддисони ҳофизи аҳли суннат буд...» ( ниг «Равзотул ҷаннот» ҷ.1, саҳ. 176). Саидмуҳсини Амин: «маъруф он аст, ки ӯ аз бузургони аҳли суннат ва муҳаддисон ва ҳуффоз (ҳофизони ҳадис) аст» ( «Аъёнул шиъа» ҷ.2, саҳ.218). Аммо нуктае, ки дар ин миён вуҷуд дорад сухани мансуб ба Заҳабии шофеӣ дар бораи Ҷувайнист. Ибни Ҳаҷарии Асқалонии шофеӣ ба нақл аз Заҳабии шофеӣ дар бораи Ҷувайнии шофеӣ мегӯяд: «Сухани росту дурӯғ мегуфт». («Аддурарул комина фӣ аъёнул миъатус сония» ҷ.1, саҳ. 67). Бархе ин суханро тазъифи Ҷувайнӣ шумурда ва бо он бар аҳодиси вай ишкол кардаанд, лекин ин бардошт ба чанд далел нодуруст аст: Аввалан, ин сухан фақат ба Заҳабии шофеӣ нисбат дода шудааст ва ҳеҷ кас ин суханро нагуфтааст ва бар ҳамагон таассубварзии Заҳабии шофеӣ ошкор аст, чунон ки Субкии шофеӣ ба ин муҳим ишора кардааст. (ниг. Ба «Табақотуш шофеъиятул кубро» ҷ.9, саҳ.104). Сониян, бар фарзи сиҳҳати ин интисоб ба Заҳабӣ бояд гуфт ин каломи Заҳабӣ дар бораи Ҷувайнӣ, бо соири калимоти вай дар ҳаққи

Вай дар китоби гаронсанги худ бо номи «Фароидуссамтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул васибтин вал аиммату мин зурриятиҳим(а)» бахшеро ба имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а)

---

Ҷувайнӣ, дар таноқузи ошкор аст, чаро ки дар мақотеъи гуногун Ҷувайнии шофеъиро бо авсофе ҳамчун ва васф кардааст ва ин авсоф бо «Ҳотиби лайл будан» дар таноқузи ошкор аст. Солисан, агар бино бошад Ҳотиби лайл будан ба танҳоӣ ровӣ ва муҳаддисеро тазъиф кунад варивоёташро канор бигузорем, бояд ривоёти гуруҳе аз бузургони тобеъин ва муҳаддисинро, ки сиҳоҳи шашгона аз онҳо ривоят нақл кардаанд канор бигузорем ва ба онҳо амал накунем, чун баъзе аз онон ба «ҳотиби лайл» муттасиф ҳастанд: аз ҷумла: 1. Қатода ибни Диъома. Омир Шиъбӣ дар борай вай мегӯяд: «Ҳотибу лайл». Ин дар ҳоле аст, ки тамоми сиҳоҳи шашгона аз Қатода ҳадис ривоят кардаанд ва аҳли суннат дар бораи вай таъобире ҳамчун «ҳофизи замонаи хеш, пешвои муфассирон ва муҳаддисон, аз зарфҳои (ҷойгоҳ) илм ва ба иттифоқи ҳамагон ҳуҷҷат аст.», кардаанд. (ниг. «Сияру аъломи нубало», ҷ.5, саҳ.269-270). 2. Ибни Ҷурайҷ. Молик ибни Анас дар бораи вай мегӯяд: «Ин дар ҳоле аст, ки тамомии сиҳоҳи шашгона аз ибни Ҷурайҷ нақли ҳадис кардаанд ва бузургони аҳли суннат дар бораи вай таъобире ҳамчун «пешвои аллома ва ҳофиз, вай аввалин касе аст, ки илмро дар Макка тадвин кард, аз дарёҳо ва зарфҳои илм буд». доштаанд. (ниг: ҳамон ҷ.6, саҳ.325-329).3. Саъид ибни Башир. Абухулайд дар бораи вай мегӯяд: (Азуъафоул кабир, ҷ.2 саҳ.100. шумораи 563). Ин дар ҳоле аст, ки аввалан Тирмизӣ, Абудовуд, Нисоӣ ва ибни Моҷа аз вай ривоят нақл мекунанд. Сонияи бузургони аҳли суннат дар бораи вай чунин гуфтаанд: (ниг. «Сияру аъломин нубало», ҷ.7, саҳ.304).4. Усмон ибни Абдураҳмон. Дар бораи вай низ: «Ҳотиби лайл» гуфта шудааст. Вале аввалан тамомии сунани чаҳоргона (Тирмизӣ, Абудовуд, Нисоӣ, ибни Моҷа) аз вай ривоят нақл мекунанд. Сонияи дар бораи вай низ чунин гуфта шудааст: (ниг ҳамон, ҷ.9, саҳ.425-426 ва «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.3, саҳ.45, шумораи 5532). Робиъан маълум нест, воҷаи «Ҳотиби лайл» барои ҷарҳу тазъиф бошад, балки мумкин аст барои таъдил ва мадҳи ровӣ ба кор бурда шавад.

Сафён ибни Унайниҳ мегӯяд: «Абдулкарими Ҷавзӣ ба ман гуфт: Эй Абумуҳаммад! Медонӣ ҳотиби лайл чист? Гуфтам: на. Гуфт: Ӯ марде аст, ки шабона берун меравад то ҳезум гирд оварад, пас дасташро ба афъие мегузорад, ки ӯро мегазад ва мекушад. Ин масале аст, ки барои ту дар мавриди ҷӯяндаи илм задам, ки вақте донишҷӯе илмеро, ки бештар аз тоқати ӯст ба дӯш мекашад, он дониш вайро хоҳад кушт, чунон ки афъӣ ҷамъкунандаи ҳезум дар шабро мекушад.»( «Сияру аъломин нубало», ҷ.5, саҳ.272).

Натиҷа: он чи метавон дар бораи воҷаи «Ҳотиби лайл» гуфт ин аст, ки аввалан, корбурди ин воҷа ба танҳоӣ сароҳат дар ҷарҳу заъф надорад, балки ду паҳлуст ва барои таъдил ва тақвияти ровӣ низ истеъмол мешавад. Сонияи, бар фарз, ки ин воҷа далолате бар заъф дошта бошад, ба сирфи ҳотифи лайл будан наметавон ровиро тазъиф ва ҷарҳ кард ва бояд асбоби заъфи ғайр аз «ҳотиби лайл» барои тазъифи ровӣ ёфт.

ихтисос медиҳад ва дар азамати шахсияти он ҳазрат бо ибороте воло чунин ёд мекунад:

**Дар ёдкарди миқдоре аз маноқиби имоми ҳаштум, мазҳари асрори махфӣ ва ошкоркунандаи умури пинҳонӣ, кони бузургворӣ ва баракатҳо, пайравишаванда аз суи бузургон, баландборгоҳи волоостон, абри бисёр пурхайр ва боронзо, алтофаш камназир, бисёр бахшанда, амири бузургворон, нури чашми хонадони Ёсин ва Абдуманоф, сарвари пок ва маъсум ва огоҳ ба ҳақиқати улум ва доно ба умури печида ва ниҳонӣ ва хабардеҳ аз оянда ва гузашта, писандида назди Худо ба ризои Худованд аз вай дар тамоми аҳвол ва аз ин рӯ ба «Ризо» мулаққаб шуд, Алӣ ибни Мӯсо, дуруди Худо бар Муҳаммад ва хонадонаш, ба хусус бар ӯ модоме, ки абре биборад ва гиёҳе рушд кунад ва шукуфа барорад.**

**Ва дар андаке аз баёни ахлоқи шарифаш ва некиҳои фаровонаш ва каме аз каромоти рушан ва хулқу хуи нурониаш ва зикри баъзе аз аҳодисаш, ки онро аз падаронаш, ҳуҷҷатҳои Худо бар халқаш, дуруди Худо ба эшон бод, нақл кардааст.[1]**

39.Имодуддин Исмоил Абулфидои Димишқии шофеӣ (732ҳ):

**Ба Алӣ ибни Мӯсо Алиризо низ мегӯянд. Он ҳазрат ҳаштумини пешвои шиъаён ва фарзанди Мӯсоалкозим ... ва падар Муҳаммадалҷавод нуҳумин имоми шиаъён аст...**

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.187.

40. Заҳабии шофеӣ (748ҳ):

**Пешвои бузург Абулҳасан Алӣ Арризо, фарзанди Мӯсои Козим, фарзанди Ҷаъфари Содиқ, фарзанди Муҳаммад Боқир, фарзанди Алӣ ибни Ҳусайни Ҳошимист... аз ҳайси дониш ва диёнат ва бузургворӣ ҷойгоҳи вижае дорад.**[1]

Ҷои дигар мегӯяд:

**Имом Ризо (а) аз ҷумлаи шахсиятҳои бузург аст. Вай имом, сарвар, бузургвор ва аз барҷастагони бани Ҳошим дар замони худ ба шумор меомад. Маъмун вайро бисёр арҷ мениҳод ва дар мавриди он ҳазрат муболиғаомез сухан мегуфт, то он ҷо, ки вайро валиаҳди худ қарор дод...**[2]

Ҷои дигар менависад:

**Имом Ризо (а) аз ҷойгоҳи волое бархурдор буд. Дониш ва баёни вай бисёр буд ва дар дилҳои мардум нуфуз дошт. Маъмун ба хотири ҳамин шукуҳ ва ҷалолаш ӯро валиаҳди худ қарор дод.**[3]

Ҳамчунин мегӯяд:

**Имом Ризо (а) яке аз аиммаи дувоздаҳгона ба шумор меравад, ки шиъаён ба исмат ва вуҷуди итоати онҳо эътиқод**

---

1. «Алмухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.2, саҳ.24.
2. «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом», саҳ.270.
3. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.13, саҳ.121.

**доранд.**[1]

**Гуфта мешавад вай дар ҷавонӣ ва дар даврони Молик ибни Анас (яке аз пешвоёни мазоҳиби фиқҳии аҳли суннат) фатво медод.** Ҷои дигар мегӯяд:[2]

**... Сарвари ҳошимиён дар замони хеш ва ҷалилтарин ва бузургвортарини эшон буд ва Маъмун ӯро беш аз андоза бузург медошт.**[3]

41. Зайниддин ибни Вардии Ҳалабии шофеӣ (749ҳ):

Дар бораи имом Ризо (а) мегуяд:

**Бино бар эътиқоди шиъа, вай ҳаштумин пешвои онон ба шумор меравад.**[4]

42. Зарандии ҳанафӣ (757ҳ):

**Имоми ҳаштум, нури ҳидоят ва кони тақво, фозили бовафо ва комил, поку мусаффо, донишманди пинҳон ва ғариби ситамдидаи шаҳид ва масмум, кушташуда ва ба раҳмати Худо пайваста, чашми муъминон ва рукну сутуни умедворон, хуршеди хуршедҳо ва аниси ҷонҳо, дафншуда дар замини Тус, баргузидаи бад-у умед бастшуда ва писандида, Абулҳасан Алӣ писари Мӯсо, мулаққаб ба Ризо, аз уламои зоҳид ва нек ва авлиёи ҳаким ва некӯ буд...**[5]

1. «Дувалул ислом», ҷ.1, саҳ.178.
2. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.388.
3. «Икмолу таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ҷ.7, саҳ.44-45.
4. «Татиматул мухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.1, саҳ.320.
5. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.157.

43. Халил ибни Эбаки Сафадии шофеӣ (764ҳ):

**Вай яке аз пешвоёни шиъаёни дувоздаҳимомӣ талаққӣ мешавад ва сайид ва сарвари бани Ҳошим дар замони худ буда ва Маъмун дар баробари вай фурутанӣ мекарда ва дар мавриди ӯ муболиғаомез сухан мегуфт.**[1]

44. Абдуллоҳ ибни Асъади Ёфеъии Ямании Маккии шофеӣ (768ҳ):

**Имом Ризо (а) пешвое бисёр арҷманд ва бузургвор, аз сулолаи бузургони аҳли карам, Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсоалкозим аз ҷумлаи пешвоёни дувоздаҳгонаи шиъаён ва соҳиби маноқиб ва фазоил, пасбинои мазҳабашонро бар ӯ гузоридаанд...**[2]

45. Ибни Касири Димишқии шофеӣ (774ҳ):

Вай дар мавриди соли вафоти имом Ризо (а) мегӯяд:

**Дар соли 203 ҳ, яке аз шахсиятҳои бузург Алӣ ибни Мӯсои қурайшии Ҳошимии алавӣ мулаққаб ба Ризо аз дунё рафт.**[3]

46. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Батутаи Марокашӣ (779ҳ):

Дар сафарномаи худ вақте ба Машҳадурризо мерасад онҷоро ингуна васф мекунад:

---

1. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.251.
2. «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
3. «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.260-261.

**Ба шаҳри Машҳадурризо Мӯсофират намудем. Вай Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайни шаҳид фарзанди амири муъминон Алӣ ибни Абутолиб аст, ризвони Худо бар онҳо бод. Машҳадурризо шаҳри бисёр бузург буд... ва бар боргоҳи мукаррами ҳазраташ гунбади бузург бино шуда, ки аз зебоии хосе бархурдор аст. Деворҳои он музайян ба кошӣ ва бар рӯи қабри шариф чорчубе аз тахта бо рӯкаше аз нуқра қарор дошт ва бар фарози зиреҳи вай чароғдонҳое аз нуқра овезон ва чаҳорчуб дар гунбад аз нуқра ва пардаи он ҳарири зарбофт ва муҳавватаи зиёратгоҳи мағфураш ба фаршҳои мутанаввеъ ва дар канори он қабри Ҳорунаррашид қарор дошт, ки зоирони шиъа ҳангоми вуруд ба зиёратгоҳ, қабри Ҳорунро лагадкуб ва бар қабри шарифи имом Ризо (а) салом мекарданд.**[1]

47. Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Халифаи Нишобурии шофеӣ (қарни ҳаштум):

Вай дар талхиси китоби «Таърихи Нишобур» дар васфи имом Ризо (а) ва мафохири Нишобури қадим, ки баракати он то абад бар суккони ин балад фоиз ва боқист чунин мегӯяд:

**Аз он ҷумла, ки султони авлиё, бурҳони атқиё, ворисн улумул мурсалин, маҳбату асрори раббулоламин, валиаллоҳ, сафиаллоҳ, фалзату кабиди расулаллоҳ, ғафсулумма ва кашфул ғамма явмул ахзи биннавоси ва изтирорул музнибин илал ихлоси**

1. «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибул амсор» маъруф ба «Реҳлати ибни Батута», саҳ.401.

лиимтиҳонил аъмоли бимавозинал ихлос ҳинал биҳоси валистибсоси явмул баъси камо вуъида фил мавофиқил салоси; индал мизони татоюрис суҳуфи вас сирот бибасти бисотиш шафоъати вассирри бил инбисоти султонил муқаррибин явмал ҳашри вал ҷазо Алимом Абулҳасан Алӣ Абулҳасани Алӣ ибни Мӯсарризо салавотуллоҳи ва саломиҳи ало расулиллоҳи ало олиҳил аимматил маъсумин ва ибтоъиҳим аҷмаъин ило явмиддин дар Мадина дар шуҳури 148 ҳ зуҳур ёфт ва шуҳури 194ҳ ба Басра ба дарси ҳадис ва нашри илм ба нусрати дини офтоби ҳидояти эшон ба уммат тофт ва ба тадвини нусхаи муборави саҳифа, тақвияти миллати ҳанифа фармуданд, пас аз муқтазои фазои азал ва ҳукми мубрами қадими ламязал ба сӯи Хуросон азимат намуданд ва дар санаи 200 минал ҳиҷрат, Нишобур ба мақдами ҳазрати эшон ризояти ҷонон шуд ва чун башорати сатавоти шаъшаъаи ашъаи он нур бар қутри Нишобур миёни суккони шаҳр машҳур шуд...[1]

**Қарни нуҳум:**

48. Атоуллоҳ ибни Фазлуллоҳи Шерозӣ (803ҳ):

**Имом Ризо (а) бо мардум бо забони худашон сухан мегуфт ва худ аз фасеҳтарини мардум ва донотарини онҳо ба ҳамаи забонҳо ба шумор мерафт. Марқади мунаввари вай маҳалли ҳузури зоирон аз тамоми ақшор ва ҳамаи нуқоти гетӣ мебошад.**[2]

49. Ибни Халдуни Моликӣ (808ҳ):

1. Талхис ва тарҷумаи «Таърихи Нишобур», саҳ.130-131.
2. «Равзатул аҳбоб», ҷ.4, саҳ.43, р.к: «Таърихул аҳмадӣ» саҳ.36.

**Имом Алӣ мулаққаб ба Ризо дар миёни бани Ҳошим бузург буд.**[1]

50. Аҳмади Алии Қалқашандии шофеӣ (821ҳ):

Дар бораи мақом ва манзалати он ҳазрат, ки сабаби интихоби вай барои вилоятаҳдӣ (ҳарчанд иҷборӣ) аз тараф Маъмун гардид, мегӯяд:

**Замоне, ки Маъмун фазли густурда ва дониши тобон ва вараъи ошкор ва зуҳди холис ва дурияш аз дунё ва дилдодагии мардумро ба ӯ дид ва барои ӯ рушан шуд, ки ҳамаи гуфтаҳо ва забонҳо бар хасоили инсонӣ ва бузургвории ӯ муттафиқанд... Алӣ ибни Мӯсарризо(а) ва дурии он ҳазрат аз дунё ва мардумро мулоҳиза кард... вайро ба вилоятаҳдии худ баргузид...**[2]

51. Муҳаммадхоҷаи Порсои Бухории ҳанафӣ (822ҳ):

**Аз имомони аҳли байт Абулҳасан Алӣ ибни Мусалкозим мулаққаб ба Ризо, Худо аз он ду розӣ бод, аст.**

Вай дар идома фазоил ва каромоти имом Ризо (а) ба вижа ҷараёни вуруди он ҳазрат ба Нишобур ва истиқболи густурда ва беназири уламои номии аҳли суннат ва мардум аз имом ва ҳадиси силсилатуззаҳабро нақл мекунад.[3]

---

1. «Алибар ва девонул мубтадо вал хабару фӣ айёмил арабӣ вал аҷамӣ вал барбарӣ ва ман осираҳум мин завис султонил акбар» маъруф ба «Таърихи ибни Халдун», ҷ.4, саҳ.38.
2. «Субҳалашъо фӣ саноъатил иншо», ҷ.9, саҳ.383 ва «Маъсирул инофа фӣ маъолимул халоқа», саҳ.304.
3. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» ба нақл аз: «Янобеъул мавадати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.165-168.

52. Ибни Инаба (828ҳ):

**Дар миёни хонадони Абутолиб дар асри хеш назир надошт: бузургвор ва бузургманзалат буд.**[1]

53. Тақиюддин Аҳмад ибни Алии Мақризии шофеӣ (845ҳ):

Вай дар китоби худ ба арҷ ва эҳтироми Маъмун ба имом Ризо (а) ишора мекунад ва ҷараёни зарби сикка ба номи он ҳазратро, ки ба дастури Маъмун ва ба шукронаи пазириши вилоятаҳдии имом Ризо (а) будааст, нақл ва дар поён низ ишора мекунад, ки Маъмун имомро масмум кардааст.[2]

54. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсо (а) фарде ростгӯ ва аз бузургони табақаи даҳум буд.**[3]

55. Ибни Саббоғи Моликӣ (855ҳ):

**Ва ӯ имоми ҳаштум... ва аммо маноқибаш (а) бузургтарин далел ва шоҳид бар баландмартабагиаш аст.**[4]

Баъд вай ба нақли фазоил ва маноқиби имом мепардозад ва дар ниҳоят ба нақл аз баъзе донишварон мегӯяд:

**Маноқиби Алӣ ибни Мӯсарризо (а) аз волотарин маноқиб ва вижагиҳост ва ҳамонгуна, ки неруҳои лашкар пушти сари**

---

1. «Умадатул толиб фӣ ансоби оли Абитолиб», саҳ.179.
2. «Аннуқудул исломия», саҳ.72-73.
3. «Тақрибут таҳзиб», ҷ.2, саҳ.42, Тибқи мабноӣ Ибни ҳаҷари Асқалони табақи даҳуме бузргони ҳастанд ки тобиънро надидаанд ва аз пайрувони тобин ривоят микунанд. Р.к: Ҳамон, ҷ.1, саҳ.6.
4. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.233-234.

якдигар ва пай дар пай ҳаракат мекунанд, фазоил ва маноқиби вай низ пай дар пай аст. Вилояти ӯ аз ҳамон оғоз бисёр писандида ва вижагиҳо ва авсофи вай бисёр шигифтангез буд ва ҷойгоҳ ва рутбаи шарофати ӯ дар авҷи азамат аст. Хуш ба ҳоли пайравони ӯ ва шум бод ҳоли душманони вай! Бузургӣ ва шарофати падарони он ҳазрат аз рӯз ошкортар ва аз хуршед фурӯзонтар аст. Вижагиҳои ахлоқӣ ва сифоти хосаи ӯ ба гунаест, ки касе ба рутба ва мақоми ӯ намерасад. Бар баландии ҷойгоҳ ҳамин бас аст, ки бар роҳе рафтааст, ки аз падаронаш ба ирс бурда ва фарзандон аз падарон ирс бурдаанд. Тамоми онон дар асолати хонаводагӣ ва аслу насаб монанди дандонаҳои шона баробаранд. Пас шарофат аз они ин хонадони баландмартаба бод, ки дар баландӣ ва бузургворӣ ва исму расм бар осмон ҳастанд ва тамоми сифоти камол беистисно доранд ва барои дигарон нагузоштанд ва ин пешвоён чун марворидҳо ва дурҳои як риштаанд, аввал ва охирашон баробаранд ва ба рутбае дар бузургворӣ даст ёфтаанд, ки ҳеҷ касро бад-он роҳе нест. Душманонашон хостанд онро бишкананд ва кучак кунанд, аммо Худо болояшон бурд. Бо корҳои мухталиф ва ҳилаҳо хостанд ҷамъи ононро пароканда созанд ва Худованд иттиҳодашонро бештар кард ва чӣ бисёр ҳаққашонро зоеъ ва нобуд карданд, вале Худованд на эҳмол варзид ва на зоеъ сохт.[1]

56. Ибни Тағрии Бардии Атобаки ҳанафӣ (874ҳ):

Имом Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо пешвои огоҳ ва

1. Ҳамон, саҳ.251.

**сарвари бани Ҳошим дар даврони хеш буд. Маъмун вайро бисёр арҷ ва эҳтиром мениҳод ва дар мавриди вай муболиғаомез сухан мегуфт, ба гунае, ки он ҳазратро валиаҳди худ қарор дод.**[1]

57. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ (898ҳ):

Вай боберо ба номи «Зикри Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар (р.з.) гушуда ва дар мавриди он ҳазрат мегӯяд:

**Вай имоми ҳаштум аст... ва ҳарчанд он чӣ бар забонҳо ҷорӣ ва дар китобҳо ба нигориш даромада, андаке аз маноқиб ва фазоили фаровони Ризо (а) аст ва қатрае аз дарёи бекарон аст, ки дар ин маҳзар намегунҷад, ногузир ба баёни баъзе аз каромот ва корҳои хориқулодда иктифо мешавад...**

Сипас ба нақли каромоти он ҳазрат мепардозад.[2]

**Қарни даҳум:**

58.Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳониддин Ховандшоҳ, маъруф ба Мирхонди шофеӣ (903х):

Вай дар гузорише шигифтангез зоирони қабри имом Ризо(а)-ро афзун бар Эрон аз Рум ва Ҳинд ва соири кишварҳо медонад ва мегӯяд: зикри аҳволи Алӣ ибни Мӯсарризо(р.з.) ... Машҳади муқаддас ва марқади имом алалитлоқ, марҷаъи Эрон ва мақсади соликони акобир ва асоғири офоқ аст, тавоифи умам ва табақоти бани Одам аз ақсои Руму Ҳинд аз ҷамеъи марзу бум ҳар сола муҳоҷирати автон ва муфориқати хиллон ихтиёр карда

1. «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», ҷ.2, саҳ.219-220.
2. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.380-382.

ва рӯи таваҷҷуҳ бар ин остони фархунда нишон ниҳода ва маросими зиёрату тавоф ба ҷой оваранд ва ин мавҳибати узморо сармояи саодати дунё ва уқбо медонад... маноқиб ва маосир ва фазоил ва мафохири имом Абулҳасан Арризо зиёда аз он аст, ки муҳоти олами башарӣ гардад ва дар ин мақом бар сатре чанд аз хориқи одоти он қудваи арбоби саодат иқтисор меравад. Онгоҳ ба нақли маноқиб ва каромоти имом мепардозад ва дар ниҳоят мегӯяд аз имом Ризо (а) ҳикояти бисёр манқул аст, ки нишони азамат ва вусъати маноқиб ва каромоти он ҳазрат аст.[1]

59. Ҷалолуддини Суютии шофеӣ (911ҳ):

Вай имомро аз барҷастагон ва бузургон мешуморад.[2]

60. Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ):

**Зиёрати қабри мукаррам ва марқади муаззами ҳазрати имом аимматул ҳудо, султонул инс вал ҷин имом Алӣ ибни Мӯсарризоал Козим ибни Ҷаъфарис Содиқ ибни Муҳаммадал Боқир ибни Алӣ Зайнулобидини ибнал Ҳусайни шаҳид ибни Алиял Муртазо салавотуллоҳ ва саломуҳ ало саййидино Муҳаммад ва олиҳил кором, сиёмал оятин низом ситтатуобоиҳ куллҳум афзалу май яшрабу савбал ғамом, тарёқи акбари муҳиббон ва муҷиби ҳаёти дилу ҷон аст. Муродоти ҳамаи олам аз он даргоҳи бобаракат ҳосил ва филвоқеъ рабъи маймунаш тавон гуфт, ки аз ашрафи манозил аст. Он мақоми муборак**

---

1. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.41-52.
2. «Таърихул хулафо», саҳ.351.

**тамомии авқот мақрун ба тиловати Қуръони маҷид ва тавон гуфт маъбаде аст аз маъобиди ислом. Ҳаргиз он марқади олӣ аз тоати ниёзмандон холӣ нест ва чигуна чунин набошад ва бо ин ки турбати имомест, ки мазҳари улуми набавӣ ва вориси сифоти муставфӣ ва имоми барҳак ва роҳнамои мутлақ ва соҳиби замони имомати худ ва вориси нубувват ва ҳаққи истиқомати худ аст.**

**Ҳазор дафтар агар дар маноқибаш гӯянд,**
**Ҳанӯз раҳ ба камоли Алӣ нашояд бурд.**

Собиқан, ки азми зиёрати Машҳади муқаддаси ҳазрати имом буд, ин қасида сурати назм ёфта буд ва дар ин мақом идроҷи (дарҷи) ӯ муносиб аст, зеро ки мулоими соҳиби он маноқиб аст.

Вай дар идома қасидае бо унвони «Қасидае дар манқабати имоми сомин, валии зомин, имом Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо салавотуллоҳу алайҳи ва саломуҳу», дар мадҳи он ҳазрат нақл мекунад.[1]

Ҷои дигар мегӯяд:

**Худоё! Дуруд ва салавоту салом фирист бар имоми ҳаштум он меҳтари некӯхисол, ҳуҷҷати Худо бар инсонҳо ва ҷинниён лашкари авлиёро султон ва подшоҳ аст. Соҳиби карам ва бахшиш ва мурувват ва некукорист. Анвори паёмбар назди чашм аён дар ӯ дурахшанда аст, вай рафъкунандаи нишонаҳои тавҳид ва насбкунандаи парчамҳои имон аст. Бар болотарин дараҷоти**

1. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.336.

**илму ирфон қарор дорад. Соҳиби манқабати сухани паёмбар аст, ки фармуд: порае аз тани ман дар Хуросон дафн хоҳад шуд. Ончиро буда ва хоҳад буд аз тариқи ҷафру ҷома берун меоварад. Дар бораи шарафи падаронаш, шаш падараш гуфта шуда: ҳамагии онон бартарин касонеанд, ки оби боронро нушидаанд ва вай дар ҳар ҳол ва дар ҳар коре ва ҳар мавриде иқтидокунанда ба расули Худост. Ӯ Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо имоми қоими ҳаштум аст. Ӯ ба заҳри ҷафо дар ғам ва хун ва малол шаҳодат ёфта ва дар Тус мадфун аст.**[1]

**Худоё! Ба лутфу фазлу карам ва миннтагузориат зиёрати қабри муқаддасаш ва марқади ҷонпаноҳ ва босафояш рӯзии мо гардон ва ба баракати ӯ гуноҳонамонро бибахш ва ҳоҷатамонро баровар. Худоё бар сайид ва оғои мо Муҳаммад ва хонадони сарвари мо Муҳаммад, ба хусус имоми баргузида Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо дуруд ва саломи фаровон бифирст.**[2]

Дар бораи боргоҳи нуронии имом Ризо (а) суханони шигифте мегӯяд, ки ба бархе аз онҳо ишора мешавад:

... ва он ҳазратро дар он равзаи муқаддас ва марқади мунаввар ва Машҳади муаттар дафн карданд ва он равзаи биҳишт то қиёмат каъбаи ҳоҷот ва мақосиди ҷамиъи ҳоҷатхоҳон шуд.

**Дуруду салом ва ризвони Худо ба он остони муқаддас бод ва Худованд зиёраташро насибамон гардонад ва бо анвори илоҳӣ ва**

---

1. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.
2-Ҳамон.

**ҷонҳои қудсӣ ободонаш кунад.**

Риҷои камтарин бандагон, Фазлуллоҳи ибни Рӯзбеҳонил Амин восиқ аст ба алтофи илоҳӣ, ки ин фақири ҳақирро имсол зиёрати марқади мутаҳҳар ва Машҳади муннаввари он ҳазрат ба хайру офият рӯзӣ гардад ва қироати ин китоб «Василатул ходим ило махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)» дар остонаи он марқади мутаҳҳар ҷиҳати дӯстон ва муҳиббон ва мавлиёни аҳлубайт намуда шавад, чӣ вило ва таваллои он ҳазрат шиями деринаи ин фақир ва муҳаббат ва истимдод аз он ҳазрат накди ҳазинаи синаи ин ҳақир аст. Дар ҳар воқеъа, ки ин ҳақирро пеш ояд, истимдод аз ботини ақдаси он ҳазратро тариқи наҷот медонам ва дар ҳар ҳоила ва доҳия рӯҳи муқаддаси он ҳазратро авн ва мададгор мехоҳам...

Сипас дар васфи имом Ризо (а) ин шеърро нақл мекунад:

**Саломун ало равзатил имом,**
**Алӣ ибн Мӯсо алайҳиссалом.**
**Саломун минал ошиқил мунтазир,**
**Саломун минал волаҳил мустаҳом.**[1]
**Бар он пешвои каримул шиям,**
**Бар он муқтадои рафеъулмақом.**
**Зи шаҳди шаҳодат ҳаловат мазоқ,**
**Зи заҳри адӯ дар ҷаҳон талхком.**

---

1. Салом бар равза ва бӯстони имом Алӣ ибни Мӯсо(а), салом ошиқи мунтазири салом, ошиқи саргашта ва беқарор.

**Зи хулди барин машҳадаш равзае,**
**Хуросон аз ӯ гашт Доруссалом.**
**Аз он хонамаш ҷаннати ҳаштумин,**
**Ки шуд манзили поки ҳаштум имом.**
**Муҳиббон зи ангури пурзаҳри ӯ,**
**Фиканданд майҳои хунин ба ҷом**
**Маро чеҳра бинмуд як шаб ба хоб,**
**Шуд аз шавқи ӯ хоб бар ман ҳаром.**
**Аливор бар шер марде савор,**
**Амин дар рикобаш камина ғулом.**[1]

61. Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддини шофеӣ, маъруф ба Хондамир (942ҳ):

Дар бораи фарзандони имом Козим (а) мегӯяд:

**Афзали авлоди имом Мӯсо, балки ашрафи ҷамеъи бароё (махлуқот) Алӣ ибни Мӯсарризо буд.**[2]

Дар идома дар бораи имом фаслеро бо унвони «Зикри имом Ҳошим Алӣ ибни Мӯсарризо (а) мегушояд ва аз имом ингуна таъбир мекунад:

Ҳамчунин дар мавриди Машҳадур Ризо мегӯяд:[3]

**Ва ҳоло он мазори бузургвор ва равзаи фоизул анвор,**

1. Ҳамон.
2. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар» , ҷ.2, саҳ.81.
3. Ҳамон, саҳ.82.

**матофи (маҳалли тавоф) тавофи аъён ва ашрофи рӯзгор аст ва қиблаи омол ва каъбаи иқболи асоғир ва аъозими ақтори билод ва амсор.**

(Салом бар хонадони Тоҳо ва Ёсин, салом бар хонадони беҳтарин анбиё, салом бар боғе, ки дар он имомест, ки дунё ва дин бад-ӯ ифтихор мекунанд).

Дар идома фасле бо унвони «Гуфтор дар баёни фазоил ва камолоти он имоми олимақом, ало набийино ва алайҳис салавота вассалом» гушуда ва дар мавриди имом мегӯяд:

Байти шаҳиди хоки Хуросон, имоми тайиб ва тоҳир Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммади Боқир...ақориб ва аҷониб аз машриқ то мағриб бар вуфури улуввашон ва сувму макони он имоми вофири Хуросон эътироф доштаанд ва доранд ва оқосӣ ва одонӣ, балки ҷамиъи афроди анвоъи инсонӣ маноқиб ва мафохири он ҳамидаи маосир бар саҳоифи замоир нигоштаанд ва менигоранд. Кароматаш аз ҳарчӣ тасаввур тавон кард, бештар ва имоматаш ба муҷиби насси обои бузургвораш муайян ва муқаррар буд.

**Аз он замон, ки фалак шуд ба нури меҳр мунаввар,**
**Надида дидаи кас чун Алии Мӯсои Ҷаъфар.**
**Сипеҳри иззу ҷалолат, муҳити илму фазилат,**
**Имоми машриқу мағриб, мулози оли паёмбар.**
**Ҳарими турбати ӯ саҷдагоҳи хусрави анҷум,**
**Ғубори мақдами ӯ тутиёи дидаи ахтар.**
**Вуфури илму улувви макон ӯст ба ҳадде,**

**Ки шарҳи он натавон намуд килки суханвар.**
**Қалам гар ҳамагӣ васфи зоти ӯ бинависад,**
**Ҳадиси ӯ нашавад дар ҳазор сол мукаррар.**[1]

Он гоҳ ба нақли фазоил ва каромоти он ҳазрат пардохта ва пас аз нақли онҳо дар поён чунин мегӯяд:

**Пӯшида намонад, ки каромот ва хориқи одоти имом Ризо (а) бисёр аст ва баракоти Машҳади мунаввар ва фуюзоти марқади муаттари он ҷаноб ба тафсили он умур мақдури хомаи шикастазабон набуда, лоҷарам дар тариқи ихтисор сулук намуд.**[2]

62. Шамсиддин Муҳаммад ибни Тулуни Димишқии ҳанафӣ (953ҳ):

**Ва ҳаштумини онон фарзандаш Алӣ, яъне Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо, ки ризвони Худо бар онон бод, аст.**

Баъд ба нақли баъзе аз вақоеъ ва суханони бархе аз муосирони имом дар мадҳи он ҳазрат мепардозад.[3]

63. Шайх Ҳусайн ибни Муҳаммаддиёри Бакрии шофеӣ (966ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсарризо яке аз дувоздаҳ пешвоест, ки рофиза (шиъаён) ба исмат ва вуҷуби итоат аз онҳо муътақиданд.**[4]

---

1. Ҳамон, саҳ.83.
2. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.91.
3. «Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.97-99.
4. «Таърихул хамис фӣ аҳволи анфуса нуфус», ҷ.2, саҳ.335.

64. Ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ (974ҳ):

**Имом Ризо (а) аз номовартарин ва боманазалттарин аҳли байт ба шумор меояд. Ба ҳамин далел Маъмун вайро эҳтиром кард ва духтарашро ба издивоҷи ӯ даровард ва кори хилофаташро ба ӯ вогузорид.**[1]

**Қарни ёздаҳум:**

65. Аҳмад ибни Юсуфи Қармонии Димишқӣ (1019ҳ):

Ӯ фасле дар мавриди имом Ризо (а) гушуда ва мегӯяд:

**Фасли ҳаштум дар ёдкарди шабоҳати шуҷоаташ ба шуҷоъати ҷаддаш Алии Муртазо.**

**Маноқибаш воло ва сифоташ баландмартаба ва каромоташ бисёр ва маноқибаш шӯҳраи офоқ аст. Вай бисёр кам мехобид ва бисёр рӯза мегирифт ва дар тобистон рӯи ҳасир ва дар зимистон рӯи пустин менишаст.**

**Онгоҳ ба нақли фазоил ва каромоти имом (а), ба вижа, ҳадиси силсилатуззаҳаб мепардозад.**[2]

66. Абдурrауфи Манновии шофеӣ (1031ҳ):

**Он ҳазрат шахсияте воло ва баландмартаба ва номаш шӯҳраи офоқ ва дорои каромати бисёр аст.**[3]

Баъд каромоти он ҳазратро нақл мекунад.

67. Ибни Имоди Димишқии ҳанбалӣ (1089ҳ):

1. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.593.
2. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114-115.
3. «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», ҷ.2, саҳ.265-466, шумораи 265.

**Алӣ ибни Мӯсарризо имом Абулҳасани Ҳусайнӣ ном дошт, ки дар Тус мадфун аст ва боргоҳаш бисёр васеъ ва маҳалли зиёрати зоирон аст. Вай аз падар ва ҷаддаш ривоят мекунад ва ба эътиқоди шиъа, яке аз дувоздаҳ пешвои онон шумурда мешавад.**[1]

**Қарни дувоздаҳум:**

68.Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Омири Шибровии шофеӣ (1172ҳ):

**Ҳаштумин имом ва пешво Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аст. Вай шахсе карим, бузургвор, боубуҳҳат ва бовиқор буд. Падараш Мӯсо ибни Ҷаъфар ӯро бисёр дӯст медошт. Гуфта шуда: Алӣ ибни Мӯсо ҳазор бандаро дар роҳи Худо озод кард. Он ҳазрат аҳли вузу ва таҳорату покӣ ва аҳли намози шаб будааст. Ба гунае, ки барои ҳар намози шаб вузу мегирифт ва то субҳ машғули ибодат ва бандагӣ буд. Бархе аз атрофиёни ҳазрат мегӯянд: Ҳар гоҳ имом Ризо (а) –ро медидем ёди ин ояи Қуръон меуфтодем: «қалилан минал лайли мо яҳҷаъун...»**[2] **андаке аз шабро мехобанд.**[3]

**Баъзе низ дар мавриди вай гуфтаанд: Алӣ ибни Мӯсо дар даврони хеш бар тамоми аҳли байт бартарӣ дошта, аз ҷойгоҳи вижае бархурдор будааст. Пайравон ва ёрони бисёр ва**

---

1. «Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори мин заҳаб», ҷ.3, саҳ.14.
2. Сураи Зориёт, ояи.17.
3. Гуфтанист дар кутуби имомия ин ҷараёнро ба бародари имом Ризо(а) Муҳаммад ибни Мӯсо нисбат додаанд. Ниг. Шайхи Муфид Алиршод фӣ маърифати ҳуҷҷаҷиллоҳ алал ибод, ҷ.2, саҳ.235.

**истидлолҳои пояҳои маҳкам ва устувор доштааст. Маноқибаш воло ва авсофаш олӣ ва ахлоқ ва рӯҳиёташ ҳошимӣ ва саҷоёи вай набавӣ ва паёмбаргуна аст. Кароматии он ҳазрат бешумор ва ниёз ба баён надорад.**[1]

69. Аббос ибни Алӣ ибни Нуриддини Маккии Ҳусайнии Мусавии шофеӣ (1180ҳ):

**Фазоили Алӣ ибни Мӯсо ҳеҷ ҳадду андозае надорад ва шумурданӣ нест.**

**Қарни сенздаҳум**[2]

70. Забидии ҳанафӣ (1205ҳ):

**Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсо мулаққаб ба Ризо, фарде ростгӯ буда ва ибни Моҷа аз вай нақли ҳадис кардааст.**[3]

71. Абулфавз Муҳаммад ибни Амини Бағдодии Сувайдии шофеӣ (1246ҳ):

**Он ҳазрат дар Мадина ба дунё омада ва симое гандумгун дошт. Кароматии вай бисёр ва маноқибаш шӯҳраи офоқ буда, ки дар ин мақол намегунҷад.**[4]

72. Сайид Мустафо ибни Муҳаммад Арусии Мисрии шофеӣ (1293ҳ):

---

1. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.312-313.
2. «Нузҳатул ҷалиси ва маниятул адибил анис», ҷ.2, саҳ.105.
3. «Итҳофул содал муттақин», ҷ.7, саҳ.360.
4. «Сабоиказзаҳаби фӣ маърифати қабоилил араб», саҳ.75.

**Алӣ ибни Мӯсо баландмартаба, машҳури офоқ аст. Кароmoти фаровоне дорад.**

Ва дар идома ба нақли каромоти имом Ризо (а) мепардозад.[1]

73. Қундузии ҳанафӣ (1294ҳ):

Вай низ дар китоби «Янобеъул маваддати лизилқурбо (а)» дидгоҳи аҳли суннатро дар бораи аиммаи маъсумин (а) ба вижа имом Ризо (а) нақл ва аз мақом ва ҷойгоҳи он ҳазрат бисёр таҷлил мекунад.[2]

74. Шайх Муъмин ибни Ҳасани Шабланҷии шофеӣ(1298ҳ):

**Дар ёдкарди маноқиби оғои мо Алӣ мулаққаб ба Ризо фарзанди Мусалкозим...**

**Ва баъд аз ишора ба шахсияти имом каромот ва сифоти писандидаи он ҳазратро нақл мекунад.**[3]

75. Амир Аҳмад Ҳусайни Баҳодурхони Барёнавии Ҳиндии ҳанафӣ (қарни сенздаҳум):

Вай дар шарҳи ҳоли фарзандони имом Козим (а) замоне, ки ба имом Ризо (а) мерасад бо таҷлил ва эҳтиром аз он ҳазрат ёд карда ва ба нақли баъзе аз кутуб, имом Ризо (а) –ро барҷастатарин фарзанди имом Козим (а), балки бартар аз ҷамиъи махлуқот дониста ва бо нақли вақоеъ ва каромоти имом Ризо (а) аз он ҳазрат таҷлил мекунад.[4]

---

1. «Натоиҷул афкорул қудсия фи баёни маъони шарҳи рисолатул қушайрия», ҷ.1, саҳ.80.
2. Ҳамон, ҷ.3, саҳ.105-174.
3. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.232-245.
4. «Таърихул аҳмадӣ», саҳ.342.

**Қарни чаҳордаҳум:**

76. Шайх Ёсин ибни Иброҳими Санҳутии шофеӣ (ҳудудан 1344ҳ):

**Имом Ризо (а) гавҳари гаронбаҳое аз сулолаи боҷалолати нубувват аст, вуҷудашро шарофати набавӣ фаро гирифтааст. Худои азза ва ҷалл вуҷуди камназири вайро аз болотарин ва рушантарин адилла бар тавоноӣ ва қудрати худ қарор додааст. Офариниши шахсияте чун Алӣ ибн Мӯсарризо мазҳари тавоноӣ ва қудрати Худованд аст. Васфи он ҳазрат дар қолаби иборот ва алфоз намегунҷад ва забон оҷиз аз он аст. Вай шахсияте азимушшаън ва ҷалилулқадр ва фазоили ӯ машҳур аст ва ба некӣ аз вай ёд мешавад. Маъмун ӯро дар ҷойгоҳи волое қарор дод ва дар мулк ва мамлакати хеш шарик гардонд ва тасмим дошт хилофатро ба имом вогузорад ва худ аз қудрат канорагирӣ кунад, вале бани Аббос ӯро аз ин кор боз доштанд ва бо дасиса ва қабл аз вогузории хилофат ба вай реҳлат кард ва Маъмун бар ин зоеъа ба зоҳир ибрози таассуф мекард. (Албатта ин тарфанди сиёсии Маъмун буда, дар сурате, ки худ қотили имом буд). Он ҳазрат соҳиби каромоти бисёр ҳастанд...[1]**

77. Юсуф ибни Исмоили Набҳонии шофеӣ (1350ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсо аз имомони бузург ва машъалҳои фурузони уммат аз аҳли байти нубувват ва маъдани илму ирфон ва бахшишу ҷавонмардист. Вай баландҷойгоҳ ва номаш шӯҳра аст**

---

1. «Аланворул қудсия», саҳ.39.

**ва каромоти бисёре дорад.**[1]

78. Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350ҳ):

**Пас аз имом Мӯсои Козим (а) фарзанди аршади он ҳазрат имом Ризо (а) бино ба васияти вай имом будааст. Мақом ва манзалати ин имоми ҳумом ба андозаест, ки тафсили он дар ин китоб намегунҷад. Имом Ризо (а) вориси улуми нубувват буд, ба ҳамин тартиб амвоҷи андуҳ ва бало низ бар он ҳазрат бисёр норид шуд.**

Вай дар идома имом Ризо (а)-ро дорои илми ғайб медонад ва мегӯяд:

**Он ҳазрат олими ба асрори макнунот ва авоқиби умур аст ва дар ниҳоят аз зулм ва азият ва озор ва авомфиребии Маъмун ба он бузургвор парда бармедорад.**[2]

Онгоҳ ба нақли ҷараёни вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва ҳадиси силсилатуззаҳаб мепардозад.

79. Алӣ ибни Муҳаммад Абдуллоҳ Фикрии Ҳусайнии Қоҳирии шофеӣ (1372ҳ):

Вай шахсияти имом Ризо (а) –ро аз назари илмӣ ва иҷтимоӣ ва ибодӣ баррасӣ мекунад ва чунин мегӯяд:

**Иброҳим ибни Аббос дар бораи илм ва фазоили он ҳазрат мегӯяд: ҳар пурсише аз имом Ризо (а)шуд, ҳазрат посухи онро**

---

1. «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.311.
2. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157-159.

медонист ва огоҳтар аз он ҳазрат касеро надидаам. Маъмун вайро бо пурсишҳои хеш меозмуд ва он ҳазрат низ бо посухи кофӣ ва вофӣ Маъмунро муҷоб месохт.

Ибодати он ҳазрат: он ҳазрат кам мехобид ва бисёр рӯза мегирифт ва рӯзаи се рӯз аз ҳар моҳро анҷом медод ва мефармуд муодили рӯзаи як сол аст.

Корҳои неки он ҳазрат: бисёр некӣ мекард ва бисёр садақа медод ва бештари ин корҳоро дар шабҳои торикӣ анҷом медод то шинохта нашавад.

Карам ва бахшиши эшон: аз ҷумлаи бахшишҳои вай ин буд, ки рӯзе Абунувос қасидае дар мадҳи аҳли байт суруд ва имом низ дастур дод, ки 300 динор ба вай подош диҳанд.

Ҳамчунин Диъбили Хузоъӣ низ қасидае тӯлонӣ дар мадҳи имом Ризо (а) суруд, ки имом низ сад динор ба вай ҳадя дод ва аз вай ба иллати кам будани он пӯзиш талабид.

Зуҳд ва парҳезгории имом:

Он ҳазрат бисёр зоҳид ва парҳезгор буд, ба гунае, ки дар тобистон рӯи ҳасир ва дар зимистон рӯи пустин менишаст.[1]

80. Муҳаммадфариди Ваҷдӣ (1373ҳ):

... Ба эътиқоди шиъа ӯ яке аз пешвоёни дувоздаҳгонаи онҳо мебошад, ки Маъмун духтарашро ба ақди вай даровард ва ӯро валиаҳди хеш қарор дод ва номи он ҳазратро бар дирҳам ва динор зарб кард.[2]

---

1. «Аҳсанул қасас», ҷ.4, саҳ.289-290.
2. «Доиратул маорифул қарнул ашрин», ҷ.4, саҳ.251.

Ва дар поён шеъри Абунувос дар мадҳи имом Ризо (а)-ро нақл мекунад.

81. Абдулмутаъол Саъидии Мисрии шофеӣ (1377ҳ), устоди забони арабии донишгохи Алазҳар:

**Алӣ ибни Мӯсо дар соли 150ҳ Мӯсодиф бо 767 м ба дунё омада ва дар донишу тақво ҷойгоҳи волое доштааст.**[1]

Ҷое дигар мегӯяд:

**Дар порсоӣ пешвои ҳамагон буд.**[2]

82. Хайруддин Заркулии Димишқӣ (1396ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсо (а) мулаққаб ба Ризо ва бино бар эътиқоди шиъа ҳаштумин имом аз пешвоёни дувоздаҳгонаи онон ва аз бузургворон ва донишварони аҳли байт шумурда мешавад.**[3]

**Қарни понздаҳум:**

83. Саидмуҳаммад Тоҳири Ҳошимии шофеӣ (1412ҳ):

Вай таҳти унвони фазоил ва маноқиби ҳазрати имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а) сафаҳоти зиёде аз китоби худро ба нақли фазоил ва каромоти вай ва суханони тобеъин ва уламои аҳли суннат дар мавриди он ҳазрат ихтисос медиҳад.[4]

84. Муҳаммад Амини Занновӣ

---

1. «Алмуҷаддидуна фил ислом», саҳ.69.
2. Ҳамон, саҳ.77.
3. «Алаълом», ҷ.5, саҳ.26.
4. «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат», саҳ.202-233.

**Алӣ мулаққаб ба Ризо ҳаштумин имом аз имомони дувоздаҳгона назди имомия ва аз бузургон ва олимони аҳли байт аст...**[1]

85. Аҳмад Закии Сафвати шофеӣ:

Вай низ бо таҷлил аз имом Ризо (а) ва зикри насаби шарифи он ҳазрат, ҷараёни вилоятаҳдии он ҳазратро нақл мекунад.[2]

86. Доктор Абдуссаломи Тармонинӣ:

**Алӣ ибни Мӯсо Абулҳасан мулаққаб ба Ризо бинобар ақидаи шиъаи имомия ҳаштумин пешвои онон аст. Дар Мадина ба дунё омада ва аз барҷастагони аҳли байт ва донишварони онон ба шумор меоянд.**[3]

87. Ҳодии Ҳамави Мисрии шофеӣ:

**Имом Ризо (а) дар яке аз дурахшонтарин даврони тамаддуни исломӣ мезист ва бо Маъмун дар бурҳае аз замони муосир буд. Имом дар маҷлиси илмӣ ва мунозироте, ки Маъмун баргузор мекард, саҳми басазое дошт ба гунае, ки Маъмун ҷаласотро баргузор ва уламо ва фуқаҳо ва мутакаллимонро аз тамоми адён ва мазоҳиб дар ин ҷаласа ҳозир мекард ва аз имом мепурсиданд ва он ҳазрат ба тамоми онҳо ба гунае посух медод, ки тамоми донишмандон ба дониш ва бартарии имом эътироф ва ба ҷаҳли**

---

1. Поварақи китоби «Албулдон», саҳ.93.
2. «Ҷамҳаратул расоилул араб фил усурул арабиятуз зоҳира», ҷ.3, саҳ.405.
3. «Аҳодисил таърихил исломия битартибис синин», ҷ.2, саҳ.1169.

**худ дар баробари вай иқрор мекарданд. Исо Яқтинӣ ин мунозиротро дар китоби ҳовии 18 масъала бо посухи онҳо нигошта, ки ин китоб ҳамакнун ҳамроҳ бо ҳазорон китоби дигар мафқуд шуда, ки муҷиби зиёни фаровони китобхонаи арабии исломист. Имрӯза назди шиъа китобе ҷарф ва бо сабки устувор вуҷуд дорад, ки онро «Саҳифаи Ризо» мехонанд.**[1]

88. Боқир Амини Варди шофеӣ:

**Алӣ ибни Мӯсо мулаққаб ба Ризо ва бар асоси ақидаи шиъа ҳаштумин тан аз пешвоёни дувоздаҳгонаи онон аст. Ӯ аз бузургворон ва фузалои аҳли байт аст...**[2]

Вай дар идома дар рисолаи тибби имом Ризо (а) ишора мекунад ва дар бораи он ба тафсил сухан мегӯяд.

89. Доктор Халдун Ахдаби ҳанбалӣ:

Вай баъд аз нақли каломи ибни ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, ки таъбири «Садуқ»-ро дар мавриди имом (а) дорад, дар мавриди падар ва аҷдоди имом (а) низ мегӯяд:

**Падар ва аҷдоди имом Ризо (а) ҳамагӣ мавриди итминон буда ва аз аҳли салоҳ ва фазлу дониш ба шумор меоянд.**[3]

90. Доктор Абдулҳалим Маҳмуди шофеӣ ва Маҳмуд ибни Шарифи шофеӣ:

---

1. «Азвоу алаш шиъа», саҳ.134.
2. «Мӯъҷамул уламоул араб», ҷ.1, саҳ.153.
3. «Завоиду таъриху Бағдод алал кутуби ситта», ҷ.7, саҳ.440.

Дар бораи шахсияти имом мегӯянд:

**Маъмун ба вай эҳтироми зиёде қоил буд ва ӯро валиаҳди худ қарор дод. Он ҳазрат қабл аз Маъмун реҳлат намуд... дар соли 148ҳ дар Мадина ба дунё омад ва дар соли 203ҳ дар Тус аз дунё рафт...[1]**

**Вай баъд аз кароомот он ҳазратро тарк мекунад.**

91. Доктор Комили Мустафии Шайбӣ:

**Ризо чун ҷадду падараш бо илм сару кор дошт, ба гунае, ки Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари Ҳумайрӣ ривоят кардааст, ки ӯ ба 15 ҳазор масъала посух гуфта ва ин моҷаро қабл аз иттифоқи мардум бар бартарии илмии ӯ будааст... аҳли кароомат ва фаросат ва рушанбинӣ буд... дар илм намунаи ҷаддаш Ҷаъфари Содиқ буд ва назариёте дар боби имомат ва интиқол ва аломати он дошт, барои Ризо саҳифаест, ки маҷмуъае аз аҳодисро, ки аз падаронаш аз паёмбар ривоят мекунад дар худ дорад ва дар санади тамоми он ривояти Қушайрӣ аст.[2]**

## Ду пурсиши бепосух

**Пурсиши нахуст:** Онгуна, ки аз суханони аҳли суннат ба даст меояд, имом Ризо (а) мақоми илмӣ, маънавӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии бисёр барҷастае дошта ба гунае, ки танҳо дар бораи мақоми илмии он ҳазрат гуфтаанд:

1. «Аррисолатул Қушайрия», ҷ.7, саҳ.65-66.
2. «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», ҷ.1, саҳ.236-238.

**Тамоми ин нақли қавлҳо баён медоранд, ки он ҳазрат олиме буд, ки дар бисту чанд солагӣ дар масҷидун набӣ фатво медод, аз бузургони аҳли байт (а) буд ва пешвоёни ҳадис аз ӯ ривоят нақл мекардаанд. Вайро чароғи уммат ва маъдани илму ирфон донистаанд.**

**Бо ин вижагиҳо ҷои ин пурсиш аст, ки чаро бо ин мақоми илмии имом Ризо (а) ва аз тарафи дигар муосир будани нависандагони сиҳоҳ бо давраи имом Ризо (а) ҳатто, як ривоят аз ӯ дар заминаи фиқҳ ё тафсир ва ... дар китоби сиҳоҳи аҳли суннат ёфт намешавад!?[1] Ва агар ривояте низ дар маснад ё сунане ёфт шавад, онро бедалел тазъиф мекунанд.**

**Дуввумин пурсиш:** Агар бо нигоҳи дигар ба даврони имом Ризо (а) бингарем, мебинем, ки дар он даврон бузургон ва уламое аз аҳли суннат мезистанд, ки ҳар кадом дар минтақаи худ аз уламои барҷастаи омма ба шумор меомаданд; монанди: Молик ибни Анас (190ҳ)[2], Абубакри ибни Аёш (193ҳ), Сайбуяи наҳвӣ (1945ҳ), Яқуб Юсуфи ибни Асбот (195ҳ), Вакеъ ибни Ҷарроҳ (197ҳ), Сафён ибни Уйинна (198ҳ), Абдурраҳмон ибни Маҳдӣ (194ҳ), Яҳё ибни Саъиди Қаттон (198ҳ), Муҳаммад ибни Идриси шофеӣ (204ҳ), Абудовуд Таёлисӣ (204ҳ) ва даҳҳо ровӣ

---

1. Оре, танҳо ибни Моҷа танҳо як ривоят аз он ҳазрат нақл кардааст, ки ин ривоят бо бемеҳрии ҳарчи тамомтар мувоҷеҳ шуда ва бархе ба хотири гироишҳои шиъии ровии ин ҳадис (Абосалт) ривоятро сохтагӣ донистаанд, бо ин ки бузургони аҳли суннат вайро тавсиқ кардаанд ва ӯро аз аҳли суннат донистаанд... ҷиҳати ошноии ботафсили ин баҳс нигаред ба дафтари саввуми «Ривоят» саҳ, 173.
2. Дар таърихи дақиқи Молик ибни анас байни муаррихин ихтилоф вуҷуд дорад. Р.к: «Сайрул аъломил нубало», ҷ.8, саҳ.130.

ва муҳаддис ва фақеҳи ба ном, ки дар даврони хеш аз ҷойгоҳи илмӣ бархурдор буданд. Бо такя бо ин нигоҳи хос ба даврони имом Ризо (а) ва сухани Заҳабии шофеӣ дар мавриди мақоми имом Ризо (а), ки:

«افتی و هو شابٌ فی ایّام مالک بن انس» و یا «علی بن موسی الرضا من ائمّهٔ الامصار...»

ва баёни соири вижагиҳо дар бораи азамати он ҳазрат чунончи гузашт ин пурсиш матраҳ мешавад, ки чаро ҳеҷ як аз онҳо ҳатто як ривоят аз он ҳазрат нақл ва ё як пурсиши фиқҳӣ накарда ва асосан ҳеҷ иртиботе бо он бузургвор надоштаанд. Бинобар ин суханони аҳли суннат дар бораи шахсияти волои имом Ризо (а), ки дар ин дафтар мурур шуд ва мавозеъи уламои аҳли суннати он даврон дар баробари имом Ризо (а) чӣ маъно ва мафҳуме дорад? Чаро ин дугонагӣ байни мавозеъи уламои даврони имом Ризо (а) ва баъд аз он даврон вуҷуд дорад.

# Дафтари саввум

# Ривоят

Силсилатуззаҳаб вожаест, ки ёдовари вуруди таърихии имом Ризо (а) ба Нишобур ва истиқболи беназири мардум, ба вижа донишмандон ва муҳаддисини баноми аҳли суннат ва сабти он тавассути бист ҳазор котиб ва муҳаддис аст.

Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар таърихи худ менависад:

Имом Ризо (а) дар соли 200 ҳ вориди Нишобур шуд.[1]

Вай дар ин сол он воқеъаи таърихиро дар «Таърихи Нишобур» сабт кардааст.

## Таъйини маҳалли низоъ

Бояд донист, ки дар кутуби аҳли суннат ду ривояти мухталиф аз назари далолат, аммо муттаҳид аз лиҳози санад ба унвони ҳадиси силсилатуз заҳаб, ки аз имом Ризо (а) дар Нишобур содир шуда, мунъакис шудааст. Нахуст: **ҳадиси ҳисн**, дуввум**: ҳадиси имон**.

Нуктаи дигар ин ки афзун бар ҳадиси силсилатуззаҳаби ҳисн ва имон аҳодиси дигаре низ аз имом Ризо (а) нақл шуда, ки имом Ризо (а) онҳоро аз падарони бузургвораш нақл карда, вале матни он аҳодис бо ҳадиси ҳисн ва имон тафовут дорад. Ин гуна

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.199, ҳ.478, ба нақл аз«Таърихи Нишобур»

аҳодиси силсилатуззаҳаб бисёр буда ва зоҳиран равиши имом Ризо (а) ривоятул абно анил або буда, ки маҷмаъурривоётро ёрони имом Ризо (а) дар саҳифае ҷамъоварӣ карда буданд, чунон ки Самъонии шофеӣ мегӯяд«...يروى صحيفة عن آبائه» **саҳифае аз падаронаш нақл мекунад.** [1]«...و المشهور من رواياته الصحيفة»**аз ривоёти машҳураш саҳифа аст. Ин маҷмуъаро «Маснадурризо» низ меномиданд.**[2]

Ибни Шеруяи Дайламии шофеӣ ин саҳифаро саҳеҳ ва муътабар дониста ва дар маснади худ бахше аз онро зикр кардааст.[3] Бо ин ҳол мутаассифона бархе аз ровиён ин саҳифа ё маснадро бидуни далели қонеъкунандае тазъиф карда аҳодиси ононро беэътибор донистаанд.[4]

Дар ин дафтар барои иттилоъ ва огоҳии бештар аз инъикоси ин аҳодис дар кутуби аҳли суннат ибтидо ҳадиси силсилатуззаҳаби маъруф ва дидгоҳи бузургони аҳли суннат дар бораи ду ҳадиси ҳисн ва имон нақл ва он гоҳ ба соири аҳодисе, ки санаде ҳамонанди санади силсилатуззаҳаб доранд ишора хоҳад шуд.

## Котибони силсилатуззаҳаб

Теъдоди гузоришгарон ҷараёни бошукӯҳи имом Ризо дар

---

1. «Аалансоб», ҷ.2, саҳ.74-75, р.к: «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», ҷ.1, саҳ.238.
2. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.1, саҳ. 470 ва, ҷ.2, саҳ.306-407.
3. «Фирдавсул ахбор бимасурил хитоб», ҷ.1, саҳ.40.
4. Р.к: «Китобул маҷруҳин», ҷ.2, саҳ.106; «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.456; р.к: дафтари дуввум «Шахсият», саҳ.47.

Нишобурро даҳ ҳазор[1], бист ҳазор[2] ва сӣ ҳазор тан[3] низ гузориш кардаанд, ки ривояти бист ҳазор машҳур аст.

## Нахуст: ривояти «ҳисн».

**Матни ривоят:**

**Имом Ризо (а) фармуд: Падарам аз падараш имом Содиқ аз падараш имом Боқир, аз падараш имом Саҷҷод аз падараш имом Ҳусайн аз падараш имом Алӣ нақл кардаанд, ки Алӣ (а) фармуд: Паёмбар (с) фармуданд: «Ҷабраил арз кард аз Худои субҳон шунидам, ки фармуд: ҷумлаи ло илоҳа иллалоҳ диҷи ман аст ва ҳар ки онро бигӯяд, дар диҷ ва ҳисори ман дохил шуда ва аз азоб дар рӯзи қиёмат дар амон хоҳад буд».[4]**

## Ровиён

Ин ҷараёнро бузургони аҳли суннат гузориш кардаанд, ки ба тартиб аз муосирон бо имом (а) то даврони ҳозирро ёд хоҳем кард.

Гуфтанист, ки дар як нигоҳи иҷмолӣ, ки аз он даҳ ҳазор, бист ҳазор ё сӣ ҳазор ровӣ фақат ривояти панҷоҳ ровӣ аз қарни саввум то ҳоли ҳозир ба гунаҳои мухталиф боқӣ мондааст.

---

1. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.345.
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.243; «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.344; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.115; «Файзул қадир башарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор(а)», саҳ.236 ва «Асроруш шариъа ё алфатҳу раббонӣ вал файзир раҳмонӣ», саҳ.224 тамоми ин кутуб аз «Таърихи Нишобур» нақл кардаанд.
3. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.229.
4. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243.

**Қарни саввум**

Имом Ҷавод (а) (220ҳ)[1]

Муҳаммади ибни Амри Воқидӣ (207ҳ)[2]

Яҳё ибни Яҳё (226ҳ)[3]

Аҳмад ибни Ҳарби Нишобурӣ (234ҳ) [4]

Абосалт Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ (236ҳ) [5]

Исҳоқ ибни Роҳвайҳи Маривазӣ (238ҳ) [6]

Муҳаммад ибни Аслам Киндии Тусӣ (242ҳ) [7]

Муҳаммад ибни Рофеъи Қушайрӣ (245ҳ) [8]

Абузариъаи Розӣ (261ҳ) [9]

Аҳмад ибни Омири Тоӣ [10]

Аҳмад ибни Исои Алавӣ[11]

Аҳмад ибни Алӣ ибни Садақа[12]

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.189, ҳ.466 ва «Алитҳоф биҳуббил ашроф», ҷ.3, саҳ.147.
2. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315.
3. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.
4. Ҳамон ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315.
5. «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.122-123 ва 168.
6. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125 ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а) », саҳ.315.
7. Ҳамон.
8. Ҳамон.
9. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594-595; «Ахборуд дувал», саҳ.115; «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490 ва «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (с)», саҳ.236.
10. «Таъриху Димишқил кабир», ҷ.51, саҳ.253, ҳ.11473; р.к: «Канзул уммол фӣ сунанил ақвол вал афъол», ҷ.1, саҳ.52, ҳ.158 ва «Маснадул имоми Зайд», саҳ.439.
11. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.2, саҳ.213.
12. «Маснадуш шаҳоб», ҷ.72, саҳ.323, ҳ.1451.

## Қарни панҷум

Ҳокими Нишобурии шофеӣ (405ҳ) [1]

Аҳмад ибни Абдураҳмони шерозӣ (407 ё 411ҳ) [2]

Абунаими Исфаҳонии шофеӣ (430ҳ) [3]

Хузоъии шофеӣ (454ҳ) [4]

Шаҷарии Ҷурҷонии Ҳанафӣ (499ҳ) [5]

## Қарни шашум

Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолии шофеӣ (505ҳ) [6]

Ибни Шируяи Дайламии Шофеӣ (509ҳ) [7]

Замахшарии ҳанафӣ (538ҳ) [8]

Ибни Асокири Димишқии шофеӣ (571ҳ) [9]

Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ (598ҳ) [10]

---

1. «Таърихи Нишобур» ҳоким бино бар нақл: «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594-595; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.115; «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490 ва «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (с)», саҳ.236.
2. «Ҷомеъуссағир», саҳ.376, ҳ.6047 ва «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490 ба нақл аз: Шерозӣ, «Алалқоб» мутасифона ин китоб дар даст нист ва ба гуфтаи бархе, нусхаи хати ин китоб мавҷуд аст; Р.к: «Таърихи аттуросил арабӣ», ҷ.1, саҳ.376 ва «Сайрул аъломил нубало», ҷ.17, саҳ.242 ва мухтасари «Китобул Алалқоб» низ ба сарути хати вуҷуд дорад; Р.к: «Алфеҳрестуш шомил лит туросил арабиил исломиил махтут», «Алҳадисун набавиюш шарифу ва улумуҳу ва риҷолуҳу», ҷ.1, саҳ.63, шумораи 454 ва саҳ.233.
3. «Ҳилятул авлиё ва табақотул асфиё», ҷ.3, саҳ.191-192.
4. «Маснадуш шаҳоб», ҷ.2, саҳ.323, ҳ.1451.
5. «Аламолийил хамисия», ҷ.1, саҳ.15, ҳ.16.
6. «Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори мин заҳаб», ин китоб хати буда ва нусхаи он дар китобхони Муҳаммадия Ҳинд аст, р.к: «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», саҳ.237, ҳ.391.
7. «Фирдавсул ахбор бимасурил хитоб», ҷ.3, саҳ.211, ҳ.4458 ва ҷ.5, саҳ.351, ҳ.8138, р.к: «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.490.
8. «Рабиъул аброр ва нусусул ахбор», ҷ.2, саҳ.385, ҳ.227.
9. «Таърихи Димишқил кабир», ҷ.51, саҳ.252-253, ҳ.11472-11473, шумораи 5742.
10. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.

**Қарни ҳафтум**

Ибни Қудомии Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ) [1]

Рофеъии Қазвинии шофеӣ (623ҳ) [2]

Муҳаммад ибни Талҳии шофеӣ (652ҳ) [3]

Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ) [4]

**Қарни ҳаштум**

Ибни Манзури Африқӣ (711ҳ) [5]

Ҷувайнии шофеӣ (730ҳ) [6]

Заҳабии шофеӣ (748ҳ) [7]

Зарандии ҳанафӣ (757ҳ) [8]

Халифаи Нишобурии шофеӣ (қарни ҳаштум) [9]

**Қарни нуҳум:**

Муҳаммадхоҷаи Порсои Бухории ҳанафӣ (822ҳ) [10]

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ) [11]

---

1. «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», саҳ.133.
2. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.2, саҳ.213.
3. Гуфтанист Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ ин ривоятро дар китоби «Матолибус суул фӣ маноқиби олир расул (с)» зикр накарда ва мумкин онро дар китоби дигари худ ба номи «Зубдатул мақол фӣ фазоилил ол (с)» –ро оварда бошад, ки мутаассифона дар дастрас нест. Лизо ин сухан ба нақл аз Хунҷии Ҳанафӣ (дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а), саҳ. 227) оварда шудааст. Нигаред «Аҳли байт (а) фӣ мактабатил арабия», саҳ. 205, шумораи 346.
4. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)» , саҳ. 315.
5. «Мухтасари таърихи Димишқ», ҷ.20, саҳ.293.
6. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.189, ҳ.466.
7. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.390.
8. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.165-166.
9. Талхис ва тарҷумаи «Таърихи Нишобур», саҳ.131-132.
10. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» ба нақл аз: «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.168.
11. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339.

Ибни Саббоғи Моликӣ (755ҳ) [1]

**Қарни даҳум:**

Суютии шофеӣ (911ҳ) [2]

Самҳудии шофеӣ (911ҳ) [3]

Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ) [4]

Ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ (974ҳ) [5]

Муттақии ҳиндӣ (975ҳ) [6]

**Қарни ёздаҳум:**

Қармонии Димишқӣ (1019) [7]

Абдурдрауфи Манновии шофеӣ (1031) [8]

**Қарни дувоздаҳум:**

Ноблусии Димишқии ҳанафӣ (1143ҳ) [9]

Мирзомуҳаммадхони Бадахшии ҳиндии ҳанафӣ (қарни 12) [10]

**Қарни сенздаҳум:**

Забидии ҳанафӣ (1205ҳ) [11]

Қундузии ҳанафӣ (1294ҳ) [1]

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243.
2. «Алҷомеъус сағир мин ҳадисил баширил назир», саҳ.376, ҳ.6074.
3. «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.342-343.
4. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.227 ва «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.343-345.
5. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594-595.
6. «Канзул уммол фӣ сунанил ақвол вал афъол», ҷ.1, саҳ.52, ҳ.158.
7. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.115.
8. «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490.
9. «Асроруш шариъа билфатҳи раббонӣ вал файзир раҳмонӣ», саҳ.223-224.
10. «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.179.
11. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», ҷ.3, саҳ.147.

Шабланҷии шофеӣ (1298ҳ) [2]

**Қарни чаҳордаҳум ба баъд:**

Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350ҳ) [3]

Саидмуҳаммад Тоҳири Ҳошимии шофеӣ (1412) [4]

Шайх Аҳмади Тобеъии Мисрии шофеӣ [5]

Абдулазиз ибни Исҳоқи Бағдодии ҳанафӣ [6]

## Туруқи ривоят

Гарчи ҷараёни вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва ҳадиси «ҳисн» -ро беш аз даҳ ё бист ва ё сӣ ҳазор сабт ва забт кардаанд, вале мутаассифона ҳамонанди ҳадиси ғадир, ки ровиёни бисёре онро сабт карда буданд, ин ҳадис низ маҳҷур монда асноди он ба ҳар далеле мафқуд шудааст.

Ба ҳар ҳол маъруф аст ин ҳадисро Абосалт Абдусалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ аз имом Ризо (а) нақл карда, аз ин рӯ бархе тасаввур мекунанд бо тазъифи вай ҳадис аз эътибор соқит мешавад.

Дар посух бояд гуфт, аввалан чунончи хоҳад омад, бузургони риҷоли аҳли суннат бо Абосалт эътимод доранд, сониян афзун бар Абосалт афроди дигаре низ ин ҳадисро аз имом Ризо (а) нақл кардаанд, ки ба номи онҳо ва Абосалт ишора мешавад:

---

1. «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.122-123 ва 168.
2. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (с)», саҳ.236.
3. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157-159.
4. «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат», саҳ.202.
5. «Алэътисом биҳаблил ислом», саҳ.205-206.
6. «Маснадул имоми Зайд», саҳ.439-440.

1. Имом Ҷавод (а). Ҷувайнии шофеӣ[1] ва Забидии ҳанафӣ[2] бо санади худ онро аз имом Ҷавод (а) нақл мекунанд.

2. Абосалт Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ. Вай ходим ва мулозими имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) буда ва ин ҷараёни муҳим ва таърихиро бо тамоми ҷузъиёт нақл мекунад ва аксари қариб ба иттифоқи аҳли суннат низ ривояти Абосалтро бо тариқаҳои мухталиф нақл мекунанд.[3]

3. Аҳмад ибни Омири Тойӣ. Ибни Асокири Димишқии шофеӣ ба санади худ ин ҳадисро аз Аҳмад ибни Омири Тойӣ нақл мекунад.[4]

4. Аҳмад ибни Исои Алавӣ. Рофеъии Қазвинии шофеӣ ривояти мазбурро ба санади худ аз Аҳмад ибни Исои Алавӣ нақл мекунад.[5]

5. Аҳмад ибни Алӣ ибни Сиддиқа. Абуабдуллоҳ Муҳаммади ибни Саломати Қазоии шофеӣ ҳадиси ёдшударо ба санади худ аз Аҳмади ибни Алӣ ибни Садақа ривоят мекунад.[6]

6. Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ. Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ ин ривоятро аз тариқи Воқидӣ нақл мекунад.[7]

7. Абузуръаи Розӣ.

8. Муҳаммад ибни Асламии Тусӣ.

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.189, ҳ.466.
2. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», ҷ.3, саҳ.147.
3. «Янобеъул мавадддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.122-123 ва 168.
4. «Таъриху Димишқил кабир», ҷ.51, саҳ.253, ҳ.11473, р.к: «Канзул уммол фӣ сунанил ақвол вал афъол», ҷ.1, саҳ.52, ҳ.158 ва «Маснадул имоми Зайд», саҳ.439.
5. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.2, саҳ.213.
6. «Маснадуш шаҳоб», ҷ.72, саҳ.323, ҳ.1451.
7. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба ин муҳим тасреҳ мекунад.

9. Исҳоқ ибни Роҳвайҳи Марвазӣ.

10. Муҳаммад ибни Рофеъи Қушайрӣ.

11. Аҳмад ибни Ҳарби Нишобурӣ

Ин се мавридро ибни Ҷавзии ҳанбалӣ[1] ва Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ[2] аз тариқи Воқидӣ нақл мекунанд.

12. Яҳё ибни Яҳё.

Ин мавридро низ ибни Ҷавзии ҳанбалӣ[3] нақл мекунад.

**Огоҳ бошед ло илоҳа иллаллоҳ шуруте дорад ва ман аз шурути он ҳастам.**

Бо ин ки дар бештари кутуби аҳли суннат идомаи ҳадис ҳазф шуда, бархе аз мунсифини аҳли суннат монанди Хоҷа Порсои ҳанафӣ ва Қозии Беҳҷати Афандии шофеӣ идомаи ҳадисро, ки ишора ба мақоми волои имомат дорад, нақл кардаанд:

**Муҳаммадхоҷаи Порсои Бухории ҳанафӣ (822ҳ):**

**Аз Абосалт нақл аст, ки гуфт: ба ҳангоме, ки Алӣ мулаққаб ба Ризо Худо аз ӯ хушнуд бод, савор бар астаре хокистарии моил ба сиёҳ аз Нишобур хориҷ мешуд, ҳамроҳаш будам, ки дар ин ҳангом Аҳмад ибни Ҳарб ва Яҳё ибни Яҳё ва Исҳоқ ибни Роҳвайҳ ва теъдоде донишманд лагоми астарашро гирифтанд ва**

---

1. «Таърихи Нишобур» Ҳоким бино бар нақли: «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594-595; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.115; «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490 ва «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.236.
2. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
3. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.

**арза доштанд: Эй фарзанди расули Худо! Ба ҳаққи падарони покат, ҳадисе барои мо ривоят кун, ки онро аз падаронат шунидаӣ. Пас сари маркабашро аз хиргоҳ берун овард ва фармуд: Падарам Мӯсо аз падараш Ҷаъфар аз падараш Муҳаммад аз падараш Алӣ аз падараш Ҳусайн аз падараш Алӣ ибни Абитолиб аз расули Худо ривоят кард, ки фармуд: аз Ҷабраил шунидам, ки мегуфт: Аз Худованд шунидам, ки мефармуд: «Ба ростӣ, ки ман Худовандам, Худое ҷуз ман нест пас маро бипарастед. Ҳар ки бо шаҳодат ва гувоҳии мухлисона ба ло илоҳа иллаллоҳ биёяд дар диҷи ман ворид мешавад ва ҳар ки дар диҷам дохил шавад аз азобам дар амон мемонад». Ва дар ривояте чун корвон ҳаракат кард, ба мо фармуд: « Огоҳ бошед, шуруте дорад ва ман аз шурути он ҳастам. Гуфта шудааст: аз шурути калимаи ихлос, иқрор ба воҷиб будани итоат аз ӯст.**

**Қозии Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350ҳ)**[1]

Абосалт ибни Солеҳ мегӯяд: он гоҳ, ки имом аз Нишобур хориҷ гардид ман низ дар рикоби ӯ будам. Имом дар ҳоли азимат ба Хуросон бар астари сафед савор буд, ҷамъе аз донишварони Хуросон, аз ҷумла Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Аҳмад ибни Ҳарб, Яҳё ибни Яҳё ҳузури имом шарафёб гаштанд ва арз карданд: Эй фарзанди расули Худо бо баёни ривояте, ки аз обо ва оҷдоди покат шунидаӣ моро масрур ва мустафиз фармо. Ҳазрати Ризо дар муқобили пурсиши онон сари мубораки худро аз каҷова хориҷ сохт ва фармуд:

---

1. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб», бино бар нақли: «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.168.

**Маънои ин ҳадис, ки бо силсилаи имомат ба ҳазрати рисолатпаноҳ мерасад чунин аст: «Калимаи ло илоҳа иллалоҳ ҳисн ва ҳисори ман аст, ҳар кас, ки дохили ҳисни ман гардад аз азоби ман дар амон аст, вале бояд ба шурути калимаи тайиба низ амал намояд ва ман аз ҷумлаи он шурут ҳастам.»**[1]

## Дидгоҳи аҳли суннат дар бораи ривояти «ҳисн»

Дар мавриди ҳадиси ҳисн ду дидгоҳ матраҳ аст: бархе бо ин гумон, ки Абосалти Ҳаравӣ танҳо ровии ин ҳадис аст вайро тазъиф кардаанд ва дар натиҷа ҳадиси ҳиснро беэътибор ҷилва додаанд. Ин дар ҳолест, ки бузургон ва бисёре аз донишмандони аҳли суннат илова бар тавсиқи Абосалти Ҳаравӣ ҳадиси ҳиснро таъйид кардаанд ва суханони шигифтоваре дар бораи он бар забон ва қалам ҷорӣ кардаанд ва гурӯҳи дигар низ ин ҳадисро шифобахш донистаанд ва онро таҷриба кардаанд, ки ба ин суханон ишора мешавад.

### Мувофиқин

Ҳадиси ҳисн ё силсилатуззаҳаб аз маҳдуд аҳодисест, ки бузургони аҳли суннатро шигифтзада карда ва онҳоро ба эътирофот ва суханони дар таъйиди ин ҳадиси шариф водоштааст, ки ба бахше аз ин суханон ишора мешавад.

### Абосалти Ҳаравӣ (336ҳ):

1. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157-159.

Вай дар азамати ин ҳадис мегӯяд:

**Агар ин аснод бар девонае хонда шавад, ҳаройина оқил мешавад.**[1]

**Аҳмад ибни Ҳанбал (241ҳ):**

Вай яке аз пешвоёни фиқҳии аҳли суннат аст, мегӯяд:

**Агар ин аснодро ба девонае бихонанд, аз девонагиаш шифо меёбад.**[2]

Дар нақли дигар чунин омадааст:

لو قرىء هذا الإسناد على مجنون لأفاق؛ ٣

Ва ё дар нақли дигар :

لو قرىء هذا الإسناد على مجنون لبرىء من جنونه؛ ۴

Ва ё омада:

لو قرىء هذا الإسناد على مجنون لأفاق من جنونه؛ ۵

**Яҳё ибни Ҳусайни Ҳасанӣ (298ҳ):**

Вай дар бораи асноди саҳифаи имом Ризо (а) мегуфт:

**Агар ин аснод дар гуши девонае хонда шавад, ҳаройина оқил мешавад.**[6]

**Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ (430ҳ):**

Бо баёни ҷомеъ дар бораи ни ҳадис мегӯяд:

---

1. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
2. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595.
3. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.595.
4. «Аламолийил хамисия», ҷ.1, саҳ.15, ҳ.16.
5. Таълиқия бар «Маснадул имоми Зайд», саҳ.441 ва «Алэътисом биҳаблил ислом», саҳ.206.
6. «Рабиъулаброр ва нусусул ахбор», ҷ.4, саҳ.79, ҳ.346.

**Ин ҳадиси собити машҳурест, ки ба ин аснод аз инсонҳои пок аз падарони покашон ривоят шудааст ва баъзе аз муҳаддисони гузаштаамон ин аснодро ривоят мекард мегуфт: агар ин аснод бар девонае хонда шавад,**[1] ҳаройина оқил мешавад:

**Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозани Қушайрии шофеӣ (465ҳ):**

Вай дар мавриди ин ҳадис сухани шигифтангезе нақл мекунад, ки ба он ишора мешавад:

**Ин ҳадис бо ин силсила санад ба баъзе аз подшоҳони сомонӣ расид (Нуҳ ибни Мансур) вай дастур дод, ин ҳадис бо тилло навишта шавад ва васият кард, ҳангоми марг бо вай дар қабраш дафн гардад. Баъд аз маргаш вайро дар хоб диданд аз ӯ пурсиданд: Худованд бо ту чӣ кард? Дар посух гуфт: Худованд маро ба шаҳодати ло илоҳа иллалоҳ ва тасдиқи Муҳаммад расулуллоҳ бахшид.**[2]

**Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолии шофеӣ (505ҳ):**

Вай низ бо таъйиди ҳадиси силсилатуззаҳаб ба шарҳ ва

---

1. «Ҳилятул авлиё ва табақотул асфиё», ҷ.3, саҳ.192.
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.243; «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.334; «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.342; «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.229; «Ахборуд дувал», саҳ.115; «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.236 ва «Алэътисом биҳаблил ислом», саҳ.206.

тафсири он пардохтааст.[1]

**Дайламии шофеӣ (509ҳ):**

Вай ҳадиси ҳиснро саҳеҳ донista ва мегӯяд:

حديث ثابت[٢]

**Замхшарии ҳанафӣ (538ҳ):**

Вай дар азамати ҳадиси силсилатуззаҳаб сухани Яҳё ибни Ҳусайни Ҳасанӣ дар бораи асноди саҳифаи имом Ризо (а) ёдовар шуда, ки пайваста мегуфт:

**Агар ин аснод дар гӯши девона хонда шавад, ҳаройина оқил мешавад.**[3]

**Ибни Қудомаи Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ):**

**Яке аз донишварон гуфтааст: агар ин аснод бар девонае хонда шавад, шифо меёбад.**[4]

**Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ):**

Вай дар азамати ин ҳадис сухан аз ибни Қудомаи ҳанбалӣ мутазаккир шуда ва мегӯяд:

**Агар ин аснод бар девонае, хонда шавад ҳаройина оқил**

---

1. «Шарҳи ҳадиси силсилатуззаҳаб»; ин китоб хати буда ва нусхаи он дар китобхонаи муҳаммадя Ҳинд аст, р.к: «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», саҳ.237, шумораи .391.
2. «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490.
3. «Рабиъул аброр ва нусусул ахбор», ҷ.4, саҳ.79, ҳ.346.
4. «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», саҳ.133.

**мешавад.**[1]

**Зарандии ҳанафӣ (757ҳ):**

Вай низ дар азамати ҳадиси ҳисн мегӯяд:

**Парвардигоро! Моро дар рӯзи қиёмат аз азобат эмин бидор, ҳамоно фақат ту баландмартаба, ҷалил, бахшанда ва бузург ҳастӣ.**[2]

**Суютии шофеӣ (911ҳ):**

Вай ҳадиси ҳиснро саҳеҳ дониста мегӯяд:

حديث صحيح[3]

**Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ):**

Муҳаққиқон гуфтаанд: Ривояти ёдшуда бо ин санад агар ба девона хонда шавад, шифо хоҳад ёфт.[4]

Ҷои дигар мегӯяд:

**Он ҳадис, ҳадисе фавқулодда азимушаън ва исноде бисёр саҳеҳ ва олӣ дорад, то он ҷо, ки уламо ривоят кардаанд: яке аз муҳаддисон он ҳадисро дар маҷлиси яке аз салотини подшоҳони Бухоро қироат кард. Он подшоҳ аз муҳаддис дархост кард, ки ҳадисро бо он иснод барои ӯ бинависад ва васият кард, баъд аз вафот варақаеро, ки он ҳадис бар он навишта шуда, дар кафани**

1. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
2. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.166.
3. «Алҷомеъус сағир мин ҳадисил баширил назир», саҳ.376, ҳ.6074.
4. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.229.

**ӯ қарор диҳанд ва бо ӯ дар қабр ниҳанд.[1]**

**Абдулвосеъ ибни Яҳёи Восеъии Имонии ҳанафӣ:**

Вай низ мегӯяд:

**Месазад ин ривоят ба таври комил ба ҳамроҳи санади пайвастаи он, ки ба дудмони пок ва баландпояи набии акрам мерасад, бо тилло навишта шавад.[2]**

**Шифо ва баракати ҳадиси силсилатуззаҳаб**

То кунун иддаъо ва дидгоҳҳои бузургони аҳли суннат дар мавриди ин ҳадиси шариф баён шуд, аммо дар идома баён хоҳад шуд, ки баъзе аз аҳли суннат ба ин иддаъо (шифои маҷнун ва бемор) ҷомаи амал пушонида ва гуфтаанд, шифои бемор ба баракати ҳадиси силсилатуззаҳаб аз муҷарработ аст.

**Гузориши ибни Халакони шофеӣ (681ҳ):**

**Он гоҳ, ки бемории Абудулаф, ки дар он аз дунё рафт ба сабаби ҷилавгирии мардум назди ӯ шуд. Чанд рӯзе ба гунаи иттифоқӣ беҳбуд ёфт аз хидматгораш пурсид: чӣ касоне ба дидани ман омадаанд? Вай ҷавоб дод: даҳ нафар аз содоти Хуросон ба дидани шумо омадаанд ва чанд рӯзест, мунтазири мулоқоти шумо ҳастанд. Абудулафононро фаро хонд ва ба онҳо хушомад гуфт ва сабаби омадани онҳоро ҷӯё гашт. Гуфтанд: зиндагӣ бар мо сахт шуда буд, аз ҷуд ва бахшиши шумо бохабар шудем аз ин рӯ пеши шумо омадаем.**

---

1. Ҳамон ва «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.342.
2. «Маснадул имоми Зайд», саҳ.441.

**Абудулаф бист кисаи ҳазор динорӣ берун оварда ва ба ҳар як аз онон ду киса дод ва миқдоре пул ба унвони ҳазинаи роҳ низ ба ҳар кадом дод ва онҳоро хост ҳар як бо хати хеш номи худ ва падарашро бинависад то ба Алӣ ибни Абитолиб бирасад ва аз ҷиддаи худ Фотима духти набии акрам ёд кунад ва он гоҳ бинависад: Эй расули Худо! Зиндагӣ бар мо сахт шуда буд ба назди Абудулаф рафтем вай низ ду ҳазор динор ба мо кумак кард ба умеди ин ки шумо аз ӯ розӣ бошед ва вайро мавриди шафоати худ қарор диҳед. Онҳо низ ин ҷумалотро навиштанд ва Абудулаф навиштаҳоро гирифт ва ба мутаваллии кафн ва дафни худ суфориш кард он варақаҳоро дар кафани ӯ қарор дода то бо ҳамроҳи ин варақаҳо паёмбарро мулоқот ва ба ӯ нишон диҳад.[1]**

Самҳудии шофеӣ ин ҷараёнро шоҳид бар баракоти маънавӣ ва шифобахшии ҳадиси силсилатуззаҳаб донистааст ва тафсили онро зайли ривояти ҳисн нақл мекунад.[2]

**Гузориши Хунҷии ҳанафӣ (927ҳ):**

**... Аз ҷумлаи хавоси ин ҳадис он аст, ки агар ба сидқ онро бо аснод бар болини хастае хонанд, ки мушриф ба ҳалокат бошад, агар дар аҷали ӯ таъхир бошад, бедиранг асари сиҳат ба ӯ зоҳир хоҳад гашт ва ин фақир ҳадиси мазбурро дар бисёре аз хастагон хонда ва асари онро таҷриба кардаанд...[3]**

Ҷое дигар мегӯяд:

---

1. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.4, саҳ.77.
2. «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.346-347.
3. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.342.

**... ва ин фақир таҷриба кардаам, ки ба аёдати ҳар беморе, ки рафтам ва аҷали ӯ нарасида буд, ман ба сидқ ин аснодро бар ӯ хондам ҳақ ба ӯ дар рӯз шифо каромат фармуд, асари сиҳат бедиранг дар ӯ зоҳир гашт ва ин аз муҷарработи фақир аст.**[1]

### Мухолифин

Бархе ба гумони ин ки Абосалти Ҳаравӣ танҳо ровии ҳадиси силсилатуззаҳаби ҳисн аст, вайро тазъиф кардаанд ва аҳодиси нақлшуда тавассути вай, аз ҷумла ҳадиси ҳиснро беэътибор ҷилва додаанд, дар ҳоле, ки ин матлаб иддаое бедалел аст ва бузургони аҳли суннат ин иддаоро рад кардаанд, ки тафсили он дар баҳси ҷойгоҳи Абосалт дар назди аҳли суннат хоҳад омад.

## Дуввум: ривояти «имон»

### Матни ривоят

Ҳадиси силсилатуззаҳаб дар нақли дигаре бо далолати зер ин гуна омадааст:

**Ҳангоме, ки Алӣ ибни Мӯсарризо(а) савор бар астаре хокистарранг вориди Нишобур шуд уламои шаҳр аз ҷумла Яҳё ибни Яҳё, Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Аҳмад ибни Ҳарб, Муҳаммад ибни Рофеъ ба истиқболи имом омада ва ба маҳори маркаби имом чанг заданд. Сипас Исҳоқ хитоб ба имом арз кард ва гуфт: ба ҳаққи падару аҷдоди худ барои мо ҳадисе ривоят кун имом фармуд: имон, шинохти қалбӣ ва иқрори забонӣ ва амал ба**

1. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.229.

**дастурот аст.**[1]

# Ровиён

Дар як нигоҳи иҷмолӣ меёбем аз он даҳ ҳазор, бист ҳазор ва сӣ ҳазор ровӣ фақат ривояти 48 ровӣ аз қарни саввум то ҳоли ҳозир ба гунаҳои мухталиф боқӣ мондааст.

**Қарни саввум:**

Яҳё ибни Яҳё (226ҳ) [2]

Аҳмад ибни Ҳарби Нишобурӣ (234ҳ) [3]

Абдуссалом ибни Солеҳ, Абосалти Ҳаравӣ (236ҳ) [4]

Исҳоқ ибни Роҳвайҳи Марвазӣ (238ҳ) [5]

Муҳаммад ибни Аслами Киндии Тусӣ (242ҳ) [6]

Муҳаммад ибни Рофеъи Қушайрӣ (245ҳ) [7]

Абузуръаи Розӣ (261) [8]

Ибни Моҷаи Қазвинӣ (275) [9]

Муҳаммад ибни Саҳл ибни Омири Баҷаллӣ [10]

---

1. «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.25, ҳ.65, бобул имон ва р.к: «Кашфул хифо ва музилул албос аммо иштаҳара минал аҳодиси ало алсинатин нос», ҷ.1, саҳ.22 ва «Танзиҳу шариъатил марфуъати анил ахборил шаниъатил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.152.
2. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.
3. Ҳамон ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
4. «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076.
5. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125 ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
6. «Шуъабул имон», ҷ.1, саҳ.48, ҳ.17 ва «Алэътиқод вал ҳидоя ило сабилир рашод», саҳ.180.
7. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125 ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
8. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.164.
9. «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.25, ҳ.65, бобул имон.
10. «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076.

Муҳаммад ибни Зиёди Суламӣ [1]

Довуд ибни Сулаймони Қазвинӣ

Алӣ ибни Азҳари Сарахсӣ

Ҳайсам ибни Абдуллоҳ[2]

Аҳмад ибни Аббоси Санъонӣ [3]

Аҳмад ибни Омири Тойӣ [4]

**Қарни чорум:**

Дулобии ҳанафӣ (310ҳ) [5]

Абубакри Аҷрии шофеӣ (360ҳ) [6]

Табаронии Ҳанбалӣ (306ҳ) [7]

Доруқутнии шофеӣ (385ҳ) [8]

**Қарни панҷум:**

Ибни Мардуяи Исфаҳонӣ (410ҳ) [9]

Мансури ибни Ҳусайни Обӣ (421) [10]

Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ (430ҳ) [11]

Байҳақии шофеӣ (458ҳ) [12]

Хатиби Бағдодии шофеӣ (463ҳ) [1]

---

1. Ҳамон.
2. Ҳар се маврид дар: «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.2, саҳ.342.
3. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.1, саҳ.198.
4. «Алкашфул ҳасис», саҳ.49-220.
5. «Алкинӣ вал асмо», ҷ.1, саҳ.478-479, ҳ.1698.
6. «Аларбаъину ҳадисан», саҳ.47, ҳ.12.
7. «Алмӯъҷамул авсат», ҷ.4, саҳ.363, ҳ.6254, ҷ.6, саҳ.222, ҳ.8580.
8. «Алмуъталаф вал мухталиф», ҷ.2, саҳ.1115.
9. «Аддуррул мансур фӣ тафсири бил маъсур», ҷ.6, саҳ.100.
10. «Насруд дурар», ҷ.2, саҳ.362.
11. «Таъриху Исбаҳон (Зикри ахбори Исбаҳон)», ҷ.1, саҳ.174, шумораи 173.
12. «Шуъабул имон», ҷ.1, саҳ.47-48, ҳ.16-17.

Шаҷарии Ҷурҷонии ҳанафӣ (499ҳ) [2]

## Қарни шашум:

Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолии шофеӣ (505ҳ) [3]

Ибни Шеруяи Дайламии шофеӣ (509ҳ) [4]

Ибни Асокири Димишқии шофеӣ (571ҳ) [5]

Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ (597ҳ) [6]

## Қарни ҳафтум:

Ибни Қудомаи Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ) [7]

Рофеъии Қазвинии шофеӣ (623ҳ) [8]

Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ) [9]

Ибни Абилҳадиди Муътазилии шофеӣ (656ҳ) [10]

Мусаллии шофеӣ (606ҳ) [11]

## Қарни ҳаштум:

Ибни Мунзири Африқӣ (711ҳ) [12]

Маззии шофеӣ (742ҳ) [1]

---

1. «Таъриху Бағдод», ҷ.1, саҳ.255-256, ҷ.9, саҳ.385-386, ҷ.11, саҳ.47.
2. «Аламолиюл хамсия», ҷ.1, саҳ.13, ҳ.6, саҳ.14-15, ҳ.15.
3. «Шарҳи ҳадиси силсилатуззаҳаб»; ин китоб хати буда ва нусхаи он дар китобхонаи муҳаммадя Ҳинд аст, р.к: «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», саҳ.237, шумораи .391.
4. «Фирдавсул ахбор бимасурил хитоб», ҷ.1, саҳ.148, ҳ.371.
5. «Таъриху Димишқил кабир», ҷ.46, саҳ.126-127, ҳ.10066, шумораи 5136.
6. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.
7. «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», саҳ.133.
8. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.1, саҳ.167-168 ва 462.
9. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
10. «Шарҳи Наҳҷул балоға», ҷ.19, саҳ.51, ҳикмати, 223.
11. «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.394.
12. «Мухтасари таърихи Димишқ», ҷ.18, саҳ.159, рақами 78.

Заҳабии шофеӣ (748ҳ) [2]

Зарандии ҳанафӣ (757ҳ) [3]

Сафадии шофеӣ (764ҳ) [4]

**Қарни нуҳум:**

Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷазарии шофеӣ (833ҳ) [5]

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ) [6]

Абдурраҳмони Сафурии шофеӣ (894ҳ) [7]

**Қарни даҳум:**

Самҳудии шофеӣ (911ҳ) [8]

Суютии шофеӣ (911ҳ) [9]

Ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ (974ҳ) [10]

Митқии Ҳиндӣ (975ҳ) [11]

**Қарни ёздаҳум:**

Абдуррауфи Манновии шофеӣ (1031ҳ) [1]

---

1. «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076 ва р.к: «Мисбоҳуз зуҷоҷа фӣ завоиди Сунан Ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.121-122, ҳ.23.
2. «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асомир риҷол», ҷ.6, саҳ.92, шумораи 4097 ва «Сайрул аъломил нубало», ҷ.15, саҳ.400.
3. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.163.
4. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.250.
5. «Асноал матолиб фӣ маноқиби сайидино Алӣ ибни Абитолиб (к)», саҳ.122-126.
6. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286, шумораи 619 ва «Нактул зароф алал атроф», ки дар зимн «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076, чоп шуда аст.
7. «Нузҳатул маҷолис ва мунтахабун нафоис», ҷ.1, саҳ.23.
8. «Ҷавоҳирул aқдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.345-346.
9. «Алҷомеъус сағир мин ҳадисил баширил назир», саҳ.185, ҳ.3094 ва 3095 ва «Аддуррул мансур фӣ тафсири бил маъсур», ҷ.6, саҳ.100.
10. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595.
11. «Канзул уммол фӣ сунанил aқвол вал афъол», ҷ.1, саҳ.273-274, ҳ.1361-1362.

**Қарни дувоздаҳум:**

Мирзомуҳаммадхони Бадахшии Ҳиндии ҳанафӣ [2]

**Қарни сенздаҳум ба баъд:**

Қундузии ҳанафӣ (1294ҳ) [3]

Муҳаммад ибни Юсуфи Ҳафсии Адвӣ (1332ҳ) [4]

Саидмуҳаммад Тоҳири Ҳошимии шофеӣ (1412ҳ) [5]

Абдулазиз ибни Исҳоқи Бағдодии ҳанафӣ [6]

## Туруқи ривоят

Ҳамон гуна, ки баён шуд, бархе ба ин тасаввур, ки ҳадиси имонро танҳо Абосалти Ҳаравӣ нақл карда вайро мавриди таън ва заъф қарор додаанд, то бад-ин васила ривоятро аз дараҷаи эътибор соқит кунанд, аммо чунончи гузашт, шахсияти Абосалт назди уқало ва мунсифини аҳли суннат волотар ва болотар аз ин туҳматҳо мебошад. Ҳамчунин бар хилофи Табаронии ҳанбалӣ, ки муддаъӣ шуда, ҳадиси имонро танҳо Абосалт аз Алӣ ибни Мӯсарризо(а) нақл кардааст.[7] Баёни ин нукта зарурист, ки ҳадиси имон мунҳасир ба Абосалт нест, балки ба шаҳодати Доруқутнии шофеӣ, ибни Удай, Ҷурҷонии шофеӣ[8], Рофеъии

---

1. «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.3, саҳ.185.
2. «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.180.
3. «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.123-124.
4. «Ҷомеъуш шумул фӣ ҳадиси хотамир расул», ҷ.1, саҳ.30.
5. «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат», саҳ.202.
6. «Маснадул имоми Зайд», саҳ.443.
7. »«Алмӯъҷамул авсат», ҷ.4, саҳ.364, ҳ.6254, Ҳамон, ҷ.6, саҳ.222, ҳ.8580.
8. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.2, саҳ.342.

Қазвинии шофеӣ[1] ва Маззии шофеӣ[2] аз ин ҳадиси шариф асноди асноди мутааддиде дорад.

Доруқутнии шофеӣ дар бораи аснод ва туруқи ҳадиси имон аз имом Ризо (а) бо камоли инсоф мегӯяд:

**Дар нусхаҳои фаровоне, ки аз он назди мо ҳаст ба ҳамин аснод аст.**[3]

Дар ин ҷо ба бархе аз ин руввот ва туруқ ишора хоҳад шуд:

1.Абдуссалом ибни Солеҳи Абосалти Ҳаравӣ

2.Муҳаммад ибни Саҳл ибни Омири Баҷалӣ

3.Муҳаммад ибни Зиёди Суламӣ

Маззии шофеӣ баъд аз нақли ривояти Абосалт тавассути ибни Моҷа мегӯяд:

**Муҳаммад ибни Саҳл ибни Омири Баҷалӣ ва Муҳаммад ибни Зиёди Сулмӣ ба дунболи ӯ аз Алӣ ибни Мӯсарризо нақл кардаанд.**[4]

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ низ дар таъйиди ҳадиси имон тариқи дигареро ғайр аз имом Ризо (а), балки аз имом Козим (а) низ ироа додааст.[5]

Маззии шофеӣ ҷои дигар дар дифоъ аз Абосалт мегӯяд:

**Ибни Моҷа ин ҳадисро нақл карда ва санади он бисёр**

---

1. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.1, саҳ.167-168 ва 462.
2. «Туҳфатул ашроф», ҷ.2, саҳ.366, ҳ.10076.
3. «Алмуъталаф вал мухталиф», ҷ.2, саҳ.1115.
4. «Туҳфатул ашроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076.
5. Ҳамон.

**олист. Онро аз Муҳаммад ибни Исмоили Аҳмасӣ ва Саҳл ибни Занҷалаи Розӣ аз Абосалт нақл карда, ки бо ду дараҷа барои мо собит шудааст**.

Дар идома, ду тариқи дигарро низ, ки аз имом Козим ва имом Содиқ(а) дар бораи имон нақл шуда, дар таъйиди сухани Абосалт зикр мекунад:

**Ҳасан ибни Алии Ҳамимии Табаристонӣ дар ин маврид аз Муҳаммади ибни Сиддиқа аз Мӯсо ибни Ҷаъфар пайравӣ кардааст ва Аҳмад ибни Исо ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиби Алавӣ дар ин маврид аз Ибод ибни Суҳайб аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад пайравӣ кардааст.**[1]

4.Муҳаммад ибни Аслами Киндии Тусӣ

Байҳақии шофеӣ низ ин ривоятро ба санади худ аз Муҳаммад ибни Аслами Киндӣ нақл мекунад.[2]

5.Довуд ибни Сулаймони Қазвинӣ

6.Алӣ ибни Азҳари Сарахсӣ

7.Ҳайсам ибни Абдуллоҳ

Ибни Адии Ҷурҷонии шофеӣ дар шарҳи ҳоли «Ҳасан ибни Алӣ ибни Солеҳи Адавии Басрӣ» замоне, ки ба ҳадиси имон мерасад, мегӯяд:

**Ин ҳадисро Абосалт ва Довуд ибни Сулаймон Ғозии Қазвинӣ ва Алӣ ибни Азҳари Сарахсӣ ва дигарон аз имом Ризо**

---

1. «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.465, шумораи 4003.
2. «Шуъабул имон», ҷ.1, саҳ.48, ҳ.17 ва «Алэътиқод вал ҳидоя ило сабилир рашод», саҳ.180.

**(а) нақл кардаанд ва инон аз Ҳайсам ибни Абдуллоҳ, ки Адвӣ аз ӯ ривоят карда, машҳуртаранд.**[1]

8.Аҳмад ибни Аббоси Санъонӣ

Ибни Адии Ҷурҷонии шофеӣ ба тариқи вай ишора мекунад.[2]

9.Аҳмад ибни Омири Тоӣ.

Абулвафои Ҳалабӣ дар китоби худ ба ин тариқ ишора мекунад.[3]

10.Исҳоқ ибни Роҳвайҳ

11.Муҳаммад ибни Рофеъ

12.Аҳмад ибни Ҳарб [4]

13. Яҳё ибни Яҳё [5]

14. Абузуръаи Розӣ [6]

Ин чаҳордаҳ нафар ровиёне ҳастанд, ки мустақиман ҳадиси имонро аз имом Ризо (а) нақл кардаанд.

Ногуфта намонад, ки ҳадиси имон аз имом Козим (а), имом Содиқ (а) ва соири саҳоба ва тобеъин низ бо ҳамин мазмун нақл шудааст, ки натанҳо нишони ҷаълӣ набудани ҳадиси имон ва таассубварзии иддае дар тазъифи бедалели ривоят ва ровиёни ҳадиси имон мебошад, балки нишони сиҳат ва суқми ин ҳадиси шариф аст.

1.Муҳаммад ибн Сиддиқаи Анварӣ

---

1. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.2, саҳ.342.
2. Ҳамон, ҷ.1, саҳ.198.
3. «Алкашфул ҳасис», саҳ.49-220.
4. Ҳар се маврид дар: «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.225 ва «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
5. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ҷ.6, саҳ.125.
6. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.164.

Маззии шофеӣ мегуяд: вай ҳадиси имонро аз имом Козим (а) нақл кардааст. [1]

2.Аббод ибни Суҳайб:

Маззии шофеӣ мегӯяд: Аббод ҳадиси имонро аз имом Содиқ (а) нақл кардааст. [2]

3.Молик ибни Анас

4.Ҳаммод ибни Зайд

5Аҳмад ибни Абихийсама

6.Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал

Муҳаммад ибни Муҳаммади Хазарии шофеӣ дар таъйиди ривояти имон ва ҷаълӣ набудани он чаҳор тариқ ба ғайр аз имом Ризо (а)-ро нақл мекунад ва албатта ба ин чаҳор нафар низ басанда накарда ва гӯё ҳадисро мутавотир диниста бошад, мегӯяд:

«و روى جماعة»[٣]

7.Алӣ ибни Ғуроб

Суютии шофеӣ низ дар дифоъ аз ин ҳадис тариқи Алӣ ибни Ғуробро нақл мекунад. [4]

8.Абуфатода Ҳорис ибни Рибъии Ансории Саҳобӣ

9.Оиша

Ин ду тариқро Кинонии шофеӣ нақл карда ва сиҳати ҳадиси имонро собит менамояд.[5]

---

1. «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.465, шумораи 4003.
2. Ҳамон ва р.к: «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076.
3. «Асноал матолиб фӣ маноқиби сайидино Алӣ ибни Абитолиб (к)», саҳ.122-126.
4. «Аллаъолил маснуъати фил аҳодисил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.38.
5. «Танзиҳу шариъатил марфуъати анил ахборил шаниъатил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.152.

# Дидгоҳи аҳли суннат дар бораи ривояти «имон»

Дар мавриди ҳадиси имон ду дидгоҳ матраҳ шудааст:

Бархе бар ин тасаввур, ки ҳадиси мазбурро фақат Абосалти Ҳаравӣ нақл карда, ба тазъифи шахсияти вай пардохта ва дар беэътибор кардани ровӣ ва ривояти имон кушидаанд, аммо чунончи хоҳад омад, аввалан тазъифи Абосалт иддаъое бедалел ва талоше бенатиҷа аст, зеро ба эътирофи бузургони аҳли суннат вай шахсе мавриди эътимод ва ростгӯ аст.

Сониян, ривояти имонро фақат Абосалт нақл накарда, балки афроди дигаре низ ин ҳадисро аз имом Ризо (а) нақл кардаанд.

Дар муқобил бисёре аз уламои аҳли суннат бо дифоъ аз шахсияти Абосалти Ҳаравӣ ин ҳадисро ҳамонанди ҳадиси ҳисн тақвият карда ва ба ровӣ ва ривоят эътибор ва арзиши тозае бахшидаанд ва ҷамъи дигар силсилаи санади ин ҳадисро шифобахш methodology донистa ва бархе дигар шифобахшии онро таҷриба кардаанд.

## Мувофиқин

Дар ин дидгоҳ, ду гуна таъйид аз бузургони аҳли суннат гузориш шудааст; аввал: таъйидот ва изҳори назарҳо дар бораи ҳадиси имон, дуввум: таъйидоти амалӣ, касоне, ки илова бар изҳори назар дар бораи азамати ҳадиси имон ва шифобахш донистани он, шифобахшии онро таҷриба кардаанд. Монанди

Абуҳотами Розии шофеӣ, ки муддаъӣ аст Аҳмад ибни Ҳанбал чунин карда ва мариз бо ҳадиси силсилатуззаҳаб шифо ёфтааст.

**Муҳаммад ибни Идриси шофеӣ (204ҳ):**

Шофеӣ, яке аз пешвоёни фиқҳии аҳли суннат, ин ҳадисро пазируфта ва онро шарҳ додааст. [1]

**Абдуллоҳ ибни Тоҳир (230ҳ):**

Вай фармонравои Хуросон, Ҷурҷон (Гургон), Рай ва Табаристон (Мозандарон) буд. [2]

Писари адиб ва шоири ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ мегӯяд: рӯзе канори падарам истода будам Аҳмад ибни Ҳанбал, Исҳоқ ибни Роҳвайҳ ва Абосалти Ҳаравӣ низ дар ҷамъи мо ҳузур доштанд, падарам гуфт: « Ҳар як аз шумо ҳадисеро бароям нақл кунед». Абосалт низ нақли ҳадиси имонро бо санади силсилатуззаҳаб оғоз ва онро қироат кард.

Муҳаммад ибни Абдуллоҳ мегӯяд: бархе ҳозирон бо изҳори шигифтӣ аз ин силсилаи санад гуфтанд:

**Ин чӣ асноде аст?**

Падарам дар посух гуфт:[3]

**Ин аснод доруи девонагон аст, ки ҳар гоҳ девонае ин доруро ба кор барад, шифо ёбад ва оқил шавад.**

Зоҳиран фарди шигифтзада Аҳмад ибни Ҳанбал аст, зеро

---

1. «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», саҳ.164.
2. «Таърихи Бағдод», ҷ.9, саҳ.483-488, шумораи 5114.
3. Ҳамон, ҷ.5, саҳ.418-419, шумораи 2932.

дар ҷараёни вуруди имом Ризо(а) ба Нишобур чунин силсилаи санадеро Исҳоқ ибни Роҳвайҳ шунида буд. Аз ин рӯ, шигифтии вай маъно надошт.

**Абосалти Ҳаравӣ (236ҳ):**

Абосалт мегӯяд:

**Агар ин аснод бар девона хонда шавад, шифо ёбад.**[1]

Аҳмад ибни Ҳанбал (241ҳ):

Вай, ки яке аз пешвоёни фиқҳии аҳли суннат аст, мегӯяд:

**Агар ин аснодро бар маҷнун бихонанд аз ҷунунаш шифо меёбад. Гуфта шуда: Ӯ бар масруъ ва фуруғаш хонд ва шифо ёфт.**[2]

**Агар ин ривоятро бо ин санад бар бемори дорои ҷунун бихонанд, беҳбуд хоҳад ёфт.**[3]

**Ибни Моҷаи Қазвинӣ (275ҳ):**

Дар мавриди ин ҳадис низ ибни Моҷа ба нақл аз Абосалт мегӯяд:

**Агар ин аснод бар девона хонда шавад, шифо ёбад.**[4]

**Абуҳотами Розии шофеӣ (277ҳ):**

Абдурраҳмон ибни Абиҳотам ба нақл аз падараш Абуҳотам

---

1. «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.25.
2. «Нузҳатул маҷолис ва мунтахабун нафоис», ҷ.1, саҳ.23.
3. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595; «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.346 ва «Насруд дурар», ҷ.1, саҳ.362.
4. «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.25.

мегӯяд:

**Ҳамоно Аҳмад ибни Ҳанбал ин аснодро бар девонае хонд ва шифо гирифт.**[1]

**Яҳё ибни Ҳусайни Ҳасанӣ (298ҳ):**

Вай дар бораи асноди саҳифаи имом Ризо (а) пайваста мегуфт:

**Агар ин аснод бар гӯши девона хонда шавад, шифо ёбад.**[2]

**Абубакр Муҳаммад ибни Ҳусайни Аҷрии шофеӣ (360ҳ):**

**Ин ҳадис аз дидгоҳи фуқаҳои пешин ва ҷадиди мусалмонон яке аз усули муҳим ва бузург дар имон ба шумор меравад ва бо Қуръон мутобиқати комил дорад ва ғайр аз инсонҳои хабис, тардшуда ва бедин, касе бо ин ривоят мухолифат намеварзад ва ман ин матолибро рушан месозам, то ҳамаи касоне, ки дар он менигаранд аз он огоҳ шаванд ва панде барои муъминон бошад.**[3]

Вай бо баёни мувофиқати он бо китоб ва суннат сиҳати ин ҳадисро таъйид мекунад.

**Дориқутнии шофеӣ (385ҳ):**

Гарчи ба вай нисбат додаанд, ки мухолифи Абосалт аст, асли ривоятро пазируфта ва пас аз нақли ҳадиси имон мегӯяд:

**Ин ривоят дар кутуби бисёре аз уламои мо аз тариқи**

---

1. «Насруд дурар», ҷ.1, саҳ.363 ва «Ҷомеъуш шумул фӣ ҳадиси хотамир расул», ҷ.1, саҳ.30.
2. «Рабиъул аброр ва нусусул ахбор», ҷ.4, саҳ.79, ҳ.346.
3. «Аларбаъину ҳадисан», саҳ.47, ҳ.12.

**Абосалт нақл шудааст.**[1]

**Мансур ибни Ҳусайни Обӣ (421ҳ):**

Вай дар азамати ин ҳадис сухани Аҳмад ибни Ҳанбал ва Абуҳотами Розии шофеиро мутазаккир мешавад. [2]

**Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ (430ҳ):**

Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ низ сухани шигифтеро аз Аҳмад ибни Ҳанбал дар бораи ин ҳадис нақл карда ва мегӯяд: Абуалӣ Аҳмад ибни Алии Ансорӣ ба ман гуфт:

**Аҳмад ибни Ҳанбал ба ман гуфт: Агар ин аснодро ба девонае бихонӣ, аз девонагиаш раҳоӣ меёбад ва танҳо айби ин ҳадис некӯии аснодаш аст!**[3]

**Байҳақии шофеӣ (458ҳ):**

Вай ҳадиси имонро нақл ва онро қабул карда ва барои исботи сиҳати ин ҳадис аз соири аҳодиси набавӣ (с) низ баҳра ҷустааст.[4]

**Шаҷарии Ҷурҷонии ҳанафӣ (499ҳ):**

Шаҷарии Ҷурҷонӣ низ ба санади худ аз Абуҳотам, аз Абдуссалом Абосалт нақл мекунад, ки вай гуфт:

هذا إسنادٌ لو قرىء فى اذن مجنونٍ لبرىء.[5]

---

1. «Алмуъталаф вал мухталиф», ҷ.2, саҳ.1115.
2. «Насруд дурар», ҷ.1, саҳ.362.
3. «Таъриху Исбаҳон (Зикри ахбори Исбаҳон)», ҷ.1, саҳ.174, шумораи 173.
4. «Шуъабул имон», ҷ.1, саҳ.47-48, ҳ.16-17.
5. «Аламолиюл хамсия», ҷ.1, саҳ.13, ҳ.7.

**Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолии шофеӣ (505х̣):**

Вай низ бо таъйиди ҳадиси силсилатуззаҳаб ба шарҳ ва тафсири он пардохтааст. [1]

**Замахшарии ҳанафӣ (538ҳ):**

Вай дар азамати ҳадиси силсилатуззаҳаб сухани Яҳё ибни Ҳусайни Ҳасанӣ дар бораи асноди «Саҳифаи имом Ризо (а)»-ро ёдовар шуда, ки пайваста мегуфт:

**Агар ин аснод дар гӯши девонае хонда шавад, шифо меёбад.[2]**

**Ибни Қудомии Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ):**

**Баъзе аз донишварон чунин гуфтаанд: агар ин аснод бар девона хонда шавад, шифо меёбад.[3]**

**Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ):**

Вай дар азамати ин ҳадис сухани ибни Қудомии ҳанбалиро мутазаккир шуда ва мегӯяд:

لو قرىء هذا الإسناد على مجنون لبرىء. ۴

**Ҷамолуддин Маззии шофеӣ (742ҳ):**

**Ибни Моҷа ин ҳадисро нақл карда ва санади он бисёр олӣ ва барои мо собит аст.[5]**

---

1. «Шарҳи ҳадиси силсилатуззаҳаб»; ин китоб хати буда ва нусхаи он дар китобхонаи муҳаммадия Ҳинд аст, р.к: «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», саҳ.237, шумораи 391.
2. «Рабиъул аброр ва нусусул ахбор», ҷ.4, саҳ.79, ҳ.346.
3. «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», саҳ.133.
4. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.315.
5. «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.465, шумораи 4003.

Ва он гоҳ ба нақли соири аснод ва туруқи ин ривоят мепардозад.

**Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ):**

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ низ дар таъйиди ҳадиси имон тариқи дигареро ғайр аз имом Ризо (а), балки аз имом Козим (а) низ ироа додааст. [1]

**Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷазарии шофеӣ (833ҳ):**

**Ин ҳадис аз назари лафз ва маънӣ бидуни мушкил аст ва риҷоли санад низ ҳамагӣ мавриди эътимоданд ҷуз Абосалт ходими имом Ризо (а), ки баъзе бо вуҷуди шоистагиаш ӯро тазъиф кардаанд... ба ҳар ҳол ин ҳадис бо таваҷҷуҳ ба ин ки санадаш бо расидани он ба яке аз фарзандони поки хонадони паёмбар ривояте саҳеҳ ё ҳасан ё солеҳ ва қобили эҳтиҷоҷ аст.**[2]

**Абдурраҳмон Сафурии шофеӣ (894ҳ):**

Вай дар азамати ин ҳадис сухани Аҳмад ибни Ҳанбал ва Абуҳотами Розии шофеиро мутазаккир мешавад. [3]

**Суютии шофеӣ (911ҳ):**

Вай дар тақвияти ҳадиси мавриди баҳс мегӯяд:

و الحقّ أنّه ليس بموضوع ...؛ [۴]

Вай дар таъйиди ин ҳадис туруқи дигаре низ барои ин ҳадис

---

1. «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф», ҷ.7, саҳ.366, ҳ.10076.
2. «Асноал матолиб фӣ маноқиби сайидино Алӣ ибни Абитолиб (к)», саҳ.122-126.
3. «Нузҳатул маҷолис ва мунтахабун нафоис», ҷ.1, саҳ.23.
4. «Шарҳи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.52.

зикр мекунад.[1]

Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Кинонии шофеӣ (963ҳ):

Вай дар ду марҳила сиҳати ин ривоятро исбот мекунад: нахуст шахсияти Абосалтро тақвият ва аз ин тариқи санад, ҳадисро маҳкам мекунад.

Дар марҳилаи дуввум барои муҳтавои ҳадиси ҳисн ва имон ду шоҳид иқома мекунад, то ҷое барои ишколоти дигар боқӣ намонад. Вай мегӯяд:

Ин ривоят ду шоҳид дорад:

**Абуқаттода мегӯяд: Ҳар ки ба ягонагии Худо ва рисолати паёмбар шаҳодат диҳад ва аз самими дил ягонагии Худо ва рисолати паёмбарро пазируфта бошад, оташи ҷаҳаннам ӯро намесӯзонад. Байҳақӣ онро дар «Шуъбал имон» ривоят кардааст.**

**Оиша мегӯяд: Имон яъне иқрор ба забон ва тасдиқи қалбӣ ва амал кардан бо аъзо ва ҷавореҳ. Онро Дайламӣ ва Шерозӣ дар «Алалқоб» нақл кардаанд.[2]**

**Абулҳасани Синдии ҳанафӣ (1138ҳ):**

Вай, ки худ аз шореҳони «Саҳеҳи бухорӣ» ва «Сунан»-и ибни Моҷа аст, дар таъйиди ин ривоят суханони бузургони аҳли суннатро ёдовар мешавад ва аз шахсияти ривоии Абосалт дифоъ мекунад ва ба нақл аз Суютии шофеӣ дар тақвияти ҳадиси мавриди баҳс мегӯяд:

---

1. «Аллаъолил маснуъати фил аҳодисил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.37-38.
2. «Танзиҳу шариъатил марфуъати анил ахборил шаниъатил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.152.

**Ҳақ он аст, ки ин ҳадис ҷаълӣ ва сохтагӣ нест.**[1]

**Иҷлунии шофеӣ (1162ҳ):**

Ӯ дар радди сухани ибни Ҷавзии Ҳанбалӣ мабнӣ бар ҷаълӣ будани ин ҳадис ва дар дифоъ аз шахсияти Абосалт суханоне мегӯяд ва дар таъйиди ин ривоят баён медорад:

**Аз нукоти ҷолиб ва зариф ва латифи ин аснод ривоят фарзандон аз падарон дар тамоми силсилаи санад аст.**[2]

Бо таваҷҷуҳ ба суханон ва таъйидоти бузургони аҳли суннат сухани Суютии шофеӣ онҷо, ки гуфта: **و الحق أنه ليس بموضوعٍ**[3] комилан маъно шуда ва натанҳо бепоя ва асос будани сухани ибни Ҷавзии ҳанбалӣ ва бархе дигар мабнӣ бар ҷаълӣ будани ҳадиси имон возеҳ мегардад, балки метавон гуфт: ин ҳадис қатъан аз имом Ризо (а) содир шудааст.

**Қундузии ҳанафӣ (1294ҳ):**

Вай низ бо нақли ривояти ибни Моҷа ва каломи Абосалт дар бораи он, ҳадиси имонро таъйид мекунад.[4]

**Муҳаммад Фуоди Абдулбоқии ҳанафӣ:**

Вай низ дар таълиқаи худ ба «Сунан»-и ибни Моҷа зайли ҳадиси мазкур бо такрори ҷумлаи Абосалт онро таъйид карда ва

---

1. «Шарҳи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.52.
2. «Кашфул хифо ва музилул албос аммо иштаҳара минал аҳодиси ало алсинатин нос», ҷ.1, саҳ.22.
3. «Шарҳи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.52.
4. «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.123-124.

мегӯяд:

**Ҳаройина аз ҷунунаш шифо меёбад, ба хотири бандагони неке, ки дар ин аснод қарор доранд ва онон усораи аҳли байти паёмбаранд. Худованд аз онон хушнуд бод.**[1]

**Доктор Форуқи Ҳамода:**

Вай низ баъд аз ҳадиси имон ва дар таъйиди каломи Абосалт мегӯяд:

لأنّه سلسله آل البيت، رضى الله عنهم.

# Мухолифин

Чунонки гуфта шуд, бархе ба ин тасаввур, ки ҳадиси имонро фақат Абосалти Ҳаравӣ нақл карда, ба тазъифи вай пардохта ва дар беэътибор кардани ровӣ ва ривояти имон кушидаанд.

Дар ин ҷо барои табйини ҳақиқии ҷойгоҳи Абосалт назди аҳли суннат ва дидгоҳҳо ва мавозеъи онон ишора хоҳад шуд.

## Ҷойгоҳи ривоии Абослат назди аҳли суннат

Гуфтанист, ки бархе бидуни таваҷҷуҳ ба суханон ва амалкарди уламои аҳли суннат дар таъйиди ҳадиси «ҳисн» ва «имон» ин ду ҳадисро ҷаълӣ ва сохтагӣ дониста ва ба гумони ин, ки тариқи ин ду ҳадис мунҳасир дар Абосалт аст, онро сохта ва пардохтаи Абосалт қаламдод кардаанд, то ба гумони хеш ин ду ҳадисро аз эътибор соқит карда бошанд, аммо ҳамон тавр, ки

1. таълиқи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.26, ҳ.65.

гузашт, ҳадиси ҳисн ва имон мунҳасир дар Абосалт набуда ва ҳар кадом аз он ду ҳадис беш аз даҳ тариқ дорад.

Бо ин васф лозим аст барои зудудани туҳматҳо ва иддаъоҳои беасос дар бораи Абосалт шахсият ва ҷойгоҳи Абосалт ва ривояташ ва мазҳаби вай аз нигоҳи аҳли суннат баррасӣ шавад.

Абосалт аз дидгоҳи имомия фарди сиққа, ростгӯ ва ривояташ саҳеҳ аст,[1] аммо дар кутуби риҷоли аҳли суннат маҷмуан се дидгоҳ дар бораи шахсияти ривоии Абосалт ва ривояти вай матраҳ аст:

## Дидгоҳи нахуст:

Мувофиқини шахсияти ривоии Абосалт ва ривояти вай ба дур аз таассуботи мазҳабии шахсиятии ривоии Абосалт ва ривояташро қабул кардаанд.

### Дидгоҳи дуввум:

Касоне, ки шахсияти ривоии Абосалтро қабул дошта ва фақат ба ривояти нақлшудаи вай интиқод мекунанд, бидуни ин ки туҳмати ҷаъл ё дуруғ ба Абосалт нисбат диҳанд.

### Дидгоҳи саввум:

Мухолифини шахсияти ривоии Абосалт ва радди ривоёти Абосалт.

Ин гурӯҳ таассуботи мазҳабии худро ба мабоҳиси илмӣ дахолат дода ва Абосалтро бедалел ва фақат ба ҷурми муҳаббати

1. «Риҷолун наҷошӣ», саҳ.245, шумораи 643; «Ихтиёру маърифатур риҷол», саҳ.615-616, ҳ.1148-1149.

аҳли байт (а) ва нақли ривоёти фазоили онҳо ба шиддат тазъиф карда ва Абослатро дуруғгӯ ва ҷоъили ҳадис муаррифӣ кардаанд.

**Дидгоҳи нахуст:**

Абосалти Ҳаравӣ бо ин ки аз дидгоҳи аҳли суннат суннимазҳаб бо гироишҳои шиъӣ муаррифӣ шудааст, назди бузургони аҳли суннат аз муосирини хеш ва баъд аз он ҷойгоҳи хос ва вижае доштаву дорад.

Аз гузоришҳои таърихӣ истифода мешавад, Абосалт назди бузургони аҳли суннат ҷойгоҳе бас рафеъ ва шахсияте воло дорад. Ӯ аз дӯстони наздики Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Аҳмад ибни Ҳанбал[1], Абдураззоқи Санъонӣ, Яҳё ибни Муъин, Аҳмад ибни Сайёри Марвазии шофеӣ[2], Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Нумайр[3] ва Муҳаммад ибни Яъқуби Фасавӣ[4] буда ва ҷаласоти илмӣ-ҳадисӣ миёни онҳо баргузор мешуд.

Бузургон ва мунисифини аҳли суннат ба дур аз таассуботи мазҳабӣ ва бо илм ба гироишҳои шиъии Абосалт ҷойгоҳи ривоӣ ва ҳадисии Абосалтро тақвият ва тавсиқ кардаанд ва илова бар қабули ривоёти Абосалт бузургони аҳли суннат низ аз вай ҳадис нақл ва аз Абосалт бо авсофе ҳамчун «ҳофиз», «сиққа», «маъмун», «садуқ», «зобит», «адиб», «фақеҳ», «олим», «раҳҳол» ёд намудаанд. Он бузургон иборатанд аз: Яҳё ибни Маъин дар мақотеъи гуногун, Иҷло, Абудовуди Сиҷистонӣ (соҳиби «Сунан»), ибни Шоҳин, Ҳокими Нишобурии шофеӣ, Ҳокими

---

1. «Таърихи Бағдод», ҷ.5, саҳ.418-419.
2. Ҳамон, ҷ.11, саҳ.47.
3. «Маърифатир риҷол», ҷ.1, саҳ.79, шумораи 231.
4. «Алмаърифату ват таърих», ҷ.3, саҳ.77.

Ҳасаконии ҳанафӣ, Абуяълои Қазвинӣ, Маззии шофеӣ, Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷазарии шофеӣ, ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, ибни Тағрии ҳанафӣ, Абулҳасани Кинонии шофеӣ, Абулҳасани Синдии ҳанафӣ ва Иҷлунии шофеӣ.

**Яҳё ибни Маъин (233ҳ):**

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Пешвои аҳли ҳадис Яҳё ибни Маъин Абосалтро тавсиқ ва тақвият кардааст.**[1]

Яҳё ибни Маъин дар мақотеъи гуногун аз шахсият ва ҷойгоҳи ривоии Абосалт дифоъ карда ва бо илм ба шиъа будани вай суханоне дар бораи ӯ бар забон ҷорӣ сохта, ки илова бар васоқат, нишони ҷалолат ва бузургии Абосалт назди Яҳё ибни Маъин аст.

Аббос ибни Муҳаммади Даврӣ мегӯяд:

**Аз Яҳё ибни Маъин дар бораи Абосалти Ҳаравӣ пурсидам, ӯ дар посух гуфт: мавриди итминон ва сиққа аст.**[2]

Солеҳ ибни Муҳаммад мегӯяд:

Аз Яҳё ибни Маъин дар бораи Абосалт пурсидам, ӯ дар посух гуфт:

**Ӯ ростгӯ аст.**[3]

---

1. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286-287, шумораи 619.
2. «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.236/4637.
3. Ҳамон.

Ибни Муҳриз мегӯяд: дар бораи Абосалт аз Яҳё ибни Маъин пурсидам, ӯ дар посух чунин гуфт:

**Абосалт аз ровиёне нест, ки дурӯғ бигӯяд.**[1]

Иброҳим ибни Абдуллоҳ ибни Ҷунайд мегӯяд: аз Яҳё ибни Маъин дар бораи Абосалт пурсидам, ӯ дар посух гуфт:

**Ӯ ривоят шунида ва ӯро ба дурӯғгӯӣ намешиносам.**[2]

Ҳам ӯ дар ҷои дигар аз Яҳё ибни Маъин чунин нақл мекунад:

**Абосалт назди мо аз дурӯғгӯён шумурда намешавад.**[3]

Ҷои дигар Яҳё ибни Маъин бо қотеъият мегӯяд:

**Абосалт фарде мавриди итминон ва ростгӯст магар ин ки вай гироишҳои шиъӣ дорад.**[4]

Яҳё ибни Маъин дар мавозеъи мутааддид аз Абосалт дифоъ карда ва иттиҳоми ҷаъли ҳадисро аз вай зудуда аст.

Яке аз иттиҳомот ба Абосалт нақли ҳадиси «Ано мадинатул илм ва Алиюн бобуҳо» аст. Дар ин ҳадис бархе Абосалтро ҷоъили он пиндошта буданд, ки бо суханони Яҳё ибни Маъин дар бораи тариққҳои ин ҳадис ва таъкиди Яҳё ибни Маъин бар

---

1. «Маърифатир риҷол», ҷ.1, саҳ.79, шумораи 231.
2. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.48-49, шумораи 5728; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.463, шумораи 4003; «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286, шумораи 619.
3. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.48-49, шумораи 5728; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.463, шумораи 4003; «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286, шумораи 619.
4. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.48-49, шумораи 5728; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.463, шумораи 4003; «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286, шумораи 619.

ростгӯӣ ва сиққа будани Абосалт аз вай рафъи иттиҳом шуд.[1]

Солеҳ ибни Муҳаммад мегӯяд:

**Ибни Маъинро дидам, ки назди Абосалт омад ва бар вай салом мекард.**[2]

Ин гузориш нишонаи ин аст, ки Абосалт чунон ҷойгоҳи воло ва вижае доштааст, ки имоми аҳли ҳадис Яҳё ибни Маъин назди вай рафта ва ӯ ибтидои ба салом кардааст.

**Иҷлӣ (261ҳ):**

Ӯ дар бораи Абосалт мегӯяд:

**Абдуссалом ибни Солеҳ аҳли Басра ва сиққа аст.**[3]

**Абудовуди Саҷистонӣ (275ҳ):**

Дар бораи Абосалт мегӯяд:

**Абосалт дар нақли ҳадис диққати назар дошт.**[4]

**Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (256ҳ):**

Вай муосир ва ҳамдаврони Абосалт буда ва дар минтақаи ӯ мезиста ва бо таваҷҷуҳ ба иртиботҳои хос ва зиёди Абосалт бо муҳаддисини баноми аҳли суннат, аз ҷумла Яҳё ибни Маъин ва раҳҳол будани Абосалт ва нақли ривоёти фазоил аз сӯи вай, овозаи Абосалт қатъан ба Бухорӣ расида буд. Бо ин авсоф,

---

1. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.48-49, шумораи 5728; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.463, шумораи 4003; «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286, шумораи 619 ва «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.235/4637.
2. «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.235/4637 ва «Сайрул аъломил нубало» , ҷ.8, саҳ.448.
3. «Таърихус сиқот», саҳ.303, шумораи 1002.
4. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ. 287, шумораи 619.

Бухорӣ ибни Абосалтро дар китоби «Зуъафо» намеоварад, ки ин нишони ин нукта аст, Абосалт аз назари ривоӣ мушкиле надошта аст.

**Ибни Шоҳин (385ҳ):**

Вай гарчӣ ба гузоришҳои шиъии Абосалт изъон (эътироф) мекунад, вале ба дур аз таассуб Абосалтро ба ростгӯӣ ва васоқат васф мекунад:

أبوالصلت الهروى ثقه صدوق إلّا أنّه يتشيّع! ١

**Ҳокими Нишобурии шофеӣ (405ҳ):**

Вай дар бораи Абосалт мегӯяд:

**Пешвои муҳаддисин Яҳё ибни Маъин ӯро тавсиқ кардааст.**[2]

Ҳам ӯ дар ҷои дигар бо қотеъият мегӯяд:

**Абосалт сиққа ва амин аст.**[3]

**Абуяълои Қазвинӣ (456ҳ):**

Вай ба ҷойгоҳи вижаи Абосалт назди бузургони аҳли суннат ишора мекунад ва мегӯяд:

**Абосалт машҳур аст ва бузургон аз ӯ ривоят нақл кардаанд.**[4]

**Ҳокими Хасаконии ҳанафӣ (ҳудудан 490ҳ):**

**Абосалт Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ фарде сиққа аст.**

---

1. «Таъриху Асмоис сиқот», саҳ. 227, шумораи 836.
2. Р.к: «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.235/4637 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ. 286-287, шумораи 619.
3. «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.235/4637.
4. «Алиршод фӣ маърифати уламоил ҳадис», саҳ.335.

**Яҳё ибни Маъин аз ӯ таъриф ва тамҷид карда ва дар бораи ӯ чунин гуфтааст: Абосалт ростгӯст.**[1]

**Маззии шофеӣ(742ҳ):**

Вай аз Абосалт бо эҳтироми вижае ёд карда ва мегӯяд:

**Абосалти Ҳаравӣ дар Нишобур сукно гузид ва дар талаби ҳадис ба Басра, Куфа, Ҳиҷоз ва Яман Мӯсофират кард. Ӯ ходими Алӣ ибни Мӯсарризо ва фарде адиб, фақеҳ ва донишвар буд... ибни Моҷа ин ҳадис (манзур ҳадиси имон)-ро аз ӯ ривоят кардааст ва ин ҳадис барои мо санаде олӣ собит шудааст.**[2]

**Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷазарии шофеӣ (833ҳ):**

Вай дар бораи ҳадиси имон ва азамати он суханони гаронсанге гуфта ва дар бораи Абосалти Ҳаравӣ мегӯяд:

**Абосалт ходими имом Ризо (а), ки баъзе бо вуҷудии шоистагии вай ӯро тазъиф кардаанд.**[3]

**Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ):**

**Абосалт дар Нишобур сукунат гузид ва ҷиҳати ёдгирии ҳадис ба шаҳрҳои мухталиф Мӯсофират кард ва хидматгузори имом Ризо (а) буд.**[4]

Ҳам ӯ дар ҷои дигар бо таъкид бар гузоришҳои шиъии Абосалт ва дар айни инсоф Абосалтро ростгӯ дониста ва

1. «Шавоҳидут танзил лиқавоидул тафзил», ҷ.1, саҳ.105, ҳ.118.
2. «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.460-465, шумораи 4003.
3. «Асноал матолиб фӣ маноқиби сайидино Алӣ ибни Абитолиб (к)» , саҳ.122-126.
4. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ. 285, шумораи 619.

касонеро, ки Абосалтро дурӯғгӯ ангоштаанд, ифротӣ ва мутаассиб мехонад:

**Абосалт инсоне ростгӯст, аҳодисе аҷиб нақл карда ва вай шиъист; аммо Уқайлӣ бо газофагуӣ ӯро дуруғгу шумурдааст.**[1]

Гуфтанист, ки сирф нақли аҳодиси мункар боиси заъфи ровӣ намешавад.[2]

**Ибни Тағрии Бардии ҳанафӣ (874ҳ):**

Вай бо калимоти волое аз Абосалт ёд мекунад ва мегӯяд:

**Абосалти Ҳаравии Ҳофиз бисёр сафаркунанда дар ҷустуҷӯи дониш ба манотиқи мухталиф Мӯсофират кард ва аз ҷамоате ҳадис шунид ва бисёре аз ӯ ривоят карданд. Гуфта шуда: ӯ миқдоре гироиши шиъӣ доштааст.**[3]

Гуфтанист, ки вожаи Ҳофиз аз вожаҳо ва алфози мадҳи ровӣ буда ва назди аҳли суннат нишони мақом ва азамати ровист. Дар маънои ҳофиз ихтилоф аст: бархе ҳофизро касе медонанд, ки сад ҳазор ҳадис бо санад ва матни он аз ҳифз ва бар онҳо иҳота бошад.

Бархе дигар ҳифзи сесад ва ё ҳафтсад ҳазор ҳадисро ба унвони маънои ҳофиз зикр кардаанд.[4] Ба ҳар ҳол иттисофи Абосалти Ҳаравӣ ба «ҳофиз» нишондиҳандаи иҳота ва итқони

---

1. «Тақрибут таҳзиб», ҷ.1, саҳ.506, шумораи 1190.
2. Р.к: «Аррафеъу вал такмил фӣ ҷарҳит таъдил», саҳ.98.
3. «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», ҷ.2, саҳ.344.
4. «Тадрибур ровӣ фӣ шарҳи тақрибул навовӣ», саҳ.49-52.

вай дар ҳифз ва забти ҳадис аз лиҳози санад ва матн аст.

**Абулҳасан Кинонии шофеӣ(963ҳ):**

Вай барои исботи сиҳати ҳадиси имон ва ҷаълӣ набудани он, зимни ду марҳила вориди баҳс шуда ва аввал аз мақом ва ҷойгоҳи ривоии Абосалт бо такя бо тавсиқоти Яҳё ибни Маъин дифоъ мекунад ва иттиҳоми ҷаъли ҳадисро аз вай мезудояд ва дар марҳилаи баъд ду шоҳид аз Оиша ва Абуқаддодаи Ансории саҳобӣ дар таъйиди ҳадиси имон меоварад ва бад-ин сон ҷумлаи «Равол манокир» бархеро дар бораи Абосалт махдуш месозад.[1]

**Абулҳасан Синдии ҳанафӣ (1138ҳ):**

Ӯ дар таъйиди ҳадиси имон тавсиқоти аҳли суннатро ёдовар мешавад ва аз шахсияти ривоии Абосалт дифоъ мекунад ва ба нақл аз Суютии шофеӣ мегӯяд:

**Ҳақ ин аст, ки ҳадиси имон ҷаълӣ ва сохтагӣ нест.**[2]

**Иҷлунии шофеӣ (1162ҳ):**

Ӯ низ бо радди касоне, ки ҳадиси имонро сохта ва пардохтаи Абосалт донистаанд, дар таъйиди ӯ мегӯяд:

و من لطائف إسناده روايه الأبناء عن الآباء فى جميعه؛ [٣]

**Аз нукоти ҷолиб ва зариф ва латифи ин иснод ривояти фарзандон аз падарон дар тамоми силсилаи санад аст.**

---

1. «Танзиҳу шариъатил марфуъати анил ахборил шаниъатил мавзӯъа», ҷ.1, саҳ.152.
2. «Шарҳи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.52.
3. «Кашфул хифо ва музилул албос аммо иштаҳара минал аҳодиси ало алсинатин нос», ҷ.1, саҳ.22.

**Дидгоҳи дуввум:**

Дар ин дидгоҳ шахсият ва ҷойгоҳи ривоии Абосалт мақбул буда ва фақат аз ривоёте, ки Абосалт нақл карда, интиқод шуддааст.

**Закариё ибни Яҳё Соҷии Басрии шофеӣ(307ҳ):**

Вай дар бораи сидқ ва ростгӯии Абосалт дар нақли ҳадис сухан намегӯяд ва фақат ба нақли ривоёти аҷиб ва ғариби Абосалт эрод гирифта ва ӯро аз ин ҷиҳат мавриди интиқод қарор додааст:

**Вай (манзур Абосалт) аҳодиси аҷиб ва ғариб ривоят мекунад, ӯ назди онҳо (аҳли суннат ба хотири нақли чунин аҳодисе) заъиф аст.**[1]

**Наққошии ҳанбалӣ (414ҳ):**

Вай низ дар бораи ростгӯии Абосалт ва шахсияти ривоии вай сухан нагуфта ва танҳо дар мавриди ривоёти вай изҳори назар карда ва чунин гуфтааст:

**Вай аҳодиси аҷиб ва ғариб нақл кардааст.**[2]

**Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ (430ҳ):**

Ӯ низ бидуни изҳори назар дар бораи васоқат ва ростгӯии Абосалт фақат дар бораи ривоёти вай сухан гуфтааст:

---

1. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.51, шумораи 5728; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.466; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.11, саҳ.466; «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.2, саҳ.616; «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асомир риҷол» , ҷ.6, саҳ.91 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ. 286.
2. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ. 286.

**Вай аҳодиси аҷиб ва ғариб нақл мекунад.**[1]

**Нақду баррасӣ:**

Дидгоҳи дуввум ҳеҷ латмае ба васоқат ва амонат ва ростгӯии Абосалт ворид намесозад, чаро ки тибқи мабнои риҷолии аҳли суннат, нақли ривоёти фазоил, ки аз он ба ривоёти манокир ва аҷиб ва ғариб ёд мешавад, ба танҳоӣ заъф маҳсуб намешавад ва барои тазъиф бояд далоили дигаре ғайр аз нақли ривоёти манокир иқома шавад.[2]

**Дидгоҳи саввум:**

Дар ин дидгоҳ шахсияти ривоии Абосалт ва ривоёти вай мавриди интиқоди шадиди бархе аз мутаассибини аҳли суннат қарор гирифта ва фақат ба далели муҳаббати аҳли байт (а) ва нақли ривоёти фазоил аз туруқи бузургони аҳли суннат мавриди бемеҳрӣ ва тавҳин ва бадтарин туҳматҳо воқеъ шудааст:

**Иброҳим ибни Яъқуби Ҷузҷонӣ (259ҳ):**

Вай бо таассубварзӣ ва нодидагирии тавсиқоти имоми аҳли ҳадис Яҳё ибни Маъин ва соири бузургони риҷол бо беадабӣ ва тавҳин ба Абосалте, ки мавриди итминони бузургони аҳли суннат аст, дар бораи вай чунин мегӯяд:

**Абосалти Ҳаравӣ берун аз роҳи ҳақ ва мунҳариф аз ҷодаи миёна будааст. Аз касе, ки аз яке аз пешвоёни ҳадис барои ман ривоят нақл карда, шунидам, ки ӯ дар мавриди Абосалт гуфтааст: Ӯ айни дурӯғ ва аз саргини хари Даҷҷол аст ва аз**

1. «Аззаъфо алкабир», саҳ. 108, шумораи 140.
2. «Аррафеъу вал такмил фӣ ҷарҳит таъдил», саҳ.98.

**қадим ба касофот олуда будааст![1]**

**Абуҳотами Розии шофеӣ (277ҳ):**

**Вай назди ман ростгӯ нест ва заъиф аст.[2]**

**Абузуръаи Димишқии Ҳанбалӣ (281ҳ):**

Абуҳотами Розии шофеӣ мегӯяд:

**Абузуръа дастур дод, ки аҳодиси Абосалтро нақл накунанд ва гуфт: ман аз ӯ ҳадис нақл намекунам ва аҳодисаш мавриди писандам нест.[3]**

**Насоии шофеӣ (303ҳ):**

Ба вай нисбат додаанд, ки Абосалтро тазъиф карда ва дар бораи ӯ чунин гуфтааст:

**Ӯ (яъне Абосалт) мавриди итминон нест.[4]**

**Уқайлии Маккӣ (322ҳ):**

Вай бо тундӣ ва таассубварзӣ дар бораи Абосалт мегӯяд:

**Абосалт рофизӣ ва паст аст ва ақидааш дуруст нест ва саломати ақида надорад![5]**

Дар ҷое дигар низ чунин гуфтааст:

**Абосалт дурӯғгӯст.[6]**

---

1. «Аҳволир риҷол», саҳ.205-206, шумораи 379.
2. «Алҷаруҳу ваттаъдил», ҷ.6, саҳ.48, шумораи 257.
3. Ҳамон.
4. Дар китоби «Зуъофу вал матрукин» вай чунин матлаби наёмада аст ва дигарон ба вай чунин нисбате доданд.: р.к: «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.51; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.466; «Сайрул аъломил нубало», ҷ.11, саҳ.444 ва «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.2, саҳ.416.
5. «Аззаъфо алкабир», ҷ.3, саҳ.70-71, шумораи 1036.
6. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286 ва «Тақрибут таҳзиб», ҷ.1, саҳ.506.

**Ибни Ҳаббони Бустии шофеӣ (354ҳ):**

Вай дар ду мавзӯъ ба тазъифи аҳодис ва ҷойгоҳи Абосалт мепардозад ва мегӯяд:

**Воҷиб аст, ки аҳодиси имом Ризо (а) мӯътабар шумурда шавад, ба шарти ин, ки ривояти эшонро касоне ғайр аз фарзандон ва шиъиёни вай ба вижа Абосалт нақл карда бошанд, зеро ривоёте, ки аз имом Ризо (а) нақл шуда ва ботил будани он рушан аст, маншаъи он Абосалт, фарзандон ва шиъиёни имом Ризо (а) ҳастанд.**[1]

**Абосалт аз Ҳаммод ибни Зайд ва аҳли Ироқ аҳодиси аҷиберо дар фазоили имом Алӣ ва аҳли байти эшон нақл мекунад ва агар ба танҳоӣ ин аҳодисро нақл кунад, ба ривоёташ истинод намешавад.**[2]

**Ибни Адии Ҷурҷонии Шофеӣ (365ҳ):**

Вай низ бо тазъифи Абосалт ва ривоёташ, ба вижа ривояти имон туҳмати ҷаъли ҳадис ба эшон мезанад ва мегӯяд:

**Абдуссалом аҳодиси аҷиб ва ғариб аз Абдурразоқ дар бораи фазоили Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусейн ривоят мекунад, ки вай дар тамомии ин аҳодис муттаҳам мебошад, ки онҳоро ҷаъл кардааст.**[3]

**Доруқутнии Бағдодии шофеӣ (385):**

Ба вай нисбат додаанд, ки Абосалтро ба шиддат тазъиф

---

1. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.456.
2. «Китобул маҷруҳин», ҷ.2, саҳ.151.
3. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.5, саҳ.331-332, шумораи 1486/518.

карда ва ибороте тавҳиномез дар бораи ӯ гуфтааст:

**Вай рофизӣ ва паст ва фурумоя аст.**

Дар ҷое дигар низ ба Абосалт нисбати ҷаъли ҳадис медиҳад ва чунин мегӯяд:

**Абосалт аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад аз падаронаш аз паёмбар ҳадиси имонро ривоят карда, ки ӯ дар ҷаъли ин ҳадис муттаҳам аст...**[1]

**Муҳаммад ибни Тоҳири Мақдисии Тоҳирӣ (507ҳ):**

Вай Абосалтро дурӯғгӯ дониста мегӯяд:

كذّاب. [٢]

**Абусаъд Абдулкарим Самъонии шофеӣ (562ҳ):**

Вай бо такрори суханони ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ ба ривоёти Абосалт ишкол мегирад:

يروى عن حمّاد بن زيد و أهل العراق العجائب فى فضائل على رضى الله عنه و أهل بيته لايجوز الإحتجاج به إذا انفرد. [٣]

**Абулфараҷ ибни Ҷавзии Ҳанбалӣ (597ҳ):**

Вай номи Абосалтро дар зумраи зуъафо ва матрукин шумурда аст.[4]

**Заҳабии шофеӣ (478ҳ):**

---

1. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.51; «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», ҷ.11, саҳ.464; «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.2, саҳ.616 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286 ва «Тақрибут таҳзиб», ҷ.6, саҳ.286.
2. «Икмолу таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ҷ.8, саҳ.274, шумораи 3296.
3. «Алансоб», ҷ.5, саҳ.637.
4. «Китобуз зуъафо вал матрукин», ҷ.2, саҳ.106, шумораи 1926.

Вай дар ҷоҳои гуногун аз китобҳои худ бо иборатҳои ҷарҳ ва заъф ба ҷойгоҳи ривоии Абосалт ва ривоёташ хадша ворид месозад, ки ба онҳо ишора мешавад:

**Абосалт бузурге донишвар ва обид ва бузурги шиъа буд, фазл ва ҷалолат дошт, вале эй кош сиққа мебуд.[1]**

**Вай фарде шоиста аст, ғайр аз ин ки шиъае мутаассиб аст.[2]**

**Беш аз як нафар ӯро ба дурӯғ муттаҳам кардаанд. Абузуръа ӯро сиққа намедонад. Ибни Адӣ вайро муттаҳам дар ҷаъли ҳадис дониста ва бархе дигар ӯро рофизӣ донистаанд.[3]**

**Абосалт Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ сусту беарзиш аст.[4]**

**Абосалти Ҳаравии шиъӣ фарде обид аст, аммо ҳадисаш матрук аст ва ба он амал намешавад.[5]**

**Абосалт ходими Алӣ ибни Мӯсарризост, беарзиш ва шиъа буда ва бо вуҷуди шоистагӣ, муттаҳам дар ҷаъли ҳадис будааст.[6]**

Дар ҷои дигар ва дар нақди сухани Ҳокими Нишобурии шофеӣ, ки Абосалтро «сиққа» ва «маъмун» муаррифӣ карда буд, мегӯяд:

**На, ба Худо савганд! Абосалт на сиққа ва на амин аст.[7]**

---

1. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.11, саҳ.446-448.
2. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.2, саҳ.616, шумораи 5051.
3. «Девонул зуъофу вал матрукин», ҷ.2, саҳ.112, шумораи 2528.
4. «Алмуқтанӣ фӣ сардил куно», ҷ.1, саҳ.382, шумораи 3219 ва «Алмуҷаррад фӣ асмои сунани ибни Моҷа», саҳ.213.
5. «Алмуғнӣ физ зуъафо», ҷ.1, саҳ.624, шумораи 3694.
6. «Алкошиф фӣ маърифати мал лаҳу ривоя фил китобил ситта», ҷ.1, саҳ.652-653, шумораи 3368.
7. «Алмустадрику алас саҳеҳайн», ҷ.3, саҳ.137, ҳ.235/4637.

**Ибни Касири Димишқии шофеӣ (774ҳ):**

Абосалтро дар зумраи зуъфо мешуморад ва мегӯяд:

Тибқи ин тазъифот бархе аз шореҳини мутаассиби «Сунан»-и ибни Моҷа зайли ҳадиси имон, ки Абосалт нақл карда,ба шиддат ҳадисро рад карда ва онро ҷаълӣ ва сохтагӣ ва сохтаву пардохтаи Абосалт ангоштаанд.[1]

**Бусирии шофеӣ (840ҳ):**

Вай мегӯяд:

**Исноди ин ҳадис заъиф аст, чун ҳамаи уламо бар заъиф будани Абосалт иттифоқи назар доранд.**[2]

Возеҳ аст, бо таваҷҷуҳ ба суханони бузургони аҳли суннат бар тавсиқ ва ҷалолати Абосалт иддаои чунин иттифоқе бар заъфи Абосалт, иддаое сустбунён аст.

Башшор Авводи Маъруф[3], Сафо Сафавӣ, Аҳмад Адавӣ[4] ва Носириддин Албонии ҳанбалӣ[5] ҳар кадом бо сароҳат ҳадиси имонро «мавзӯъ ва сохтагӣ» дониста ва ба Абосалт туҳмати ҷаъли ин ҳадисро нисбат додаанд.

**Нақду барраси:**

**Аввал**: дидгоҳи аввал ва дуввум ва тавсиқоти уламои аҳли

---

1. «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10, саҳ.329.
2. «Мисбоҳуз зуҷоҷа фӣ завоиди Сунан Ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.121-122, ҳ.23.
3. ««Сунани ибни Моҷа» Таҳқиқ ва таълиқи Башор Ивод», ҷ.1, саҳ.89-90, ҳ.65.
4. «Эҳдоал дибочаи бишарҳи «Сунани ибни Моҷа», ҷ.1, саҳ.68-69, ҳ.65.
5. «Заъифу сунани ибни Моҷа», саҳ.6-7, ҳ.11 ва «Заъифул ҷомиъус сағир ваз зиёда», саҳ.339, шумораи 2309.

ҳадис, мисли Яҳё ибни Маъин ва соири бузургон ва мунсифини аҳли суннат дар бораи Абосалт беҳтарин далел бар беэътибории дидгоҳи саввум аст.

**Дуввум**: тазъифи Абосалт тавассути Нисоии шофеӣ ва Доруқутнии Шофеӣ маълум нест, чаро ки дар кутуби зуъафои ин ду номи Абдуссалом ибни Солеҳ Абосалти Ҳаравӣ наомадааст.

**Саввум**: бар фарзи сиҳати интисоби тазъифи Абосалт ба Нисоии шофеӣ бояд гуфт:

Тазъифоти Нисоии шофеӣ, Абуҳотами Розии шофеӣ, ибни Ҳаббони шофеӣ ва Яҳё ибни Маъин арзиши риҷолӣ надорад, чаро ки ба тасреҳи уламои аҳли суннат ин гурӯҳ аз мутаъаннитин дар ҷарҳи ровиён буда ва ба хотири андак далеле ровиро аз эътибор соқит мекунанд.

**Ин гурӯҳ маъруф ба исроф дар ҷарҳи ровӣ ҳастанд ва бо андак заъфе ровиро аз эътибор соқит мекунанд. Оқил касест, ки дар бораи ровиёне, ки ин гурӯҳ онҳоро тазъиф кардаанд, таҳқиқ ва тафаккур кунад. Ва бидуни баррасӣ каломашонро қабул накунад.**[1]

Ин дар ҳолест, ки Яҳё ибни Маъин низ ҷузъи ин гурӯҳ буда, вале Абосалтро тавсиқ кардааст. Ин тавсиқ назди уламои риҷол арзиши илмӣ дорад, чун тавсиқ аз сӯи касест, ки бо андак далеле ровиро тазъиф мекунад, нишонаи ин аст, ки ҳеҷ заъфе дар ровӣ ва ба хусус Абосалт вуҷуд надоштааст. Лизо тавсиқи

1. «Аррафеъу вал такмил фӣ ҷарҳит таъдил», саҳ.117-122.

Яҳё ибни Маъин арзиши зиёде дорад.

**Чаҳорум**: Ишколи умдаи ин дидгоҳ ва далели тазъифҳои Абосалт, мазҳаби Абосалт ва ривоёти нақлшудаи ӯст.

Ӯро фақат ба далели муҳаббат ва дӯстии аҳли байти паёмбар (а) ва нақли ривоёти фазоил, он ҳам аз тариқи уламои бузурги аҳли суннат, монанди Абдурразоқи Санъонӣ тазъиф карда ва бо ибороте зишт аст, ки шоистаи қоилини он аст, дашном додаанд.

Аз назари таърихӣ, решаи ин тавҳинҳо ва тазъифҳои беасос, Ҷузҷонӣ аст. Вай бо таассуби куркуронаи худ, нафақат Абосалт ва балки ҳар ровӣ, ҳатто аз аҳли суннатро, ки ноқили ривоёти фазоил аст бо ибороте зишт ва тавҳиномез тазъиф менамояд ва мутаассифона бархе низ бидуни фикру баррасӣ, сухани Ҷузҷониро бо ибороте дигар такрор кардаанд.

Дар бораи Ҷузҷонӣ, ки решаи ин тазъифот мебошад, бояд гуфт: Ҷузҷонӣ, назди уламои бузурги аҳли суннат, ҳеҷ ҷойгоҳе надорад ва ӯро «носибӣ» медонанд ва барои дидгоҳҳои вай ва пайравонаш ҳеҷ арзише қоил нестанд.

**Ҷузаҷонӣ, решаи туҳматҳо ба Абосалт.**

Решаи тазъифи шахсияти волои Абосалт, фарде носибӣ ба номи Иброҳим ибни Яъқуби Ҷузҷонӣ (259ҳ) аст. Вай Абосалтро бедалел тазъиф карда ва танҳо ба ҷурми нақли аҳодисе дар фазоили имом Алӣ (а) ва аҳли байт (а), ки аҳодисро низ бузургоне монанди Яҳё ибни Маъин таъйид кардаанд, ӯро заъиф шумурда ва бо тамоми вуҷуд ва дар камоли беадабӣ ба шахсияте, ки мавриди итминони бузургони аҳли суннат аст, тавҳин мекунад ва мегӯяд:

**Абосалти Ҳаравӣ берун аз роҳи ҳақ ва мунҳариф аз ҷодаи миёна будааст. Аз касе, ки яке аз пешвоёни ҳадис, барои ман ривоят нақл карда шунидам, ки ӯ дар мавриди вай гуфтааст: Ӯ (айни) дурӯғ ва аз саргини хари Даҷҷол аст ва аз қадим ба касофат олуда будааст![1]**

Бархе низ ноогоҳона ва бо такя бар сухани Ҷузҷонии носибӣ, Абосалтро тазъиф кардаанд, чунончи гузашт.

## Эътирофи бузургони аҳли суннат ба душмании Ҷузаҷонӣ бо аҳли байт (а)

Тазъифи Ҷузаҷонии носибӣ эътиборе надорад ва латмае ба шахсияти Абосалт ва ривоёташ намезанад. Зеро аввалан, Ҷузҷонӣ ба тасреҳи бузургони аҳли суннат, аз ҷумла ибни Адии шофеӣ, Доруқутнии шофеӣ, Заҳабии шофеӣ ва ибни Ҳаҷари Асқалонӣ ва аз муосирин Ғимории шофеӣ Ҳасан ибни Алии Саққофи шофеӣ кинаи Амирулмуъминин Алӣ(а)-ро дар дил дошта ва табиист, чунин шахси носибие фазоили он ҳазратро рад кунад ва ровиёни фазоили он ҳазрат ва аҳли байт (а)-ро низ заъиф ангорад.

Ибни Адии Ҷурҷонии шофеӣ менависад:

**Вай дар Димишқ сокин буд ва бар фарози минбар сухан мегуфт ва бисёр ба мазаҳаб ва шеваи димишқиён дар душманӣ бо Алӣ (а) тамоюл дошт.[2]**

---

1. «Аҳволир риҷол», саҳ.205, шумораи 379.
2. «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», ҷ.1, саҳ.310, шумораи 132/132.

Доруқутнии шофеӣ мегӯяд:

**Дар ӯ инҳирофе аз Алӣ(а) буд.**[1]

Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ гуфтааст:

**Иброҳим ибни Яъқуби Ҷузҷонӣ мазҳабӣ ҳаризӣ дошт.**[2]

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ дар тавзеҳи сухани ибни Ҳиббони шофеӣ мегӯяд:

**Ҳаризӣ... мансуб ба Ҳариз ибни Усмон фарде машҳур бо душманӣ бо аҳли байт ва ибни Адӣ ин матлабро таъйид мекунад.**[3]

Заҳабии шофеӣ баъд аз нақли сухани ибни Адии шофеӣ дар бораи Ҷузҷонӣ ва дар таъйиди сухани ваӣ мегӯяд:

**Муддатзамоне равиши димишқиён душманӣ бо аҳли байт (а) будааст.**[4]

Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ низ баъд аз нақли суханони ибни Ҳаббони шофеӣ, ибни Адии шофеӣ ва Доруқутнии шофеӣ дар бораи носибӣ будани Ҷузҷонӣ, китоби Ҷузҷониро шоҳиде бар ин муддаъо донистааст ва мегӯяд:

**Китоби ӯ дар мавриди зуъафо ақидаашро рушан мекунад.**[5]

Дар ин китоб афродеро, ки аз ёрони имом Алӣ (а) ва

---

1. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.159, шумораи 332 ва «Мӯъҷамул булдон», ҷ.2, саҳ.183.
2. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.81.
3. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.159, шумораи 332.
4. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.1, саҳ.76, шумораи 257.
5. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.159, шумораи 332.

дӯстдорони он ҳазрат ба шумор оянд ва ё ровии фазоили он ҳазрат бошанд, ба шиддат тазъиф карда ва баъзан калимоти тавҳиномезе низ дар бораи онон ба кор бурдааст. Аз ин рӯ, ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ тазъифоти ӯро намепазирад ва барои онҳо эътибор ва арзише қоил нест.

Ибни Ҳаҷар ҷои дигар ба шиддат аз Ҷузҷонӣ интиқод мекунад ва мегӯяд:

**Ҷузҷонии носибӣ ва мунҳариф аз роҳи Алӣ буда, ӯ бо шиъаёне, ки усмонӣ набуданд, душман будааст. Ақидаи дуруст дӯстии ҳамаи онҳост ва шоиста нест, ки қавли як бидъатгузор дар мавриди бидъате шунида шавад.**[1]

Абдулазиз Ғимории шофеӣ бо сароҳат Ҷузҷониро ингуна тавсиф мекунад:

**Абуисҳоқи Ҷузҷонӣ носибӣ ва машҳур аст, вай ҳамалот ва интиқодҳои ноҷавонмардона ва бисёр зишти тавҳиномез дар тазъиф ва қадҳи пешвоёне, (ҳадисе, ки) ба ташайюъ муттасиф шудаанд, дорад ба гунае, ки дар бораи тамомии аҳли Куфа чунин равишеро пеш гирифта ва суханони зишту тавҳиномез ба забони онон ба кор бурдааст ва ривоёти ононро мардуд шумурда аст. Ин равиши ифротӣ ва тунди Ҷузҷонӣ, ки мухтасси вай аст, ба гунаест, ки назди уламои аҳли суннат ҳеҷ эътиборе надоштааст ва онон тасреҳ мекунанд, ки ба тазъифоти Ҷузҷонӣ дар бораи аҳли Куфа ва ё касоне, ки гироишҳои шиъӣ доранд,**

---

1. «Ҳадюус сорӣ» маъруф ба «Муқаддимаи фатҳул борӣ», саҳ.410.

**ҳеҷ тарҷеҳе намешавад.**[1]

Ҳасан ибни Алии Саққофи шофеӣ низ мегӯяд:

**Ҷузҷонӣ аз гузаштагони паст ва фурумоя аст, ӯ аз мунҳарифин аз роҳи ҳақ ва дуруст аст. Мардумро беҷиҳат ба инҳироф ва каҷӣ муттаҳам мекунад, Худованд сураташро сиёҳ кунад. Ӯ касест, ки ба саҳобии баргузида фаҳш ва носазо мегӯяд ва ба муҷримин ва мунҳарифин тамоюл дорад.**[2]

## Ҷамъбандӣ

Бо таваҷҷуҳ ба суханони бузургони аҳли суннат ҷарҳ ва таъдил ва тазъифоти Ҷузҷонӣ, ба вижа дар бораи дӯстдорони амиралмуминин (а) ва ровиёни фазоили он ҳазрат эътибор ва арзише надорад.

Сониян, ривояте, ки Абосалт дар фазоили ҳазрати амиралмуминин (а) ва аҳли байт (а) нақл кардааст, бузургони аҳли суннат ва дар раъси онҳо Яҳё ибни Маъин таъйид ва дар мақотеъи гуногун ривоёти Абосалтро аз тариқи дигар низ нақл кардаанд, то сиҳати ривоёти Абосалт барои дигарон ошкор гардад.

Солисан, агар бино бошад, сирфан ба ҷиҳати нақли ривоёти фазоили ҳазрати амирулмуъминин (а) ва аҳли байт (а) бо равиши Ҷузҷонӣ ровиро тазъиф кунем ва ривоятро канор ниҳем,

---

1. Ғимории шофеӣ, Абдулазиз: «Баёну наксил нокисил муътадӣ», саҳ.54.
2. Муҳаммад ибни Ақили шофеӣ: «Алъатабул ҷамил ало аҳлил ҷарҳ вал таъдил», таҳқиқ ва таълиқи Ҳасан ибни Алии Саққофи шофеӣ, саҳ.122.

бояд иддаи фаровоне аз ровиён ва ривоятҳои бисёре аз саҳоба ва тобеъинро канор бигзорем, ки ба таъбири Заҳабии шофеӣ:

**Агар аҳодиси шиъиён ва дӯстдорони ҳазрати амиралмуминин (а)-ро канор бигзорем, бахши азиме аз осор ва аҳодиси паёмбар (с) аз байн меравад ва ин табоҳӣ ошкор аст.**[1]

Робеъан, ривояти мавриди баҳси мо ҳадиси имон, ки Абосалт аз имом Ризо (а) ва он ҳазрат аз падаронаш то ҳазрати амиралмуминин Алӣ (а) ва паёмбари акрам (с) нақл кардааст, чунонки гузашт, тариқҳои дигаре низ дорад, ки ҳокӣ аз сиҳат ва қуввати ровӣ ва ривоят аст.

Хомисан, таъйидоти бузургони аҳли суннат дар мавриди Абосалти Ҳаравӣ ва асли ривоят ва фаротар аз он шифобахш донистани исноди силсилатуззаҳаб ва аз он болотар таҷриба кардан ва шифо ёфтан ба баракати ин иснод ҷоеро барои сухани мухолиф ва таваҳҳуми заъифи ривоят ё ровӣ боқӣ намегузорад.

## Сухане дар бораи мазҳаби Абосалти Ҳаравӣ

Дар бораи мазҳаби Абосалт бояд гуфт: вай аз дидгоҳи аксари уламои имомия шиъаи имомист.[2] Ба ҷуз шайхи Тусӣ[3] ва ба пайрави аз шайх ибни Довуди Ҳиллӣ[4] ва аллома Ҳиллӣ[1], ки

---

1. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.1, саҳ.5.
2. «Риҷолун наҷошӣ», саҳ.5, шумораи 643, «Танқеҳул мақол фӣ илмир риҷол», ҷ.2, саҳ.153 ва «Муъҷамур риҷолил ҳадис ва тафсилу табақотир рувот», ҷ.10, саҳ.16-18, шумораи 654.
3. «Риҷолут тусӣ», саҳ.380, шумораи 14 ва саҳ.396, шумораи 5.
4. «Китобур риҷол», саҳ.474, шумораи 295.

вайро омиюлмазҳаб донистаанд, аммо аз дидгоҳи аксари уламои аҳли суннат Абосалти Ҳаравӣ суннимазҳаб бо гироишҳои шиъист. Пурсише, ки мумкин аст матраҳ шавад, ин аст, ки оё таъбирҳое ҳамчун «шиъӣ», «шиъии ҷалад» ва «рофизии хабис» дар бораи Абосалти Ҳаравӣ аз ҷониби аҳли суннат далолат бар шиъа будани Абосалти Ҳаравӣ дорад. Дар посух бояд гуфт: хайр. Аҳли суннат мақсуди хоссе аз таъобири ёдшуда доранд, ки ба онҳо ишора мешавад.

## Маънии вожагони «шиъа», «шиъаи ҷалад» ва «рофизии хабис» назди аҳли суннат

Вожаи шиъа ва корбурди он назди аҳли суннат комилан бо Абосалти шиъа ва корбурди он назди уламои имомия тафовут дорад. Истилоҳи шиъаи имомия назди уламои имомия ба маънои эътиқод доштан ба вилояти билофасли амири муъминон ҳазрат Алӣ (а) ва ёздаҳ имоми баъд аз эшон аст ва мақсуд аз шиъа будани асҳоби аимма эътиқоди вай ба вилояти билофасли ҳазрати амир (а) то ҳамон имоми ҳозир аст. Дар ҳоле, ки вожаи шиъа ва муштақоти он назди аҳли суннат маъное ғайр аз маънои ёдшуда дошта ва ҳеҷ иртиботе бо маънои шиъа аз дидгоҳи уламои имомия надорад. Аз ин рӯ наметавон аз корбурди вожагони «шиъа», «шиъаи ҷалад» ва «рофизии хабис» дар бораи Абосалт ва шиъаи имомӣ будани он пай бурд.

«Шиъа»: дар бораи маънои шиъа ду дидгоҳ вуҷуд дорад:

---

1. «Хулосатул ақвол фӣ маърифатир риҷол», саҳ.209, шумораи 672.

бархе муътақиданд, шиъа ба касе гуфта мешавад, ки дӯстдори имом Алӣ (а) аст ва эшонро бар Усмон бартарӣ медиҳад ва муътақид аст, ки имом Алӣ бар тамомии ҷангҳояш бар ҳақ буда ва муҳорибини ишон хатокор будаанд, аммо шайхайнро бар имом Алӣ (а) муқаддам медорад.[1]

Бархе дигар муътақиданд, ки шиъа касест, ки имом Алӣ (а)-ро бар тамомии саҳоба ҳатто бар шайхайн муқаддам медорад ва қоил ба афзалияти эшон аст, на аҳаққият дар хилофат.[2]

«Шиъаи ғолӣ, ҷалад»: дар бораи маънии ин ду вожа низ ду дидгоҳ вуҷуд дорад. Бархе бар ин боваранд, ки шиъаи ғолӣ ё ҷалад касест, ки имом Алӣ (а)-ро дар тамомии фазоил саромади саҳоба, ҳатто шайхайн бидонад.[3]

Аммо бархе дигар мегӯянд: шиъаи ғолӣ ё ҷалад касест, ки имом Алӣ (а) –ро дӯст медорад ва бо ин ки эшонро бар шайхайн муқаддам намедорад, вале имом Алӣ (а)-ро бар Усмон муқаддам дошта ва Усмон, Муъовия, Талҳа, Зубайр ва касоне, ки бо имом ҷангидаандро лаън мекунад.[4]

«Рофизии хабис»: ба иттифоқи аҳли суннат ба касе гуфта мешавад, ки илова бар муҳаббат ва дӯстии имом Алӣ (а) ва саромад донистани он ҳазрат бар тамомии саҳоба, ҳатто бар шайхайн дар доштани фазоил, имом Алӣ (а)-ро мустаҳиққи хилофати билофасл баъд аз паёмбар (с) донистa ва аз шайхайн

---

1. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.81 ва «Ҳадюус сорӣ» маъруф ба «Муқаддимаи фатҳул борӣ», саҳ.483.
2. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.81.
3. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.1, саҳ.5-6 ва «Хулосатул ақвол фӣ маърифатир риҷол», саҳ.483.
4. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.1, саҳ.6.

ва ғосибини хилофат бароат ҷуста ва онҳоро лаън ва нафрин кунад.[1]

Бинобар ин, вожаи шиъа, шиъаи ғолӣ ва ҷалад дар бораи касоне ба кор меравад, ки суннимазҳаб ҳастанд вале гироишҳои хоссе доранд. Аммо вожаи рофизӣ дар бораи касе аст, ки қоил ба хилофати билофасли амири муъминон аст, ки аз ин вожа наметавон ба шиъаи имомии шахсе пай бурд, зеро рофизӣ шомили зайдия, кисония, воқифия ва амсоли он низ мешавад.

**Нақду баррасӣ:**

Бо таваҷҷуҳ ба маъонии ёдшуда ва мустанадоти таърихии аҳли суннат ва суханоне, ки аз Абосалт дар манобеъи онҳо мунъакис шуда, ба сурати қатъ метавон гуфт: Абосалт суннимазҳаб буда, вале рофизӣ нест ва ниҳоят матлабе, ки аз гироишҳои таърихии аҳли суннат дар бораи Абосалт метавон бардошт кард, ин аст, ки Абосалт суннимазҳаб ва гироишҳои шиъаи ғолӣ ва ҷалад будааст. Гузоришҳои таърихӣ дар ин бора, ки суннимазҳаб будани ӯ ва гироишҳои шиъӣ ӯро собит мекунад иборатанд аз:

1.Абосалти Ҳаравӣ аҳодиси фазоили аҳли байт ва ба вижа аҳодиси фазоили ҳазрати амири муъминон Алӣ (а)-ро бисёр нақл мекард ва монанди нақли ҳадиси «Ана мадинатул илмӣ ва Алиюн бобуҳо»[2] ва ҳадиси силсилатуззаҳаб.[3]

2.Хатиби Бағдодии шофеӣ ба нақл аз «Таърихи Марв»-и

---

1. «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», ҷ.1, саҳ.6 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.1, саҳ.81.
2. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.48-51.
3. Чунон чи асноди он дар ин дафтар гузашт.

Марвазӣ дар бораи Абосалт мегӯяд:

**Абосалт мутакаллими шиъии маъруфе буд.**[1]

Ҳам ӯ ба нақл аз Марвазии шофеӣ дар бораи ақидаи Абосалт дар бораи хулафо мегӯяд:

**Абосалтро дидам, ки Абобакр ва Умарро муқаддам медошт ва бар Алӣ ва Усмон тараҳҳум мекард ва ҷуз ба некӣ аз асҳоби паёмбар ёд намекард ва аз ӯ шунидам, ки мегуфт ин ақида, мазҳаб ва мароми ман аст.**[2]

4.Марвазии шофеӣ танҳо нуқтаи заъфи Абосалтро дар нақли ривоёти масолиб дар бораи бархе аз саҳоба, аз ҷумла АбуМӯсои Ашъарӣ ва Муъовия дониста ва мегӯяд:

«الّا دن ثمّ احادیث یرویها فی المثالب.»[3]

5.Аммо дар нақли дигаре Доруқутнии шофеӣ муддаъист, ки Абосалт дар бораи бани Умайя чунин гуфтааст:

**Саге аз они алавияе беҳтар аз тамоми бани Умайя аст. Пас гуфта шуд: Усмон дар миёни онон аст!? Пас гуфт: Оре, дар миёнашон Усмон низ ҳаст.**[4]

Ин нақл бо гузориши Марвазии шофеӣ, ки гузашт дар таъоруз (зиддият) аст, аз ин рӯ Заҳабии шофеӣ сухани Доруқутнии шофеиро намепазирад ва дар санади он хадша ворид

---

1. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.47-48.
2. Ҳамон.
3. Ҳамон.
4. «Таърихи Бағдод», ҷ.11, саҳ.51.

мекунад[1] ва гузориши Марвазиро мепазирад.

## Ҷамъбандӣ

Бинобар ин Абосалт аз аҳли суннат буда ва шайхайнро халифа медониста, аммо гироиши зиёде ба имом Алӣ (а) ва нақли фазоили он ҳазрат доштааст ва дар бораи АбуМӯсои Ашъарӣ, Муъовия ва бани Умайя низ мавзеъи манфӣ доштааст, ки ҳамин гироишҳо сабаб шуда, ки номи ӯро дар шиъиёни ғолӣ ва ҷалад сабт намоянд.

Аз ин рӯ, сухани Уқайлии Маккӣ ва Доруқутнии шофеӣ, ки Абосалтро рофизӣ муаррифӣ кардаанд, иддаое бемустанад ва мадрак аст ва тибқи мабонӣ ва таърифи хоси аҳли суннат аз «шиъа» нест.

## Ягонагии ривояти «ҳисн» ва «имон»

Пурсиш ин аст, ки оё ҳадиси ҳисн ва имон якест ва ё дар ду марҳила ин иттифоқ рух додааст? Ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ бо таъйиди ин нукта, ки ҳадиси ҳисн ва имон дар ду марҳила содир шудааст, мегӯяд:

**Шояд он ду, ду воқеъаи ҷудогона будаанд.**[2]

Ончи ба назар мерасад, ин аст, ки аввалан дар ин ки ин ду ривоят аз имом Ризо (а) содир шудааст, ҳеҷ шакку шубҳае нест. Сониян, дар яке будани ҳадиси «ҳисн» ва «имон» ва судури он дар як воқеъа аз имом далеле вуҷуд надорад. Солисан, қароин ва

---

1. «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асомир риҷол».
2. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595.

шавоҳид судури ин ду ҳадисро дар Нишобур рад намекунад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин қароин ва шавоҳид шояд битавон гуфт: ҳадиси имон ҳангоми вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва ҳадиси ҳисн ҳангоми хуруҷ аз Нишобур содир шудааст.[1]

**Вуруди имом (а) ба Нишобур ва мавозеъи мардум ва уламои аҳли суннат**

Агар ба ривоёти марбут ба вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур дар мавозеъи мухталиф ва ибрози эҳсосоти мардум ба уламои суннат як бори дигар назаре гузаро биафканем, нукоти муҳиммеро дархоҳем ёфт, ки посухи бархе аз ин пурсишҳо беҷавоб хоҳад буд. Аз ин рӯ бар гузоришҳои марбут ба ин ҷараён муруре ва он гоҳ ба нукоти он ишора хоҳем кард.[2]

**Гузориши Воқидӣ:**

**Чун соли дувист расид Маъмун афродеро ба сӯяш фиристод ва ӯро аз Мадина ба Хуросон ҳаракат доданд... чун ба Нишобур расид уламои онҷо монанди Яҳё ибни Яҳё ва Исҳоқ ибни Роҳвайҳ ва Муҳаммад ибни Рофеъ ва Аҳмад ибни Ҳарб ва дигарон барои талаби ҳадис ва табрик ба вуҷудаш, назди он ҳазрат шарафёб шуданд.[3]**

**Гузориши ибни Ҷавзии Ҳанбалӣ:**

---

1. «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.12-124.
2. Тибқи назари бархе аз муҳаққиқини таърих, аввалан ҳадиси силсилатуззаҳаб ҳангоми хуруҷи имом Ризо (а) аз Нишобур содир шудааст, сониян муҳтавои он ҳадиси «ҳисн» будааст, на ҳадиси «имон». Ниг: Юсуфии Ғаравӣ, Муҳаммадҳодӣ «Мусавватул таърихул исломӣ», ҷ.8, саҳ. 470.
3. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ. 315.

Абулфарач ибни Чавзии ханбалӣ чунин гузориш мекунад:

**Чун ба Нишобур ташриф овард, ӯ дар качовае бар астари хокистарии моил ба сиёх берун омад ва уламои шахр монанди Яхё ибни Яхё ва Исхок ибни Рохвайх ва Мухаммад ибни Рофеъ ва Ахмад ибни Харб ва дигарон барои талаби хадис ва табрик ба вучудаш назди он хазрат шарафёб шуданд.**[1]

**Гузориши ибни Чавзии ханбалӣ:**

Абулфарач ибни Чавзии ханбалӣ чунин гузориш мекунад:

Чун ба Нишобур ташриф овард ӯ дар качовае бар астаре хокистарии моил ба сиёх берун омад ва уламои шахр монанди Яхё ибни Яхё, Исхок ибни Рохвайх, Мухаммад ибни Рофеъ, Ахмад ибни Харб ва дигарон ба наздаш омада, пас он хазрат муддате дар ончо икомат кард.

**Гузориши Хокими Нишобурии шофеӣ:**

Мутаассифона, имрӯза китоби «Таърихи Нишобур» -и Хоким дар дастрас нест ва ин асари таърихӣ ва гаронсанг мафкуд шудааст. Аз ин рӯ, гузориши Хокими Нишобурӣ ба ривояти соири мухаддисин ва муаррихине, ки китоби дар дастраси онхо буда накл мекунем:

Гузориши Хокимро Ахмад ибни Мухаммад ибни Хусейн Халифаи Нишобурии шофеӣ (карни хаштум)[2], ибни Саббоғи Моликӣ(855х)[3], ибни Хачари Хайсимии шофеӣ(974х)[1],

---

1. «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», ч.6, сах.125.
2. «Талхиси ва тарчума таърихи Нишобур», сах.131-132.
3. «Алфусулул мухимматӣ фӣ маърифати ахволил аимма (а)», сах.242-243.

Қармонии Димишқӣ (1019ҳ)[2], Абдурауф Манновии шофеӣ (1031ҳ)[3] ва Шабланҷии шофеӣ (1298ҳ)[4], ба гунае, ки Мафсал ва Заҳабии шофеӣ (748ҳ)[5] ва ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ)[6] ба сурати муҷмал ва гузаро нақл кардаанд.

Гуфтанист, ки Самҳудии шофеӣ (911ҳ)[7] ва Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ)[8] мустақиман онро аз китоби «Таърихи Нишобур» нақл накардаанд, балки аз тариқи ибни Саббоғи моликӣ, ба нақли гузориши Ҳоким пардохтаанд.

Ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ ба нақл аз Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар мавриди лаҳзаи вуруди имом (а) ба Нишобур мегӯяд:

**Ду ҳофизи ҳадис Абузуръаи Розӣ ва Муҳаммад ибни Аслами Тусӣ ба ҳамроҳии ҷамъе аз ҷӯяндагони ҳадис ва дониш омаданд ва аз ӯ таманно карданд, ки рӯяшро бад-онон бинамоёнад ва ҳадисеро аз падаронаш ривоят кунад...**[9]

Дар нақли дигар омада:

**Чун Алӣ ибни Мӯсарризо ба Нишобур дохил шуд, савор бар**

1. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594.
2. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.115.
3. «Файзулқадир би шарҳи ҷомеъуссағир», ҷ.4, саҳ.489-490.
4. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.236.
5. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.390.
6. «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339.
7. «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин», саҳ.342-343.
8. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.227 ва «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.343-345.
9. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594.

астари хокистарии моил ба сиёҳ буд. Уламои шаҳр чун Яҳё ибни Яҳё, Исҳоқ ибни Роҳвайҳ, Аҳмад ибни Ҳарб, Муҳаммад ибни Рофеъ дар талабаш равон шуданд ва ба афсори чаҳорпояш чанг заданд ва Исҳоқ бад-ӯ арза дошт: ба ҳаққи падаронат! Барои мо ҳадисе нақл кун, пас фармуд...[1]

Ибни Саббоғи моликӣ низ ба нақли Ҳоким мегӯяд:

Замоне имом Ризо (а) вориди Нишобур шуд, дар сафаре, ки дар ҳамон сафар ба шаҳодат расид, ҳазрат дар хиргоҳе пӯшида бо порчае пашмӣ бар астаре шаҳбо (ба ранги хокистарии моил ба сиёҳ) савор буд ва барои ӯ роҳи бозори Нишобур боз мешуд. Пас ду тан аз уламои аҳли суннат ба номҳои Абузуръа ва Муҳаммад ибни Аслам хидмати он ҳазрат расиданд. Ин ду танро теъдоди зиёде талаба ва аҳли илму ҳадис, ки хидмати имоми Ризо (а) расида буданд, ҳамроҳӣ мекарданд. Он ду гуфтанд: Эй сарвари бузургвор, фарзанди имомони бузург! Ба ҳаққи падарони покат ва гузаштагони гиромият рӯи муборакатро ба мо бинамоён ва барои мо аз падаронат, аз ҷаддат Муҳаммад (с), ҳадисе ривоят кун, ки туро бад-он сабаб ёд кунем, пас имом (а) дастур дод, маркабро нигаҳ доранд ва ба ғуломаш фармон дод, пардаи каҷоваро канор бизананд. Чашмони ҷамъияти анбӯҳе, ки ҳамагӣ истода буданд, ба ҷамоли нуронии он ҳазрат мунаввар гашт ва ашк аз чашмони иддае ҷорӣ шуд ва ҷамъе фарёдзанон ва гурӯҳе ба хок уфтода ва иддае ба дасту пои маркаб бӯса мезаданд ва фарёди гиряву нола бар фазо ҳоким шуда буд. Абузуръа ва Муҳаммад ибни Аслам аз ҷамъият хостанд, аз ҳаёҳӯ

---

1. «Кашфул хифо ва музилул албос аммо иштаҳара минал аҳодиси ало алсинатин нос», ҷ.1, саҳ.22.

**худдорӣ кунанд то садои имом шунида шавад.**

**Имом Ризо (а) фармуд: Падарам аз падараш имом Содиқ ( аз падараш имом Боқир аз падараш имом Саҷҷод аз падараш имом Ҳусайн аз падараш имом Алӣ нақл кардаанд, ки Алӣ (а) фармуд: паёмбар фармуданд, Ҷабраил арз кард: «Аз Худои субҳон шунидам, ки фармуд: ҷумлаи ло илоҳа иллаллоҳ диҷи ман аст, пас ҳар ки онро бигӯяд, дар диҷ ва ҳисори ман дохил шуда ва аз азоби рӯзи қиёмат дар амон хоҳад буд. Сипас пардаи каҷоваро фуру афканд ва ҳаракат намуд.**

**Гуфт: шумурданд: теъдоди касоне, ки қалам ва давот ба ҳамроҳ дошта ва ҳадисро навиштаанд, болиғ бар бист ҳазор буд.[1]**

## Нукоти гузоришҳои таърихӣ:

Маҷмуъан нукоти ин ҳадиси муҳим ба ду бахш тақсим мешавад:

а) Вокуниши мардум дар баробари имом Ризо (а)

1. Истиқболи бошукӯҳ ва беназири мардум ҳангоми вуруди имом Ризо(а)

2. Нола ва фарёд ва беқарории мардум

3. Ба хок афтодани гурӯҳе аз мардум

4. Бӯсидани ҷои пои маркаби имом Ризо (а)

б) Вокуниши уламои номии аҳли суннат дар баробари имом Ризо (а)

1. Табаррук ҷустани уламо ба имом (а)

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.242-243.

2. Истиқболи уламои номдори аҳли суннат ба ҳамроҳи шогирдон ва соири донишварон аз имом (а)

3. Илтимос ва гиряву зории уламои аҳли суннат ба пешгоҳи имом (а) барои намоёндани чеҳраи мубораки вай аз каҷова.

4. Илтимос ва гиряву зории уламои аҳли суннат ба имом барои нақли ҳадисе аз аҷдоди тоҳиринаш.

5. Ҳузури даҳ ва ё бист ва ё сӣ ҳазор тан аз хабарнигорон ва гузоришгарони ин ҷараён.

6. Сабқат гирифтан ва чанг задани уламои номии аҳли суннат ба макраби имом (а).

Шояд нукоти ин ҷараёни таърихӣ сабаби ҳазф ва сонсури инривоёт аз сиҳоҳ ва ҷавомеъи ҳадисии муътабари аҳли суннат шудааст!

## Шинохти ҷойгоҳи илмии Нишобур

Шинохт ва огоҳӣ аз ҷойгоҳи шахсиятҳое, ки дар гузоришҳои таърихӣ зикр шуда, ба вузуҳ нишон медиҳад, ки уламои аҳли суннати он даврон бо он азамат чӣ гуна дар остони Алӣ ибни Мӯсарризо зону зада бо гиряву зорӣ ва илтимос аз имом Ризо (а) хостаанд, ки нахуст чеҳраи худро аз каҷова бинамоёнад ва онгоҳ ҳадисе аз падарони пок ва муттаҳараш нақл намояд. Акнун он уламоро муаррифӣ мекунем:

1.Одам ибни Аёси Асқалонӣ (220ҳ).

Ӯ пешвои аҳли ҳадис ва фарде сиққа ва мавриди итминони бузургони аҳли Шом ва яке аз шаш нафарест, ки ҳадиси ёдшударо ба дурустӣ сабт мекунад. Заҳабии шофеӣ дар бораи ӯ

мегӯяд:

**Имом ҳофизи пешво, шайхи шомиён Абулҳасани Хуросонӣ.**[1]

Абуҳотами Розии шофеӣ менависад:

**Сиққа, амин, обид ва аз беҳтарин бандагони Худо!**[2]

Аҳмад ибни Ҳанбал мегӯяд:

**Ҷузъи шаш нафарест, ки ҳадис назди ӯ забт ва сабт ва тасҳеҳ мешавад.**[3]

2.Абузакариё Яҳё ибни Яҳёи Минқарии Нишобурӣ (226ҳ)

Ӯ шайхулислом ва олими Хуросон ва ба таъбири бархе, имоми аҳли дунёст.

Абубакр ибни Абдурраҳмон мегӯяд: «شيخ الاسلام و عالم خراسان الحافظ».

Абулаббоси Сироҷ мегӯяд: «امام لأهل الدنيا.». Абуаҳмадал Фароъ мегӯяд:

**Ӯ пешво ва улгу ва нур барои ислом буд.**[4]

Нисоии шофеӣ менависад:

**Ӯ сиққа, амин ва мутмаин ва ҳуҷҷат аст.**[5]

Аҳмад ибни Сайёри Марвазии шофеӣ мегӯяд:

**Мавриди эътимод... бисёр нек ва донишманд буд.**[6]

---

1. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.10, саҳ.335.
2. «Алҷаруҳу ваттаъдил», ҷ.2, саҳ.268.
3. «Таърихи Бағдод», ҷ.7, саҳ.28.
4. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.10, саҳ.512.
5. «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», шумораи 1524.
6. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.10, саҳ.512.

3.Абуабдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳарб ибни Фирузи Нишобурӣ (234ҳ)

Ӯ пешво ва усваи аҳли ҳадис, раҳбари динии Нишобур ва фуқаҳо ва бузурги обидон ва фарде камназир будааст. Заҳабии шофеӣ дар бораи ваӣ мегӯяд:

**Имом улгу, шайхи зоҳиди Нишобур, аз фақеҳон ва обидони бузург буд.**

Яҳё ибни Яҳёи Тамимӣ дар бораи вай мегӯяд:

**Агар Аҳмад ибни Ҳарб аз абдол набошад, намедонам чӣ касе аз эшон аст?**[1]

4.Абуяъқуб Исҳоқ ибни Роҳвайяҳи Марвазӣ (238ҳ)

Ӯ аз пешвоёни аҳли суннат ва уламои динист, ки ҳадис ва фиқҳ ва ҳифз ва ростгӯӣ ва парҳезгорӣ дар вай ҷамъ шудааст. Дар шофеӣ ё ҳанбалӣ будани ӯ ихтилоф аст. Суютии шофеӣ дар бораи вай мегӯяд:

**Ибни Роҳвайҳ яке аз пешвоёни мусалмонон ва уламои дин аст, ки дар ӯ ҳадис ва фиқҳ ва ростӣ ва вараъ ва зуҳд гирд омада буд.**[2]

5.Абулҳасан Муҳаммад ибни Аслами Киндии Тусӣ (242ҳ)

Ӯ аз шахсиятҳои мавриди эътимод ва аз ҳуффоз буда ва дар илму дониш монанди ибни Ҳанбал аст. Суютии шофеӣ дар

---

1. Ҳамон, ҷ.11, саҳ.32-34.
2. «Табақотул ҳуффоз», саҳ.191-192.

бораи вай мегӯяд:

**Аз афроди сиққа ва ҳофиз ва аз авлиёи абдол аст.**

Ва ба нақл аз ибни Хузаймаи шофеӣ дар бораи вай мегӯяд:

**Ӯ аз уламои раббонии ин уммат аст. Ду чашми ман чун ӯ надид ва ба Аҳмад ибни Ҳанбал шабеҳ буд.**[1]

6.Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Рофеъи Қушайрии ҳанбалӣ (245ҳ).

Ӯ дар даврони хеш бузурги Хуросон ва мавриди эътимод ва ростгӯ буд. Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар мавриди вай мегӯяд:

**Шайх ва бузурги асри хеш ба Хуросон дар ростгӯӣ ва сафар барои талаби дониш буд.**[2]

Муслим ва Нисоии шофеӣ низ мегӯянд:

**Ибни Рофеъ сиққа ва амин аст.**[3]

Заҳабии шофеӣ мегӯяд:

**Имоми ҳофиз ва ҳуҷҷати улгу ва бозмондаи бузургон аст.**[4]

8.Наср ибни Алии Ҷаҳзимӣ ё Ҷуҳнӣ (250ҳ).

Вай яке аз мутмаинтарин ва барҷастатарин ҳуффоз ва огоҳтарин муҳаддисон ва аз бузургони онон ба шумор меравад. Абиҳотами Розии шофеӣ мегӯяд:

**Наср назди ман дӯстдоштанитар ва мувассақтар ва ҳофизтар аст. Наср сиққа аст.**[5]

Нисоии шофеӣ ва ибни Харош мегӯянд:

---

1. Ҳамон, саҳ.238.
2. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.12, саҳ.214.
3. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.37, саҳ.68.
4. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.12, саҳ.214.
5. «Алҷаруҳу ваттаъдил», ҷ.8, саҳ.466.

ثقهٌ.[1]

Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Фарҳиёнӣ менависад:

**Наср аз дидгоҳи ман дар зумраи шахсиятҳои барҷаста аст.**[2]

Заҳабии шофеӣ низ мегӯяд:

**Ҳофиз бисёр доно ва мавриди эътимод... аз бузургон буд... Наср ибни Алӣ аз пешвоёнест, ки марвиёт ва асмои шуйухи худро сабт мекунад.**[3]

8.Абузуръа Абдуллоҳ ибни Абдулкарими Розии Қурайшии Махзумии Ҳанбалӣ (261ҳ).

Имом аҳли ҳадиси Хуросон ва фарде мавриди эътимод ва бузург ва аз ҳуффоз аст. Суютии шофеӣ дар мавриди вай мегӯяд:

**Яке аз бузургон ва ҳофизони ҳадис дар ислом аст.**[4]

Ибни Абиҳотами Розии шофеӣ мегӯяд:

**Касеро мутавозеътар аз Абузуръа надидам. Ӯ ва Абоҳотам пешвоёни Хуросон ба шумор меоянд.**[5]

Нисоии шофеӣ дар бораи вай мегӯяд: «сиққа» ва Заҳабии шофеӣ низ аз вай ба «алимомул сайидул ҳуффоз» ёд мекунад.[6]

9. Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Хузаймаи шофеӣ (311ҳ)

Вай шахсиятест, ки имомат ва ҳифзи ҳадис дар Хуросон ба вай мунтаҳӣ гашта ва фарде камназир ва аз ҳуффоз аст. Заҳабии Шофеӣ дар бораи вай мегӯяд:

**Имомат ва ҳифзи ҳадис дар Хуросон бад-ӯ поён меёбад.**

---

1. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.12, саҳ.135.
2. «Таърихи Бағдод», ҷ.13, саҳ.288.
3. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.12, саҳ.135.
4. «Табақотул ҳуффоз», саҳ.254.
5. «Алҷаруҳу ваттаъдил», ҷ.5, саҳ.325.
6. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.13, саҳ.75.

Ибни Ҳаббони шофеӣ мегӯяд:

**Рӯи замин касеро монанди ибни Хузайма надидам, ки ба фанни суннатҳои набавӣ ба хубӣ огоҳ бошад. Ӯ алфози саҳеҳи ривоёт ва изофоти онҳоро бештар аз ҳама мешинохт, гӯё суннати паёмбар ва аҳодиси набавӣ пеши чашми ӯ қарор дошт.**

Доруқутнии шофеӣ низ мегӯяд:

**Имом ҳуҷҷат ва беназир буд.**[1]

10. Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб Абулии Сақафии шофеӣ (382ҳ)

Ӯ пешвои аҳли ҳадис ва бузурги Хуросон ва ба таъбири аҳли суннат дар даврони хеш ҳуҷҷати Худо бар рӯи замин будааст. Заҳабии шофеӣ дар бораи вай мегӯяд:

**Ҷойгоҳи риҷоли ёдшуда назди бузургони аҳли суннат ва тазарруъ ва илтимос ва зону задани онҳо дар баробари шахсияти имом Ризо (а) намоёнгари азамат ва марҷаъияти илмӣ ва маънавии имом Алӣ ибни Мӯсарризо аст.**[2]

## Пурсише бепосух

Ҷараёни вуруди имом Ризо ба Нишобур ва судури ҳадиси силсилатуззаҳаб ва сабти он тавассути даҳ ё бист ва ё сӣ ҳазор тан ва нақли ҳадиси «ҳисн» ва «имон» аз сӯи беш аз 90 ровии аҳли суннат ва инъикоси он дар даҳҳо кутуби муътабар ва суханон ва мавозеъи шигифтангези бузургони онон дар таъйиди

1. Ҳамон, ҷ.14, саҳ.372.
2. Ҳамон, ҷ.15, саҳ.281-282.

санад ва матни ин ду ҳадиси шариф, нависандагони сиҳоҳро[1] бо ин пурсиши ҷиддӣ мувоҷеҳ месозад, ки чаро ва ба чӣ далел ин аҳодиси саҳеҳро аз маҷомеъи ҳадисии худ ҳазф карда ва ҳатто ишорае ҳам ба онҳо накардаанд?!

Ба ростӣ ин дугонагӣ байни мавозеъи уламои Нишобур ва соири уламои аҳли суннат ва нависандагони сиҳоҳ дар бораи имом Ризо (а) ва аҳодиси он ҳазрат барои чист?

## Саввум: соири аҳодис

То кунун ду ҳадиси «ҳисн» ва «имон» маъруф ба силсилатуззаҳабро нақл карда ва баррасӣ карда дар ин бахш баъзе аз аҳодисеро, ки санади онҳо силсилатуззаҳаб буда, вале далолати он ғайр аз ҳадиси ҳисн ва имон аст ва имом Ризо (а) онҳоро аз падарони покаш нақл карда ва дар кутуби ҳадисии аҳли суннат омада, ёдовар мешавем.

1.Ибни Наҷҷории шофеӣ (643ҳ) ба санади худ аз Абдуллоҳи ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал аз падараш Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амиралмуъминин (а) ва паёмбари аъзам (с) нақл кардааст, ки паёмбар (с) фармуд:

**Ҳар гурӯҳе ба машварат бипардозад ва дар ҷамъи онҳо Аҳмад ё Муҳаммад номе ҳузур дошта бошад, Худованд ончӣ хайру салоҳ аст барои онон муқаддар хоҳад кард.**[2]

2.Ибни Наҷҷори шофеӣ ба санади худ аз Юсуф ибни

1. Албатта, ибни Моҷа дар «Сунан»-и худ фақат ҳадиси имонро нақл кардааст, чуноне ки гузашт.
2. «Зайли таърихи Бағдод», ҷ.19, саҳ.135.

Абдуллоҳи Ғозӣ аз Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амирулмуъминин (а), аз паёмбари аъзам (с) нақл кардааст:

**Худованд хитоб ба фарзанди одам мефармояд: Эй фарзанди одам! Бо инсоф бар ман бархурд накардӣ, бо ирсоли неъматҳоям ба ту муҳаббат мекунам ва ту бо гуноҳонат худро мавриди ниқмат ва азобам қарор медиҳӣ. Хайру инояти ман бар ту сарозер аст, вале табаҳкорӣ ва гуноҳони ту ба осмонҳо забона мекашад ва ҳамвора фаришта гуноҳонеро, ки анҷом додаӣ ба ман мерасонад. Эй фарзанди одам, агар шарҳи зиштиҳоятро аз дигаре бишнавӣ ва надонӣ, ки дар бораи туст, зуд бар ӯ хашмгин мешавӣ.**[1]

3.Муҳаммади ибни Саломаи Хузоъии шофеӣ (454ҳ) ба санади худ аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронашон (а) аз ҳазрати амиралмуъминин (а) нақл мекунад, ки паёмбари гиромии ислом (с) фармуд:

**Касе, ки бо мардум муомила кунад ва ба онҳо зулм раво надорад, бо онон сухан бигӯяд ва дурӯғ нагӯяд, ваъда диҳад, вале хилофи ваъда амал накунад, аз касонест, ки ҷавонмардиро комил ва адолаташро зоҳир карда ва бародариаш воҷиб ва ғайбаташ ҳаром мешавад.**[2]

4.Байҳақии шофеӣ (458ҳ) ба санади худ аз имом Алӣ ибни

---

1. Ҳамон, саҳ.136 ва «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.3, саҳ.4.
2. «Маснадуш шаҳоб», ҷ.1, саҳ.322 ва р.к: «Алкифояту фил илмур ривоя», ҷ.1, саҳ.78, ҳ.543.

Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амиралмуъминин (а) нақл карда, ки паёмбари аъзам (с) фармуд:

**Асл ва асоси хирад пас аз диндорӣ изҳори муҳаббат ва дӯстӣ ба мардум ва некӣ хостан барои инсонҳои хубу бад аст.**[1]

5.Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ (403ҳ) ба санади худ аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амирулмуъминин (а) ривоят карда, ки фармуд:

**Сахттарин аъмол се чиз аст. Ҳақро дар мавриди худат бипазирӣ, дар ҳамаи ҳол ба ёди Худо бошӣ ва ба бародари диниат кумаки молӣ кунӣ.**[2]

6.Абунаъими шофеӣ ба санади худ аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амиралмуъминин (а) нақл карда, ки паёмбари аъзам (с) фармуд:

**Дониш ганҷинаҳоест ва калиди онҳо пурсиш аст. Бинобар ин бипурсед Худо шуморо мавриди раҳмати хеш қарор диҳад, зеро дар пурсиш чаҳор гурӯҳ подош мегиранд: пурсанда, устоду муаллим, шунаванда, гирандаи посух ва дӯстдори пурсиш.**[3]

7.Довуд ибни Сулаймон аз имом Ризо (а) аз падаронаш (а),

---

1. «Шуъабул имон», ҷ.6, саҳ.256, ҳ.8062.
2. «Ҳилятул авлиё ва табақотул асфиё», ҷ.1, саҳ.85.
3. Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ дар бораи ин ҳадис мегӯяд:

   «Ин ҳадисе шигифтангез аз ин ҷиҳат аст, ки онро ҷуз бо ин иснод наменависем». Ҳамон асар, ҷ.3, саҳ.428. Албатта ибораи «вал маҳабба лаҳу» дар ин манбаъ набуд, балки дар «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин» (ҷ.3, саҳ.428) вуҷуд дошт.

ки аз ҳазрати амири муъминон (а) нақл мекунад, ки расули Худо (с) фармуд:

**Шайтон ҳамвора аз муъмине, ки пойбанд ба намози панҷгона бимнок аст, вале замоне, ки он намозҳоро зоеъ гардонад, шайтон бар ӯ ҷуръат меёбад ва вайро дар доми гуноҳони бузург меандозад.**[1]

8.Довуд ибни Сулаймон аз имом Ризо (а) аз падаронаш (а), ки аз ҳазрати амири муъминон (а) нақл мекунад, ки расули акрам (с) фармуд:

**Беҳтарин аъмол назди Худованд имон аст, ки шакке дар он роҳ наёфта бошад ва ҷиҳодест, ки дар он дуздӣ ва хиёнат набошад ва ...** [2]

9.Довуд ибни Сулаймон аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а) аз падаронаш (а), аз амири муъминон (а) нақл карда, ки паёмбари аъзам(с) фармуд:

**Фарде, ки аз қабристон гузар кунад ва ёздаҳ мартаба сураи тавҳид бихонад ва савобашро ба мурдагон ҳадя кунад, ба теъдоди мурдагони хуфта дар онҷо ба ӯ подош дода мешавад.**[3]

10.Алӣ ибни Ҳамзаи Алавӣ ба нақл аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз амири муъминон (а) ривоят

---

1. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.2, саҳ.125.
2. Ҳамон асар, саҳ.216. Ин ривоят аз тариқи дигар низ аз паёмбари аъзам (с) ривоят шудааст. Ниг: Аҳмад ибни Ҳанбал «Алмаснад», ҷ.3, саҳ.258.
3. Ҳамон, саҳ. 297.

карда, ки расули Худо (с) фармуд:

**Аслу насаб ва фомили худро ба андозае, ки силаи раҳм бар он мутавaққиф аст, бишносед, зеро силаи раҳм аҷалро ба таъхир меандозад, муҷиби фузунии мол ва хушнудии Худо мешавад.**[1]

11.Аҳмад ибни Омири Тойӣ аз имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз падаронаш (а) аз ҳазрати амири муъминон (а) нақл карда, ки паёмбари аъзам (с) фармуд:

**Шахсе, ки чиҳил ҳадис барои уммати ман ҳифз кунад то аз он баҳраманд гарданд, Худованд ӯро рӯзи қиёмат фақеҳ ва донишманд маҳшур мекунад.**[2]

12.Шабланҷии шофеӣ ба сурати мурсал аз имом Ризо (а) аз падаронаш (а) аз амири муъминон (а) аз паёмбари акрам (с) нақл мекунад, ки фармуд:

**Ҳар касе, ки ба ҳавзи ман муътақид набошад, рӯзи қиёмат бар ҳавзи ман ворид нахоҳад шуд ва касе, ки ба шафоатам эътиқод надошта бошад, Худованд ӯро аз шафоати ман баҳраманд нахоҳад сохт. Онгоҳ фармуд: «Шабоҳати ман танҳо ба афроде аз уммати ман мерасад, ки гуноҳи кабира анҷом додаанд, аммо муҳсинон ва некӯкорон муъохизае надоранд.**[3]

13.Шабланҷии шофеӣ ба сурати мурсал аз имом Ризо (а) аз

---

1. «Мавзаҳу авҳомул ҷамъи ват тафриқ», ҷ.2, саҳ.454.
2. «Маснадул имоми Зайд», саҳ.443 ва «Алилалу мутаноиҳияти», ҷ.1, саҳ.119.
3. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.237.

падаронаш (а) аз амири муъминон аз паёмбари гиромии ислом (с) ривоят карда, ки фармуд:

**То рӯзи қиёмат ҳеҷ муъмине нест, магар он ки ҳамсояе дорад, ки ӯро озор медиҳад.**[1]

14.Шабланҷии шофеӣ ба сурати мурсал аз имом Ризо (а) аз падаронаш (а) аз амири муъминон аз расули акрам (с) нақл мекунад, ки фармуд:

**Сафедии мӯ дар ҷилави (пеши) сар баракат ва майманат аст ва дар ду шақиқа бахшандагӣ ва дар кокул шуҷоат ва дар паси сар шумӣ.**[2]

15.Шабланҷии шофеӣ ба сурати мурсал аз имом Ризо (а) аз падаронаш (а) аз амири муъминон аз паёмбари аъзам (с) ривоят карда, ки фармуд:

**Чун маро ба осмон бурданд, раҳмҳое овехта дар арш дидам, ки аз раҳми хешовандӣ назди парвардигор шикоят мекарданд, ки ӯ қатъи раҳм карда, гуфтам: чӣ қадар байни ту ва ӯ аз ҷиҳати насаби падарӣ фосила аст? Гуфт: дар падар чиҳилум ба ҳам мерасанд.**[3]

1. Ҳамон.
2. Ҳамон.
3. Ҳамон.

# Пурсише бепосух

Ҳамон гуна, ки дар дафтари «шахсият» гузашт, уламои аҳли суннат суханони бисёр шигифтоваре дар бораи шахсияти илмии имом Ризо (а) иброз доштаанд ва ҷойгоҳи воло ва вижае барои он ҳазрат тарсим кардаанд, аммо бояд мулоҳиза кард, чигуна метавон аз уқёнуси бекарони илмии имом Ризо (а) баҳраманд гашт? Қатъан танҳо роҳи баҳрамандӣ аз маорифи ин имоми ҳумом ривоятҳои ровиёнеанд, ки маорифро аз он ҳазрат шунида ва онро ба наслҳои баъдӣ мунтақил карда бошанд. Маҷмуаи суханон ва маорифи имом Ризо (а) атрофиён ва ровиёни даврони имом (а) дар китобе ба номи «Саҳифатур Ризо» ва ё «Маснадур Ризо» гирд овардаанд, то аз ин тариқ дигарон битавонанд аз маориф ва улуми он бузургвор баҳра ҷӯянд.

Касоне, ки ин саҳифа ва маснад ва ё соири ривоётро ба сурати ҷудогона аз имом Ризо (а) нақл кардаанд, афроде назири Абосалти Ҳаравӣ, Алӣ ибни Садиқаи Риққӣ, Довуд ибни Сулаймони Ҷурҷонӣ, Аҳмад ибни Омири Тоӣ, Ҳасан ибни Фазл ибни Аббос ва даҳҳо тани дигаранд, ки асомии онон ба гунае пароканда ва бо бемеҳрӣ дар кутуби аҳли суннат мунъакис шудааст, зеро аҳли ҷарҳ ва таъдил ин ровиёнро бидуни далел тазъиф карда ва ривоятҳои ононро беэътибор донистаанд.[1]

Ин пурсиш дар ин ҷо матраҳ аст, ки аз тарафе бо таваҷҷуҳ ба ситоиши аҳли суннат аз шахсияти волои имом Ризо (а) ва аз тарафи дигар бастани танҳо роҳи иртиботӣ ва

---

1. «Китобул маҷруҳин», ҷ.2, саҳ.106 ва «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.457.

истифода аз улум ва маорифи он ҳазрат бо тазъифҳои бидуни далел ва таассубомез ин дугонагӣ чӣ маъно ва мафҳуме метавонад дошта бошад?!

# Дафтари чорум

# Имомат

# Маънои вожаи имом

Вожаи «имом» ва «имомат» дар фарҳанги шиъӣ аз вожаҳои муқаддисин ва маъное воло доранд ва аҳамият ва ҷойгоҳи вижае бархурдор ва ёдовари пешвоёни маъсум ва ҷонишинони дувоздаҳгонаи паёмбар дар мазҳаби ташайюъ аст. Ин ҷонишинон аз ҷониби паёмбари аъзам (с) яке пас аз дигаре парчами имомат ва зиъомати ҷомеъаро дар ҳар даврон ба даст гирифта ва марҷаъияти илмӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ... -ро ӯҳдадор будаанд. Ин вожа дар як нигоҳи куллӣ ду маънои ом ва хос дорад, ки дар зайл ба тавзеҳи он пардохта мешавад:

**а) Маънои ом**

Корбурди ин вожа дар фарҳанги аҳли суннат бо маънои он аз дидгоҳи шиъа комилан тафовут дорад. Аз ин рӯ агар ҷамъе аз аҳли суннат дар мавриди имом Ризо (а) ва ё соири аҳли байт (а) вожаи «имом»-ро ба кор мебаранд, набояд чунин пиндошт, ки мақсуди онҳо аз истеъмоли ин вожа ҳамон маъно ва мақсуди шиъа аст, магар ин ки бар асоси фарҳанги шиъӣ қаринае бар маънои «имом» иқома шавад.

**Корбурди вожаи имом дар калимоти аҳли суннат**

Пас аз ҷустуҷӯ дар калимот ва иборoти аҳли суннат дар

мавриди имом Ризо (а) ибороте аз онҳо ёфт шуд, ки дар он аз вожаи «имом» истифода шудааст ва дар баёни баъзе аз абъоди шахсиятии имом Ризо (а) бар асоси дидгоҳи худашон аз он ҳазрат «имом» таъбир кардаанд ва баъзе дигар низ аз боби канор омадан бо ташайюъ афзун бар ин ки аз он ҳазрат таъбир ба «имом» кардаанд, вайро «имоми ҳаштум» низ хондаанд ва бархе далоили васоят ва имомати имом Ризо (а) низ нақл кардаанд, ки ба онҳо ишора хоҳад шуд.

Бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда, зоҳиран аз миёни аҳли суннат аввалин бор Масъудии шофеӣ (346ҳ) вожаи имомро дар мавриди имом Ризо (а) ба кор бурдааст.[1]

Албатта ин сухан ба ин маъно нест, ки аҳли суннат қабл аз қарни чаҳорум, он ҳазратро «имом» ба маънои ом намедонистанд, балки манзур ин аст, ки истеъмоли вожаи «имом» дар қарни чорум гузориш шудааст.

Баъд аз Масъудии шофеӣ, уламои дигари аҳли суннат низ ин вожаро дар бораи имом Ризо (а) ба кор бурдаанд, ки авҷи ин корбурд дар қарни ҳафтум ва ҳаштум ва даҳум аст, ки асомии онҳо иборатанд аз:

Фахри Розии шофеӣ (606ҳ)[2], ибни Қудомии Мақдисии ҳанбалӣ (620ҳ)[3], Рофеъии шофеӣ (623ҳ)[4], шайх Муҳиддин ибни

1. «Исботул васияти», саҳ.170.
2. «Ашаҷаратул муборака фӣ ансобул толибия», саҳ.77.
3. «Аттабйин фӣ ансобил толибия», саҳ.77.
4. «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», ҷ.3, саҳ.425.

Арабии шофеӣ (638ҳ)[1], Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ (652ҳ)[2], Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ)[3], ибни Абилҳадиди муътазилии шофеӣ (656ҳ)[4], Ганҷии шофеӣ (658ҳ)[5], Мавсилии шофеӣ (660ҳ)[6], (660ҳ)[6], ибни Халлакони шофеӣ (681ҳ)[7], Ҷувайнии шофеӣ (730ҳ)[8], Абулфидои Димишқии шофеӣ (732ҳ)[9], Заҳабии шофеӣ (748ҳ)[10], ибни Вардии Ҳалабии шофеӣ (749)[11], Сафадии шофеӣ (764ҳ)[12], Ёфеъии шофеӣ (786ҳ)[13], Хоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ (822ҳ)[14], ибни Саббоғи моликӣ (855ҳ)[15], ибни Тағрии ҳанафӣ (874ҳ)[16], Мулло Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ (898ҳ)[17] Мирхонди шофеӣ (903ҳ)[18], Хунҷии Исфаҳонии Ҳанафӣ (927ҳ)[19], Хондамири

1. «Китобул маноқиб» (Чоп шуда дар поёни «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.296 ба нақл аз: «Мулҳақоти эҳқоқул ҳақ», ҷ.28, саҳ.657).
2. «Матлобус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295.
3. «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма (а)», саҳ.321.
4. «Шарҳи Наҳҷул балоға», ҷ.2, саҳ.254.
5. «Кифоятул толиб фӣ маноқиби Алӣ ибни Абитолиб (а)», саҳ.457-458.
6. «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», саҳ.377.
7. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.3, саҳ.269-270.
8. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.187.
9. «Алмухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.2, саҳ.24.
10. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.387; «Алибару фӣ хабари ман ғабар», ҷ.1, саҳ.266; «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом», саҳ.270.
11. «Татиматул мухтасар фӣ ахборил башар», ҷ.1, саҳ.32.
12. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.22, саҳ.251.
13. «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10.
14. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» бино бар нақл «Янобеъул мавадҷати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.165.
15. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.234.
16. «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», ҷ.2, саҳ.219.
17. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.380.
18. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.219.
19. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.336, «Василатул ходим илал маҳдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.

шофеӣ (942ҳ)[1], ибни Тулуни Димишқии ҳанафӣ (953ҳ)[2], Диёри Бакрии шофеӣ (966ҳ)[3], ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ (974ҳ)[4], Қармонии Димишқӣ (1019ҳ)[5], ибни Имоди ҳанбалӣ (1089ҳ)[6], Шибровии шофеӣ (1172ҳ)[7], Баҳодурхони Ҳиндии ҳанафӣ (қарни (қарни 13 ҳиҷрӣ)[8], Шабланҷии шофеӣ (1298)[9], Санҳутии шофеӣ шофеӣ (ҳудудан 1344ҳ)[10], Набҳонии шофеӣ (1350ҳ)[11], Қозӣ Беҳҷаҳти Афандии шофеӣ (1350)[12], Муҳаммадфариди Ваҷдӣ (1373ҳ)[13], Абдулмутаъоли Саъидии Мисрии шофеӣ (1377ҳ)[14], Зеркулӣ (1396ҳ)[15], Саидмуҳаммад Тоҳири Ҳошимии шофеӣ (1412ҳ)[16], доктор Абдуссаломи Тармонинӣ[17], Ҳодии Ҳамавии Мисрии шофеӣ[18], Боқир Амини Вард[19], Муҳаммад Амини Занновӣ[20].

## б) Маънои хос

1. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.81.
2. «Алаимматул исно ашарати (а)», саҳ.97.
3. «Таърихул хамис фӣ аҳволи анфуса нуфус», ҷ.2, саҳ.335.
4. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.593.
5. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114.
6. «Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори мин заҳаб», ҷ.3, саҳ.14.
7. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.312.
8. «Таърихул аҳмадӣ», саҳ.342.
9. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.232.
10. «Аланворул қудсия», саҳ.39.
11. «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ. 311.
12. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157.
13. «Доиратул маориф қарни ашрин», ҷ.4, саҳ.251.
14. «Алмуҷаддидуна фил ислом», саҳ.69-70.
15. «Алаълом», ҷ.5, саҳ.26.
16. «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат», саҳ.202.
17. «Аҳодисил таърихил исломия битартибис синин», ҷ.6, саҳ.1169.
18. «Азвоу алаш шиъа», саҳ.134.
19. «Мӯъҷамул уламоул араб», ҷ.1, саҳ.153.
20. Поварақи«Албулдон», саҳ.93.

Чунон ки гуфта шуд, бештари ин афрод буъди хосе аз шахсияти имом Ризо (а)-ро дар назар доштаанд. Ва бо таваҷҷуҳ ба ҳамон буъд, вожаи «имом» -ро дар бораи он ҳазрат ба кор бурдаанд. Масалан, дониш, зуҳд ва..., вале бархе аз аҳли суннат ин вожаро тибқи маънои имом дар фарҳанги шиъӣ ба кор бурда ва бо ҷасорат ва шаҳомати хосе имом Ризо (а) -ро имоми ҳаштум муаррифӣ кардаанд ва далоили васоят ва имомати он ҳазратро низ ба тафсил зикр мекунанд, ки ба он ишора хоҳад шуд.

## Нусуси долл бар имомати имом Ризо (а)

Дар мавриди ривоёти долл бар имомати имом Ризо (а) дар миёни аҳли суннат танҳо Масъудии шофеъӣ ва ибни Саббоғи моликӣ ба гунае муфассал ва Муҳаммадхоҷа Порсои ҳанафӣ ба ихтисор ишора кардаанд. Гуфтанист, ки Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеъӣ низ, бе он ки ба далоил ва ривоёти васояти имом Ризо (а) ишора карда бошад ба васояти он ҳазрат тасреҳ намудааст.

**Масъудии шофеъӣ:**

Вай ба гунае машруҳи тамоми адиллаи ривоӣ ва ривоёти долл бар имомати пешвоёни дувоздаҳгона, аз ҷумла имом Ризо (а)-ро баён мекунад.[1]

**Ибни Саббоғи моликӣ:**

---

1. Исботул васия», саҳ.170; Бинобар ин, ки муаллифи «Мураввиҷуззаҳаб» ва «Маъоданул ҷавҳар», «Атанбеҳу вал ашроф ва исботул васия» Алӣ ибни Ҳусайни Масъудии шофеъӣ бошад.

Ӯ дар ин боб се ривоят нақл карда, ки ба онҳо ишора мешавад:

**Ривояти нахуст:**

**Яке аз донишмандон ва диндороне, ки ин ҳадисро ривоят кардаанд, Довуди ибни Касири Риққӣ аст. Вай мегӯяд: ба имом Козим (а) арз кардам: фидоят шавам! Пиру солхӯрда шудаам, дастамро бигир ва аз оташ наҷотам бидеҳ, баъд аз ту сарпарастамон кист? Имом (а) ба фарзандаш Абулҳасан Ризо фармуд: Пас аз, ман ин шахс сарпарасти шумо хоҳад буд.[1]**

**Ривояти дуввум:**

**Махзумӣ, ки модараш аз фарзандони Ҷаъфар ибни Абитолиб аст ва бо имом Козим хешовандӣ дошта, нақл мекунад: Рӯзе имоми Мӯсои Козим моро гирд овард ва хитоб ба мо фармуд: Оё медонед, чаро шуморо ҷамъ кардам? Посух додем: хайр. Имом бо ишора ба Алӣ ибни Мӯсарризо фармуд: гувоҳ бошед, ки ин фарзандам ва ба Алӣ ибни Мӯсарризо ишора фармуд, васӣ ва ҷонишини ман аст. Ҳар кас аз ман талабе дорад, аз ин фарзандам воситонад ва ба ҳар кас ваъдае додаам анҷом додани онро аз ин фарзандам биталабад ва ҳар кас хостори мулоқоти ман бошад, бояд бо навиштаи ин фарзандам бошад.[2]**

**Ривояти саввум:**

**Зиёд ибни Марвон мегӯяд: Рӯзе бар имом Мӯсои Козим**

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.243.
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.244.

**ворид шудам ва Алӣ ибни Мӯсо назди ӯ ҳузур дошт. Имом Мӯсои Козим ба ман фармуд: Эй Зиёд! Ин фарзандам Алист, навиштааш навиштаи ман ва суханаш сухани ман ва фиристодаи ӯ фиристодаи ман ва ҳарчӣ бигӯяд ҳуҷҷат аст.**[1]

Лозим ба ёдоварист, ки ибни Саббоғи моликӣ ин ривоятро аз «Иршод»-и шайхи Муфид[2] нақл кардааст ва изҳори назаре, ки дар мавриди ин аҳодис дошта ва аз онҳо ба бузургӣ ва фазлу дониш ва дин ёд кардааст, чунин бардошт мешавад, ки вай қобилияти нақл ва ё ҳатто қабули ин синхи (навъи) ривоятро таъйид мекунад, ки ин нукта қобили тааммул аст.

**Муҳаммадхоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ:**

**Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) фармуд: Алӣ писарам, бузургтарин фарзандам ва ҳарфшунавтарин ва мутеътарин фарзандам аст, ҳар кас аз вай пайравӣ кунад, ҳидоят хоҳад шуд.**[3]

**Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ:**

Вай низ бо таваҷҷуҳ ба ин ривоят мегӯяд:

Пас аз Мӯсои Козим (а) фарзанди бузурги он ҳазрат имом Ризо (а) бар асоси васияти ӯ пешво будааст...[4]

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.244.
2. «Алиршоду фӣ маърифати ҳуҷаҷиллоҳ алал ибод», ҷ.2, саҳ.248.
3. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» бино бар анқли «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.
4. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.157.

# Ҷамъбандӣ

Аз матолиби ёдшуда чунин ба даст меояд: вожаи «имом» ва корбурди он назди аҳли суннат дар бораи имом Ризо (а) далолат бар васоят ва имоми ҳаштум будани он ҳазрат надорад, балки ин корбурд ду тавҷеҳ метавонад дошта бошад:

Ишора ба яке аз абъоди шахсиятии имом Ризо (а) монанди илм, фақоҳат ва ирфон дорад, ки он ҳазрат аз нигоҳи аҳли суннат дар он буъд шахсияте барҷаста ва нухба муаррифӣ шудааст ва аз ин рӯ, вожаи «имом» бар эшон итлоқ шудааст.

Маъно ва мақсуд аз имом ҳамон васоят ва имомат аст, аммо дар мақоми нақли дидгоҳи шиъа мебошад.

Бинобар ин, вожаи «имом» ва корбурди он назди аҳли суннат нисбист ва  аз корбурди вожаи имом дар осори аҳли суннат наметавон шиъӣ будани нависандагони аҳли суннатро бардошт кард.

# Дафтари панҷум

# Вилоятаҳдӣ

# Вилоятаҳдӣ

Аз ҷумлаи ҳаводиси бисёр муҳимм ва ҷанҷолии таърихи ислом, масъалаи вогузории хилофат ва дар поён вилоятаҳдӣ ба имом Ризо (а) аст, ки Маъмун мехост, онро ба зоҳир анҷом диҳад. Ин амали ғайри қобили пешбинӣ, ҳам дар он даврон ва ҳам дар давронҳои баъд ҷанҷол офарид ва то имрӯз мавриди баҳс ва гуфтугӯ ва ихтилофи назарҳои гуногуне аст, зеро Маъмун ворисн хилофати аббосӣ буд ва сиёсати аслии бани Аббос аз ҳамон рӯзи ба қудрат расидан мубориза бо алавиён ва ба таври куллӣ нобудии онон буд, ба гунае, ки агар нагӯем, ҷиноёти бани Аббос беш аз бани Умайя набуда, камтар низ набудааст ва асосан сиёсати бани Аббос дар баробари аҳли байт ва бани Алӣ имтидод ва идомаи сиёсати бани Умайя будааст, масалан, Мансури Давониқӣ дуввумин халифаи аббосӣ мавозеъи зидди башарӣ ва динӣ бо алавиён дошт онҳоро ба бадтарин ваҷҳи мумкин шиканҷа мекард ва ба шаҳодат мерасонд.

Ҷиноёти Ҳоруни аббосиро низ таърих ҳаргиз фармуш намекунад. Бо ин авсоф Маъмун дар хонадоне, ки бо буғз ва душмании алавиён мамзуҷ буд, рушд ва нуму ёфта ва дар ҳукумате, ки тамоми роҳҳои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро барои маҳв ва нобуд кардани алавиён ба кор

гирифта буд, тарбият шуд. Аз Маъмун таваққуъ ва интизоре ҷуз идомаи сиёсати хасмонаи хулафои пешин дар баробари алавиён намерафт, аммо якбора ва ба зоҳир варақ баргашт ва Маъмун бар хилофи сиёсатҳои ҳокимони гузашта, бо алавиён ба нармӣ ва мулоимат бархӯрд кард ба гунае, ки имом Ризо (а)-ро аз Мадина ба Марв овард ва нахуст ба имом Ризо (а) пешниҳоди хилофат кард, аммо он ҳазрат напазируфт. Баъд аз он вилоятаҳидро ба имом таҳмил ва шиорҳои алавиёнро ҷойгузини шиорҳои бани Аббос кард. Ӯ сикка ба номи имом Ризо (а) зад ва ранги сабзро ба ҷои ранги сиёҳ баргузид ва духтари худро ба ақди он ҳазрат даровард.

Бани Алӣ ва бани Аббос дар баробари ин рафтори Маъмун, якбора ҳайрат карданд ва Маъмун бо ин кор хилофати худро бо ин сиёсати ғайри мунтазира, вориди арсаи ҷадиде кард. Дар ин замина пурсишҳои гуногуне вуҷуд дорад, аз ҷумла чаро Маъмун бархурди мулоим бо фарзандони Алӣ дар дастури кори худ қарор дод? Чаро хилофатро ба имом Ризо (а) пешниҳод кард? Оё асосан пешниҳоди хилофат ва ё вилоятаҳдӣ аз ҷониби Маъмун сурат гирифта ва ё аз ҷониби Фазл ибни Саҳл будааст? Оё тарҳи пешниҳоди хилофат ба имом Ризо (а) содиқона буда ва воқеъан қасди боз гардонидани хилофат ба бани Алиро дошта ва ё аҳдофи дигареро аз ин кор дунбол мекарданд? Чаро вилоятаҳдиро бар имом таҳмил намуданд? Бархурдҳои ба зоҳир мулоими Маъмун ба бани Алӣ чӣ маъно ва мафҳуме дорад? Ва даҳҳо пурсиши дигар.

Решаи ин пурсишҳо ба се масъала боз мегардад.

Нахуст: Оё пешниҳодкунандаи хилофат ва ё вилоятаҳдӣ,

Маъмун буда ва ё Фазл ибни Саҳл.

Дуввум: Агар пешниҳодкунанда Маъмун бошад, оё дар ин пешниҳод содиқ буда ва ба ростӣ қасди бозгардонидани хилофат ба оли Алиро дошта ва ё ин пешниҳод дасиса ва ҳиллае беш набуда ва Маъмун аҳдофи дигареро дунбол мекардааст?

Саввум: вокуниши имом (а) дар баробари пешниҳод чӣ буд?

Дар ин дафтар мехоҳем ба ин се саволи асосӣ посух диҳем, чаро ки посух ба ин пурсишҳо аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки равобити хулафои бани Аббос бо аҳли байт умуман ва равобити Маъмун бо имом Ризо (а)-ро ба гунае хос мушаххас мекунад, ки оё равобити онҳо аввалан яктарафа будааст ё дуҷониба? Сониян, оё ин равобит дӯстона буд, ё ин ки Маъмун аҳдофи дигареро бо ин равобит пай мегирифтааст?!

**Масъалаи аввал:**

**Пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ аз ҷониби Маъмун аст ё Фазл ибни Саҳл?**

Машҳур ин аст, ки Маъмун пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдиро ба имом додааст, аммо бархе бар ин боваранд, ки Фазл ибни Саҳл чунин пешниҳодеро ба Маъмун додааст:

Замоне, ки Маъмун бар Бағдод мусаллат шуд ва бародараш Аминро кушт, вазири Маъмун Фазл ибни Саҳл бародари худ Ҳасан ибни Саҳлро ба ҳукумати Бағдод фиристод ва чун Ҳасан ибни Саҳл аз умарои араб набуд, ҳокимони Куфа ва Ироқ ба фармонравоии ӯ розӣ намешуданд ва бар фармонравоии содоти алавӣ муттафиқ буданд, лизо бар Маъмун мешуриданд ва ҳар аз гоҳе алавиён бар зидди ҳукумати бани Аббос қиём мекарданд,

то он ки авзоъи мамлакат ба сабаби қиёмҳои алавиён нобасомон гашт. Фазл ибни Саҳл хитоб ба Маъмун гуфт: алавиён ба хилофат тамаъ кардаанд ва лашкари араб низ бо онҳо ҳамроҳ ҳастанд, аз ин рӯ тадбир бар ин аст, ки яке аз содоти алавӣ, ки аз ҳама шарифтар ва бузургтар бошад ва алавиён ҳама ӯро ба шараф ва бузургвории алавӣ қабул дошта бошанд ба унвони халифа муаррифӣ кунем, то ин қиёмҳо ва шӯришҳо ором бигирад. Онон саранҷом имом Ризо (а)-ро барои ин кор интихоб карданд.[1]

Дар посух ба ин савол зикри чанд нукта зарурист:

1. Маъмун шахсияте сиёсӣ, огоҳ, зирак, дурандеш, ҳилагар, соҳиби раъй ва он гуна, ки хоҳад омад, дар тасмимгирӣ қотеъ буд.

2. Фазл ибни Саҳл вазири Маъмун низ ба зиракӣ ва боҳушӣ маъруф ва мушовири хоси халифа буд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ду нукта чунин метавон гуфт:

Лозимаи нақли дуввум, Фазл ибни Саҳлро пешниҳодкунанда муаррифӣ карда ин аст, ки Маъмун соҳиби раъй ва қотеъ дар тасмимгирӣ, зирак, дурандеш ва... набошад ва Фазл ибни Саҳл гардонандаи воқеъии ҷараёни ҳукумат бошад, бо ин ки чунин набудааст.

Бо ин ҳама метавон байни ин ду нақлро ин гуна ҷамъ кард, ки дар ҳар сурат, агар пешниҳодкунанда низ Фазл ибни Саҳл бошад, бар асли моҷаро халал ва хадшае ворид нахоҳад омад, зеро дар ҳар ду сурат, пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ аз

1. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳодаҳ маъсум (а)», саҳ.232-233, ниг. «Заҳиюл ислом» ҷ.3, саҳ.295 ва «Таърихи тамаддуни ислом», ҷ.4, саҳ.797.

ҷониби Маъмун матраҳ шуда ва агар Фазл ибни Саҳл низ пешниҳодкунанда бошад,танҳо дар ҳадди як пешниҳод ва мушовир назар дода ва бо иноят ба вижагиҳои Маъмун, ки фарде зирак, боҳуш, сиёсӣ, ҳилагар, соҳиби раъй ва қотеъ дар тасмимгирӣ буда, ин пешниҳодро бидуни барнома ва ҳадаф напазируфта ва ба яқин онро баррасӣ карда ва бо таваҷҷуҳ ба дурандеш будани хеш, тамоми ҷавониб (ҷонибҳо)-и масъала, ба вижа мухолифати бани Аббос бо вайро санҷида ва бо таваҷҷуҳ ба хатарҳо ва таҳдидҳои бани Аббос даст ба чунин коре хатарнок ва муҳимме задааст. Бинобар ин маъқул нест, дар чунин масъалаи ҳаётӣ ва муҳимм Маъмун ақли худро бар Фазл ибни Саҳл биспорад ва мутеъи пешниҳодҳо ва дидгоҳҳои вай бошад. Аз сӯе, агар Фазл пешниҳоддиҳандаи аслӣ буд, бояд дар идомаи иҷрои тарҳ ва номуваффақ будани он, Фазл ибни Саҳл мавриди тавбихи (сарзаниш) Маъмун қарор мегирифт, бо ин ки чунин матлабе гузориш нашудааст.

Бад-ин тартиб тасмимгирандаи ниҳоӣ худи Маъмун буда ва агар пешниҳоде низ аз ҷониби Фазл матраҳ шуда бошад, танҳо дар ҳадди мушовира будааст, на бештар.

**Масъалаи дуввум:**

**Оё Маъмун дар пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ содиқ буд ё хайр?**

Гуфта шуд, ки пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ аз ҷониби Маъмун будааст, аммо пурсиши дигаре матраҳ мешавад, ки оё Маъмун воқеъан қасди бозгардондани хилофат ба хонадони Алиро дошта ва ё аҳдофи дигареро дунбол мекардааст?

Дар посух ба ин пурсиши муҳим, бояд ба ангеза ва аҳдофи Маъмун аз ин пешниҳод пай бурд, ки дар ин сурат метавон ба пурсиши мазбур посухи дақиқ ва саҳеҳ ва ҷомеъ дод. Дар ин дафтар, нахуст дидгоҳи уламо ва донишмандонро дар бораи ангезаи Маъмун ёдовар мешавем ва дар нақду баррасӣ назари ниҳоиро эълом хоҳем дошт:

## Дидгоҳи уламо дар мавриди ангезаи Маъмун

Дар нигоҳи куллӣ ба оро ва дидгоҳҳои илмӣ метавон онҳоро ба се дидгоҳ тақсим кард.

а) Касоне, ки Маъмунро дар ин кор содиқ медонистанд ва мегуфтанд ҳеҷ гуна сиёсат ва ҳилае дар кор набудааст.

б) Маъмун дар ин кор содиқ набуда ва аҳдофи дигареро дунбол мекардааст.

в) Маъмун аз оғоз содиқ буда, вале баъдан мунҳариф гашта ва имомро ба шаҳодат расонидааст.

а) Касоне, ки Маъмунро дар ин кор содиқ медонистанд, ангезаҳоеро долл бар сидқи нияти Маъмун нақл мекунанд, ки зайлан ба онҳо ишора мешавад:

1. Табарии шофеӣ, ибни Асири шофеӣ ва дигарон:

**Маъмун дар миёни фарзандони Аббос ва Алӣ нигарист, пас ҳеҷ касро бофазилаттар ва бовараътар ва олимтар аз ӯ наёфт.**[1]

---

1. «Таърихул умам вал мулук», ҷ.5, саҳ.138; «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.6, саҳ.33; «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», ҷ.3, саҳ.366; «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.162, р.к: «Таъриху мухтасарид дувал», саҳ.134; «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон», ҷ.2, саҳ.10; «Албидояту ванниҳоя», ҷ.10,

2.Абулфараҷи Исфаҳонӣ:

**Маъмун ба ҳангоми даргириаш бо бародари хеш Амин, бо Худо паймон баста буд, ки агар бар махлуъ (Амин) пирӯз шавад, хилофатро ба бартарин фарди хонадони Абутолиб таҳвил диҳад ва Алӣ мулаққаб ба Ризо бартарин фарди алавиён буд.**[1]

3. Суютии шофеӣ:

**Маъмун ба ҷиҳати шиъагарии ифротиаш**[2]**, ӯ (имом Ризо (а)) –ро бад-ин кор водошт, ҳатто гуфта шуда: ӯ мехост аз салтанат канора гирад ва онро ба ӯ биспорад.**[3]

Ибни Тақтақӣ:

**Маъмун дар мавриди хилофати баъд аз хеш андешид ва хост, ки барои он кор касеро қарор диҳад, ки салоҳияташро дошта бошад то заммааш барӣ**

**шавад, бинобарин дар миёни фарзандони Аббос ва Алӣ нигарист, пас касеро бартар ва бовараътар ва донотар аз ӯ (имом Ризо (а)) наёфт.**[4]

5. Доктор Аҳмад Амини Мисрии шофеӣ:

**Маъмун бо ин кор хоста буд, ки байни ду хонадони алавӣ ва**

---

саҳ.258; «Маъсирул инофа фӣ маъолимул халофа», саҳ.304 ва «Субҳалашъо фӣ саноъатил иншо», ҷ.9, саҳ.366.

1. «Мақотилут толибин», саҳ.375.
2. Мақсуд аз ташайюъ, шиъа ба маънои хоси он назди аҳли суннат аст. Ниг. «Дафтари ривоёт», саҳ.173-174.
3. «Таърихул хулафо», саҳ.327.
4. «Алфахрӣ фӣ одобул султония вад дувалил исломия», саҳ.214.

**аббосӣ оштӣ барқарор кунад ва паркандагии ононро ба ягонагӣ табдил гардонад, то дар ончи хайр ва салоҳи уммат аст, ёрӣ кунанд ва фитнаҳо бихобад ва дилҳо аз кинаҳо пок шавад. Ӯ муътазилӣ буд ва ҳаққият ва шоистатар будани Алӣ ва фарзандонашро барои хилофат медонист ва ҳамчунин ӯ таҳти таъсири Фазл ва Ҳасан ду фарзанди Саҳли форсӣ буд... ва ӯ дид, ки агар алавиён хилофатро барнагузинанд, имомонашон аз ҳолае аз қадосат бархурдор хоҳанд шуд, пас вақте ҳукуматро ба даст бигиранд дар маъразӣ диди мардум қарор хоҳанд гирифт ва хато ва савобашон ошкор ва он қадосат аз эшон бардошта хоҳад шуд... Ман бештар гумон мекунам, ки Маъмун аз сари дилсузӣ ва садоқат ба ин кор даст зад.**[1]

б) Касоне, ки муътақиданд Маъмун дар пешниҳоди вилоятаҳдӣ ба имом Ризо (а) содиқ набуда ва дар пайи аҳдофи дигаре будааст, ангезаҳои Маъмунро ин гуна бармешумуранд:

1.Доктор Алӣ Сомии Башшор:

**Маъмун хатари даъвати исмоилиёнро дарёфта буд. Аз ин рӯ мехост, ба корашон поён диҳад ва имом Абдуллоҳ фаъолияти густардаеро оғоз карда буд. Аз ин рӯ Маъмун, Алӣ мулаққаб ба Ризоро ба ӯ наздик гардонд ва бо ӯ ба вилоятаҳдӣ байъат кард.**[2]

2.Доктор Комил Мустафо Шайбӣ:

**Маъмун ӯро валиаҳди хеш қарор дод, чун мехост мардумро**

---

1. «Зуҳал ислом», ҷ.3, саҳ.295. Агар бигӯем Маъмун таҳти таъсири Фазл ибни Саҳл ва Ҳасан ибни Саҳл будааст, лозимаи ин сухан нафйи хусусиёти фардии Маъмун, аз ҷумла дурандешӣ, соҳиби раъй будан ва қотеъият дар тасмимгирист.
2. «Нашъатул фикрил фалсафӣ фил ислом», ҷ.2, саҳ.391.

**ба зидди тоифааш аббосиён, ки бо ӯ ҷангиданд ва бародарашро ёрӣ карданд, ҳамдостон гардонд ва дили ононро ба даст овард.**[1]

3. Сайид Ҳошим Маъруфи Ҳасанӣ:

**Маъмун имом Ризо (а)-ро зери назари хеш қарор дод ва ӯро аз қиём бо ҳаракати алавии ҷадид боздошт... имом аз вилоятаҳдӣ нохушнуд буд.**[2]

4. Шайх Муҳаммад Ҳусайн Музаффар:

**Ангезаи Маъмун дар байъат бо Алӣ муллаққаб ба Ризо (а) ба вилоятаҳдӣ, сиёсӣ ва он ҳифзи масолеҳи давлати аббосӣ буд ва чун Маъмун аз мардони зирак ва сиёсатмадор буд.**[3]

5. Саидҷаъфар Муртазои Омулӣ:

**Мо дар ҳарчӣ шак кунем, дар ин наметавонем шак кунем, ки Маъмун шароити замони хешро пеш аз ҳар иқдоме ва тамоми ҷавониби муҳтамил ва бозтобҳои мухталифро ба хубӣ баррасида буд... Аз он умуре, ки дастҳои нобакор ва ҳавоҳои паст бар мо махфӣ кардаанд ва агарчӣ ин дастовезаш ҳамаи натоиҷеро, ки интизор дошт, надод ва ин ба сабаби нақшаи ҳакимонае буд, ки имом онро пай гирифта буд.**[4]

в) Касоне, ки муътақиданд Маъмун аз оғоз дар нияти худ ростгӯ буда, вале дар идома мунҳариф гашт ва ҳамин мавзуъ сабаб шуд, имомро ба шаҳодат бирасонад:

Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ ин эҳтимолро низ зикр мекунад

---

1. «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», ҷ.1, саҳ.236.
2. «Ақидатул шиъатул имомия», саҳ.161.
3. «Таърихуш шиъа», саҳ.59-60.
4. «Алҳаётус сиёсияту лил имом Ризо (а)», саҳ.253.

ва мегӯяд:

**Бархе мегӯянд Маъмуни халифа марде доно буд ва худ дар воқеъ мехост, хилофатро аз Аббосиён ва фарзандони Алӣ бозгардонад на он ки дар он амр ба макр ва ҳила бипардозад, балки ҳадафи ӯ бозпасгирии ҳақ буд, то амонатро ба аҳли худ биспорад, вале баъд аз поёни ёфтани амри вилоятаҳдӣ, аббосиён бад-он розӣ нашуданд ва Маъмунро ҳаромзода хонданд ва бар ӯ шӯриданд... ва Маъмун, ки корро мухталл дид, мулки фониро бар охират ихтиёр кард ва имомро бо заҳр масмум сохт...**[1]

## Нақду баррасӣ

Дар ин навиштор иддаои мо ин аст, ки тамоми аҳдофи ёдшуда ба як маъно саҳеҳ аст, вале ҷомеъ набуда ва ба танҳоӣ наметавонад баёнгари ҳақиқат бошад. Ба дигар сухан посухи саҳеҳ ва ҷомеъ ҳамон дидгоҳи дуввум аст, яъне Маъмуни аббосӣ аз оғози амр дар пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ содиқ набуд ва аҳдофи хасмонаеро бар зидди имом Ризо (а) дунбол мекард, чунон ки худи Маъмун ва атрофиёни вай низ ба ин масъала изъон кардаанд, ки ин иддаоро метавон аз манобеъи муътабари аҳли суннат собит кард.

Ончӣ мусаллам аст ва манобеъи аҳли суннат ва бузургони онон ба он ишора ва тасреҳ кардаанд, мавзуъест, ки аввалан наметавон Маъмуни аббосиро ба унвони халифае сиёсатмадор дар пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ ба имом Ризо (а) содиқ

---

1. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.234-235 ва р.к: Шаҳид Мутаҳҳарӣ «Маҷмуаи осор», ҷ.18, саҳ.119.

ва ростгӯ донист ва содиқ пиндоштани вай, айни соддалавҳист.

Сониян, ҳадафи аслии Маъмун ҳазфи сиёсӣ ва иҷтимоии имом Ризо (а) аз саҳнаи ҷомеаи исломӣ буд.

Солисан, аҳдофи фаръии дигаре низ матраҳ буд, ки баъзан дар ҷиҳати фиреб ва инҳирофи афкори умумӣ матраҳ шуда буд.

Робеъан, дар ҳамон даврон низ бани Аббос ва бани Алӣ бо шакку тардид ба ин масъала менигаристанд.

Барои равшан шудани абъоди ин посух баёни чанд нукта зарурист.

## Нукоти чоргона

**Нахустин нукта: Маъмун кист?**

Маъмуни аббосӣ дар соли 170 ҳ ба дунё омад, яъне дар ҳамон соле, ки Ҳоруни аббосӣ ба хилофат расид, чунин муҷдаи хуб ба Ҳорун дода шуд, навзодро Маъмун (яъне фоли нек) номид. Модари Маъмун канизи эронӣ аз хидматгорони қасри Ҳорун ба номи «Мароҷил» буд, ки дар ошпазхона кор мекард.

**Дамирии Шофеӣ ба нақл аз муаррихин мегӯяд:**

Модари Маъмун аз зиштарини канизон буд. Рӯзе Зубайдахотун ҳамсари Ҳорун, бо Ҳорун ба бозии шатранҷ машғул буд ва аз қазо Зубайда Ҳорунро шикаст дод ва аз ӯ хост бо Мароҷил зишттарин канизи матбах, ҳамбистар шавад. Ҳорун қабул накард ва молиёти Мисру Ироқро ба Зубайда пешниҳод кард, балки аз тасмимаш бигардад, вале ӯ напазируфт. Сипас бо исрори Зубайда Ҳорун бо Мароҷил ҳамбистар шуд ва аз ӯ

Маъмун мутаваллид гашт. Модари Маъмун дар замони нифос аз дунё рафт ва вай дар домони Яҳё ибни Ҷаъфари Бармакӣ парвариш ёфт.[1]

Вижагиҳои Маъмун дар калимоти аҳли суннат:

Дамирии шофеӣ:

**Дар миёни аббосиён касе донотар аз Маъмун набуд... Донишманде, ки дар вай зиракӣ ва сиёсат буд.**[2]

Ибни Надим:

**Ӯ донотарин халифа ба фиқҳ ва калом буд.**[3]

Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Динварӣ:

**Ситораи аббосиён дар осмони дониш ва ҳикмат буд ва аз улум баҳрае бурда ва дар онҳо саҳим буд.**[4]

Суютии шофеӣ:

**Бартарин фарди аббосиён аз назари дурандешӣ ва устувории ирода ва азм ва дониш ва раъй ва зиракӣ ва ҳайбат ва шуҷоат... буд.**[5]

Дар пешгӯии амири муъминон омадааст:

**Вой бар ин уммат аз мардумонаш! Дарахти малъуне, ки парвардигоратон ёд кардааст, ибтидояш сабз ва охираш бебар ва**

---

1. «Ҳаётул ҳайвонул кубро», ҷ.1, саҳ.110.
2. «Ҳаётул ҳайвонул кубро», ҷ.1, саҳ.111.
3. «Алфеҳрист», саҳ.168.
4. «Ахборут тивол», саҳ. 442.
5. «Таърихул хулафо», саҳ.326.

**хушк аст, онгоҳ гурӯҳе дигар умури уммати Муҳаммадро бар ӯҳда мегиранд, аввалашон... ҳафтумини онон донотарини эшон аст.[1]**

Албатта дар ривоёти имомия, Маъмун шадидан мавриди накӯҳиш ва мазаммат қарор гирифта ва аз ӯ ба «ифрити мустакбир»[2] ва «ифрити кофир»[3] ёд шудааст.[4]

## Дуввумин нукта: Ҷойгоҳи мутазалзили Маъмун назди бани Аббос

Чунон ки гузашт, Маъмун аз ҳамбистар шудани Ҳорун бо Мароҷил, ба дунё омада буд ва ин кор дастовезе барои бани Аббос буд, то Маъмунро таҳқир кунанд, чунон ки Хунҷии ҳанафӣ мегӯяд: «Бани Аббос, Маъмунро ҳаромзода хонданд».[5]

Аз сӯе, модари «Амин» Зубайда араб буда ва Мароҷил модари Маъмун канизе форсӣ буд ва ба далели ин ду (каниз будан ва араб набудан) омил ҳамвора Амин, модари Маъмунро василае барои ҳаҷв ва таҳқир ва адами лаёқати Маъмун барои

1. «Маноқиби оли Абитолиб (а)», ҷ.2, саҳ.276.
2. «Камолул дин ва тамомун неъма», боби 28, саҳ.308-311, ҳ.1 ва «Уюнул ахборур Ризо (а)», боби 6, саҳ.41-45; р.к: «Биҳорул анвор», ҷ.36, саҳ.195-197.
3. Шайхи Тусӣ «Аламолӣ» маҷлиси ёздаҳум, саҳ.291-292, ниг. «Биҳорул анвор», ҷ.36, саҳ.202-203.
4. Барои огоҳии бештар аз ривоёт аз дидгоҳҳои уламои имомия дар бораи Маъмун ниг.: «Сафинатул биҳор», ҷ.1, саҳ.112-115, моддаи «Амн», «Мустадракоти «Сафинатул биҳор», ҷ.1, саҳ.224, моддаи «Амн», «Мунтаҳиюл омол», ҷ.2, саҳ.512, «Татиматул мунтаҳӣ», саҳ.350, «Қомусур риҷол», ҷ.12, саҳ.144 шумораи 388 ва «Мустадрикоти илми риҷолул ҳадис», ҷ.6, саҳ.340, шумори.121, саҳ.32.
5. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.235. Дар баъзе аз кутуб омада Ҳорун Маъмунро ё «ибнал зония» хитоб мекард. Ниг: «Қомусур риҷол», ҷ.12, саҳ.166.

хилофат қарор медод.

Суютии шофеӣ менависад:

**Вақте ба Амин хабар расид, ки Маъмун бадиҳои ӯро бармешумурад ва худро аз ӯ бартар меангорад, шеъре дар хитоб ба бародараш Маъмун суруд ва ӯро ба вуҷуди модараш сарзаниш кард. Сулӣ онро чунин нақл ва иншод кардааст:**

**Дигарон набояд ба воситаи ту фахр кунанд, чаро ки ифтихор ҷавонмарди бокамолро мезебад.**

**Он ҳангом, ки мардон ба фазл ва бартариҳояшон бо ҳам ба низоъ мепардозанд ту бар ҷоят бинишин, ки ту марди ин майдон нестӣ. Парвардигорат ончиро хостӣ ба ту дод ва танҳо ту мухолифи хостаатро назди Мароҷил (модарат) мееёбӣ. Бар манобир ҳар рӯз боло меравӣ ва орзу дорӣ, чизеро, ки баъд аз ман бад-он намерасӣ. Бар он кас, ки ба сабаби фазл ва камолаш бар ту бартарӣ дорад, айб мекунӣ ва дар мавриди ман гуфтори ботилеро такрор мекунӣ.**[1]

Аз ин рӯ, бани Аббос нахуст бо Амин байъат карданд, вале пас аз шикасти Амин ва кушта шудани вай маҷбур ба пазириши хилофати Маъмун гаштанд, аммо бо ин ҳама, дар интизори фурсате буданд, ки то бо шахси дигаре аз бани Аббос байъат кунанд ва ҷараёни вилоятаҳдии имом Ризо (а) баҳонае шуд то бани Аббос дар Бағдод, махфиёна бо Иброҳим ибни Маҳдӣ,

---

1. «Таърихул хулафо», саҳ.323-324 ва р.к: «Атанбеҳу вал ашроф», саҳ.302; «Китобус сиқот», ҷ.2, саҳ.328; «Таърихи Бағдод», ҷ.10, саҳ.182.

амаки Маъмун байъат кунанд.[1]

Тамоми ин гузоришҳои таърихӣ долл бар пойгоҳи мутазалзили Маъмун дар миёни бани Аббос буд.

**Саввумин нукта: Авзоъи сиёсӣ ва иҷтимоии даврони Маъмун**

Пас аз саркуб шудани Амин ва халифа шудани Маъмун дар соли 198ҳ даргириҳои мутааддид ба вижа қиёмҳои алавиён шиддат гирифт ва ҳукумати бани Аббосро бо хатари ҷиддии суқут мувоҷеҳ сохт.

Дар соли 198ҳ қиёми Наср ибни Шиси Уқайлӣ дар Ҳалаб ва тасаллути вай бар он шаҳр ва навоҳии он рух дод.[2] Дар ҳамон сол дар Мавсил байни ямония ва низория даргирии шадиде ба вуҷуд омад, ки дар он беш аз шаш ҳазор нафари низорӣ кушта шуданд.[3]

Дар соли 199ҳ, даргирии шадиде миёни бани Саълаба ва бани Усома падид омад.[4]

**Дар ин сол оғози инқилоби бузурге буд, ки алавиён онро роҳбарӣ мекарданд, чун Абусароёи Сиррӣ фарзанди Мансури шайбонӣ дар Ироқ қиём кард ва ба ҳамроҳи ӯ Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Исмоили Ҳасанӣ буд. Абусароё дар Куфа дирҳам зарб кард ва лашкарашро ба самти Басра ва Восит ва атрофи он ҳаракат дод ва инқилоб дар чанд ҷабҳа сурат гирифт: ҷабҳаи**

1. «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», ҷ.1, саҳ.39.
2. «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.144.
3. Сулаймони Соиғи, «Таърихул мувассал», ҷ.1, саҳ.76 ва «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.146-147.
4. «Таърихул мувассал», ҷ.1, саҳ.76.

**Басра ба фармондеҳии Аббос ибни Муҳаммад ибни Исои Ҷаъфарӣ, ҷабҳаи Макка ба раҳбарии Ҳусейн ибни Ҳасани Афтас, ҷабҳаи Яман ба раҳбарии Иброҳим ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар, ҷабҳаи форс ба раҳбарии Зайд ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар, ҷабҳаи Мадоин ба фармондеҳии Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Довуд ибни Сулаймон ибни Довуд ибни Ҳасан ибни Ҳусейн. Ин инқилобҳо бештар аз як сол идома ёфтанд, то он ки саркуб шуданд.[1]**

**Ва дар соли 200ҳ Муҳаммад фарзанди имом Ҷаъфари Содиқ қиём кард, вале баъд таслим ва ба назди Маъмун фиристода шуд.[2]**

**Дар соли 201ҳ мардуми Бағдод дучори балое бузург шуданд, ба гунае, ки теъдоди фаровоне аз сокинони он ба сабаби ғорат ва асорат ва қаҳтӣ ва вайронии хонаҳо, тарки ватан карданд.[3]**

**Чаҳорумин нукта: Ҳифзи асрори давлати аббосӣ**

Ҷурҷи Зайдон дар китоби худ, яке аз вижагиҳои давлати аббосиро ҳифзи асрор ва ҳифозати иттилоот медонад ва дар ин бора менависад:

**Яке аз хусусиёти давлати аббосӣ ҳифзи асрори давлатӣ бо ҷиддияти комил буд ва ончиро дар дил ниҳон менамуданд, ба касе иброз намекарданд ва нақшаи худро то охирин лаҳза махфӣ нигоҳ медоштанд, ба хусус агар марбут ба умури салтанатӣ ва равобити онон бо сардорон ва риҷоли кишвар буд.**

---

1. «Алкомил фит таърих», ҷ.4, саҳ.147-151.
2. «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, саҳ.207.
3. «Алибару фӣ хабари ман ғабар», саҳ.263.

**Рафтори Мансур бо Абумуслим ва амакҳои хеш гувоҳ бар ин муддаост, чунон ки Ҳорун бо бармакиён ва Маъмун бо Фазл ибни Саҳл ва Алӣ ибни Мӯсо ва Тоҳир ибни Ҳусайн, ҳамин гуна амал кард. Аббосиён пушида нигоҳ доштани роз ва асрор ва нақшаҳоро шарти умдаи муваффақияти худ медонистанд.**[1]

## Ҷамъбандии нукот

1.Сиёсӣ, дурандеш, соҳиби раъй, тарроҳ ва дорои қотеъият будани Маъмун дар тасмимгирӣ;

2.Ҷойгоҳи мутазалзили вай дар миёни бани Аббос;

3.Авзоъи нобасомони дохилии он даврон;

4.Ҳифзи роз ва асрори давлати аббосӣ.

### Бозхонии пурсиш

Бо мулоҳизаи ин чаҳор нукта ва мурури дубора дар пурсиш, ба вузуҳ дармеёбем, ки Маъмун дар тарҳи чунин пешниҳоде қатъан содиқ набуда ва аҳдофи дигареро пай мегирифтааст.

Бозхонии ангезаҳои Маъмун аз эътои вилоятаҳдӣ:

1.Маъмун имом Ризо(а)-ро огоҳтарин, фозилтарин ва парҳезгортарини мардум медонист;

2.Маъмун бо Худои худ аҳд баста буд, ки агар ба Амин пирӯз гардад, хилофат ва ё вилоятаҳдиро ба имом Ризо (а) биспорад;

3. Ташайюъи Маъмун, боиси чунин коре шуд;

4. Маъмун мехост бо ин интихоб, хаёли худашро дар

1. «Таърихи тамаддуни ислом», ҷ.4, саҳ.799.

мавриди халифаи пас аз худ осуда гардонад ва зиммаи худро барӣ намояд;

5. Эҷоди сулҳ ва дӯстӣ миёни бани Алӣ ва бани Аббос;

6. Ба намоиш гузоштани хато ва иштибоҳи имом Ризо (а);

7. Ҷилавгирӣ аз пешрафти исмоилия;

8. Интиқом аз бани Аббос ба ҷиҳати ҳимояти онҳо аз Амин ва таҳқири Маъмун;

9. Ҷилавгирӣ аз пешрафти қиёми алавиён ва ором сохтани авзоъи мамлакат;

10. Таъмини масолеҳи бани Аббос.

## Посух

Бархе аз онҷӣ ба унвони ангезаҳои Маъмун зикр шуда, бардоштҳои шахсии буда ва фоқиди мадрак ва мустанади таърихӣ аст, аммо чанд мавридро метавон ба унвони ангеза баён дошт, зеро ё Маъмун худ ба онҳо тасреҳ карда ва ё авзоъ ва шароит ҳокӣ аз он аст:

1. Маъмун, ба ҷиҳати аълам ва афзал ва авраъ будани имом, чунин кореро анҷом дод;

2. Аҳд ва паймони Маъмун бо Худои худ дар сурати ғалаба бар Амин;

3. Ташайюъи Маъмун ва муътазилимазҳаб будани вай;

4. Ба намоиш гузоштани иштибоҳи имом Ризо (а);

5. Интиқом аз бани Аббос ба ҷиҳати ҳимоят аз Амин ва таҳқири онон Маъмунро;

6. Ҷилавгирӣ аз пешрафти қиёми алавиён ва ором сохтани авзоъи мамлакат.

## Ангезаи аслии Маъмун

Дар ривояте аз Ҳокими Нишобурии шофеӣ, ангезаи аслии Маъмун, фош шуда ва Маъмун худ тасреҳ мекунад, ки ҳадафи вай аз пешниҳоди вилоятаҳдӣ ва таҳмили он бар имом, бо барномаи қаблӣ ва аҳдофи хоси худ будааст, ки ин ривоят тамоми ангезаҳои ёдшударо таҳти шуоъ қарор медиҳад.

Онгоҳ, ки каромот ва шахсияти маънавии имом Ризо (а) дар Марв ба авҷи худ мерасад ва фишорҳои дохилӣ аз ноҳияи бани Аббос бар Маъмун фузунӣ меёбад, вай дар посухи муътаризин ангезаи аслии худро фош месозад ва парда аз нақша ва тарҳи аз қабл таъиншуда бармедорад ва мегӯяд:

**Ин мард пинҳон аз мо буд, мардумро мехонд, пас хостем, ки ӯро валиаҳди худ созем, то агар мардумро мехонад, ин хондан ба сӯи мо бошад ва мухолифи ӯро бишносем ва салтанат низ аз они мо бошад ва муътақидон ва иродатмандони ӯ бифаҳманд, ки ӯ ончунон иддао мешавад, нест ва ин амр аз они мост на ӯ ва мо тарсидем, ки ӯро ба он ҳолат раҳо кунем ва акнун ончи мехостем анҷом диҳем, анҷом додем ва хато кардем дар кори ӯ ва он хатое, ки анҷом додем ва худро бо машҳур кардани ӯ ва бузург доштанаш ба ҳалокат наздик сохтем пас дигар сустӣ дар кори ӯ раво нест, вале мо мӯҳтоҷи он ҳастем, ки андак – андак ӯро бишканем ва кӯчак кунем то назди мардум ӯро ба сурате**

**бинамоёнем, ки ӯ шоистаи ин вилоятаҳдӣ ва хилофат нест, баъд тадбире бикунем ва ба куллӣ решаи ӯро бибуррем.**[1]

Ин гузориши такондиҳанда қасди дарунӣ ва воқеъии Маъмунро нишон медиҳад:

1. Ҳадафи Маъмун вогузории хилофат ба хонадони Алӣ набуда, балки вилоятаҳдӣ будааст.

2. Ҳадафи аслии Маъмун ҳифзи хилофати худ ва ҳазфи имом ба унвони рақиби аслии хилофат аст.

3. Қасди аввалаи Маъмун аз пешниҳоди хилофат ба имом суварӣ ва зоҳирӣ будааст.

4. Ҳадаф аз таҳмили вилоятаҳдӣ машруъият бахшидан ба хилофати худ буда, ки ин кор аз қиёмҳои алавиён ҷилавгирӣ мекард.

5. Ҳадаф ва сиёсати аслии Маъмун монанди соири хулафои пешини аббосӣ ҳазфи аҳли байт буда, вале равиши Маъмун барои ҳазфи имом Ризо (а) комилан бо равишҳои хулафои гузашта, мутафовит буд. Бад-ин гуна, ки аввалан ба имом Ризо (а), ки муддаъии хилофат аст, мақоме пойинтар аз хилофат дода шуд.

Сониян, бо ин кор имомро вориди саҳнаи сиёсат кунад ва нуқоти заъфи имомро ба мардум бинамоёнад.

6. Имом ва шиъаёни он ҳазратро таҳти муроқибат ва контрол дошта бошад.

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.214, ҳ.490, р.к: «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, боби 59, саҳ.239, ҳ.3.

Ёдовар шуд, ки Аҳмад ибни Амини Мисрии шофеӣ низ ишорае ба ин ангезаи Маъмун дорад[1].

Аммо бо ин ҳама, гарчӣ вилоятаҳдӣ бар он ҳазрат таҳмил гашт, аммо имом бо зиракии хосе, шарт кард дар шуъуни мамлакат дахолат накунад, то Маъмуни аббосиро дар расидан ба ҳадафаш ноком гузорад.

Бар ин асос, ҳадафи аслӣ, контроли имом ва ҷилавгирӣ аз пайвастани мардум ба он ҳазрат будааст.

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти чаҳоргонаи мазбур дар бораи ангезаҳои ёдшудаи Маъмун бояд гуфт: Маъмуни аббосӣ шахсе сиёсатмадор буд ва ҳифзи асрор низ аз шохисаҳои аббосиён ба шумор меомад. Ба вижа, дар масъалаи хилофат ва вилоятаҳдӣ барои фиреб ва инҳирофи афкори умумӣ, силсилаи ангезаҳо ва аҳдоферо матраҳ сохт, то ҳадафи аслии вай, яъне ҳазфи имом Ризо (а) махфӣ бимонад. Ривояти Ҳокими Нишобурии шофеӣ низ нозир ба авохири умри шарифи имом Ризо (а) аст, ки сиёсатҳои Маъмун ба натиҷа нарасид ва Маъмун худ аз қасд ва нияти аслии хеш парда бардошт.

## Сайри сиёсатҳои Маъмун дар қиболи имом Ризо (а)

1. Тарҳи ангезаҳои маънавӣ барои интихоби он ҳазрат ба хилофат ё ҳадди ақалл вилоятаҳдӣ.

2. Баргузории ҷашну сурур барои маросими вилоятаҳдии имом Ризо (а) ва эътои ҳадоё ва ҷавоиз ба мардум.

3. Ҷаласоти мунозираи Маъмун ва дифоъи вай аз бани Алӣ.

4. Ҷойгузин кардани ранги сабз ба ҷои ранги сиёҳ.

---

1. «Зуҳал ислом», ҷ.3, саҳ.295.

5. Зарби номи имом (а) бар дирҳам ва динор.

6. Эълом ва интишори хабари вилоятаҳдӣ дар саросари мамлакат.

7. Издивоҷи имом (а) бо духтари Маъмун.

8. Гиристани Маъмун ва азодории вай бар шаҳодати имом Ризо (а).

Ин сиёсатҳои авомфиребонаи Маъмуни аббосӣ нишони авҷи сиёсатмадорӣ ва ҳилагарии вай ва аз сӯе ҳифозат аз асрори дарунии ҳукумати бани аббос буд, ки ангезаи аслии худро то муддатҳо пинҳон нигоҳ медоштанд. Аз ин рӯ, Ҷаҳшиёрӣ дар бораи сиёсатҳои дугона ва ё чандгонаи Маъмун мегӯяд:

**Ӯ Фазлро мекушад ва бар ӯ мегиряд ва қотилашро ба қатл мерасонад. Имом Ризо (а)-ро мекушад ва бар ӯ мегиряд. Тоҳирро мекушад ва фарзандони ӯро ба ҷои Тоҳир мегуморад. Бародарашро мекушад ва гумон меравад, ки гуноҳ ба гардани Фазл ва Тоҳир аст. Ин корҳо нишон аз зиракии ӯст.**[1]

## Масъалаи саввум:
## Вокунишҳои имом ба ин пешниҳод чӣ буд?

Бо мурури гузаро бар ҳаводис ва ҷараёнҳои даврони имомати имом Ризо (а) дармеёбем, ки Маъмун бо барнома ва тарҳи аз қабл пешбинӣ шуда, сиёсати ҷадидеро барои муқобила бо имом Ризо (а) дар дастури кори худ қарор дод.

Маъмун имом Ризо (а)-ро ба иҷбор аз Мадина ба Марв фаро

1. «Китобул вузаро вал куттоб», саҳ.197-208.

хонд ва бо сиёсат ва найранг, нахуст пешниҳоди хилофатро ба имом (а) арза дошт, ки бо радди он аз ҷониби он ҳазрат муовоҷеҳ гардид. Онгоҳ вилоятаҳдиро ба унвони ҳадафи аслии худ, ба имом Ризо (а) арза дошт ва дигар бор бо радди он аз ҷониби имом Ризо (а) мувоҷеҳ шуд. Саранҷом Маъмун аз розҳои даруни худ парда бардошт ва чеҳраи воқеъии хешро нишон дод ва ин бор бо забони таҳдид ва иҷбор, вилоятаҳдиро бар имом Ризо (а) таҳмил кард, ки ин бор имом Ризо (а) вилоятаҳдиро ба гунае машрут ва бо шак ва гиря ва нигаронӣ пазиро шуд.

Дар манобеъи аҳли суннат шавоҳиди бисёре вуҷуд дорад, ки имом аввалан, аз ангезаи аслии Маъмун аз фаро хондани вай ба Марв ва пешниҳоди хилофат ва сипас вилоятаҳдӣ ба хубӣ огоҳ буд ва сониян, вилоятаҳидро ба иҷбор пазируфт.

1. Масъуди шофеӣ менависад:

**... бар ӯ дар пазириши вилоятаҳдӣ исрор варзид, аммо ӯ имтиноъ кард, пас ӯ қасам дод ва ӯ ба савгандаш посухи мусбат дод.**[1]

2. Имом дар посухи аҳднома мефармояд:

**Ҷомеъа ва ҷафр бар зидди ин матлаб далолат мекунанд: «Намедонам бо ман ва бо шумо чӣ мекунанд, ҳукм ва фармонравоӣ ҷуз аз они Худо нест, ӯ ҳақро мегӯяд ва ӯ беҳтариин ҷудокунандагон аст». Вале ман амри Маъмунро итоат кардам ва ризои ӯро муқаддам доштам ва Худованди ман ӯро**

1. «Исботул васия», саҳ.179.

**ҳифз кунад ва Худоро худам бар он гувоҳ мегирам «ва Худованд барои гувоҳ будан кофист»[1]**

3.Ҳамчунин ҷумлаи имом дар талъиаи (оғози) посухи аҳднома, ки мефармояд:

**Сипос Худоеро, ки ҳар чӣ бихоҳад мекунад, ҳеҷ кас наметавонад қазояшро рад кунад, хиёнати чашмҳоро медонад ва ончиро синаҳо пинҳон мекунанд...[2]**

Худ нишони суинияти (нияти бади) Маъмун ва адами ризояти имом ба ин амр ва икроҳи он ҳазрат бар пазириши он аст.

4.Хоҷапорсои Бухории ҳанафӣ мегӯяд:

Маъмун бар хилофати имом Ризо (а) исрор дошт, вале он ҳазрат пазиро намегашт. Маъмун гуфт: Агар хилофатро намепазирӣ, вилоятаҳдиро бипазир, ки имом низ онро пазируфт ва фармуд:

**Ба Худо қасам! Падарам барои ман аз падаронаш, Худо аз ҳамаи онон хушнуд бод, аз расули Худо нақл мекард: ман пеш аз ту мазлум аз дунё меравам. Бар ман фариштагони замину осмон мегирянд ва дар замини ғурбат дафн мешавам. Онгоҳ Маъмун бисёр исрор варзид, пас бо гиря ва нороҳатӣ**

---

1. «Маъсирул инофа фӣ маъолимул халофа», саҳ.305-306 ва «Субҳалашъо фӣ саноъатил иншо», ҷ.9, саҳ.391.
2. «Маъсирул инофа фӣ маъолимул халофа», саҳ.305-306 ва «Субҳалашъо фӣ саноъатил иншо», ҷ.9, саҳ.391.

**вилоятаҳдиро пазируфт.**[1]

5. Қундузии ҳанафӣ низ ба баёни ҳамин матлаб пардохта аст.[2]

6. Аҳмад Амини Мисрии шофеӣ мегӯяд:

**Имом Ризо ба ин кор мулзам шуд, вале имтиноъ кард баъд онро пазируфт...**[3]

7. Изҳори шодии яке аз атрофиён ва пешгӯии имом Ризо (а). Нақл шуда, замоне, ки имом Ризо (а) ба вилоятаҳдӣ расид, атрофиёни имом хушҳол буданд, яке аз онҳо мегӯяд: дар ҳоли сурур ва шаъаф будам, ки имом Ризо (а) ба ман фармуд:

**Қалбатро бо амри ба зоҳири хубе, ки мебинӣ машғул накун ва хушҳол набош, ки ин кор анҷоме надорад.**[4]

Ин шавоҳид бар далоили аввал бар икроҳ ва маҷбур шудан ва таҳдиди имом аз ҷониби Маъмун мекард, сонияи далолат бар суиқасд ва нияти хасмонаи Маъмун дошт.

Дар манобеъи имомия низ ин матлаб ба вузуҳ омадааст:

Шайхи Садуқ ривоят мекунад:

**Аз Ёсар ривоят шуда, ки гуфт чун имом Ризо (а) ба**

1. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» бино бар анқли «Янобеъул мавадцати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.
2. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» бино бар анқли «Янобеъул мавадцати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.
3. «Зуҳал ислом», ҷ.3, саҳ.294.
4. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.294 ва «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.178.

**вилоятаҳдӣ расид аз ӯ, ки дастонашро ба осмон бурда буд шунидам, ки фармуд: Худоё! Ту медонӣ, ки ман дар ин кор маҷбур шудам ва ба икроҳ онро пазируфтам. Пас бозхостам макун, чунон ки банда ва паёмбарат Юсуфро ба ҳангоме, ки ба вилояти Миср расид, бозхост накардӣ.**[1]

2.Муҳаммад ибни Арафа мегӯяд:

**Ба имом Ризо (а) арз кардам: Эй писари расули Худо чӣ чиз боис шуд, ки вилоятаҳдиро бипазирӣ? Фармуд: Ҳамон чизеро, ки ҷаддам амири муъминон (а)-ро водошт, ширкат дар шӯроро (интихоби халифаро) бипазирад.**[2]

3. Абосалти Ҳаравӣ гуфтааст:

**Ба Худо қасам! Имом Ризо (а) ин амрро аз рӯи фармонбарӣ напазируфт. Ӯ ба зӯр ба Куфа оварда шуд, баъд аз он ҷо аз роҳи Басра ва Форс ба Марв.**[3]

4. Райён мегӯяд:

**Ҳузури ҳазрати Алӣ ибни Мӯсарризо шарафёб шудам ба он ҳазрат арз кардам: эй писари расули Худо! Мардум мегӯянд: ту бо вуҷуди ин ки дар дунё зуҳд меварзӣ, вилоятаҳдиро пазируфтӣ? Фармуд: Худо нохушнудиамро аз ин кор медонад, вале чун байни пазириши ин кор ва кушта шудан, мухайийр**

---

1. Шайхи Садуқ, «Аломолӣ», саҳ.525; маҷлиси, 94, ҳ.13 ва «Биҳорул анвор», ҷ.49, саҳ.130.
2. «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, боби 40, саҳ.140, ҳ.4 ва «Биҳорул анвор», ҷ.49, саҳ.140.
3. «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, боби 40, саҳ.141, ҳ.5 ва «Биҳорул анвор», ҷ.49, саҳ.140.

**шудам, вилоятаҳидро ба ҷои кушта шудан пазируфтам...**[1]

5. Абосалти Ҳаравӣ мегӯяд: баъд аз пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ ва радди он аз ҷониби имом ва исрори фаровони Маъмун саранҷом Маъмун хитоб ба имом чунин гуфт:

**Ба Худо қасам! Ё вилоятаҳдиро мепазирӣ вагарна туро ба пазириши он маҷбур мекунам, ки агар пазируфтӣ коре надорам вагарна гарданатро мезанам... Пас имом бад-ин кор ризоят дод ва вайро (имомро) бо вуҷуди нохушнудияш аз вилоятаҳдӣ ҷонишини худ қарор дод.**[2]

Вокунишҳои гуногуни имом Ризо (а) нишондиҳандаи чунин нуктаи муҳим аст:

1. Муҳимтарин нукта парда бардоштани имом Ризо (а) аз чеҳраи воқеъии Маъмун аст. Имом (а) бо аксуламалҳои хеш ба мардум ва таърих нишон дод, ки фирефтаи зоҳирсозӣ ва ҳилаҳои Маъмун нашавед.

2. Бо ин ки имом таҳти фишор ва таҳдидҳои Маъмун маҷбур ба пазириши вилоятаҳдӣ шуд, аммо ин вилоятаҳидро машрут пазируфт ва ҳамин пазириши машрут Маъмунро дар расидан ба ҳадафи худ ноком гузошт, зеро тибқи ривояти Ҷувайнии шофеӣ аз Ҳокими Нишобурии шофеӣ, яке аз аҳдофи муҳимми Маъмун аз вилоятаҳдии имом намудор сохтани нуқоти заъфи имом дар арсаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд ва имом бо

---

1. Шайхи Садуқ, «Аломолӣ», саҳ.68; маҷлиси, 17, ҳ.3; «Илалуш шароеъ», ҷ.1, саҳ.239; «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, боби 40, саҳ.139, ҳ.2 ва р.к: Биҳорул анвор», ҷ.49, саҳ.130.
2. Шайхи Садуқ, «Илалуш шароеъ», ҷ.1, саҳ.237; «Уюнул ахборур Ризо (а)», ҷ.2, боби 40, саҳ.139, ҳ.3, «Аломолӣ», саҳ.65; маҷлиси, 16, ҳ.3 ва р.к: «Биҳорул анвор», ҷ.49, саҳ.128-130.

пазириши машрути вилоятаҳдӣ, ки дар он ҳеҷ гуна азл ва насбе анҷом надиҳад ва... дақиқан мухолифи ҳадафи Маъмун амал кард ва ин нукта худ нишонаи иззат ва зиракии имом аст.

3. Соири мавозеъи имом Ризо (а) дар баробари Маъмун, аз ҷумла ҷараёни намози ид ва истиқболи беназири мардум аз он ҳазрат ва соири рухдодҳо Маъмунро ба вокуниш водошт ва боис шуд чеҳраи воқеъии худро нишон диҳад... Ва аз сӯи дигар имом ба мардум ва таърих фаҳмонд, ки Маъмун бо имом Ризо (а) ва аҳли байт ва алавиён мухолиф аст ва соири корҳои Маъмун, монанди шиор кардани порчаи сабз, зарби сикка ба номи имом Ризо (а) ва... фиребе беш нест.

## Ҷамъбандӣ

Аз он чӣ ёдоварӣ шуд, нукоте ба даст меояд:

**Авввал:** ангезаи Маъмун аз пешниҳоди хилофат ва сипас вилоятаҳдӣ, якбора ва иттифоқӣ ва ё аз сари садоқат ва бозгардонии хилофат ба хонадони Алӣ набуд, балки бо суи (бадии) ният ва барнома ва нақшаҳои хасмонаи аз пеш тарроҳишуда будааст. Бинобар ин наметавон гуфт, Маъмун дар ин пешниҳод содиқ буда ва ё баъдан мунҳариф гаштааст.

**Дуввум:** пешниҳоди вилоятаҳдӣ дар воқеъ пешниҳод набуд, балки таҳмил ва иҷбор буд ва Маъмун имом Ризо (а)-ро барои пазириши вилоятаҳдӣ таҳдид кард.

**Саввум:** ҳадафи аслии Маъмун аз ин кор шахси имом Ризо (а) буд ва бо ин амал мехост аз нуфузи он ҳазрат дар миёни мардум ба унвони халифа ҷилавгирӣ кунад ва ҳазратро таҳти

муроқибат ва контрол дошта бошад ва бо таҳмили ҷойгоҳи вилоятаҳдӣ бар он ҳазрат ба ҳукумати худ машруъият бибахшад ва аз қиёмҳои алавиён ҷилавгирӣ намояд ва ба мардум бифаҳмонд, имом Ризо (а) лаёқати вилоятаҳдӣ дорад, на хилофат. Аз ин рӯ, соири ангезаҳои матраҳшуда, сирфан барои фиреб ва инҳирофи афкори умумӣ буд ва ин авомфиребӣ аз шахси сиёсатмадор ва ҳилагаре монанди Маъмун баъид нест.

**Чаҳорум:** Рафтор ва вокуниши имом Ризо (а) дар баробари хостаҳои Маъмун, аз ҷумла адами пазириши пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдӣ ва пазиро гаштани машрути он ва баргузории намози ид ва... аз чеҳраи воқеъии Маъмун парда бардошт ва имом ба ҳамагон фаҳмонд, ки сиёсати ҳақиқии Маъмун муқобила бо аҳли байт (а) ва алавиён ба вижа имом Ризо (а) буда ва соири рафторҳои Мӯсолиматомези Маъмун бо алавиён ва аҳли байт (а) авомфиребист.

Бад-ин сон наметавон ин вилоятаҳдии таҳмилро яке аз нуқоти ваҳдати байни аҳли байт ва бани Аббос дар даврони Маъмуни аббосӣ ва имом Ризо (а) донист, балки гӯёи авҷи мазлумият ва ғурбати он ҳазрат аст.[1]

---

1. Ба хотири ҳамин авомфиребӣ ва сиёсатҳои чандгонаи Маъмун баъзе аз уламо дар бораи вай гуфтаанд: «Алмаъмун...ва мо ҷаро ало минҳу ало Абилҳасанурризо (а) минан нифоқи ваш шайтанати ва суил муоширатил хафия ало касрим минан нос ва ман татббаъал аҳодиса вал ахборал воридати фиҳо ва таammула фиҳо, язҳара лаҳу золика... Маъмун ба он нифоқ ва макр ва бадрафторӣ, ки бо имом Ризо (а) кард, бар бисёре аз мардум пӯшида монд ва ҳар кас аҳодиси марбут ба ин матлабро пайҷӯӣ кунад ва дар он бияндешад, ин мавзуъ барои ӯ ошкор мешавад». «Сафинатул биҳор», ҷ.1, саҳ.115, «Мунтаҳиюл омол», ҷ.2, саҳ.512 ва «Татимматул мунтаҳӣ», саҳ.350 ва низ ниг: «Мустадракоту илми риҷолал ҳадис» ҷ.6, саҳ.340, шумораи 12132 ва Саъид Ҷаъфари Муртазои Омулӣ, «Алҳаётус сиёсати ликаломи Имом Ризо», саҳ.253.

# Дафтари шашум

# Каромот

# Каромот

Каромоти имом Ризо (а) чӣ қабл аз валодат ва чӣ баъд аз он вақоеъе, ки дар замони имомати он ҳазрат ба хусус аз Мадина то Марв рух дод, ҷумлагӣ далолат бар азамати бекарони имом Ризо (а) мекунад... ва ривояти он аз забони бузургони аҳли суннат ҷолиб ва шуниданӣ ва албатта шигифтангез аст.

Он чӣ пеши рӯй доред, гӯшае аз каромот ва фазоили имом Ризо (а) ва эътирофоти бузургони аҳли суннат дар ин маврид дар манобеъи муътабари онҳост, ки таъсири босазое дар ба тасвир кашидани дидгоҳи аҳли суннат дар мавриди имом Ризо (а) ва Машҳади разавӣ ва тақвияти иртиботи маънавии онон бо ғариби Тус ва ҷилавгирӣ аз тафриқаафкании ҳизби сиёсии ваҳҳобият, аз ҷумла нафйи каромат, шафоат, тавассул ва зиёрати қубур ва... хоҳад дошт.

Гуфтанист, гарчӣ миёни ду вожаи «каромот» ва маноқиб тафовутҳое вуҷуд дорад, вале дар ин навиштор ҳар ду ба як маъно лиҳоз шуда ва мақсуд аз онҳо умуре хориқулодда ва муъҷизаосост, ки дар нигоҳи аҳли суннат аз он ба «каромат ва манқабат» ёд мешавад.

# Дидгоҳи аҳли суннат дар бораи каромати имом (а)

Шахсият ва ҷойгоҳи волои имом Ризо (а) бузургони аҳли суннатро ба суханон ва эътирофҳои шигифтангезе дар бораи абъоди маънавии он ҳазрат водошта, ки дар ин маҷмуъа ба гӯшае аз суханони онон дар мавриди кароматҳои имом ишора мешавад:

1. Маҷдуддин ибни Асири Ҷазарии шофеӣ (606ҳ):

**Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсо... маъруф ба Ризост... ва фазоили вай бешумор аст, раҳмат ва ризвони илоҳӣ бар ӯ бод.**[1]

2. Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ (652ҳ):

**Хисоли ӯ баланд ва сифоташ нек ва макорими ахлоқиаш чун паёмбари хотам ва ахлоқаш арабӣ ва насабаш асил ва аз хонадони ҳошимӣ ва аслу насаби бузургворонааш набавӣ ҳар он чӣ аз бартарии ӯ шумурда шавад, ӯ бузургтар аз он аст ва ҳар он чӣ аз хисоли некӯяш баён шавад, ӯ дар мартабат баландтар аз он аст.**[2]

3. Шайхулислом Ҷувайнии Хуросонии шофеӣ (722ҳ):

Вай дар китоби гаронсанги худ бахшеро ба имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а) ва фазоил ва каромоти он ҳазрат ихтисос медиҳад

---

1. «Татиммату ҷомеъил усули», ҷ.2, саҳ.715.
2. «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.295.

ва дар бораи маноқиб ва каромоти он ҳазрат чунин мегӯяд:

**Дар зикри порае аз вижагиҳои писандидаи имоми ҳаштум... ва дар баёни порае аз ахлоқи шариф ва хулқу хӯи баландаш ва андаке аз каромоти ошкор ва сифоти нурониаш.**[1]

4. Абдуллоҳ ибни Асъад Ёфеъии Ямании Маккии шофеӣ (768ҳ):

**Вай имоми ҷалилулқадр ва бузургвор, аз сулолаи бузургон ва аҳли карам, Абулҳасан Алӣ ибни Мусалкозим... ва яке аз пешвоёни дувоздаҳгонаи шиъаён аст, ки асоси мазҳаби имомия бар дидгоҳи вай устувор аст ва соҳиби маноқиб ва фазоил мебошад...**

5. Атоуллоҳ ибни Фазлулоҳи Шерозӣ (803ҳ):

Алӣ ибни Мӯсарризо(а) бо мардум ба луғоти худашон сухан мегуфт ва дар сухан гуфтан шевотарини мардум ва донотарини онҳо ба ҳамаи забонҳо ва луғот буд... марқади мунаввари вай марҷаъи зоирон аз тамоми табақот ва нуқоти ҷаҳон аст.[2]

6. Ибни Саббоғи моликӣ (855ҳ):

Ба нақли баъзе аз аҳли илм мегӯяд:

**Маноқиби Алӣ ибни Мӯсарризо аз волотарини хисоли некӯ ва густураи фазоил ва бартариҳояш пай дар пай, монанди пай дар пай будани лашкариён дар вақти реҷа (парад) рафтан ва ибтидо ва поёни дӯстиаш рӯшан ва маълум ва авсофи шигифташ**

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.187.
2. «Равзатул аҳбоб», ҷ.4, саҳ.43; Р.к: «Таърихул аҳмадӣ», саҳ.36.

**аз шигифтиҳои бисёр шигифт ва оқоӣ ва бузургвориаш дар шарофат дар нуқтаи боло қарор дорад ва барои дӯстонаш чун ситораи саъд толеъ аст ва барои душманонаш чун ситораи шумбахтӣ.**[1]

7. Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳонуддин Ховандшоҳ, маъруф ба Мирхонди шофеӣ (903ҳ):

Зикри аҳволи Алӣ ибни Мӯсарризо (р.з.), Машҳади муқаддас ва марқади ин имоми алалитлоқ марҷаъи Эрон ва мақсади соликони акобир ва асоғири офоқ аст. Тавоифи умам ва табақоти бани Одам аз ақсои Рум ва Ҳинд аз ҷамиъи марзу бум ҳар сола муҳоҷирати автон (ватанҳо) ва муфориқати хуллон (дӯстон) ихтиёр карда ва рӯи таваҷҷуҳ ба ин остони фархунда нишон ниҳода ва маросими зиёрат ва тавоф ба ҷой оваранд ва мавҳибати узморо сармояи саъодоти дунё ва уқбо медонанд, маноқиб ва маосир ва мафохири имом Абулҳасанурризо зиёда аз он аст, ки муҳоти илми башарӣ гардад ва дар ин мақом бар сарте чанд аз хавориқи одоти он қудваи арбоби саъодат, иқтисор меравад (р.з).

Сипас ба нақли маноқиб ва каромоти имом мепардозад ва дар поён мегӯяд:

**Аз имом Ризо (а) ҳикоёти бисёр манқул аст, ки нишондиҳандаи азамат ва вусъати маноқиб ва каромоти он ҳазрат мебошад.**[2]

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.251.
2. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.41-52.

8.Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ)

**Тарёқи акбари муҳиббон аст ва муҷиби ҳаёти дилу ҷон аст.**

**Муродоти ҳамаи олам аз он даргоҳи бобаракат ҳосил ва филвоқеъ рабъи маймунаш тавон гуфт, ки аз ашрафи манозил аст. Он мақоми муборак**
**тамомии авқот мақрун (ҳамроҳ) ба тиловати Қуръони маҷид аст ва тавон гуфт, ки маъбаде аз маъобиди ислом. Ҳаргиз он марқади олӣ аз тоати ниёзмандон холӣ нест ва чигуна чунин набошад ва ҳол он ки турбати ҳазрати имомест, ки ӯст мазҳари улуми набавӣ ва ворис сифоти муставфӣ ва имоми барҳақ ва роҳнамои мутлақ ва соҳибзамони имомати худ ва вориси нубувват ва ҳаққи истиқомати худ.**

**Ҳазор дафтар агар дар маноқибаш гӯянд,**
**Ҳанӯз раҳ ба камоли Алӣ нашояд бурд.** [1]

9. Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддини шофеӣ, маъруф ба Хондамир (942ҳ)

Вай таҳти унвони «Гуфтор дар баёни фазоил ва камолоти он имоми олимақом, ало набийино ва алайҳис салоту вас салом» фасле кушуда ва дар мавриди имом чунин мегӯяд:

**Байти шаҳиди хоки Хуросон, имоми тайййиб ва тоҳир Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммади Боқир... ақориб ва аҷониб аз машриқ то мағриб бар фаври улуввашон ва самавви**

1. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.336.

**макони он имоми ғофири Хуросон эътироф доштаанд ва доранд ва ақосӣ ва адонӣ, балки ҷамиъи афроди инсонӣ маноқиб ва мафохири он ҳамидаи маъсар бар саҳоифи замоир нигоштаанд ва менигоранд. Каромоташ аз ҳарчӣ тасаввур тавон кард бештар бувад ва имоматаш ба муҷиби насси обои бузургвораш муайян ва муқаррар аст.**

**Аз он замон, ки фалак шуд ба нури меҳр мунаввар,**
**Надидаи дидаи кас чун Алӣ Мӯсои Ҷаъфар.**
**Сипеҳри иззу ҷалолат муҳити илму фазилат,**
**Имоми машриқу мағриб малози оли паёмбар.**
**Ҳарими турбати ӯ саҷдагоҳи хусрави анҷум,**
**Ғубори макдами ӯ тӯтиёи дидаи ахтар.**
**Вуфури илму улувви макони ӯст бар ҳадде,**
**Ки шарҳи он натавонад намуд, килки суханвар.**
**Қалам агар ҳамагӣ васфи зоти ӯ бинависад,**
**Ҳадиси ӯ нашавад, дар ҳазор сол мукаррар.**[1]

10. Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ (989ҳ):

Вай таҳти унвони «Зикри Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)» бобе кушуда ва дар мавриди он ҳазрат мегӯяд:

**Вай имоми ҳаштум аст ва ҳарчанд онҷӣ бар забонҳо мазкур аст ва дар китобҳо мастур аз маноқиб ва фазоили Ризо (а) андакест аз бисёр ва қатраест аз баҳри заххор, ин мухтасарро гунҷои онҳо нест, лоҷарам бар баъзе аз каромот ва хавориқи**

1. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.83.

**одот иқсор меравад...**[1]

11. Аҳмад ибни Юсуфи Қармонии Димишқӣ (1019ҳ):

Ӯ дар мавриди имом Ризо (а) фасле кушуда ва мегӯяд:

**Фасли ҳафтум дар ёдкарди шабеҳи шуҷоати ҷаддаш Алии Муртазо, имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а), ки хисоли некӯяш баланд аст ва сифоташ воло ва каромоташ фаровон ва маноқибаш машҳур.**[2]

12. Абдуррауф Манновии шофеӣ (1031ҳ):

**Алӣ мулаққаб ба Ризо ибни Мусалкозим ибни Ҷаъфари Содиқ манзалаташ бузург, ёдаш машҳур ва... каромоти фаровоне дорад.**[3]

13. Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Омири Шибровии шофеӣ (1172ҳ):

**Ҳаштумин имом Алӣ (а) мулаққаб ба Ризо карими бузургвор, пурмаҳобати бовиқор буд. Маноқибаш воло ва сифоташ баланд ва вуҷуди шарифаш ҳошимӣ ва решаи каримаш набавӣ ва каромоташ беш аз он аст, ки ба ҳисоб дарояд ва машҳуртар аз он аст, ки зикр шавад.**[4]

14. Аббос ибни Алӣ ибни Нуриддин Маккии шофеӣ

---

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.380-382.
2. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.113-115.
3. «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», саҳ.256.
4. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.312-313.

(1180ҳ):

**Фазоили Алӣ ибни Мӯсо ҳадду ҳасре надорад ва барои Худованд аст амр аз қабл ва аз баъд...**[1]

15. Алфавз Муҳаммад ибни Амини Бағдодӣ машҳур ба Сувайдии шофеӣ (1246ҳ):

**Каромоти он ҳазрат ба андозае зиёд ва маноқибаш чунон машҳур аст, ки дар ин маҷол намегунҷад.**[2]

16. Саидмустафо ибни Муҳаммад Аруси Мисрии шофеӣ (1293ҳ):

Ва дар идома ба нақли каромоти имом Ризо (а) мепардозад[3]

17. Шайх Муъмин ибни Ҳасани Шабланҷии шофеӣ (1298ҳ):

Вай низ баъд аз муррифии имом (а) каромот ва манқиби он ҳазратро ба тафсил зикр мекунад.[4]

18. Юсуф ибни Исмоил Набҳонии шофеӣ (1350ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсо аз бузургони аимма ва машъалҳои фурузони уммат, аз аҳли байти нубувват ва маъдани илму ирфон ва караму ҷавонмардист. Ӯ ҷойгоҳи волое дорад ва номи вай шуҳра ва дорои каромоти зиёдест.**[5]

19.Шайх Ёсин ибни Иброҳим Санҳутии шофеӣ (дар ҳудуди

1. «Нузҳатул ҷалиси ва маниятул адибил анис», ҷ.2, саҳ.105.
2. «Сабоиказзаҳаби фӣ маърифати қабоилил араб» , саҳ.75.
3. «Натоиҷул афкорул қудсия фӣ баёни маонӣ шарҳи рисолатул Қушайрия», ҷ.1, саҳ.80.
4. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.232-245.
5. «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.311.

1344 ҳ):

الإمام عليّ الرضا رضى الله عنه و له كرامات كثيره.

20. Доктор Комил Мустафо Шайбӣ изҳор медорад:

على بن موسى الرضا ... و كان صاحب كرامات و فراسه ... .[1]

21. Доктор Абдулҳалим Маҳмуд ва Маҳмуд ибни Шариф дар бораи шахсияти имом Ризо мегӯянд:

... له كرامات كثيره.[2]

Он ду баъд аз ин сухан ба нақли кароматиоти он ҳазрат мепардозанд.

---

1. «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», ҷ.1, саҳ.237.
2. Повараҷи «Рисолатул Қушайрия», ҷ.1, саҳ.65-66.

# Партаве аз каромот

# Қабл аз ҳиҷрат ба Тус

## Қабл аз валодат

### 1.Муждаи паёмбар (с) ба Ҳамида

Имом Ризо (а) ба баракати супориши паёмбар (с) ва иноёти вай ба дунё омад. Дар нақлҳои аҳли суннат омадааст: Замоне, ки Ҳамида модари имом Козим (а) канизе ба номи Наҷмаро харидорӣ кард, паёмбар (с)-ро дар хоб дид, ки ба ӯ фармуд:

**Ин канизро ба фарзандат имом Козим ҳадя кун, зеро аз ин каниз фарзанде ба дунё хоҳад омад, ки барҷастатарин фарди рӯи замин аст.**

**Ва Ҳамида низ чунин кард ва имом(а) номи Наҷмаро ба Тоҳира тағйир дод.[1]**

### 2.Муъҷизае дар даврони бордорӣ

Модари бузургвори он ҳазрат мегӯяд:

**Ҳангоми бордорӣ сангинии ҳамлро эҳсос накардам ва ҳангоми хоб садои тасбеҳ ва таҳлил ва тақдиси фарзандам имом Ризо (а)-ро мешунидам.[2]**

---

1. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.41; «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.83-84; «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.176; «Равзатул аҳбоб», ҷ.4, саҳ.43 ва «Таърихул ислом вар риҷол», саҳ.369; р.к: «Эҳқоқул ҳақ ва изҳоқул ботил», ҷ.12, саҳ.350.
2. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.42; «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.84; «Янобеъул мавадда ти лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166; «Равзатул аҳбоб», ҷ.4, саҳ.43 ва «Мифтоҳул маориф», саҳ.79.

**Баъд аз валодат**

**3.Муноҷоти имом (а) дар хурдсолӣ**

Модари бузургвори имом (а) мегӯяд: «Замоне, ки вай ба дунё омад, дастонашро рӯи замин ва сари муборакашро ба самти осмон баланд карда буд, лабонаш ҳаракат мекард, гӯё бо Худо муноҷот мекард, ки падари бузургвораш ворид шуд ва ба ман гуфт: «Ҳаниян лаки каромата раббики азза ва ҷалла; муборак бод бар ту кароматӣ Худованд.»

Дар ин ҳол фарзандро ба вай додам ва ҳазрат дар гӯширосташ азон ва дар гӯши чапи вай иқома хонд ва бо оби Фурот коми ӯро бардошт.»[1]

**4. Ҳорун бар ман чира намешавад**

**Аз Сафвон ибни Яҳё ривоят шуда, ки мегӯяд: пас аз шаҳодати имом Козим (а) ва оғози имомати Алӣ ибни Мӯсаризо(а) аз тавтиаи Ҳорун бар зидди имом Ризо (а) бимнок шудем ва ҷараёнро ба имом (а) гуфтем. Имом фармуд: Ҳорун талоши худро анҷом медиҳад, вале коре аз пеш нахоҳад бурд.**

**Сафвон дар ривояти дигаре мегӯяд: яке аз афроди мавриди эътимод бароям нақл кард, ки Яҳё ибни Холиди Бармакӣ ба Ҳорунаррашид гуфт: Алӣ ибни Мӯсо иддаои имомат дорад бо ин сухан қасди таҳрики Ҳорунро дошт, Ҳорун дар посух гуфт: онҷӣ бо падараш анҷом додем бас аст, оё мехоҳӣ, ҳамаи онҳоро**

1. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.42; «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.84; «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.166.

бикушем.[1]

5. Маҳалли дафни ман ва Ҳорун якест.

Мӯсо ибни Имрон мегӯяд: рӯзе Алӣ ибни Мӯсарризоро дар масҷиди Мадина дидам ва Ҳорун машғули суханронӣ буд, имом ба ман фармуд: рӯзеро хоҳӣ дид, ки ман ва Ҳорун дар якҷо ба хок супурда мешавем.[2]

Албатта дар китоби «Алитиҳоф биҳуббил ашроф» ривояти ёдшуда аз Мӯсо ибни Марвон нақл шудааст.[3]

6. Кушта шудани Амин ба дасти Маъмун

Ҳусайн ибни Ясор мегӯяд: рӯзе Алӣ ибни Мӯсарризо(а) ба ман фармуд: Абдуллоҳ (Маъмун) бародараш Муҳаммад (Амин)-ро хоҳад кушт. Аз имом (а) пурсидам: Яъне Абдуллоҳ ибни Ҳорун , Муҳаммади ибни Ҳорунро хоҳад кушт? Имом (а) фармуданд: оре, Абдуллоҳ (Маъмун) Муҳаммад (Амин)-ро хоҳад кушт. Бар тибқи пешгӯии имом (а) ин иттифоқ афтод.[4]

7.Дуқулу (дугоник) овардани ҳамсари Бакр ибни Солеҳ

Бакр ибни Солеҳ мегӯяд: Ҳузури имом Ризо (а) шарафёб гаштам ва ба он ҳазрат арз кардам: ҳамсарам хоҳари Муҳаммад ибни Синон, аз хавоси шиъиёни шумо, бордор аст аз шумо

---

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.235; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243 ва «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.311.
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.236; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.244 ва «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.312.
3. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.316.
4. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.237; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.242 ва «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.317.

мехоҳам дуо кунед, Худованд фарзанди писаре ба ман иноят кунад. Имом фармуд: ду фарзанд дар роҳ аст. Аз назди имом берун рафтам ва бо худ гуфтам номи якеро Муҳаммад ва дигареро Алӣ хоҳам гузошт. Дар ин ҳангом имом маро фаро хонда ва бе он ки аз ман чизе бипурсад ба ман фармуд: номи якеро Алӣ ва номи дигареро Умми Амр бигзор. Вақте ба Куфа расидам, ҳамсарам як писар ва як духтар ба дунё оварда буд ва номи онҳоро ҳамон гуна, ки имом фармуда буд, гузоштам. Ба модарам гуфтам: маънии Умми Амр чист? Посух дод: модарбузургат, Умми Амр ном дошт.[1]

8.Сарватмандии Ҷаъфар

Ҳусейн ибни Мӯсо мегӯяд: иддае аз ҷавонони бани Ҳошим перомуни имом Ризо (а) нишаста будем, ки Ҷаъфар ибни Амри алавӣ бо шакл ва қиёфае фақирона бар мо гузашт. Баъзе аз мо бо нигоҳе масхараомез ба вай нигаристем, имом Ризо (а) фармуд: ба зудӣ хоҳед дид зиндагии вай тағйир карда ва амволаш зиёд ва ходимонаш бисёр ва зоҳираш ороста хоҳад гашт. Ҳусайн ибни Мӯсо мегӯяд: пас аз гузашти як моҳ, волии Мадина иваз шуд ва Ҷаъфар волии Мадина шуд ва зиндагиаш ҳамонгуна, ки имом фармуда буд тағйир кард ва аз он пас, Ҷаъфар ибни Умари алавӣ аз канори мо зиёд мегузашт ва перомунаш хидматкорон буданд, ки пешопеши ӯ ҳаракат мекарданд ва мо барои ӯ бармехостем ва бад-ӯ эҳтиром

1. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.236; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.316; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243 ва «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.313.

**мегузордем ва барои вай дуо мекардем.**[1]

Дар нақли «Алитҳоф биҳуббил ашроф» ин рӯйдодро Ҳасан ибни Мӯсо ривоят кардааст.[2]

### 9.Омодагӣ барои марг

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз Саъиди ибни Саъд нақл карда, ки рӯзе имом Ризо (а) ба марде нигоҳе афканд ва ба ӯ фармуд:

**Эй бандаи Худо! Васияти худро бинавис ва худро барои чизе, ки гурезе аз он нест (яъне марг) омода соз. Ровӣ мегӯяд он мард се рӯз баъд аз дунё рафт.**[3]

### 10.Посухи имом (а) ба пурсише нопурсида

Ровӣ мегӯяд: шахсе мегуфт, омодаи сафари ҳаҷ шудам ва канизам ду порча барои эҳроми ман омода карда буд. Бо фаро расидани замони эҳром ногаҳон изтироб ва дағдағаи аҷибе вуҷудамро фаро гирифт, ки оё эҳром бо порчае, ки бо порчаи дигар васла шуда, ҷоиз аст ё хайр? Аз ин рӯ, он порчаро напӯшидам ва бо порчаи дигаре эҳром бастам. Ҳангоме, ки ба Макка расидам номае ба имом Ризо (а) навиштам ва ҳамроҳи

---

1. «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243; «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)» , саҳ.176.
2. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.318.
3. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.237; «Шавоҳидун нубувва», саҳ.387; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114; «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», ҷ.1, саҳ.466, шумораи 265; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.318; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243; «Аланворул қудсия», саҳ.39; «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.311 ва «Натоиҷул афкорул қудсия», ҷ.1, саҳ.80.

нома ҳадоёе назди он бузургвор фиристодам ва ба хотир доштам, ки пурсиши худро аз он ҳазрат суол кунам: Оё эҳром бо порчаи васла шуда ҷоиз аст ё хайр? Вале фаромӯш кардам онро барои он ҳазрат бинависам. Дере напоид номае аз ноҳияи имом ба ман расид, ки дар поёни он марқум фармуда буд:

**Агар муҳрим (эҳромкунанда), ҷомаи мулҳам бипӯшад, ишколе надорад.**[1]

**11.Паноҳ ҷустани гунҷишк ба имом Ризо (а)**

Яке аз атрофиёни имом Ризо (а) мегӯяд:

**Рӯзе дар хидмати имом Ризо (а) дар боғе будем ва бо якдигар гуфтугӯ мекардем, ногаҳон гунҷишке назди он ҳазрат омад ва худро ба замин андохт ва сару садо роҳ андохт. Имом Ризо (а) ба ман фармуд: медонӣ ин гунҷишк чӣ мегӯяд? Арз кардам: танҳо Худо ва паёмбарони Худо ва шумо медонед. Фармуд: ин гунҷишк мегӯяд: наздики лонаи ман море омада ва қасд дорад, ҷуҷаҳоямро бихӯрад, имом ба ман фармуд: бархез ва ба самти лонаи гунҷишк бирав ва он морро бикуш. Ровӣ мегӯяд: аз ҷои худ бархостам ва наздики лонаи гунҷишк шудам, дидам море гирди лонаи гунҷишк мегардад ба дастури имом онро куштам.**[2]

**12.Таъбири хоби Абуҳабиб**

**Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз Абуҳабиб ривоят карда, расули Худо (с)-ро дар манзиле, ки ҳоҷиёни**

---

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.388.
2. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.388.

сарзамини мо дар он ҷо утроқ мекунанд, хоб дидам бар ӯ салом кардам. Назди вай зуруфе аз хурмои сайҳонӣ қарор дошт. Ҳазрат ба ман ҳаҷдаҳ дона хурмо дод ва ман хурдам. Пас аз бедор шудан хоби худро чунин таъбир кардам, ки ба дарозии тӯли ҳар хурмо як сол (маҷмуан 18 сол) зинда хоҳам буд. Бист рӯз баъд аз ин хоб Абулҳасан ибни Мӯсарризо(а) аз Мадина ба Макка омад ва дар ҳамон макон утроқ кард ва мардум мекӯшиданд ба ӯ салом кунанд. Ман низ ба он ҷо рафта ва дидам, ҳазрат ҳамон ҷое, ки паёмбар (с)-ро дар хоб дида будам, нишаста ва зуруфе аз хурмоҳои Мадина, хурмоҳои сайҳонӣ дар муқобили ҳазрат қарор дошт. Ба имом (а) салом кардам вай маро назди худ фаро хонд ва муште аз хурмо ба ман ато фармуд, ки теъдодашон ба ҳамон теъдоде буд, ки паёмбар (с) дар хоб ба ман дода буданд. Ба ҳазрат арз кардам: теъдоди зиёдтар марҳамат кунед. Имом (а) фармуд: агар расули Худо (с) зиёдтар медоданд, ман низ ба ту зиёдтар медодам.[1]

### 13.Суқути давлати Бармакиён

Ҳамза ибни Ҷаъфари Арраҷонӣ мегӯяд: Ҳорунаррашид аз як дари Масҷидулҳаром ва Алӣ ибни Мӯсарризо (а) аз дари дигар хориҷ шуданд, дар ин ҳангом имом Ризо (а) бо ишора ба Ҳорун

---

1. «Исботул васия» , саҳ.178; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.236; «Шавоҳидун нубувва», саҳ.386; «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.224-225; «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.594; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114; «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», ҷ.1, саҳ.466; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.317; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243; «Ҷомеъу кароматил авлиё», ҷ.2, саҳ.311; «Натоиҷул афкорул қудсия», ҷ.1, саҳ.80; «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.376; «Василатун наҷот», саҳ.385 ва«Василатул маъол», саҳ.212.

**фармуд: эй Тус! Хонаҳоямон аз ту чӣ дур аст ва маҳалли мулоқотамон чӣ наздик! Ман ва ӯро дар якҷо ҷамъ хоҳӣ кард.[1]**

**Мӯсофир мегӯяд: дар сарзамини Мино хидмати имом (а) шарафёб будам, ногаҳон Яҳё ибни Холиди Бармакӣ, ки ба ҷиҳати гарду ғубор сураташ пӯшида буд, ворид бар маҷлис шуд. Имом (а) хитоб ба мо фармуд: чӣ бечораанд инон! Намедонанд дар ин сол чӣ иттифоқе барои онҳо рух хоҳад дод. Мӯсофир мегӯяд: дар ҳамон сол бармакиён суқут карданд ва пешгӯии имом муҳаққақ шуд вай дар идома мегӯяд: имом (а) фармуд: аз ин шигифтовартар ман ва Ҳорун ҳастем, ки шабеҳи ин ду ангушт ҳастем ва ангушти саббоба ва ангушти васатро канори ҳам қарор дод. Мӯсофир гуфт: маънии сухани имомро дар мавриди Ҳорун нафаҳмидам, то ин ки имом Ризо (а) реҳлат кард ва дар канори Ҳорун ба хок супорида шуд.[2]**

## 14.Таваллуди имом Ҷавод (а) ва бутлони иддаои Воситӣ

Баъзе аз ёрони хоси имом Ризо (а) ривоят мекунанд: рӯзе Ҳусайни Воситӣ[3] аз руъасои воқифимаслакон ба мо исрори зиёде кард, то восита шавем, имом Ризо (а) иҷозаи вақти мулоқот ба вай диҳад. Ҳангоме, ки имом иҷозаи мулоқот дод,

---

1. «Алағонӣ», ҷ.7, саҳ.266; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.316; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.244 ва «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.313.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.209, ҳ.487; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.236; «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.315; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.243 ва «Ҷомеъу каромотил авлиё», ҷ.2, саҳ.312.
3. Ҳусайн ибни Қиёмои Воситии Сайруфӣ, аз асҳоби имом Козим (а) буда, ки пас аз шаҳодати имом Козим (а) бар имомати эшон таваққуф кард ва воқифимазҳаб шуд. Ӯ аз руъасои онҳост, уламои шиъа ӯро мазаммат кардаанд. Ниг: «Мустадракоти илми риҷолил ҳадис», ҷ.3, саҳ.182, шумораи 4615.

Ҳусайн ба шарафи дидори имом мушарраф шуд ва ба имом арза дошт: эй Абалҳасан! Шумо имом ҳастӣ? Имом фармуд: оре. Ҳусайн гуфт: аммо барои ман мушаххас шуда, ки Шумо имом нестӣ? Ҳазрат лаҳзае диранг кард ва сипас фармуд: чигуна дарёфтӣ, ки ман имом нестам? Ҳусайн гуфт: аз Абуабдуллоҳи Ҷаъфари Содиқ ҳадисе ба мо расида, ки имом ақим нест, бо ин ки шумо ба ин синну сол расидаӣ ва аз фарзанд бебаҳраӣ. Имом пас аз даранге дигар фармуд: қабл аз поёни ин сол, Худои

мутаъол ба ман писаре иноят хоҳад кард.

Абдурраҳмон яке аз ровиёни ин моҷаро мегӯяд: Ҳанӯз сол тамом нашуда буд, ки имом Муҳаммадтақӣ (а)[1] мутаваллид шуд.[2]

# Баъд аз ҳиҷрат ба Тус

## 15.Дармони лакнати забон

Нақл аст: роҳзаноне бозаргонеро дар роҳи Кирмон ва дар ҳавои барфии зимистон, гирифтанд ва амволашро ғорат ва даҳони вайро низ пур аз барф карданд, ба гунае, ки забонаш аз кор афтод ва бисёр сахт сухан гуфт. Ҳангоме, ки ба Хуросон расид, иттилоъ ёфт имом Ризо (а) дар Нишобур аст, бо худ гуфт вай аз аҳли байти нубувват аст, назди ӯ меравам, шояд дармоне барои ин дард дошта бошад. Шаб дар хоб дид назди имом Ризо (а) омада ва дархости шифо кардааст, ҳазрат фармуд: миқдоре

1. Гуфтанист, ки баъд аз валодати имом Муҳаммадҷавод (а) Ҳусайни Воситӣ бар имом Ризо (а) ворид шуд ва имом хитоб ба ӯ фармуд: «инналлоҳу қад ваҳабалӣ ман ярисанӣ оли Довуда. Худованд ба ман он касеро, ки вориси ман ва оли Довуд аст бахшидааст», ниг: «Биҳорул анвор», ҷ.50, саҳ.18.
2. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.46-47.

гиёҳи камюнӣ ва саътар ва намак таҳия кун ва онҳоро бо об мартуб намо ва ду-се бор онҳоро дар даҳони худ қарор деҳ то забонат шифо ёбад. Бозаргони молбохта, аз хоб бедор шуд ва ба ин хоб аҳамияте надод ва роҳии Нишобур гашт. Вақте ба Нишобур расид, мутталеъ шуд, ки имом Ризо (а) ба беруни шаҳр рафта ва дар корвонсарое ҳузур дорад. Бозаргон худро ба имом расонад ва ҷараёни роҳзанонро барои ҳазрат нақл кард, вале сухане аз хоби худ ба миён наёвард. Имом Ризо (а) фармуд: доруи ту ҳамон аст, ки дар хоби ту гуфта будам. Бозаргон арз кард: эй фарзанди расули Худо! Мехоҳам бори дигар онро аз забони шумо бишнавам. Имом фармуд: миқдоре гиёҳи камюнӣ ва саътар ва намак таҳия кун ва онҳро бо об мартуб намо ва ду-се бор онҳоро дар даҳони худ қарор деҳ то шифо ёбӣ, бозаргон низ ба дастури имом амал кард ва шифо ёфт.[1]

**16.Нопойдории вилоятаҳдии ман**

**Мадоинӣ мегӯяд: ҳангоме имом Ризо (а) дар маҷлиси байъати вилоятаҳдӣ ҷулус фармуд ва либоси махсусро пӯшид ва суханронон машғули суханронӣ буданд, ба яке аз ёрони худ нигоҳе афканд ва мушоҳида кард, ки аз ин ҷараёни вилоятаҳдии имом бисёр изҳори шодмонӣ мекунад. Имом бо ишора ба вай ӯро назди худ талабид ва ором дар гуши вай фармуд: қалби худро ба ин вилоятаҳдӣ машғул макун ва ба он дил мабанд ва хушҳолӣ макун, ки ин амр монданӣ нест.[2]**

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.387.
2. «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.245 ва «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.178.

**17.Расвоии тавтиагарон**

Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ, ин кароматро яке аз далоили азамати шахсияти имом Ризо (а) медонад ва дар бораи он мегӯяд:

**Аммо он чӣ аз маноқиб ва сифот, ки Худованд онро ба ӯ ихтисос дода ва бар баландии мақомаш ва волоии шаънаш гувоҳӣ медиҳад ва он иборат аст аз ...**

Ва сипас ҷараёнро ин гуна нақл мекунад:

**Замоне, ки Маъмун имом Ризо (а)-ро валиаҳд ва ҷонишини худ қарор дод, атрофиёни Маъмун аз кори халифа норозӣ буда ва бимнок буданд, ки хилофат аз бани Аббос хориҷ шуда ва ба бани Фотима боз гардад. Ба ҳамин далел, аз имом Ризо (а) мутанаффир шуда ва кинаи имомро ба дил гирифтанд ва барои ибрози ин нафрат ва кина дар интизори фурсат буданд. Имом Ризо (а) ҳамвора аз замоне, ки бар халифа ворид мешуд, аз долоне убур мекард, ки бар он пардае овезон буд ва хадам ва нигаҳбонони маъмури эҳтиром ва истодан ва салом кардан бар имом ва бардоштани парда буданд, то имом убур кунанд. Нигаҳбонон бо худ қарор гузоштанд, касе ба имом салом накунад ва ӯро эҳтиром нанихад ва пардаро канор назанад. Баъд аз ин тасмим имом Ризо (а) тибқи одати рӯзона вориди даҳлез шуд, афрод беихтиёр бо по хостанд ва бар ҳазрат салом карданд ва тибқи одати рӯзона пардаро канор заданд, то имом убур кунад. Баъд аз ин ҷараён ба маломати якдигар пардохтанд, ки чаро пардаро канор заданд. Қарор шуд, рӯзи баъд чунин**

**накунанд. Рӯзи баъд имом Ризо (а) ворид шуд ва бар он ҳазрат салом карданд, аммо пардаро канор назаданд, дар ин ҳангом боди шадиде вазид ва пардаро аз ҳадди маъмулии худ низ болотар зада ва имом ворид шуд ва замони хуруҷ низ чунин шуд. Баъд аз ин ҷараён бо якдигар ба гуфтугӯ пардохтанд ва дар мавриди имом Ризо (а) гуфтанд ин шахс назди Худо ҷойгоҳи вижае дорад. Мулоҳиза кунед, ки чигуна бод ба ҳангоми воруд ва хуруҷи ҳазрат аз ду ҷиҳат вазид ва пардаро канор зад. Бинобар ин ҳамон гуна,ки хидматгузори вай будед, ба ӯ хидмат намоед, ки ба суди шумост.**[1]

Ин қазияро Шибровии шофеӣ низ бо андаке ихтилоф нақл кардааст.[2]

## 18. Посухи имом ба пурсишҳое матраҳнашуда

Яке аз аҳолии Куфа мегӯяд: ба қасди Хуросон Куфаро тарк гуфтам, духтарам порчае ба ман дод ва гуфт: ин порчаро бифурӯш ва барои ман фирӯзае бихар. Ровӣ мегӯяд: Ҳангоме, ки ба Марв расидам, ғуломҳои имом Ризо (а) назди ман омада ва гуфтанд: яке аз ходимони ҳазрат аз дунё рафта, агар порчае дорӣ онро ба ман бифурӯш то вайро кафан намоям. Дар посух гуфтам: ман порчае надорам ва онҳоро ҷавоб кардам, бори дигар омаданд ва гуфтанд: мавлои мо ба ту салом мерасонад ва мегӯяд:

---

1. «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.296; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.234-235; «Шавоҳидун нубувва», саҳ.382-383; «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.47; «Ахборуд дувал ва осорул увал», саҳ.114; «Ҷомеъу кароматил авлиё», ҷ.2, саҳ.257.
2. «Алитҳоф биҳуббил ашроф», саҳ.313.

бо ту порчае аст, ки духтарат онро ба ту дода, то онро бифурӯшӣ ва фирӯза бихарӣ. Ровӣ мегӯяд: баъд аз ин ҷараён порчаро фурӯхтам ва бо худ гуфтам: пурсишҳое аз ӯ дорам ва мехоҳам бибинам чӣ посухе ба онҳо медиҳад. Агар ба онҳо посух дод, бетардид соҳиби вилоят ва имоми аҳд аст. Пурсишҳои хешро навиштам ва субҳгоҳон раҳсипори манзили имом Ризо (а) шудам, ки бо издиҳоми мардум дар он макон рӯ ба рӯ гаштам ва натавонистам ҳазратро бубинам, то чӣ расад, ки пурсишҳоямро бипурсам. Мутаҳаййир истода будам, ки яке аз ходимҳои имом аз манзил берун омада ва номи маро бурд ва навиштае ба ман дод ва гуфт: фалонӣ! Ин навишта посухи масоили туст. Ровӣ мегӯяд: чун навиштаро боз кардам, посухи тамоми масоилро дидам ва чун посухҳоро мувофиқи масоил дидам, аз он ба баъд донистам, ки имом Ризо (а) аз асфиё ва авлиёи барҷаста аст.[1]

**19.Иттилоъ аз хостаҳои дарунии Райён**

Яке аз наздикони имом Ризо (а) мегӯяд: рӯзе Райён ибни Салт ба ман гуфт: мехоҳам аз имом Ризо (а) иҷозаи мулоқоте барои ман бигирӣ ва умедворам аз ҷомаҳои худ ҷомае ба ман бидиҳӣ ва чанд дирҳаме низ аз дирҳамҳое, ки номи ҳазрат бар онҳо зарб шуда ба ман ато фармоед. Ровӣ мегӯяд: назди имом Ризо (а) омадам ва ҳанӯз лаб ба сухан накушуда будам, ки ҳазрат фармуд: Райён ибни Салт мехоҳад назди мо биёяд ва умедвор аст, ки ба вай ҷомае бидиҳем ва дирҳамҳое, ки ба номи

1. «Исботул васия», саҳ.180-181; «Шавоҳидун нубувва», саҳ.386 ва «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.46.

мо задаанд, чизе ба вай бидиҳем бигузоред ворид шавад. Райён ҳузури имом расид ва он ҳазрат ду ҷома ва сӣ дирҳам ба вай ато фармуд.[1]

## 20.Даррандагон дар остони имом (а)

Қазияи Зайнаби каззоба ва вуруди ӯ дар гудол (чуқурӣ) –и даррандагон аз қазоёе машҳур ва муттафиақ байни шиъа ва суннист, ки гӯшае аз азамат ва мақоми имомат ва вилояти таквиниро ба намоиш мегузорад. Гарчӣ дар нақли ин ҷараён ихтилофоте вуҷуд дорад, ин ихтилофот ба асли ҷараён латмае ворид намесозад. Ихтилоф ин аст, ки оё ин ҷараён дар даврони имом Ризо (а) рух дода ё имом Ҳодӣ (а) ва ё ду бор рух додааст, ки ба ҳар ду ривоят ишора хоҳад шуд.

### Ривояти нахуст

**Дар Хуросон зане ба номи Зайнаб иддаъо мекард алавия ва аз насли Фотимаи Заҳрост, хабари моҷарои ин зан тамоми Хуросонро фаро гирифт. Ин хабар ба имом Ризо (а) расид ва ӯро аз насли Алӣ (а) надонист. Имом (а) он занро иҳзор карда ва алавия будани вайро рад кард ва фармуд: вай дурӯғгуст. Он зан имомро ба тамасхур гирифт ва ба камоли густохӣ ба имом гуфт: ту ба насаби ман ишкол мегирӣ ман низ ба насаби ту ишкол хоҳам гирифт. Дар ин ҳангом ғайрати алавии имом ба ҷӯш омад ва ба султони Хуросон фармуд: вайро дар маҳалли даррандагон бияфканад. Дар он даврон, султон маконе хос барои даррандагон дошт, ки он макон барои интиқом гирифтан**

1. «Исботул васия», саҳ.180 ва «Шавоҳидун нубувва», саҳ.386-387.

аз муфсидин ва муҷримин ихтисос дошт. Имом Ризо (а) он занро назди султон ҳозир кард ва фармуд: ин зан дуруғгӯст ва ба Алӣ ва Фотима дурӯғ мебандад, вай аз насли ин ду нест. Агар ин зан рост гуфта ва пораи тани Фотима ва Алӣ бошад, гушти баданаш бар даррандагон ҳаром аст. Бинобар ин, ӯро миёни даррандагон бияфканед, агар ростгӯ бошад даррандагон ба вай наздик намешаванд ва агар дурӯғгу бошад вайро пора – пора хоҳанд кард. Вақте Зайнаби каззоба ин суханро шунид пешдастӣ кард ва ба имом гуфт: агар рост мегӯӣ, ту дохили ин гудол (чуқурӣ) шав. Имом низ бе ҳеҷ сухане вориди гудол шуд ва мардуму султон низ аз боло назорагари ин моҷаро буданд. Замоне, ки имом ворид гудол шуд, даррандагон гӯё ром шуда буданд ва имом (а) назди як яки ҳайвонот рафта ва ба сару сурат ва пушти онҳо даст мекашид ва ҳайвонот низ думҳои худашонро ба нишонаи таслим такон медоданд то замоне, ки имом аз он ҷо берун омад. Пас аз ин ҷараён имом ба султон фармуд: ин зани дуруғгуро дохили гудол бияндоз, то бар ту маълум шавад. Зан имтиноъ кард, вале султон дастур дод ба иҷбор вайро дохили гудол бияфкананд ва маъмурони султон ӯро ба дохили қафаси даррандагон афкананд. Даррандагон ба муҷарради дидани он зан, ба ӯ ҳамла бурда, ӯро пора – пора карданд ва номи ин зан дар Хуросон ба Зайнаби каззоба машҳур шуд.[1]

---

1. «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.297. р.к: «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.209, ҳ.487 ва «Алфараҷу баъдуш шиддата», ҷ.4, саҳ.172-173.

**Ривояти дуввум**

Ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ низ ба нақл аз баъзе аз ҳуффоз мегӯяд:

**Замони Мутаваккил зане назди вай омад ва иддаъо мекард, ки аз содоти алавист. Мутаваккил барои сидқ ва кизби ин хабар, Алӣ ибни Мӯсарризоро фаро хонд ва дар ин бора аз вай пурсиш кард. Имом Ризо (а) фармуд: Худованд гушти бадани фарзандони Ҳусайнро бар даррандагон ҳаром кардааст. Барои шинохти ростии сухани вай ӯро дар гудоли даррандагон бияфкан. Мутаваккил чунин кард ва зан, ки омодаи рафтан ба гудол мешуд ба дурӯғи худ эътироф кард. Бархе ба Мутаваккил гуфтанд: оё ин корро дар мавриди ӯ имтиҳон намекунӣ? Пас фармон дод, се шерро ба фазои қаср оварданд, баъд ҳазратро фаро хонд, чун ҳазрат дохили фазои қаср шуд, дарро бастанд, дар ҳоле, ки гушҳо аз ғурриши шерҳо кар мешуд. Пас чун ба ҳаёти (ҳавлии ) қаср омад, хост аз нардбон боло биравад, ки шерҳо ором ба сӯяш омаданд ва худро бад-ӯ молиданд ва давраш чархиданд ва ҳазрат низ остинашро ба баданашон молид, онгоҳ зону заданд ва нишастанд. Ҳазрат аз нардбон боло омад ва муддате бо Мутаваккил сухан гуфт, баъд пойин рафт ва боз ҳамон рафтори бори аввалро бо шерҳо анҷом дод, то замоне, ки аз қаср хориҷ шуд. Пас аз ин ҷараён, Мутаваккил дастур дод ҷоизаи бузурге ба имом бидиҳанд. Ба Мутаваккил гуфта шуд: худ ҳамон кореро анҷом бидеҳ, ки писарамуят (писарамакат) анҷом дод, чун Мутаваккил низ аз содоти бани Аббос буд, аммо Мутаваккил чунин ҷуръате ба худ надод ва ба атрофиёнаш гуфт:**

**оё мехоҳед маро ба куштан бидиҳед? Ва ба онҳо дастур дод , қазияи вайро бо имом Ризо (а) фош накунанд.[1]**

**Масъудии шофеӣ мегӯяд: ин қазия барои имом Ҳодӣ (а) иттифоқ афтода, зеро имом Ризо (а) дар даврони хилофати Маъмун ба таври иттифоқӣ вафот кард ва муосир ба Мутаваккил набуд.[2]**

Гарчӣ ин воқеъа ба таъбири аҳли суннат назди шиъа «хабари машҳур» аст[3], асли ин ҷараён мавриди иттифоқи фариқайн (шиъа ва суннӣ) аст, чунон ки бузургони аҳли суннат аз ҷумла ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ ин қазияро аз баъзе ҳуффози аҳли суннат нақл карда[4] ва Абуалӣ Умар ибни Яҳёи алавӣ низ ин ҷараёнро қатъӣ дониста ва нақли он аз тариқи аҳли суннатро таъйид кардааст ва ба нақли ҷараёне шабеҳи ҳамин қазия мепардозад, ки барои худаш иттифоқ афтодааст ва онро аз муҷарработ медонад.[5] Ихтилоф дар ин аст, ки ин қазия дар замони имом Ризо (а) рух дода ё имом Ҷавод (а) ва ё имом Ҳодӣ (а) ва халифаи вақтро ҳам Мутаваккил муаррифӣ кардаанд, вале бархе муътақиданд ба далели иштибоҳ дар нусхаҳои хаттӣ чунин иштибоҳе рух дода, вагарна Мутаваккил дар замони имом Ризо (а) ва имом Ҷавод (а) набудааст. Ба ҳамин далел, пас аз нақли сухани Масъудии шофеӣ чунин гуфтаанд:

---

1. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.595-596.
2. «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», ҷ.4, саҳ.86.
3. «Алфараҷу баъдуш шиддата», ҷ.4, саҳ.172.
4. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.596.
5. «Алфараҷу баъдуш шиддата», ҷ.4, саҳ.173.

**Ин матлаб писандида аст, чун Мутаваккил муосири имом Ҷавод(а) набуда, балки ҳамасри фарзанди он ҳазрат аст.**[1]

Ва бад-ин тартиб, ҷараёни Зайнаби каззобаро дар даврони имом Ҳодӣ (а) сабт мекунанд.

## 21. Сафаре бебозгашт

Шахсе мегӯяд: дар Хуросон аз имом Ризо (а) шунидам мефармуд: ҳангоме маро аз Мадина ба Марв фаро хонданд, ҳамаи аҳлу аёли худро ҷамъ карда ва ба онҳо суфориш кардам: ба гунае бар ман гиря кунед, ки садоятонро бишнавам, баъд аз он дувоздаҳ ҳазор дирҳам байни онҳо тақсим кардам ва ба онҳо гуфтам: ҳаргиз ба сӯи шумо боз нахоҳам гашт.[2]

## 22.Гуфтугӯи имом Ризо (а) ба забони синдӣ

Абуисмоили синдӣ мегӯяд: дар Синд шунидам, ки Худованди мутаъол миёни араб ҳуҷҷате дорад. Аз Синд[3] ба қасди зиёрат ва дидани он ҳуҷҷат берун омадам. Алӣ ибни Мӯсарризо(а) –ро ба ман муаррифӣ карданд. Ба хидмати вай расидам ва чун ба забони арабӣ ноошно будам, бо забони синдӣ ба он ҳазрат салом кардам. Имом низ бо забони синдӣ маро посух дод ва ҳар суханеро ба забони синдӣ ба имом гуфтам, бо ҳамон забон аз имом посух шунидам. Сипас ангезаи сафари худро ба арзи

---

1. «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.248.
2. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.389.
3. Дар ин ки мурод аз Синд кадом минтақа аст, чанд эҳтимол вуҷуд дорад, вале аз қароин ва шавоҳид ба даст меояд, ки мурод минтақае аз Ҳиндустон бошад. Р.к: «Мӯъҷамул булдон», ҷ.3, саҳ.267.

ҳазрат расонидам, ки барои дидори ҳуҷҷати Худо миёни араб тарки ватан кардам. Имом фармуд: ба хостаат расидӣ ва ман ҳамон ҳуҷҷати Худо ҳастам, ҳарчӣ мехоҳӣ аз ман бипурс. Абуисмоил мегӯяд: ҳар пурсише доштам аз он ҳазрат пурсидам ва ҳангоми рафтан ба вай арз кардам: ман забони арабӣ намедонам аз шумо мехоҳам барои ман дуъо кунӣ, то Худои мутаъол ин забонро ба ман илҳом фармояд, он ҳазрат дасти мубораки хешро бар лабҳои ман кашид ва аз ҳамон лаҳза тавонистам ба забони арабӣ сухан бигӯям.[1]

## 23.Ошноии имом Ризо (а) ба ҳамаи лаҳҷаҳо

Абосалти Ҳаравӣ мегӯяд: Алӣ ибни Мӯсарризо(а) бо мардум ба забон ва луғати онҳо гуфтугӯ мекард, ба Худо савганд! Имом Ризо (а) дар сухан гуфтан шевотарин фард ва донотарин мардум ба ҳар забон ва луғате буд. Рӯзе ба имом Ризо (а) арз кардам: эй фарзанди расули Худо! Ман аз огоҳӣ ва шинохти шумо ба луғатҳои гуногун дар шигифтам, имом фармуд: эй Абосалт! Ман ҳуҷҷати Худо ба офаридагони ӯ ҳастам, имкон надорад Худои мутаъол шахсеро ҳуҷҷати худ бар офаридагон қарор диҳад, вале ошноӣ ба луғати мардум набошад. Оё ҳадиси амири муъминон (а)-ро нашнидаӣ, ки мефармояд:

**Ба мо фасли хитоб дода шудааст, оё фасли хитоб чизе ҷуз дониши забонҳост?**[2]

---

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.388 ва «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.84.
2. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.84.

## 24. Истиқболе бошукӯҳ дар иди фитр

Пас аз он ки Маъмун бо тарфандҳои сиёсии худ, вилоятаҳдиро бар имом таҳмил намуд ва имом Ризо (а) низ бо зиракии ҳарчӣ тамомтар бо ин масъала бархурд кард, ҳилоли моҳи шаввол руъят шуд ва Маъмун ба имом Ризо (а) хабар дод, ки муносиб аст, намози ид ва хутбаро шумо бихонед. Имом (а) узр овард, вале Маъмун бар хоҳиши худ исрор меварзид ва мегуфт мардум бояд аз вилоятаҳдии шумо итминон ҳосил кунанд ва бояд фазоил ва камолоти шумо бар онҳо ошкор гардад. Бо фузунии исрор ва хоҳиши Маъмун, имом Ризо (а) ба ӯ паём дод, ки агар маро дар ин кор муъоф бидорӣ беҳтар аст, аммо агар бар ин амр исрор дорӣ, намоз ва хутбаи идро ҳамон гуна, ки расули Худо (с) ба мусалло мерафт ва анҷом медод, хоҳам хонд. Маъмун дар посух гуфт: Ризо мухтор аст, ҳар гуна, ки дилхоҳи ӯст амал намояд. Сипас Маъмун дастур дод, то аъён ва аркони давлат ва ашрофи вилоят, балки тамоми мардум, бар давлатсарои имом Ризо (а) ҷамъ шаванд ва ҷамъи бисёре аз фармондеҳон низ қабл аз тулуъи офтоби рӯзи ид дар он маҳал ҳозир шаванд. Занон ва кӯдакон ва соири мардум низ дар остонаи манзили худ ва дар миёни роҳ, мунтазири қудуми имом Ризо (а) буданд. Ҳангоми тулӯъи офтоб, имом (а) ғусли рӯзи идро анҷом дод ва либосҳои нав ва хушбӯ пӯшид ва аммома бар сар ниҳод ва таҳтулҳанак баст ва асои оҳанин дар даст гирифт ва фармуд тамоми пайравони он ҳазрат низ чунин кунанд ва пешопеши он ҳазрат ҳаракат намоянд. Имом (а) низ бо пои бараҳна ба сӯи мусалло ҳаракат кард ва то соқи пои мубораки хешро боло зад ва бо ин шакл аз манзил берун омад. Сарони

сипоҳи Маъмун ва ашроф ва бузургон то ин саҳнаро диданд, моту мабҳут шуданд ва аз асбҳои худ пойин омада ва ҳамонанди имом, пои худро бараҳна карданд. Имом Ризо (а) низ такбиргӯён ҳаракат кард ва мардум низ бо ишон нидои такбир сар доданд. Ровӣ мегӯяд: дар ин моҷаро як лаҳза эҳсос кардам замину осмон такбири имомро посух медиҳанд ва аз дару девор ва дарахт садои такбир меояд. Валвалае шаҳрро фаро гирифта буд, мардум вақте имом Ризо(а)-ро бо он шакл ва ҳайбат медиданд ва садои такбири он ҳазратро мешуниданд, нола ва фарёд ва шевани онҳо фазоро пур кард ва гиряву зорӣ мекарданд.

Маъмун аз ин вазъият иттилоъ ҳосил кард, вазири вай, Фазл ибни Саҳл ба ӯ гуфт: агар шароит ба ҳамин наҳв идома ёбад ва Ризо ба мусалло биравад, мардум шефтаи ӯ мешаванд ва тоҷу тахти ту ба хатар хоҳад афтод, маслиҳат аст, ки ӯро бозгардонӣ. Маъмун низ шахсеро назди имом Ризо (а) фиристод ва паём дод, ба ту таклиф кардам ва ту ба заҳмат афтодӣ ва ман ба заҳмат ва машаққати шумо розӣ нестам, хоҳиш мекунам ба манзил боз гардед ва ҳамон касе, ки қаблан намозро мехонд, намози идро бихонад. Имом Ризо (а) низ чунин кард ва чакмаи худро пӯшида ва савор бар маркаби худ роҳии манзил гашт. Мардум ошуфта ва нороҳат буданд, зеро аз ҳаловат ва ширинии он ҳол маҳрум монданд.[1]

## 25.Намози борон ва истиҷобати дуъои имом Ризо (а)

Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар таърихи худ менависад: Замоне, ки Маъмун имом Ризо (а)-ро валиаҳди худ қарор дод, аз

---

1. «Исботул васия», саҳ.179 ва «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.44.

қазо айёми фасли боридани борон буд, борон наборид ва ҳамин қазия баъзе аз атрофиён ва мухолифони вилоятаҳдии имом Ризо (а) –ро бар он дошт, ки ин ҷараёнро барои ишкол кардан ба имом Ризо (а) ва азият ва озори вай баҳона қарор диҳанд ва бо тамасхур мегуфтанд: Алӣ ибни Мӯсарризо валиаҳди мо, боронро аз мо гирифтааст! Ин суханон ба гуши Маъмун расид, ба гунае, ки Маъмун низ таҳти таъсири ин суханони нораво қарор гирифт ва рӯзи ҷумъае бо имом Ризо (а) гуфт: муддате аст борон наборида, агар дуъое кунӣ борон биборад, бисёр муносиб аст... Имом фармуд: дуъо мекунам. Маъмун пурсид: чӣ замоне дуъо мекунӣ? Имом фармуд: рӯзи душанбе паёмбари акрам (с) ва амири муъминон Алӣ ибни Абитолибро дар хоб дидам. Паёмбар ба ман фармуд: фарзандам, то рӯзи душанбе сабр кун, рӯзи душанбе ба саҳро бирав ва борон талаб намо, ки Худои мутаъол ба лутфи худ борони раҳматашро бар ин мардум нозил хоҳад кард. Фарзандам!  Инояти вижаи Худованд ба худатро ба мардум нишон бидеҳ ва бигузор бидонанд, ки назди Худованди мутаъол аз чӣ мақом ва азамате бархурдорӣ.

Бо фаро расидани рӯзи душанбе Алӣ ибни Мӯсарризо(а) ва мардум равонаи саҳро шуданд. Он ҳазрат бар баландӣ истод ва аз ҳамду ситоиши Худо ба пешгоҳи ӯ арза дошт:

**Худоё! Парвардигоро! Ту ҳаққи мо аҳли байтро бузург доштӣ ва онон ба мо, чунон ки фармон додӣ, тавассул ҷустанд ва чашм ба фазлу раҳмати ту доранд ва эҳсону неъмататро интизор мекашанд, пас ононро бо бороне судманд ва умумӣ ва бидуни зиён сероб гардон ва ибтидои борандагӣ барои онон**

**баъд аз бозгашташон аз ин ҷойгоҳ ба манозилашон бошад.**

Ровӣ мегӯяд: ба Худое, ки Муҳаммадро ба паёмбарӣ мабъус кард, пас аз суханони Алӣ ибни Мӯсарризо бедаранг абрҳои боронзо дар осмон падидор гашта ва раъду барқ фазоро оканда сохт, ба гунае, ки мардум ба тасаввури боридани борон, дар паи сарпаноҳ мегаштанд. Имом Ризо (а) фармуд: эй мардум! Ин абрҳо аз они шумо нест, аз они фалон минтақа аст. Ин иттифоқ даҳ бор рух дод ва имом Ризо (а) фармуд: ин абрҳо марбут ба фалон минтақа аст. Ёздаҳумин бор, имом Ризо (а) фармуд: эй мардум! Худои мутаъол ин абрҳоро барои шумо фиристода аст, пас Худоро ба ин неъмат ва тафаззул сипос гӯед, то ба манозили худ боз нагардед, абрҳо бар шумо нахоҳанд борид. Бинобар ин, ба сӯи манозили худ боз гардед, то раҳмати Худо бар шумо нозил гардад.

Ровӣ мегӯяд: Алӣ ибни Мӯсарризо аз минбар пойин омад ва равонаи манзил шуд ва мардум низ чунин карданд. Замоне, ки мардум ба манозили худ расиданд, абрҳо шурӯъ ба боридан кард ва борон тамоми шаҳрро дар бар гирифт ва мардум низ бо иштиёқи фаровон аз имом Ризо (а) таҷлил ва эҳтиром мекарданд ва мегуфтанд: «Ҳаниян ливаладирасулиллоҳ, кароматуллоҳ»; бар фарзанди расули Худо кароматиилоҳӣ муборак бод». Имом Ризо (а) низ фурсатро муносиб дид ва ба панду иршоди мардум пардохт ва фармуд:

**Эй мардум! Дар баробари неъматҳои Худо тақвои илоҳӣ пеша кунед ва бо гуноҳон, ин неъматҳоро аз худ дур насозед,**

**балки бо итоат аз Худо ва шукри неъмат, неъматро бар худ фузунӣ диҳед. Бидонед, ки ҳеҷ шукре баъд аз имон ба Худо ва шинохти ҳуқуқи авлиёи Худо ва аҳли байти паёмбари аъзам (с) назди ӯ маҳбубтар аз ҳамкории шумо муъминин бо бародарони динии худ дар умури дунявии онҳо нест, ки гузаргоҳашон аст, ки эшонро ба биҳишти парвардигорашон мерасонад. Касоне, ки даст ба чунин иқдомоте бизананд, аз хосони даргоҳи Худо шумурда хоҳанд шуд.**

Сипас ҷараёни шигифтеро аз паёмбари акрам (с) нақл карда мегӯяд:

Ба паёмбари аъзам (с) хабар доданд, фалон саҳобӣ ҳалок шуд, зеро фалон гуноҳро анҷом медиҳад, расули Худо (с) фармуд:

**Балки ӯ наҷот ёфта ва Худованд ӯро оқибат ба хайр гардонида ва тамоми гуноҳонашро пок ва корҳои неки ӯро ҷойгузини гуноҳонаш кардааст.**

Рӯзе ин фард дар масире ҳаракат мекард, бо муъмине бархурд намуд, ки авраташ ошкор буд, вай ба гунаеаврати ӯро пӯшонд, ки он муъмин худ хабардор ва шарманда нашавад, вале баъд мутаваҷҷеҳи ҷараён ва нияти он мард шуда ва дар ҳаққи ӯ ингуна дуъо кард:

**Худованд ба ту беҳтарин подошро иноят кунад ва ҳисоби туро осон ва саҳл гардонад.**

Паёмбари аъзам (а) фармуд: ин фард ба сабаби дуъои он

муъмин, оқибат ба хайр шуд.

Суханони паёмбар (с) ба он марди гунаҳкор расид ва ба баракати ин суханон, аз гуноҳи худ тавба кард ва дигар бор он корро анҷом надод ва Худованд низ тавбаи ӯро пазируфт ва саранҷом дар рикоби паёмбар (с) ба шаҳодат расид.

Имом Ризо (а) ин суханонро фармуд ва раҳсипор гашт.

Ровӣ дар идома мегӯяд:

**Худованд ба дуъои Ризо (а), Худованд аз ӯ хушнуд бод, баракати фаровоне ба сарзаминҳо марҳамат кард.**[1]

Ин каромат гӯшае аз шахсияти имом Ризо (а) –ро барои мардум ошкор намуд ва шаммае аз илми имомати хешро барои мардум ба намоиш гузошт ва фаротар аз он, дилҳои мардумро ба сӯи каломи набавӣ (с) раҳнамун сохт.

## 26.Табдил шудани тасвири шер ба шери воқеъӣ

Каромате, ки пеши рӯй доред, аз ҷумлаи каромот ва муъҷизаҳои таърихии имом Ризо (а) аст, ки дар муддати кӯтоҳи вилоятаҳдии он ҳазрат дурахшиши аҷибе дорад, ба гунае, ки Ҳокими Нишобурии шофеӣ аз ин каромат ин гуна таъбир мекунад:

**Аз каромоти авлиёи илоҳӣ, ки мардум барои Алӣ ибни Мӯсарризо мушоҳида карданд...**[2]

Баъд аз ҷараёни шигифтангез ва таърихии боридани борон

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.212-214, ҳ.490 ба нақл аз «Таърихи Нишобур».
2. Ҳамон, саҳ.208, ҳ.487.

ба баракати дуъои имом Ризо (а) нақшаи мухолифин ва ҳасудони имом Ризо (а) нақши бар об шуд, зеро аз ин фурсат барои терори шахсияти имом Ризо (а) ва бозпасгирии вилоятаҳдӣ аз алавиён барномарезӣ карда буданд, вале ҷараён баръакс натиҷа дод ва бо ин қазия фурсате ба вуҷуд омад то шахсият ва азамат ва каромати имом Ризо (а) матраҳ шавад ва тамоми барномаҳо ва нақшаҳои мухолифон аз байн биравад. Аз ин рӯ бо тарфанди дигаре бар Маъмун ворид шуданд ва бо вай ба баҳсу ҷидол пардохта ва гуфтанд:

**Чаро вилоятаҳдиро ба Алӣ ибни Мӯсо супурдӣ? Чаро мехоҳӣ шарофат ва азамат ва ифтихори хилофатро, ки солиёни сол дар бани Аббос буда, ба хонадони Алӣ (а) ва алавиён бозгардонӣ? Алӣ ибни Мӯсо соҳир аст, дидед, ки чӣ гуна бо сеҳру ҷоду боронро аз осмон нозил кард, бими он меравад, ки бо сеҳру ҷоду хилофат ва мулку мамлакатро низ аз бани Аббос хориҷ ва хилофатро аз они худ созад. Эй Маъмун! Оё касе ба андозаи ту дар ҳаққи худ ва хилофаташ чунин ҷиноятеро муртакиб шудааст?!**

Маъмун низ ангезаи аслии худро аз интихоби имом Ризо (а) ба вилоятаҳдӣ баён кард ва гуфт:

**Ҳадафи ман аз интихоби Алӣ ибни Мӯсо барои вилоятаҳдӣ таҳти муроқибат қарор додан ва контроли вай буд, зеро ӯ дар Мадина, махфиёна мардумро ба сӯи худ фаро мехонад. Ба ҳамин далел ӯро ба ин мақом мансуб кардам, то мардум бифаҳманд, ки Алӣ ибни Мӯсо он гуна, ки иддаъо мекунад, нест ва амри**

**хилофат танҳо аз они мост. Агар ин корро намекардам ва мардум мутаваҷҷеҳи ӯ мешуданд ва ин раванд идома меёфт, тавони муқобила бо ин ҷараёнро дар худ намедидем. Акнун низ аз ин кор сахт пушаймонам ва медонам иштибоҳи бузургеро муртакиб шудаам ва агар ин вилоятаҳдӣ идома ёбад ба ҳалокат хоҳам расид. Бо ин ҳама аз ваъияти ба вуҷуд омада наметавон ба соддагӣ гузашт ва бояд асосӣ андешид, вале ниёз ба замон дорем ва бояд рафта – рафта аз мақом ва манзалати Алӣ ибни Мӯсо бикоҳем то мардум ба адами лаёқати вай дар мавриди хилофат пай бибаранд.**

Яке аз мухолифони имом Ризо (а) ба номи Ҳамид ибни Меҳрон хитоб ба Маъмун гуфт:

**Эй амиралмуъминин! Иҷозат диҳед ман бо Алӣ ибни Мӯсарризо баҳс кунам ва ӯ ва ҳаводоронашро маҳкум ва шахсияту мақом ва манзалати ӯро таҳқир кунам. Агар ҳайбати шумо набуд ба мардум нишон медодам, ки вай лаёқати вилоятаҳдиро надорад. Маъмун низ бо шавқи фаровон аз пешниҳоди Ҳамид ибни Меҳрон истиқбол кард ва гуфт: « мо шайун аҳаббу илайя мин ҳозо; ҳеҷ чиз назди ман маҳбубтар аз ин кор нест».**

Сипас дастур дод ҷаласаи баҳсеро тартиб дода ва бузургон ва шахсиятҳои бузурги кишварӣ ва лашкарӣ ва мардум дар ин ҷаласа ҳозир шаванд.

Рӯзи мавъуд фаро расид ва тибқи барнома тамоми мудаввиъин (даъватшудагон) ҳозир шуданд ва Ҳамид ибни

Меҳрон низ бидуни муқаддима хитоб ба имом Ризо (а) гуфт: «Инна носа қад аксару алайкал ҳикоёти ва асрифу фӣ васфик; мардум дар бораи шумо бисёр гуфтугӯ карда ва роҳи муболиға мепӯянд», ки агар аз онҳо мутталеъ гардед, мункири онҳо хоҳед шуд. Мардум шуморо диданд, ки дуъо кардед ва Худованд боронеро, ки замони боридани он фаро расида буд, бар ин мардум нозил кард ва онон тасаввур карданд, ин кори шумо муъҷиза ва шахсияте беназир ҳастед! Бо ин ки ҳеҷ фарде бо Маъмун амиралмуъминин, ки мулкаш мустадом бод, қобили муқоиса нест ва мақоми вилоятаҳдиро ӯ ба шумо дода, бинобар ин раво нест дар мавриди шумо ин ҳама мадҳ ва сано шавад ва алайҳи халифа кизб ва нораво сурат гирад.

Имом Ризо (а) бо матонат ва қудрат чунин фармуд:

**Ман наметавонам мардумро аз бозгӯ кардани неъматҳои Худо дар бораи худам, боз дорам, ҳарчанд намехоҳам роҳи такаббурро пеш гирам.**

Ва аммо ҷойгоҳеро, ки ту аз он сухан мегӯӣ ва муддаъӣ ҳастӣ Маъмун онро ба мо дода, чизе ҷуз ҷойгоҳи ҳазрати Юсуф ва подшоҳи Миср нест.

Ҳамид ибни Меҳрон аз суханони имом хашмгин шуд ва гуфт: эй фарзанди Мӯсо! Аз ҳадду марзи худ по фаротар ниҳодӣ ва беш аз ҷойгоҳи худ сухан мегӯӣ ва боронеро, ки Худованд дар замоне, ки худ онро муқаддар карда ва ҳаргиз тақдим ва таъхир дар он намешуд ба номи худ тамом кардӣ ва онро нишона ва аломате барои густариши султа ва нуфузи худ қарор

додӣ, гӯйӣ муъҷизае ҳамонанди муъҷизаи Иброҳими Халил (а) овардаӣ, замоне, ки чаҳор паррандаро кушт ва онҳоро бо ҳам махлут кард ва бар қуллаи чаҳор куҳи мутафовит қарор дод ва сипас онҳоро ба изни Худо зинда кард ва ба суи худ фаро хонд.

Агар ту низ дар иддаъои худ содиқ ҳастӣ, тасвири ин ду шерро зинда кун; ба ҳайвони даррандаи воқеъӣ табдил кун ва онҳоро бар ман мусаллат гардон. Агар чунин кунӣ, ин кор муъҷизаи ту хоҳад буд, аммо боронеро, ки тибқи риволи оддӣ дар мавсими худ борид наметавон ба дуъои ту нисбат дод ва шояд ба дуъои дигарон будааст...

Ҳамид ибни Меҳрон дар чунин гуфтугӯ ба акси он ду шере, ки дар маҷлиси Маъмун вуҷуд дошт низ ишора мекард ва бо ҳолати тамасхур, имомро ба зинда кардани онҳо даъват мекард.

Имом Алӣ ибни Мӯсарризо(а) аз суханони Ҳамид ибни Меҳрон хашмгин шуд ва ба акс он ду шер ишора карда ва бо садои баланд фармуд:

**Эй ду шер! Биёед ва ин фоҷирро пора–пора кунед ва асаре аз ӯ боқӣ нагузоред.**

Ровӣ мегӯяд: он ду акс ба шери воқеъӣ табдил гаштанд ва ба Ҳамид ибни Меҳрон ҳамлавар шуданд ва ӯро пора-пора карданд ва хӯрданд ва заминро аз лавси вуҷуди ӯ пок карданд ва ҳозирин шигифтзада, шоҳиди ин ҷараён буданд. Он ду шер хидмати имом Ризо (а) расида ва ба амри Худо ба забон омада ва ба имом (а) арза доштанд:

**Эй валии Худо бар рӯи замин! Дар мавриди Маъмун ба мо**

**чӣ дастур мефармоед?**

Вақте Маъмун ин суханонро шунид ва эҳсос кард, ки сарнавишти ӯ низ ҳамонанди Ҳамид ибни Меҳрон хоҳад шуд, аз ҳуш рафт. Имом Ризо (а) низ фармуд: «Биистед». Имом(а) дастур доданд микдоре об ба сурати Маъмун заданд ва ӯро ба ҳуш оварданд, вақте ба ҳуш омад, он ду шер ба имом арз карданд:

**Оё ба мо иҷоза медиҳӣ, ӯро низ ба сарнавишти дӯсташ мубтало кунем?**

Имом иҷозат надод ва фармуд:

**Иродаи Худованд ба ҳар амре тааллуқ гирад, онро ба анҷом хоҳад расонд...**

Он ду шер аз имом касби таклиф карданд ва имом ба онҳо дастур дод, ба макони худ боз гарданд, онҳо низ чунин карданд ва ба сурати аввал (акс) даромаданд.

Маъмун, ки дар ҳолате аз тарс ва ваҳшат ба сар мебурд гуфт:

**Худоро сипос, ки маро аз шарри Ҳамид ибни Меҳрон дар амон дошт.**

Сипас хитоб ба имом Ризо (а) гуфт:

**Ин мақоми хилофат аз они ҷадди бузургворатон расули Худо ва шумо мебошад, агар моил бошед, аз ин мақом**

**канорагирӣ хоҳам кард ва онро ба шумо вогузор мекунам...**[1]

**27.Пешгӯии имом аз наҳваи шаҳодат ва маҳалли дафн**

Яке аз муҳимтарин ва албатта охирин каромати имом Ризо (а) дар даврони зиндагии хеш, пешгӯӣ аз шаҳодат ва чигунагии ҷузъиёти он аст, ки ба он ишора мешавад.

Ибни Ҳаҷари Ҳайсамии шофеӣ дар ин бора мегӯяд:

**Пеш аз маргаш хабар дод, ки ӯ ангур ва аноре мехӯрад ва бар асари он мемирад ва Маъмун мехоҳад ӯро пушти Рашид (падараш) дафн кунад, вале наметавонад. Тамоми инҳо рух дод, чунон ки ҳазрат хабар дод.**[2]

Пешгӯӣ аз наҳваи шаҳодат ва маҳалли дафн ва соири иттифоқотро Абосалти Ҳаравӣ ва Ҳарсима ибни Аъян ҳар кадом ба сурати ҷудогона аз имом Ризо (а) ривоят кардаанд, ки ба ҳар ду ривоят ишора мешавад.

## Ривояти Абосалти Ҳаравӣ

Абосалт яке аз мулозимони имом Ризо (а) ҷараёни шигифтовареро аз имом Ризо (а) нақл мекунад. Ин моҷаро афзун бар ин ки ҳокӣ аз илм ва иттилоъи имом аз оянда аст, посухе низ ба бархе аз дурӯғҳои таърихӣ ва баъзе аз муаррихине аст, ки саъй дар табриаи Маъмун дошта ва намехоҳанд вайро қотили имом муаррифӣ кунанд, бо ин ки ин ривоят аз ду тариқи

1. Ҳамон, саҳ.214-216, ҳ.490.
2. «Ассавоиъқул муҳрақа», ҷ.2, саҳ.593.

шиъа ва аҳли суннат нақл шуда ва чунин тасаввуротеро канор мезанад ва тасвире равшан ва шаффоф аз мазлумияти имом Ризо (а) –ро ба намоиш мегузорад.

Ин ҷараён ба андозае шигифтовар аст, ки Мулло Абдурраҳмони Ҷомии ҳанафӣ қабл аз нақли ин моҷаро мегӯяд: «ва аз он ҷумла каромот ва хориқи одот, хаворикҷе аст, ки аз Абосалти Ҳаравӣ нақл кардаанд...»[1] ва сипас ба нақли ин моҷаро мепардозад.

Абосалт мегӯяд: Рӯзе назди (имом) Ризо (а) истода будам, ҳазрат ба гунбаде, ки бар қабри Ҳорунаррашид бино шуда буд, нигоҳ кард ва ба ман фармуд: ба он ҷо бирав ва аз чаҳор ҷониби он миқдоре хок биёвар. Абосалт мегӯяд: ба дастури имом ба он ҷо рафтам ва миқдоре хок овардам. Имом хокро бӯид ва ба замин рехт ва фармуд: ба зудӣ дар ин макон барои ман қабре ҳафр мекунанд, ки дар он санге зоҳир мешавад, ҳарчӣ талош мекунанд, ки он сангро бишкананд наметавонанд ва ҳар куланге, ки дар Хуросон бошад, низ тавони хурд кардани ин сангро надорад. Сипас имом фармуд: аз фалон ҷо хок биёвар, рафтам ва хок овардам. Имом фармуд: қабри маро дар ин нуқта ҳафр мекунанд ва ба онҳо бигӯ то ҳафт пилла қабрро ҳафр кунанд ва ба миқдори дафни як инсон, интиҳои қабрро тавсиъа диҳанд ва агар аз ин кор ҷилавгирӣ карданд, дархост кунед то лаҳадеро ҳафр кунанд ва вусъати он ду зироъ ва як ваҷаб (тақрибан 1метр) бошад. Худованди мутаъол онро ба раҳмат ва инояти худ тавсиа хоҳад дод.

---

1. «Шавоҳидун нубувва», саҳ.389.

Ҳангоми ҳафри қабр, болои сари ман рутубате намоён мешавад, суханеро ба ту ёд медиҳам, бо он калом сухан бигӯ то он рутубат ва об биҷӯшад ва лаҳад пур аз об шавад ва дар он моҳиёни кӯчаке хоҳӣ дид, ин нонро, ки ба ту медиҳам, хурд кун ва дар об андоз то моҳиён онро бихӯранд, ба гунае, ки чизе аз он боқӣ намонад, ногаҳон моҳии бузурге берун меояд ва моҳиёни кӯчакро мехӯрад, сипас ғоиб мешавад. Даст ба об назан ва ба ончӣ ба ту ёд додам сухан бигӯ то об кам шавад, ба гунае, ки чизе аз он боқӣ намонад, ончиро ба ту гуфтам дар ҳузури Маъмун анҷом бидеҳ.

Имом фармуд: эй Абосалт! Фардо назди Маъмун хоҳам рафт, ҳангоми берун омадан аз пеши Маъмун агар чизе бар сари худ наниҳода будам бо ман сухан бигӯ ва агар чизе бар сари худ андохта будам, бо ман сухан магӯ. Абосалт мегӯяд: субҳи рӯзи баъд, имом Ризо (а) либосҳои худро пӯшид ва мунтазир нишаст то ғуломи Маъмун дунболи имом омад. Ҳазрат бар Маъмун ворид шуд ва дар баробари Маъмун зарфҳое аз мева қарор дошт ва хушае ангур дар даст дошт ва машғули хӯрдани он буд. Имом, ки бар ӯ ворид шуд ба по хост ва бо имом муониқа кард ва миёни чашмони имомро бӯсид ва ҳазратро нишонд ва хушаи ангуреро, ки дар даст дошт ба имом дод ва гуфт: эй фарзанди расули Худо! Аз ин ангури марғубтар дидаӣ? Имом (а) фармуд: ангӯри некӯ дар биҳишт аст. Маъмун гуфт: аз ин ангур бихӯред. Имом (а) фармуд: маро муоф бидор, Маъмун исрор кард ва гуфт: Чаро намехӯрӣ? Магар ба мо шак дорӣ? Ин ҷумалотро гуфт ва хӯшаро аз имом гирифт ва миқдоре аз онро хӯрд бори дигар онро ба имом (а) дод. Ҳазрат ду-се дона аз онро хӯрд ва

бақияро андохт ва аз ҷои худ бархост, Маъмун гуфт: ба куҷо меравӣ? Имом фармуд: ба онҷо, ки фиристодӣ. Абосалт мегӯяд: имом чизе бар сари муборакӣ худ андохта буд ва аз маҷлиси Маъмун берун омад, бо эшон сухан нагуфтам.Он ҳазрат ба хонаи худ омад ва фармуд: дари манзилро бибанд ва сипас ба андарунӣ рафт ва хобид. Ман низ дар хона бо ҳолате аз ғам ва андӯҳ истода будам, ногаҳон дидам ҷавоне зеборӯй ва мушкинмӯй шабеҳи имом Ризо (а) вориди хона шуд, бо аҷала назди ӯ рафтам ва пурсидам: аз куҷо вориди манзил шудӣ? Дар баста буд? Фармуд: касе, ки маро ба як лаҳза аз Мадина ба ин ҷо овард.

Пурсидам: ту кистӣ? Фармуд: ман ҳуҷҷати Худо Муҳаммад ибни Алӣ ҳастам. Сипас назди падари бузургвораш рафт ва маро низ ба дохили утоқ даъват кард, чун имом Ризо (а) вайро дид, аз ҷои худ бархост ва муониқа кард ва он ҳазратро дар оғуш кашид ва миёни чашмони фарзандашро бӯсид ва бо якдигар пинҳонӣ сухан мегуфтанд ва пас аз он бар лабони имом Ризо (а) кафе сафедтар аз барф зоҳир шуд, ки Муҳаммад ибни Алӣ (а) онҳоро мемакид ва саранҷом даст дар миёни либоси падар бурд ва чизе шабеҳи гунҷишк аз синаи имом берун овард ва бурд ва имом Ризо (а) даргузашт.

Муҳаммад ибни Алӣ гуфт: эй Абосалт! Баланд шав ва аз хизона об ва тахта биёвар. Ба эшон гуфтам: дар хизона на об аст ва на тахта. Имом фармуд: ҳарчӣ мегӯям, онро анҷом бидеҳ. Ба хизона рафтам обу тахтаро ёфтам ва онҳоро овардам.

Хостам он ҳазратро кумак кунам, фармуд: Абосалт, фарди дигаре маро ёрӣ медиҳад. Имом Ҷавод (а) он ҳазратро ғусл дод

ва фармуд: дар хизона ҷомадоне аст дар он кафан ва ҳанут мебошад, онҳоро бароям биёвар. Абосалт мегӯяд: ба хизона рафтам ва ҷомадонро дидам, вале ҳаргиз онҷо набуд, кафан ва ҳанутро овардам. Имом Ҷавод (а) падарро кафан кард ва бар бадани он ҳазрат намоз хонд ва ба ман фармуд: тобутро биёвар. Гуфтам: меравам ва ба наҷҷор мегӯям тобуте бисозад. Имом фармуд ба хизона бирав, ба онҷо рафтам ва тобуте дидам, ки то ба ҳол дар онҷо набуд, онро оварда ва имомро дар тобут ниҳод ва шурӯъ ба хондани ду ракаъат намоз намуд, ки ногаҳон дар миёни намоз, тобут аз ҷои худ баланд шуд ва сақфи хона шикофта шуд ва тобут аз онҷо боло рафт. Гуфтам: эй фарзанди расули Худо! Маъмун меояд ва ҷанозаро дархост мекунад. Имом фармуд: хомуш бош, ки тобут бармегардад ва ба ман фармуд: Абосалт! Агар паёмбаре дар машриқ мурда бошад ва васии ӯ дар мағриб ҷон диҳад, Худои мутаъол миёни аҷсод ва арвоҳи онҳоро ҷамъ хоҳад кард.

Абосалт мегӯяд, ҷанозаро аз дохили тобут берун оварда ва бар фирош хобонид, гӯӣ аслан имомро ғусл ва кафан накардаанд, сипас фармуд: бархез ва дарро боз кун. Абосалт мегӯяд: замоне дарро боз кардам, Маъмун ва ғуломони вай бо ғаму андӯҳ ва гиря вориди манзил шуданд ва гиребони худро пора мекарданд ва бар сару сурати худ мезаданд ва Маъмун нидои «Ё сайидоҳ! Фуҷиъту бика ё сайидоҳ!; Оқоҷон! Ба мусибати марги ту дучор шудам.» сар медод. Баъд аз он ба кафан ва таҷҳизи бадани мутаҳҳари имом машғул шуданд. Вай дастур дод, қабре барои имом Ризо (а) ҳафр кунанд. Абосалт мегӯяд: ман ҳозир будам ва ончиро имом Ризо (а) фармуда буд,

комилан муҳаққақ шуд. Ҳангоме, ки Маъмун об ва моҳиёнро мушоҳида кард, гуфт: имом Ризо (а) баъд аз вафот низ ҳамонанди даврони ҳаёташ аҷоиб ва хориқи одот дорад. Яке аз наздикони Маъмун гуфт: медонӣ ин воқеъа ишора ба чист? Ишора ба он аст, ки масали мулки шумо бани Аббос бо вуҷуди касрат ва тӯли муддати хилофати шумо, монанди ин моҳиён мебошад, Маъмун дар таъйиди ин тафсир гуфт: рост мегӯӣ.

Абосалт мегӯяд: тибқи дастури имом Ризо (а) амал кардам ва суханеро, ки ба ман омӯхта буд, ҳангоми зоҳир шудани об дар қабр хондам. Замоне, ки Маъмун аз дафни имом (а) фароғат ёфт, гуфт: он суханро ба ман ёд бидеҳ, гуфтам: он ҷумалотро дар ҳамон лаҳза фаромуш кардам ва воқеъан низ фаромуш карда будам, Маъмун аз ин сухан хашмгин шуд ва дастур дод маро ба зиндон бияфкананд ва муддати як сол бо сахтӣ ва машаққат дар зиндон ба сар мебурдам, то он ки авзоъ ва шароит бисёр бар ман сахт шуд ва арза доштам: Худоё! Ба ҳаққи Муҳаммаду оли Муҳаммад маро фараҷ ва кушоише рӯзӣ кун. Абосалт мегӯяд: ҳанӯз дуъои ман тамом нашуда буд, ки Муҳаммад ибни Арризо (а) –ро дидам назди ман омад ва фармуд: дилтанг шудаӣ? Абосалт гуфт: оре, ба Худо савганд! Фармуд: бархез ва бад-ин сон маро аз зиндон берун овард, бо ин ки нигаҳбонон ва ғуломон маро медиданд, вале қудрати гуфтугӯ кардан ва ё ҷилавгирӣ аз рафтани моро надоштанд. Ҳангоме, ки имом Ҷавод (а) маро аз зиндон берун овард ба ман фармуд: бирав, ки дар амони Худои мутаъол ҳастӣ ва аз ин пас на Маъмунро хоҳӣ дид ва на ӯ туро хоҳад дид, Абосалт мегӯяд: то кунун Маъмунро

надидаам.[1]

## Ривояти Ҳарсима ибни Аъян:

Тарҷума: замоне, ки Маъмун ба ҷиҳати беморӣ қодир ба хондани намози ид набуд, аз имом (а) хост, ки ҳазрат иқомаи намоз намояд, имом низ бо пироҳане кӯтоҳ ва сафед ва аммомаи сафед ва асо ба даст равонаи намоз шуд ва дар миёни роҳ бо садои баланд мефармуд:

Салом бар ду падарам Иброҳим ва Исмоил, салом бар ду падарам Муҳаммад ва Алӣ, салом бар бандагони солеҳи Худо.

Дар ин лаҳазот мардум ба самти имом ҳуҷум оварда ва бар дасти эшон бӯса мезаданд ва аз ӯ таҷлил ва эҳтиром мекарданд. Дар ин ҳангом хабар ба халифа расид, ки агар ин вазъият идома ёбад, хилофат аз дасти ту хориҷ хоҳад шуд. Маъмун шахсан вориди амал шуд ва худро ба суръат ба имом расонд ва нагузошт ҳазрат намозро иқома кунад. Пас аз ин ҷараён имом роз ва асрори муҳиммеро ба Ҳарсима ибни Аъян, яке аз ходимони Маъмун ва аз дӯстдорони аҳли байт фармуд.

Ҳарсима мегӯяд: рӯзе сарварам Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо (а) маро талабид ва ба ман фармуд: Эй Ҳарсима! Мехоҳам туро аз матлабе огоҳ созам, ки бояд назди ту пинҳон бимонад ва то зиндаам онро барои касе фош насозӣ, агар чунин накунӣ, ман душмани ту пеши Худо хоҳам буд. Ҳарсима гуфт: савганд хӯрдам то имом Ризо (а) зинда аст дар бораи ин матолиб

---

1. «Исботул васия», саҳ.181-182; «Шавоҳидун нубувва», саҳ.389-392; «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.49-52 ва «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.88-91.

лаб ба сухан нагушоям.

Имом (а) фармуд: Эй Ҳарсима! Сафари охират ва мулҳақ шуданам ба ҷад ва падаронам наздик шуда, аҷалам фаро расида ва ман бар асари хӯрдани ангур ва анори масмум, аз дунё хоҳам рафт. Халифа қасд дорад, қабри маро пушти қабри падараш Ҳорунаррашид қарор диҳад, аммо Худованд розӣ нахоҳад шуд ва замин иҷоза намедиҳад то Маъмун чунин коре кунад ва ҳарчӣ талош кунанд то заминро ҳафр намоянд ва маро пушти қабри Ҳорун дафн кунанд, бар ин кор қодир нахоҳанд буд ва ин матлабро баъдҳо хоҳӣ дид.

Эй Ҳарсима! Маҳалли дафни ман дар фалон ҷиҳат аст. Пас аз вафот ва таҷҳизи ман барои дафн, Маъмунро аз масоиле, ки бароят гуфтам, огоҳ кун то маро бештар бишносад ва ба ӯ бигӯ ҳангоме маро дар тобут гузоштанд ва омодаи намоз карданд, касе бар ман намоз нахонад ва андаке сабр кунанд то араби ношиноси ниқобдоре, ки гарду ғубори сафар дорад, ба суръат аз саҳро ба тарафи ҷанозаи ман меояд ва маркабашро мехобонад ва аз он пойин меояд ва бар ҷанозаи ман намоз мегузорад. Шумо низ бо ӯ ба намози биистед ва пас аз намоз ҷанозаи маро дар фалон маконе, ки мушаххас кардаам, дафн кунед. Ҳамин, ки миқдоре аз заминро ҳафр кардед, қабреро омода ва обод меёбед, ки дар умқи он оби зулоле вуҷуд дорад, агар сангҳои табақшударо бардоред об аз онҷо хоҳад ҷӯшид. Ҳамонҷо маҳалли дафни ман аст ва маро дар онҷо ба хок биспоред. Эй Ҳарсима! Вой бар ту, ки ин матлабро қабл аз вафотам ба касе бигӯӣ.

Ҳарсима мегӯяд: дере напоид, ки тамоми ин ҷараёнот

иттифоқ афтода ва имом Ризо назди халифа ангур ва анори масмум тановул кард ва аз дунё рафт... Ҳарсима мегӯяд: тибқи фармудаи имом Ризо (а), ки фармуд баъд аз вафот ва таҷҳизи ҷанозаам ин матолибро ба Маъмун бигӯ, бар Маъмун ворид шудам, дидам дар фироқи имом Ризо (а) дастмол дар даст дорад ва гиря мекунад ба вай гуфтам: Эй халифа! Иҷоза медиҳед матлабе бигӯям? Маъмун гуфт: бигӯ. Гуфтам: имом Ризо дар даврони ҳаёташ розеро ба ман фармуд ва аз ман паймон гирифт, онро то ҳангоме, ки зинда аст барои касе ҷуз барои ту баъд аз маргаш бозгӯ накунам. Онгоҳ қазияро барои Маъмун бозгӯ кардам. Вақте Маъмун аз ин қазия иттилоъ ёфт шигифтзада шуда, сипас дастур ба таҷҳиз ва омода кардани ҷанозаи имом дод ва ҳамроҳи вай омодаи хондани намоз бар ҷаноза шудем, ки дар ин ҳангом фарде ношинос бо ҳамон мушаххасоте, ки имом гуфта буд, аз ноҳияи саҳро ба самти ҷанозаи мутаҳҳар омад ва бо касе гуфтгӯе накард ва бар ҷанозаи имом намоз гузорд ва мардум низ бо вай намоз хонданд. Халифа дастур дод вайро шиносоӣ карда ва назди вай биоваранд, аммо на асаре аз вай буд ва на аз шутураш. Онгоҳ халифа дастур дод пушти қабри Ҳорунаррашид қабре ҳафр кунанд. Ҳарсима ба халифа гуфт: оё шуморо аз суханони Алӣ ибни Мӯсарризо огоҳ насохтам? Маъмун гуфт: мехоҳам бубинам сухани вай рост аст ё хайр?!

Дар ин ҳангом натавонистанд қабрро ҳафр кунанд ва гӯйӣ замин аз сахра сахттар шуда буд ба гунае, ки шигифтии ҳозиронро барангехт. Инҷо буд, ки Маъмун ба сидқи сухани Алӣ ибни Мӯсарризо пай бурд ва ба ман гуфт: маконеро, ки Алӣ ибни Мӯсарризо аз он хабар дода ба ман нишон бидеҳ.

Маҳалро ба вай нишон додам, ҳамин, ки хокро канор задем қабри омодаеро бо ҳамон мушаххасоте, ки ҳазрат фармуда буд, мушоҳида кардем.

Замоне, ки Маъмун ин вазъиятро дид бисёр шигифтзада шуда, ки ногаҳон об ба аъмоқи замин фуру рафт ва он макон хушкид. Сипас имомро дохили қабр ниҳодем ва хок бар пайкари он ҳазрат рехтем. Пас аз ин ҷараён халифа ҳамвора аз моҷарое, ки дида ва матолибе, ки аз ман шунида буд шигифтзада буд ва таассуф ва ҳасрат мехӯрд ва ҳар замон бо вай хилват мекардам аз ман тақозо мекард, қазияро бозгӯ кунам ва чунин мекардам ва таассуфи вай музоъаф мешуд ва ҷумлаи «инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун»-ро бар забон меовард.[1]

## Сухани Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ

Вай пас аз нақли ин ҷараён мегӯяд:

Ба ин манқабати бузург ва кароматӣ волое, ки гӯёи инояти илоҳӣ ва тақарруби Алӣ ибни Мӯсо назди Худованди, азза ва ҷалл аст, бингар.[2]

## Нуктае муҳим дар азамати имом Ризо (а)

Он чӣ мусаллам аст, имом Ризо (а) баъд аз ҳиҷрати иҷборӣ

---

1. «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.300-302; «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», саҳ.250; «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», ҷ.2, саҳ.266; «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор (а)», саҳ.244; «Аланворул қудсия», саҳ.39 ва «Мифтоҳун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», саҳ.82.
2. «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», саҳ.302.

ба Тус, беш аз ду ё се сол зинда намонд ва бештари умри шарифи он ҳазрат дар Мадина сипарӣ шуд ва аз сӯе агар ба омор ва арқоми ба даст омада бинигарем, мебинем теъдоди каромоти гузориш шуда аз имом Ризо (а) пас аз ҳиҷрат, агар бештар аз каромоти он ҳазрат қабл аз ҳиҷрат набошад, камтар нест, зеро теъдоди каромоти нақлшуда аз он ҳазрат қабл аз ҳиҷрат сенздаҳ каромот ва пас аз ҳиҷрат чаҳордаҳ каромот буда ва ин муқоиса мубаййини ин нукта аст, ки бо он ки ҳадафи Маъмун аз ҳиҷрат додани имом Ризо (а) ба Тус таҳқири шахсияти он ҳазрат буд, вале ин ҳиҷрат, омили шитобдиҳандае дар матраҳ шудани шахсият ва азамати волои имом Ризо (а) шуд, зеро аввалан аз назари теъдоди каромот, каромоти эшон бештар аз каромоти қабл аз ҳиҷрат буда ва сониян, аз назари кайфияти каромат, кароматҳои баъд аз ҳиҷрат, бештар аз синхи (навъи) тасаррруфоти таквинӣ буда ва қабл аз ҳиҷрати имом (а) чунин тасарруфот ва каромоте иброз намедошт.

Бинобар ин, кайфият ва каммияти кароматҳои имом Ризо (а) пас аз ҳиҷрат ҳокӣ аз матраҳ шудани он ҳазрат дар Хуросон ва Эрон ва Ҳинд ва соири сарзаминҳост ва ҳамин мавзуъ сабаб шуд, ки имом Ризо (а) бо гузашти муддати кӯтоҳе аз ҳиҷрат ба дасти Маъмун ба шаҳодат расид.

# Дафтари ҳафтум

# Зиёрат

# Зиёрат

Дар ин дафтар нахуст фазилати зиёрати қабри имом Ризо (а) дар сухани паёмбари аъзам (с) ва аҳли байт (а) баён хоҳад шуд, баъд зиёрат ва тавассулоти уламо ва донишмандони бузурги аҳли суннат ва ё гузоришҳои онҳо аз зиёрат ва тавассулоти мардум ба марқади мутаҳҳари он бузургвор ёдоварӣ, сипас таърихчаи бинои гунбад ва боргоҳ бар мазҷаъи шарифи имоми ҳаштуми шиъаён аз қарни нахуст то кунун, баён мешавад.

# Фазилати зиёрат

Зиёрати марқади шарифи имом Ризо (а) ва инъикоси он дарривоёти паёмбари гиромии ислом (с) ва аҳли байт (а) ва таъкид ва суфориши маъсумин дар мавриди зиёрати он дар кутуби аҳли суннат, ҳокӣ аз аҳамият ва ҷойгоҳи вижаи он ҳазрат буда ва суннат будани зиёрати марқади поки вайро ба вузуҳ намудор месозад ва ба ин нукта ишорае нашудааст.

Дар ин дафтар ёздаҳ ривоят дар фазилати зиёрати қабри имом Ризо(а) аз забони паёмбари аъзам (с), имом Козим (а), имом Ризо (а), имом Ҷавод (а) ва имом Ҳодӣ (а) дар манобеъи муътабари аҳли суннат ворид шуда, ки ба он ишора мешавад:

# Паёмбари аъзам (с)

1. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз имом Ризо (а) ривоят кардааст:

**Аз имом Ризо (а) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: порае аз ман дар Хуросон мадфун хоҳад гашт, ҳар гирифторе вайро зиёрат кунад, Худованд гирифториашро бартараф мекунад ва ҳар гунаҳкоре ӯро зиёрат кунад, Худои мутаъол гуноҳашро меомурзад.**[1]

2. Ҳокими Нишобурии шофеӣ бо санади худ аз имом Содиқ (а) аз падаронаш аз имом Алӣ (а) аз паёмбар (с) нақл мекунад, ки фармуд:

**Порае аз тани ман дар Хуросон мадфун хоҳад гашт, ҳар муъмине ба зиёрати ӯ биравад, Худованд биҳиштро ба ӯ воҷиб хоҳад сохт ва бадани ӯро бар оташ ҷаҳаннам ҳаром хоҳад гардонд.**[2]

3. Аз Оиша ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд:

**Касе, ки фарзандамро дар Тус зиёрат кунад, гӯё як ҳаҷ ба ҷо овардааст. Оиша пурсид: як ҳаҷ? Паёмбар (с) фармуд: ду ҳаҷ. Оиша пурсид: ду ҳаҷ? Расули Худо (с) фармуд: се ҳаҷ. Оиша**

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.190, ҳ.467 ва «Янобеъул мавадцати лизил қурбо (а)», ҷ.2, саҳ.341.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.188, ҳ.464.

**сокит шуд. Паёмбар (с) фармуд: агар сукут намекардӣ, то ҳафтод ҳаҷ бармешумурдам.**[1]

Бо иноят ба нуктае, ки дар ин ривоят вуҷуд дорад, шояд шахсияти имом Ризо (а) ва минтақаи Тус ба қадре барои Оиша мушаххас буда, ки аз паёмбар (с) маънои «валадӣ» ва ё «Тус» - ро напурсида, балки танҳо аз савоб ва подоши зиёрат шигифтзада шудааст.[2]

## Имом Козим (а)

4. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ мегӯяд: аз Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) шунидам, ки мефармуд:

**Ҳар кас оромгоҳи фарзандамро зиёрат кунад, савоби ҳафтод ҳаҷро назди Худо хоҳад дошт. Онгоҳ фармуд: чӣ басо ҳаҷҷе қабул намешавад. Ҳар кас ӯро зиёрат кунад ва ё шаб дар боргоҳаш бимонад, гӯё ҳамаи осмониёнро зиёрат кардааст ва чун рӯзи қиёмат шавад, зоиронро бо имомони мо аҳли байт хоҳад ёфт ва зоирони фарзандам Алӣ дараҷаашон болотар ва ҳаёти маънавиашон наздиктар аст.**[3]

---

1. «Янобеъул мавадцати лизил қурбо (а)», ҷ.2, саҳ.341.
2. Албатта мумкин аст аз Паёмбар (с) пурсида бошад, вале идомаи ривоят ҳазф шуда ва ё ровӣ онро зикр накарда аст.
3. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.194, ҳ.471.

# Имом Ризо (а)

5. Ҷувайнии шофеӣ бо силсилаи санади худ аз Фаззол ривоят карда, ки гуфт:

**Аз Алӣ ибни Мӯсарризо(а) шунидам, шахсе назди вай омад ва ба имом арз кард: Эй фарзанди расули Худо! Паёмбар (с)-ро дар хоб дидам, ки ба ман мефармуд: чӣ гуна хоҳед буд, агар пораи тани ман дар сарзамини шумо мадфун ва гушти баданам дар сарзамини шумо пинҳон шавад ва аз амонати ман чӣ гуна муҳофизат мекунед? Имом Ризо (а) дар посух фармуд: ман он шахсе ҳастам, ки дар сарзамини шумо дафн хоҳад шуд, ман пораи тани расули Худо ва ҳамон амонате ҳастам, ки ҳар шахсе агар бо маърифат ба ҳаққи ман ва итоат аз ман, маро зиёрат кунад, ману падаронам шафеъони ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳем буд ва касе, ки мо шафеъони ӯ бошем, наҷот хоҳад ёфт, ҳарчанд гуноҳони вай ба андозаи гуноҳони ҷинну инсаш бошад.[1]**

Имом Ризо (а) дар таъйиди ҷараёни мазкур ба нақл аз паёмбар (с) мефармояд:

**Имом Ризо (а) ба нақл аз падарони покаш аз паёмбар (с) ривоят карда, ки мефармояд: ҳар кас маро дар хоб бинад, воқеъан маро ба хоб дидааст, зеро шайтон ба сурати ман ва ҳеҷ як аз ҷонишинонам зоҳир намегардад. Руъёи содиқа, ҷузъе аз**

1. Ҳамон, саҳ.191, ҳ.468; р.к: «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.86 ва «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.

**ҳафтод ҷузъи паёмбарист.**[1]

Бад-ин тартиб, ин ривоят ба тамоми руъёҳое, ки дар ин боб дар мавриди паёмбар ва ё ҷонишинони вай ворид шуда, ҳуҷҷият мебахшад.

6. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ мегӯяд: аз Алӣ ибни Мӯсарризо(а) шунидам мефармуд:

**Ман кушташуда ба самм ва мадфун дар сарзамини ғариб ҳастам. Инро ба суфорише, ки падарам аз падараш аз падаронаш аз Алӣ ибни Абитолиб аз расулуллоҳ бо ман кардаанд, медонам. Огоҳ бошед, ҳар кас маро дар ғурбатам зиёрат кунад ман ва падаронам шафеъони ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳем буд ва ҳар кас мо шафеъони ӯ бошем, наҷот меёбад, гарчӣ гуноҳони инсу ҷинро дошта бошад.**[2]

Ҷувайнии шофеӣ, бо шигифтии бисёр аз ин ривоят, чунин ёд мекунад:

**Ваҳ, ваҳ! Чӣ каромате! Каромате нуронӣ ва башорате барои маҳв ва пӯшонандагии зиштии гуноҳон.**[3]

7. Ҳоким ба санади худ мегӯяд: Имом Ризо (а) фармуд:

**Касе, ки ба зиёрати ман биёяд, ман низ рӯзи қиёмат дар се ҷойгоҳ ба фарёди ӯ хоҳам расид: замоне, ки номаҳои аъмолро**

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.191, ҳ.468.
2. Ҳамон, саҳ.192, ҳ.469.
3. Ҳамон, саҳ.192, ҳ.469.

**ба дасти рост ва чап медиҳанд ва ҳангоми убур аз пули сирот ва ҳангоме, ки аъмолро дар кафаи тарозу қарор медиҳанд.**[1]

8. Ҳамчунин Ҳоким ба санади худ аз Ёсар ривоят карда, ки Алӣ ибни Мӯсарризо(а) фармуд:

**Барои зиёрати ҳеҷ қабре бори сафар набандед, магар ба зиёрати қабрҳои мо. Огоҳ бошед, ки ман ба самм, золимона кушта ва дар ҷое ғариб дафн шавам, пас ҳар кас бори сафар барои зиёратам бандад, дуъояш иҷобат ва гуноҳонаш бахшида мешавад.**[2]

9. Қундузии ҳанафӣ ба нақл аз Муҳаммадхоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ мегӯяд: ҳангоме, ки Маъмуни аббосӣ, бо таҳдид, вилоятаҳдиро ба имом Ризо (а) таҳмил кард, имом (а) хитоб ба Маъмун фармуд:

**Ба Худо қасам! Падарам барои ман аз падаронаш аз расули Худо (с) ривоят карданд: ман пеш аз ту, мазлумона аз дунё меравам. Фариштагони осмон ва замин бар ман мегирянд ва дар замини ғариб ба хок супурда мешавам.**[3]

## Имом Ҷавод (а)

10. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ ривоят карда,

1. Ҳамон, саҳ.195, ҳ.472.
2. Ҳамон, саҳ.218, ҳ.492.
3. «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб» ба нақл аз «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ.3, саҳ.167.

ки аз имом Ҷавод (а) шунидам, мефармояд:

**Ҳар кас қабри падарамро зиёрат кунад, Худованд гуноҳони гузашта ва ояндаашро меомурзад ва чун рӯзи қиёмат шавад, барои ӯ ҷойгоҳи расули Худо қарор медиҳанд то вақте ки Худованд ба ҳисоби ҳамаи бандагонаш расидагӣ кунад.**[1]

## Имом Ҳодӣ (а)

11. Низ Ҳоким ба санади худ аз Сақр ибни Далаф ривоят намуда, ки гуфт: аз имом Ҳодӣ (а) шунидам мефармуд:

**Ҳар кас ҳоҷате дорад ба зиёрати қабри ҷаддам имом Ризо (а) бо анҷом додани ғусл биравад ва болои сари ҳазрат ду ракаъат намоз бихонад ва ҳоҷаташро дар қунути намоз аз Худо бихоҳад, ҳоҷати ӯ бароварда хоҳад шуд, албатта ба шарте ҳоҷати ӯ, гуноҳе ё қатъи раҳме (хешовандӣ) набошад. Макone, ки имом Ризо (а) дар он дафн шуда, қитъае аз биҳишт аст, ҳар муъмине он ҳазратро зиёрат кунад, Худованд ӯро аз оташи ҷаҳаннам наҷот медиҳад ва дохили биҳишт мегардонад.**[2]

## Машҳадурризо (а)

Аз ҷумлаи масоили муҳиме, ки камтар ба он пардохта шуда ва баҳс аз он низ бисёр муҳим ва зарурӣ аст, таърихчаи бинои гунбад ва боргоҳи марқади мутаҳҳари имом Ризо (а) ва сели хурӯшони тавассулоти мардум ва уламои аҳли суннат ба ин

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», саҳ.195, ҳ.473.
2. Ҳамон, саҳ.193, ҳ.470.

буқъаи шарифа аст, ки бар асоси гузоришҳои муҳаддисон ва таърихнигорони номии аҳли суннат аз ҳамон қарни саввум, ки имом Ризо (а) ба шаҳодат расиданд, то кунун қабри шарифи он ҳазрат аз гунбад ва боргоҳ бархурдор буда ва бузургони аҳли суннат ва умуми мардум аз шиъа ва суннӣ ва аз ҳар фирқа ва гурӯҳе ба қасди зиёрат ва шифо гирифтан ва бароварда шудани ҳоҷоти хеш ба зиёрати қабри имом Ризо (а) меомаданд ва ба вай тавассул меҷустанд.

Ин гузоришҳо ҳокӣ аз бинои қубур аст, ки амре марсум ва ҷоиз буда ва зиёрати қубур низ, ба вижа, қубури аҳли байти паёмбар, суннат буда на бидъат, аз ин рӯ тавассул ва дархости рафъи гирифторӣ аз маййит ҷоиз ва биломонеъ аст, ки ин гузоришҳо бар тафаккуроти ифротии ҳизби сиёсии ваҳҳобият хати бутлон мекашад.

Дар идома аз зиёрат ва тавассулҳои уламои аҳли суннат ва мардум аз қарни саввум то кунун ва таърихчаи сохти бино бар марқади мунаввари имом Ризо (а) аз ҳамон замон то имрӯз, баҳс мешавад.

## Зиёрат ва тавассулҳои уламои аҳли суннат ва мардум ба Машҳадурризо (а)

Имом Ризо (а) дар даврони ҳаёти пурбаракати хеш фазоил ва каромоти бисёре дошта, ки нуқтаи авҷи он вуруди таърихии он ҳазрат ба Нишобур ва табаррук ҷустани уламо ва аҳли суннати он минтақа аз хоки пойи маркаби имом аст.

Аммо ин каромот ва баракот ба даврони ҳаёти он ҳазрат

маҳдуд набуда ва пас аз шаҳодати вай низ ба тасреҳи уламои аҳли суннат, қабри шарифи имом Ризо (а) аз ҳамон қарни саввум-чаҳоруми ҳиҷрӣ то кунун маҳалии зиёрат ва тавассули уламои аҳли суннат ва соири мардум ва шифо гирифтан аз он буқъаи шарифа будааст ва бар асоси гузоришҳои онон, тавассулот ва зиёроти мардум ҳар сол густардатар шудааст.

Гӯйӣ ривоёти расида аз паёмбари аъзам (с) ва соири аҳли байти расули Худо (с), ки бар зиёрати қабри имом Ризо (а) ва мазлумият ва ғурбати он ҳазрат таъкид дошта, чунин сели хурӯшоне аз мардумро ба самти марқади он ҳазрат равона карда ва сабаби бинои гунбад ва боргоҳ барои эҳтиром ба пораи тани расули Худо (с) шудааст.

**Қарни чаҳорум:**

Абубакр ибни Хузаймаи шофеӣ (311ҳ)[1] ва Абуалии Сақафии шофеӣ[2]:

1. Ибни Хузайма назди аҳли суннат аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст, ба гунае, ки аз вай «шайхулислом, имомул аимма, ҳофиз, ҳуҷҷат, фақеҳ, беназир, зиндакунандаи суннати расули Худо» таъбир кардаанд ва дар дониш ва ҳадис ва фиқҳ ва итқон зарбулмасал аст. «Сайру аъломил нубало», ҷ.14, саҳ.365-377.
2. Дар мавриди Абуалии Сақафии шофеӣ таъобире чун «имом», «муҳаддис», «фақеҳ», «аллома», «шайхи Хуросон», «мударриси фиқҳи шофеӣ дар Хуросон», «имом дар аксари улуми шаръӣ», «ҳуҷҷати Худо бар халқ дар даврони худ» ( ҳамон китоб, саҳ.280-282) ба кор бурда шудааст, ки ҳокӣ аз аҳамияти ин шахсият назди аҳли суннат аст.

   Ибни Ҳаббони шофеӣ низ назди аҳли суннат аз ҷойгоҳи волое бархурдор аст, ба гунае, ки аз вай ба имом, аллома, ҳофиз, шайхи Хуросон яке аз устувонаҳои илм дар фиқҳ ва луғат ва ҳадис ва аз уқалои риҷол таъбир кардаанд. («Алансоб», ҷ.2, саҳ.209, «Сайрул аъломул нубало» ҷ.16, саҳ.92, «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.317, «Табақотул шофеъиятул кубро», ҷ.3, саҳ.131 ва «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира» ҷ.3, саҳ.342). Гуфтанист вай дар китоби «Ассиқот»-и худ Язид ибни Муовия, қотили имом Ҳусайн, фарзанди расули Худоро ҷузъи афроди сиққа мешуморад. (ҷ.2 саҳ.306), ин дар ҳолест, ки дар китоби «Алмаҷруҳин»-и

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Ҳоким мегӯяд аз Муҳаммад ибни Мумал шунидам, ки мегӯяд: рӯзе бо пешвои аҳли ҳадис Абубакр ибни Хузайма ва Абуалии Сақафӣ ва дигар машоихи худ ба зиёрати марқади Алӣ ибни Мӯсарризо ба Тус рафтем, онҳо бисёр ба зиёрати қабри Алӣ ибни Мӯсарризо мерафтанд. Муҳаммад ибни Муъмал мегӯяд: эҳтиром ва бузургдошт ва тавозӯъ ва гиряву зории ибни Хузайма дар канори марқади мутаҳҳари Алӣ ибни Мӯсо ҳамагии моро шигифтзада кард.**[1]

Нуктаи ҷолиб ва шигифтангез идомаи сухани ровист, ки мутаассифона бархе онро гузориш накардаанд. Ровӣ мегӯяд:

**Ровӣ мегӯяд: ин ҳама тавозӯъ ва эҳтиромоти вижаи ибни Хузайма ба қабри имом Ризо (а) дар ҳузури бузургони хонадони султон ва шозон ва хонадони шанқашин ва гурӯҳе аз алавиёни Нишобур ва Ҳирот ва Тус ва Сарахс анҷом гирифт ва ҳамаи онҳо шамоил ва ҳаракоти ибни Хуазиаймаро ба ҳангоми зиёрати қабри имом Ризо (а) мушоҳида ва забт карданд ва аз бархурди вай бо имом ва қабри шарифи он ҳазрат, бисёр хушҳол шуданд ва ба хотири чунин бархурде, ки аз имомул уламо сар зада буд, аз хушҳолӣ садақа доданд ва ҳамагӣ изҳор доштанд: агар ин кор (зиёрати қубур ва гиря ва зорӣ канори қубур тавозуъу эҳтиром**

---

худ асомии асҳоби имом Алӣ (а)-ро ҷузъи зуъафо ва матрукин шумурда аст! (ҷ.1, саҳ.222-267 ва 298, ҷ.2, саҳ.176).

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198, ҳ.477 ва «Таҳзибул таҳзиб», ҷ.7, саҳ.339.

**ба соҳиби қабр ) суннат набуд ва фазилат надошт, ҳеҷ гоҳ ибни Хузайма чунин намекард.[1]**

2. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ1 (354ҳ):

**Алӣ ибни Мӯсарризо (а) аз бузургони аҳли байт ва уқало ва нухбагон ва бузургворони бани Ҳошим ба шумор меравад. Агар аз вай ривояте нақл шавад воҷиб аст, ҳадисаш муътабар шинохта шавад, ман борҳо марқади вайро зиёрт кардаам. Замоне, ки дар Тус будам, ҳар мушкиле бароям рух медод, қабри Алӣ ибни Мӯсарризоро, дуруди Худо бар ҷаддаш ва ӯ бод, зиёрат ва барои бартараф шудани мушкилам дуъо мекардам ва дуъоям мустаҷоб ва мушкилам ҳал мешуд. Ин корро борҳо таҷриба кардам ва посух мегирифтам. Худованд моро ба дӯстӣ ва муҳаббати расули Худо (с) ва аҳли байташ бимиронад.[2]**

3.Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли шофеӣ (405ҳ):
Ҳоким мегӯяд:

**Аз Абулҳасан Муҳаммад ибни Алии ибни Саҳли фақеҳ шунидам, ки мегуфт: ҳеҷ амри муҳими динӣ ва дунёӣ барои ман рӯй надод, ки ба боргоҳи имом Ризо (а) барои он ҳоҷат рафтам ва назди қабраш Худоро хондам, ҷуз он ки он ҳоҷат раво шуд ва Худованд маро аз он ғам раҳонид ва ин одатам шуда, ки ба он дар тамоми умуре, ки бад-онҳо дучор мешавам, биравам, чаро**

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.198, ҳ.477.
2. «Китобус сиқот», ҷ.8, саҳ.457.

**ки он наздам озмуда шудааст.**[1]

**Қарни панҷум:**

4. Ҳокими Нишобурии шофеӣ:

**Худованд маро аз каромоти тарбияташ, беҳтарин кароматро шиносонд. Аз он ҷумла аст, ки ман дучори хушкии мафосил будам ва ҷуз бо машаққат наметавонистам ҳаракат кунам. Бинобарин берун омадам ва зиёраташ кардам ва бо ду кафши карбосӣ ба Нуқон боз гаштам, субҳ, ки дар Нуқон будам, тамоми он дард рафт ва тандуруст ба Нишобур бозгаштам.**[2]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ афзун бар суханони мазкур, шоҳиди эътирофоти бузургони аҳли суннат дар бораи шифо ёфтан аз буқъаи муборакаи Имом Ризо (а) будааст ва онҳоро гузориш намуда, ки ба онҳо ишора мешавад:

5. Зоире мисрӣ бо номи Абуҳамза:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ овардааст:

**Дар Марвруд будам, ки бо мусофире мисрӣ ба номи Ҳамза мулоқот кардам ва ӯ гуфт, ки аз Миср ба қасди зиёрати боргоҳи имом Ризо (а) ба Тус омадааст ва гуфт: Чун ба ин боргоҳ дохил**

---

1. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимма мин зурриётиҳим (а)», саҳ 220. Гуфтанист Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли шофеӣ аз бузургони шофеъист, ба гунае, ки Заҳабии шофеӣ дар бораи шахсияти вай чунин таъбир мекунад: «Алалломату, шайхул шофеъият... ва ҳува мин асҳобил вуҷуҳ». Ҳамчунин Заҳабӣ ба нақл аз Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар бораи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳл чунин мегӯяд; «Кона аърафул асҳоба бил мазоҳиби ва тартибиҳи; донотарини асҳоб ба мазҳаб ва тартиби он аст.» ниг: «Сайрул аъломул нубало», ҷ.16, саҳ.446-447.
2. «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аимматту мин зурриятиҳим (а)», ҷ.2, саҳ.220, ҳ.497.

шудам, наздики ғуруби офтоб буд, пас имомро зиёрат кардам ва намоз гузоридам ва дар он рӯз зоире ғайр аз ман набуд. Чун намози ишоъро хондам, ходими қабр хост, ки ӯро берун кунад ё дарро бар рӯи ӯ бибандад, аз ӯ хост, ки дарро ба рӯяш бибандад ва ӯро дар масҷид раҳо кунад, то дар он намоз бигузорад, чун ӯ аз сарзамине даромадааст ва ӯро аз онҷо берун накунад, зеро ӯ эҳтиёҷе ба берун рафтан надорад. Пас ходим раҳояш кард ва дарро бар рӯи ӯ баст. Ӯ дар онҷо ба танҳоӣ намоз мегузорд то ин ки хаста шуд ва сарашро ба зонувонаш мегузорад то андаке биёсояд, чун сарашро баланд мекунад дар девори рӯ ба

рӯи хеш порчае мебинад, ки бар он ин ду байт навишта шуда буд:

Касе, ки хӯшҳол мешавад, ки бо зиёрати қабре Худованд гирифториҳояшро аз ӯ бартараф кунад, пас назди соҳиби ин қабр биёяд, ки дар он фарзанде аз фарзандони баргузидаи расули Худо дар он мадфун аст. Гуфт: бархостам ва то вақти саҳар шуруъ ба намоз хондан кардам, сипас монанди бори аввал нишастам ва сарамро рӯи зонувонам гузоштам, пас чун сарамро бардоштам, чизе рӯи девор надидам. Ончизеро, ки дида буд, навиштаи мураккаби хушк нашуда буд, гӯё, ки ҳамин алъон навишта шуда буд. Гуфт: сипас субҳ дамид ва дар боз шуд ва аз онҷо берун омад.[1]

6. Муҳаммад ибни Қосими шофеӣ:

Ҷувайнии шофеӣ ба санади худ аз Муҳаммад ибни Қосими Нишобурӣ нақл мекунад:

---

1. Ҳамон, саҳ.196, ҳ.474.

**Муҳаммад ибни Қосим мегӯяд: ман аз касоне будам, ки зиёрати қабри имом Ризо (а)-ро қабул надоштам ва мардумро аз зиёрати қабри имом Ризо (а) боз медоштам. Шабе дар хоб дидам, ки дар Машҳад ҳузур дорам ва паёмбар (с) дар канори қабри имом Ризо (а) машғули намоз аст, ногаҳон садое шунидам, ки мегуфт: ҳар кас дӯст дорад, қабреро бубинад, ки агар онро зиёрат кунад, Худованд нороҳатии ӯро аз байн мебарад. Ба зиёрати ин қабр (манзур қабри имом Ризо (а)) биёед, ки Худованд дар ин қабр сулола ва зуррияе аз паёмбарро қарор додааст... Муҳаммад ибни Қосим мегӯяд: вақте аз хоб бедор шудам, ғарқи арақ будам, бедиранг ғуломамро садо задам, то маркабамро омода кунад, савори маркаб шудам ва раҳсипори зиёрати қабри имом Ризо (а) шудам ва аз он пас соле ду бор ба зиёрати қабри имом Ризо (а) мушарраф мешавам. Мегӯям: ин рӯъё ва тамоми марвиёти Саллор Абулҳасани Маккӣ ибни Мансур ибни Алони Карҷиро аз шайх Муҳуддин Абдулмуҳий ибни Абилбаракоти Ҳарбӣ ба тариқи иҷоза аз имом Маҷдиддин Яҳё ибни Рабеъ ибни Сулаймон ибни Ҳазори Восифӣ ба тариқи иҷоза аз Абузаръаи Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Алии Мақдисӣ ривоят мекунам.[1]**

7. Фахруддин Адиби Ҷандии шофеӣ:
Ҷувайнии шофеӣ мегӯяд:

**Пешвои фозил, хӯшхулқ ва хӯшсимо, Фахриддини**

1. Ҳамон, саҳ.197, ҳ.475.

Ҳуббатуллоҳи ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд адиби Ҷандӣ, раҳмати Худо бар ӯ бод, дар Машҳади Разавӣ бар орамида дар он салом бод, дар зиёрати аввалаш, ки Худо онро бипазирад ва дар номаҳои аъмоли мақбул бинигорад, барои худаш чунин иншод кард:

Эй касе, ки орзуяш ризои парвардигораш аст, омода бош ва бидон, ки мункири хубӣ маломат мешавад.

Бинобар ин Машҳади имом Ризо (а), Алӣ ибни Мӯсоро, ки бар ӯ салом бод, зиёрат кун.[1]

8. Абу Назр Муаззини Нишобурии шофеӣ:

Ҷувайнии шофеӣ ба нақл аз Абуназзири Муъзани Нишобурӣ мегӯяд:

Ба бемории сахте мубтало гаштам, дар он беморӣ забонам банд омад ва қодир бар сухан гуфтан набудам. Ба зеҳнам хутур кард, ба зиёрати қабри имом Ризо (а) биравам ва дар канори қабри шарифи он ҳазрат дуъо кунам ва ӯро восита қарор диҳам ва аз Худо бихоҳам маро аз ин беморӣ наҷот диҳад. Ба қасди зиёрати қабри имом Ризо (а) аз Нишобур хориҷ шудам ва қабри он ҳазратро зиёрат кардам ва дар самти болои сари он ҳазрат машғули хондани намоз шудам ва имом Ризо (а)-ро шафеъ қарор додам ва аз Худо хостам ба эҳтиром ва манзалат ва мақоми имом Ризо (а) мушкили забонамро бартараф созад. Дар саҷдаи намоз хобам бурд, дар хоб дидам ногаҳон моҳ шикофта шуд ва марде аз он хориҷ шуд ва ба наздики ман омад ва садо

---

1. Ҳамон, ҳ.476.

**зад: Эй Абуназр! Бигӯ: «ло илоҳа иллаллоҳ» ман бо даст ишора кардам, ки қодир бар сухан гуфтан нестам ва забонам банд омадааст. Он мард бар сарам фарёд зад ва фармуд: магар бар қудрати Худо имон надорӣ? Бигӯ: «ло илоҳа иллаллоҳ», ман ки то он ҳангом лол будам, якбора забонам боз шуд ва гуфтам: «ло илоҳа иллаллоҳ». Ман низ ба шукронаи ин неъмати илоҳӣ аз Машҳад пиёда бозгаштам ва дар тули масир ҳамвора зикри «ло илоҳа иллаллоҳ»-ро бар забон доштам ва баъд аз он забонам банд наёмад.**[1]

9. Фарде ношинос

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ нақл мекунад:

**Аз марде, ки исмашро аз ёд бурдаам, бар сари қабри имом Ризо (а) шунидам, ки мегуфт: Дар шарофати қабр ва шарофат ва бузургии касе, ки дар он хуфтааст меандешидам, пас ба қалбам инкори баъзе аз умури марбут ба касе, ки дар он ҷост хутур кард, бинобар ин бо Қуръон тафъол задам ва ин оя омад: «аз ту суол мекунанд, ки он ҳақ аст? Бигӯ: бале, қасам ба парвардигорам, ки он ҳақ аст». Се бор тафъол задам ҳар се бор ин оя омад.**[2]

10. Зайди Форсӣ

Ҳоким ба санади худ аз Зайди форсӣ ривоят карда, ки гуфт:

**Ман дар Марвруд ду сол дучори нақрис будам, ки**

---

1. Ҳамон, саҳ.217, ҳ.491.
2. Ҳамон, саҳ.218, ҳ.493.

наметавонистам биистам ва на истода намоз бихонам. Пас дар хоб ба ман намоёнданд, ки о ё ба қабри имом Ризо (а) намеравӣ ва пойҳоятро ба зиреҳаш намемолӣ ва бар сари қабри ӯ аз Худо намехоҳӣ, ки бемориат аз байн биравад? Гуфт: пас чорпоеро кироя кардам ва ба Тус омадам ва поҳоямро ба қабр молидам ва аз Худованд хостам, пас он нақрис ва дард аз байн рафт ва ман ду сол дар инҷо ҳастам, то ба ҳол дучори нақрис нашудам.[1]

11. Ҳамавайҳ ибни Алӣ:

Ҳамчунин Ҳокими Нишобурӣ ба санади худ аз Ҳамавайҳ овардааст, ки гуфт:

Ман бо Ҳамавайҳ дар Балх будам пас рӯзе савор шуд ва ман ҳамроҳи ӯ будам, ки дар ин ҳангом, ки мо дар бозори Балх будем, Ҳамавайҳ мардеро дид дастур дод, ӯро бигиранд ва гуфт: ӯро ба манзил бибаред баъд ба ҳангоми баргаштан ба манзил дастур дод, улоғи хуб ва қиброқ ва суфраи ғизо ва панир ва дувист дирҳам оварданд. Пас чун ҳозир шуд, гуфт: он мардро биёваред. Ӯро оварданд, чун дар муқобилаш истод, гуфт: ту силие ба ман задӣ ва имрӯз ман онро талофӣ мекунам. Ёд меовардам рӯзеро, ки бо ҳам қабри Ризо (а)-ро зиёрат кардем, ту аз Худо хостӣ ва гуфтӣ: Худоё! Улоғе ва дувист дирҳам ва суфрае бо паниру нон ба ман марҳамат фармо ва ман гуфтам: Худоё! Ҳукумати Хуросонро ба ман бидеҳ. Пас ту силие ба ман задӣ ва гуфтӣ ончиро намешавад, напурс. Алъон Худо маро ба

1. Ҳамон, саҳ.219, ҳ.494.

**хостаам расонд ва туро ба хостаат ва силӣ ҳаққи ман аст бар ту.**[1]

12. Абуҳусайн ибни Абибакри шофеӣ:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

**Аз Абулҳусайн ибни Абубакри фақеҳ шунидам, ки мегуфт: Худованд ҳар дуъое, ки дар марқади имом Ризо (а) кардам, иҷобат кард, ҳатто аз Худо хостам фарзанде ба ман иноят кунад, ки баъд аз ноумедӣ фарзанде рӯзӣ кард.**[2]

**Қарни ҳаштум:**

13.Заҳабии шофеӣ (748ҳ):

Вай низ дар бораи зиёрати зоирон аз ин буқъаи шарифа мегӯяд:

**Ва барои Алӣ ибни Мӯсо боргоҳе дар Тус аст, ки мардумон ба зиёрати ӯ меоянд.**[3]

**Ва бар вай оромгоҳе бузург дар Тус аст, ки зиёрат мешавад.**[4]

Дар мавриди фарзандони имом Козим (а) замоне, ки ба имом Ризо (а) мерасад, мегӯяд:

**Ва барои фарзандаш Алӣ ибни Мӯсо боргоҳе бузург дар Тус аст.**[5]

---

1. Ҳамон, ҳ.495.
2. Ҳамон, ҷ.2, саҳ.220, ҳ.498.
3. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.393.
4. «Алибару фӣ хабари ман ғабар», ҷ.1, саҳ.266.
5. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.6, саҳ.274.

14.Сафадии шофеӣ (764ҳ):

Вай низ дар гузорише кӯтоҳ, аммо гӯё чунин мегӯяд:

**... ва дар Тус дафн шуда ва қабраш зиёратгоҳ аст.**[1]

15.Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Батутаи Марокашӣ (779ҳ):

Онгуна, ки гузашт, гузориши вай низ ҳокӣ аз зиёрати мувофиқ ва мухолиф аз қабри имом Ризо (а) аст.[2]

**Қарни нуҳум:**

16.Атоуллоҳ ибни Фазлуллоҳи Шерозӣ (803ҳ):

Вай Машҳади имом Ризо (а) –ро марҷаъи ҳамаи зоирон аз тамоми табақот ва ақшор медонад ва мегӯяд:

**Алӣ ибни Мӯсарризо бо мардум ба луғоти худашон сухан мегуфт ва он ҳазрат дар сухан гуфтан шевотарини мардум ва донотарини онҳо ба ҳамаи забонҳо ва луғот буд... Машҳад ва марқади мунаввари вай марҷаъи зоирон аз тамоми табақот ва нуқоти ҷаҳон аст.**[3]

**Қарни даҳум:**

17. Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳониддини Ховандшоҳ, маъруф ба Мирхонди шофеӣ (903ҳ):

Вай низ дар гузорише шигифтангез зоирони қабри имом Ризо (а)-ро афзун бар Эрон, аз Рум ва Ҳинд ва соири

---

1. «Алвофӣ бил вафиёт», ҷ.2, саҳ.249.
2. «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибул амсор», маъруф ба «Реҳлати ибни Батута», саҳ.401.
3. «Равзатул аҳбоб», ҷ.4, саҳ.43; Р.к: «Таърихул аҳмадӣ», саҳ.36.

сарзаминҳо медонад ва мегӯяд:

**Зикри аҳволи Алӣ ибни Мӯсарризо(а). Машҳади муқаддас ва марқади ин имоми алалитлоқ марҷаъи Эрон ва мақсади соликони акобир ва асоғири офоқ аст, тавоиф, умам ва табақоти бани Одам аз ақсои Руму Ҳинд аз ҷамиъи марзу бум ҳар сола муҳоҷирати автон (ватанҳо) ва муфориқати хуллон (дӯстон) ихтиёр карда ва рӯи таваҷҷуҳ ба ин остони фархунда нишон ниҳода ва маросими зиёрат ва тавоф ба ҷой оваранд ва ин мавҳибати узморо сармояи саъодати дунё ва уқбо медонанд... маноқиб ва маосир ва фазоил ва мафохири имом АбулҳасанарРизо зиёда аз он аст, ки муҳоти олами башарӣ гардад ва дар ин мақом бар сатре чанд аз хавориқи одот он қадуҳи арбоби саъодот иқтисор меравад, (р.з). Баъд ба нақли маноқиби ва кароmоти имом мепардозад ва дар поён мегӯяд: аз имом Ризо (а) ҳикоят бисёр манқул аст[1], ки нашъаи азамат ва вусъати маноқиб ва каромоти он ҳазрат мебошад.**

18. Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927ҳ):

Вай низ бо ибороти воло ва бо эҳтироме фаровон аз марқади мутаҳҳари имом Ризо (а) ёд мекунад ва онро «каъбаи ҳоҷот ва мақосиди ҷамиъи ҳоҷатхоҳон» то рӯзи қиёмат медонад ва мегӯяд:

**Зиёрати қабри мукаррам ва марқади муаззами ҳазрати имом**

1. «Таърихи Равзатуссафо», ҷ.3, саҳ.41-46 ва 52.

аимматул ҳудо, султони инсул ҷин имом Алӣ ибни Мӯсарризо ал Козим ибни Ҷаъфар ал Содиқ ибни Муҳаммад ал Боқир ибни Алӣ Зайнулобидин ибни Ҳусайн ал шаҳид ибни Алиюл Муртазо (а) ва саломун ало сайидино Муҳаммадин ва олиҳил киром саййимал оётиннизом ситтату обоиҳи куллуҳум афзалу май яшрабу савбал ғамом, тарёқи акобири муҳиббон ва муҷиби ҳаёти дилу ҷон аст, муродоти ҳамаи олам аз он даргоҳи бобаракат ҳосил ва филвоқеъ рабъи маймунаш тавон гуфт, ки аз ашрафи манозил аст. Он мақоми муборак тамоми авқот мақрун ба тиловати Қуръони маҷид аст ва тавон гуфт, ки мабъадест аз маъобиди ислом, ҳаргиз он марқади олӣ аз тоати ниёзмандон холӣ нест ва чигуна чунин набошад ва ҳол он ки турбати ҳазрати имомест, ки ӯст мазҳари улуми набавӣ ва ворисисифоти муставфӣ ва имоми барҳақ ва раҳнамои мутлақ ва соҳиби замони имомати худ ва ворисинубувват ва ҳаққи истиқомати худ.

Ҳазор дафтар агар дар маноқибаш гӯянд,
Ҳанӯз раҳ ба камоли Алӣ нашояд бурд.

Ва собиқан, ки азми зиёрати Машҳади муқаддаси ҳазрати имом буд, ин қасида сурати назм ёфта буд ва дар ин мақом идроҷи ӯ муносиб аст, зеро ки мулоими зиёрати он соҳиби маноқиб аст.

Вай дар идома қасидае бо унвони «Қасидае дар маноқиби имоми сомин, валии зомин, имом Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо(а)» дар мадҳи он ҳазрат нақл мекунад...[1]

---

1. «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ.336.

Ҷое дигар мегӯяд:

**Худоё! Дуруд ва салавот ва салом фирист бар имоми ҳаштум он ҳазрати меҳтари некӯхисоли некӯкори некӯсират. Он ҳазрат касест, ки лашкари авлиёро султону подшоҳ аст. Соҳиби ҷуд ва мурувват ва некӯкорист. Дар ӯ анвори ҳазрати паёмбар назди чашми аъён дурахшанда аст. Болобарандаи нишонаҳои тавҳид ва насбкунандаи парчамҳои имон аст. Бар раванда аст, бар болотарин дараҷоти илму ирфон. Соҳиби манқабати фармудаи ҳазрати паёмбар аст, ки фармуд: «порае аз тани ман дар Хуросон мадфун хоҳад шуд». Он ҳазрат берун оваранда аст, ба ҷафру ҷомеъа, он чӣ буда ва ончӣ хоҳад буд, он кас аст, ки дар шарафи падаронаш, шаш падари бузургвораш гуфта шуда, ки бартарин касонанд, ки аз оби осмон нӯшидаанд. Он ҳазрат иқтидокунанда аст ба расули Худо дар ҳар ҳоле ва дар ҳар коре ва шаъне, ки он ҳазратро пеш омада. Эшон Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо, имоми қоими сомин аст. Он ҳазрат шаҳодатёфта ба заҳр дар ғам ва хун ва малол ва мадфун аст дар Тус.[1]**

**Худоё! Ба лутф ва карам ва миннати хеш зиёрати қабри муқаддас ва боргоҳи босафояшро рӯзимон кун ва гунҳонамонро бубахш ва тамоми ҳоҷоти моро ба баракати ӯ баровар. Худоё! Бар сарвари мо Муҳаммад ва хонадони сарвари мо, Муҳаммад ба хусус имоми баргузида Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсарризо дуруд ва салом бифирст.**

Вай дар мавриди боргоҳи нуронии имом Ризо (а) суханони

1. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.223.

шигифте мегӯяд, ки ба баъзе аз онҳо ишора мешавад:

... ва он ҳазратро дар равзаи муқаддас ва марқади мунаввар ва Машҳади муаттар дафн карданд ва он равзаи биҳишт каъбаи ҳоҷот ва мақосиди ҷамиъи ҳоҷатхоҳон шуд то рӯзи қиёмат,

Риҷои камтарини бандагон, Фазлуллоҳи ибни Рӯзбеҳонил Амин, восиқ аст ба алтофи илоҳӣ, ки фақири ҳақирро имсол зиёрати марқади мутаҳҳар ва Машҳади мунаввари он ҳазрат ба хайру офият рӯзӣ гардад ва қироати ин китоби «Василтул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳодаҳ маъсум» дар остонаи он марқади он мутаҳҳар ҷиҳати дӯстон ва муҳиббон ва маволиёни аҳли байт намуда шавад, чӣ вило ва таваллои он ҳазрат шиями деринаи ин фақир ва муҳаббат ва истимдоди он ҳазрат накди хазинаи синаи ин ҳақир аст. Дар ҳар воқеъа, ки ин фақирро пеш ояд, истимдод аз ботини ақдаси он ҳазратро тариқи наҷот медонам ва дар ҳар ғоила ва доҳия рӯҳи муқаддаси он ҳазратро.

Вай дар васфи имом Ризо (а) низ шеъре мегӯяд:

Саломун ало равзатул лилимом,
Алӣ ибни Мӯсо алайҳиссалом.
Саломун минал ошиқил мунтазир,
Саломун минал волаҳил мустаҳом.
Бар он пешвои каримуш шиям,
Бар он муқтадои рафеъул мақом.
Зи Машҳад шаҳодат, ҳаловат мазоқ,
Зи заҳри адӯ дар ҷаҳон талхком.
Зи хулди барин Машҳадаш равзае,

**Хуросон аз ӯ гашта Доруссалом.**

**Аз он хонамаш ҷаннати ҳаштумин,**

**Ки шуд манзили поки ҳаштум имом.**

**Муҳиббон зи ангури пурзаҳри ӯ,**

**Фикананд майҳои хунин ба ҷом.**

**Маро чеҳра бинмуд як шаб ба хоб,**

**Шуд аз шавқи ӯ хоб бар ман ҳаром.**

**Аливор бар шер марде савор,**

**Амин дар рикобаш камина ғулом.**[1]

19. Ғиёсиддин ибни Ҳумомуддини шофеӣ, маъруф ба Хондамир (942ҳ):

Вай дар мавриди фарзандони имом Козим (а) мегӯяд: афзали авлоди имом Мӯсо, балки ашрафи ҷамиъи бароё Алӣ ибни Мӯсарризо буд.[2]

Дар идома таҳти унвони «зикри имоми ҳаштум Алӣ ибни Мӯсарризо(а) дар бораи имом фасле мекушояд ва аз имом чунин таъбир мекунад: «имоми воҷибул эҳтиром, Алӣ ибни Мӯсарризо... имоми олимиқдор»[3], ҳамчунин дар мавриди Машҳадурризо мегӯяд:

**Ва ҳоло он мазори бузургвор ва равзаи фоизуланвор матофи тавофи аъён ва ашрофи рӯзгор аст ва қиблаи омол ва каъбаи иқболи асоғир ва аъозими ақтори билод ва амсор.**

---

1. Ҳамон, саҳ.243.
2. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.81.
3. «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ.82.

Салом бар оли Тоҳо ва Ёсин, салом бар хонадони беҳтарин паёмбарон, салом бар боғу бӯстоне, ки дар он имоме орамида аст, ки дунёву дин бад-ӯ ифтихор мекунанд. Дуруди Худо бар беҳтарини офаридааш, Муҳаммад сайиди расулон ва оли покаш, ба хусус имомони маъсум ва ҳидоятгар.[1]

Дар идома таҳти унвони «гуфтор дар баёни фазоил ва камолоти он имоми олимақом, ало набийино ва алайҳис салавоту салом» фасле кушуда ва дар мавриди имом мегӯяд: **байти шаҳиди хоки Хуросон, имоми тайибу тоҳир Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад Боқир... ақориб ва аҷониб аз шарқ то мағриб бар вуфури улуввашон ва самавви макони он имоми вофири Хуросон эътироф доштаанд ва доранд ва ақосӣ ва адонӣ, балки ҷамиъи афроди анвоъи инсонӣ маноқиб ва мафохири он ҳамидаи маъсир ба саҳоифи замоир нигоштаанд ва менигоранд. Кароматаш аз ҳарчӣ тасаввур тавон кард бештар буд ва амонаташ ба муҷиби насси обои бузургвораш муайян ва муқаррар аст.**

**Аз он замон, ки фалак шуд ба нури меҳр мунаввар,**
**Надида дидаи кас чун Алӣ Мӯсои Ҷаъфар.**
**Шаҳиди иззу ҷалолат муҳити илму фазилат,**
**Имоми машриқу мағриб малози оли паёмбар.**
**Ҳарими турбати ӯ саҷдагоҳи хусрави анҷум,**
**Ғубори мақдами ӯ тутиёи дидаи ахтар.**
**Вуфури илму улувви макони ӯст ба ҳадде,**

1. Ҳамон, саҳ.82-83.

**Ки шарҳи он натавонад намуд, килки суханвар.**

**Қалам агар ҳамагӣ васфи зоти ӯ бинвисад,**

**Ҳадиси ӯ нашавад дар ҳазор сол мукаррар.**[1]

Он гоҳ ба нақли фазоил ва каромоти он ҳазрат пардохта ва баъд аз нақли онҳо дар поён чунин мегӯяд:

**Пӯшида намонад, ки каромот ва хориқи одоти имом Ризо (а) бисёр аст ва баракоти Машҳади мунаввар ва фуюзоти марқади муаттари он ҷинон ва тафсили он умур мақдури хомаи шикастазабон набуда, лоҷарам дар туруқи ихтисор, сулук намуд.**[2]

**Қарни ёздаҳум:**

20.Ибни Имоди Димишқии ҳанбалӣ (1089ҳ):

**Ӯ боргоҳе бузург дар Тус дорад, ки зиёратгоҳ аст.**

**Қарни чаҳодаҳум:**[3]

21.Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350ҳ):

Вай низ Машҳадурризоро зиёратгоҳи бузурги ҷаҳони ислом124 дониста ва мегӯяд: **Равзаи муъаллои он ҳазрат дар баладi тайибаи Машҳади муқаддас ва зиёратгоҳи бузурги олами ислом ва дорои қиблаи муъаллоест, ки мисл ва назираш дар олам ёфт намешавад, зодаллоҳу шарафан.**[4]

---

1. «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ.2, саҳ.83.
2. Ҳамон, саҳ.91.
3. «Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори мин заҳаб», ҷ.3, саҳ.14.
4. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.158-159.

# Боргоҳи имом Ризо (а)

**Қарни сеюм ва чаҳорум**

1. Мақдисии Башшорӣ (380ҳ):

Вай дар бораи марқади мутаҳҳарри имом Ризо (а) гузориши шигифтангезе мекунад ва мегӯяд:

**Дар Тус қабри Алӣ ибни Мӯсо аст, ки гирдогирди он деворе сохтаанд, ки хонаҳо ва бозоре дорад ва Амиддудавлаи Фоиқ масҷиде дар он сохтааст, ки дар Хуросон беҳтар аз он нест.**[1]

Мақдисии Башшорӣ дар қарни чаҳордаҳум мезиста ва гузориши вай ҳокӣ аз ин аст, ки дар қарни саввум низ чунин биноҳое бар қабри шарифи он ҳазрат сохта шуда буд ва ин кор натанҳо бидъат набуда, балки ҳокимон ва хулафои бани Аббос онро links тармим ва тавсиа медодаанд ба гунае, ки Амидуддавла, яке аз вузарои бани Аббос масҷиди бузурге бар шарафи имом Ризо (а) бино карда буд.

2. Ҳусайн ибни Аҳмади Муҳаллибӣ

Вай низ гузорише низ шабеҳи гузориши Мақдисии Башшорӣ аз марқади шарифи имом Ризо (а) ироа медиҳад. Вай дар мавриди Нуқон, яке аз шаҳрҳои Хуросон ва ҳамчунин дар васфи шахсияти имом Ризо (а) мегӯяд:

**Нуқон аз бузургтарин ва ободтарин шаҳрҳои Хуросон аст, ки дар пушти ин шаҳр марқади имом Алӣ ибни Мӯсо ибни**

---

1. «Аҳсанут тақосим фӣ маърифатул ақолим», саҳ.261.

**Ҷаъфар (а) қарор дорад... ки бар рӯи қабри эшон ҳисорест, ки дар он ҳисор мардум муътакиф мешаванд.[1]**

**Қарни ҳаштум**

3. Заҳабии шофеӣ (748ҳ):

Вай дар гузорише кӯтоҳ, аммо гӯё дар бораи гунбад ва боргоҳи имом Ризо (а) мегӯяд:

**Алӣ ибни Мӯсо дар Тус боргоҳе дорад, ки мардум зиёраташ мекунанд.[2]**

**Ӯ оромгоҳе бузург дар Тус дорад, ки зиёрат мешавад.[3]**

**Барои фарзандаш Алӣ ибни Мӯсо боргоҳе азиме дар Тус аст.[4]**

4. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Батутаи Марокашӣ (779ҳ):

Вай низ дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ мезиста ва дар гардишҳои таърихии худ, замоне, ки ба Хуросон мерасад, Машҳадурризо, гунбад ва боргоҳи он ҳазратро чунин гузориш мекунад:

**Ба шаҳри Машҳадурризо Мӯсофират намудем ва ӯ Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайни шаҳид, фарзанди амиралмуъминин Алӣ ибни Абитолиб аст, ки ризвони Худо бар онон бод. Машҳадурризо шаҳри бисёр бузург аст ва бар боргоҳи мукаррами ҳазраташ гунбади бузурге бино**

---

1. «Китобул Азизӣ», саҳ.155.
2. «Сайрул аъломил нубало», ҷ.9, саҳ.393.
3. «Алибару фӣ хабари ман ғабар», ҷ.1, саҳ.266.
4. «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибул амсор», маъруф ба «Реҳлати ибни Батута», саҳ.401.

**шуда ва дар канори он мадраса ва масҷидест, ки бинои тамомии онҳо аз зебоии хосе бархурдор аст: деворҳои музайян ба кошӣ бар рӯи қабри шариф, чаҳорчубе аз тахта ва рӯкаши он аз нуқра буд ва бар фарози зиреҳи эшон, чароғдонҳое аз нуқра овезон ва чорчуб дар гунбад, нуқра ва пардаи дар низ аз порчаи ҳарири зариф буд ва тамоми муҳавватаи зиёратгоҳ мафруш ба фаршҳои мутанаввеъ ва дар канори он қабри Ҳорунаррашид буд, ки зоирин ҳангоми вуруд ба зиёратгоҳ, ба хотири безорӣ аз ҷиноёти Ҳорун бо пои худ маҳкам ба қабри Ҳорун зада ва ба қабри шарифи имом Ризо (а) салом карда ва эҳтиром мениҳоданд.**[1]

**Қарни чаҳордаҳум**:

5. Қозии Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350ҳ):

Ӯ гунбад ва боргоҳи имом Ризо (а)-ро чунин васф мекунад:

Равзаи муъаллои он ҳазрат дар баладаи тайибаи Машҳади муқаддас ва зиёратгоҳи бузурги олами ислом ва дорои қуббаи мутталоест (тиллоӣ), ки мисл ва назираш дар ҷаҳон ёфт намешавад, зодаллоҳу шарифан.[2]

## Пурсиши бепосух

Дар бозхонии дафтари ҳафтум мебинем, ки аввалан таъкид бар зиёрати қабри имом Ризо (а) калимоти паёмбари аъзам (с) ва соири аҳли байт (а) нишони он аст, ки зиёрати қабри имом Ризо (а) натанҳо суннат аст, балки суннати муаккад ва

1. «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибул амсор», маъруф ба «Реҳлати ибни Батута», саҳ.401.
2. «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ.158-159.

муҳиммест. Сонияан, таваҷҷуҳ ба ин суннати муҳим боис шуда, ки қабри он ҳазрат муҳтарам шумурда ва бар рӯи он аз ҳамон қарни саввум ва чаҳоруми ҳиҷрӣ гунбад ва боргоҳ сохта шавад. Солисан, таваҷҷуҳ ба ин суннати муҳим сели хурӯшони уламо ва мардумро аз ҳар фирқае аз аҳли суннат барои зиёрати қабри он ҳазрат ва тавассул ба эшон ва гиряву зорӣ ва талаби ҳавоиҷ ва рафъи мушкилот ба роҳ андохтааст.

Бо ин васф пурсише, ки матраҳ мешавад, ин аст, ки чаро фирқаи тафриқаангези ваҳҳобият ин ҳақоиқи таърихиро нодида гирифта ва худро аз аҳли суннат дониста ва бо ин ном бо ақоиди мусаллам ва қатъии муслимин, аз ҷумла биное бар қубур зиёрати онҳо, тавассул ба соҳибони қубур ба вижа қабрҳои аҳли байти паёмбари акрам (с) ва солиҳон ва гиряву зорӣ назди

онҳо талаби ҳавоиҷ ва рафъи мушкилот мухолифат мекунад ва бо ин тафаккуроти ботил байни муслимин тафриқа меандозад?!

# Пасгуфтор

Бо таваҷҷуҳ ба ҳафт дафтари ёдшуда, чунин метавон гуфт:

1. Суханони аҳли суннат дар бораи шахсияти илмӣ ва маънавӣ ва иҷтимоии имом Ризо (а) нуқтаи хубе барои тақриби байни ду мазҳаби имомия ва аҳли суннат метавонад бошад, гарчӣ ҷои суол аз амалкарди нависандагони сиҳоҳ ва уламои муосири имом Ризо (а) дар адами нақли ҳадис аз он ҳазрат ҳанӯз боқист.

2. Мавозеъи илмии уламо ва бузургони аҳли суннат дар тӯли таърих бо ҳар маслак ва фирқае дар бораи зиёрати қабри имом Ризо (а), тавассул ва гиряву зорӣ канори қабри он ҳазрат ва бароварда шудани хостаҳо ва рафъи гирифториҳо аз онҳо ба воситаи буқъаи шариф монанди зиёрат ва тавассули ибни Хузаймаи шофеӣ ибни Ҳаббони Бустии шофеӣ, Ҳокими Нишобурии шофеӣ ва даҳҳо тани дигар ин нуктаро ба хубӣ рушан месозад, ки онон дар ин замина тобеъи суннати ҳақиқии набавӣ будаанд ва онро анҷом дода ва медиҳанд ва ин мавозеъи амалиро метавон авҷи нуқтаи тақриби байни ду мазҳаб, балки мазоҳиби исломӣ донист.

3 .Фирқаи гумроҳи ваҳҳобият аз аҳли суннат нест ва иддаъоҳои онон мабнӣ бар манъ аз зиёрати қубур, ба вижа қубури солеҳон ва аҳли байти паёмбари акрам (с) ва тахриби қубур, ба вижа тахриби қубури Бақеъ ва атаботи олиёт ва низ манъ аз тавассул ба онон иддаъое мухолифи суннати набавӣ (с) ва сираи муслимин ва гоме дар ҷиҳати тазъифи тақриби байни мазоҳиби исломӣ ва монеъи таҳқиқи инсиҷоми исломист.

Бинобар ин, қотеъона метавон гуфт: ҳамон гуна, ки аҳли байти паёмбари аъзам (с) меҳвари ваҳдат байни мусалмонон аст, имом Ризо (а) низ ба унвони ҳаштумин имом (а) аз аҳли байти паёмбари гиромии ислом (с) ба гунаи вижае нуқтаи тақриби миёни мусалмонон аст, зеро вай ҳам дар замони ҳаёти хеш марҷаъ ва паноҳи тамоми мардум аз ҳар фирқа ва мазҳабе буда ва ҳам баъд аз шаҳодат сели хурӯшоне аз ақшор ва табақот ва мазоҳиб ва фирқаҳои мухталиф ба сӯи вай ҷараён дошта ва ҳар рӯз ба азамат ва шавкати ин ҷараёни муборак афзуда мешавад.

Ба умеди тақриби мантиқии мазоҳиби исломӣ.

# Китобнома

**Қуръони карим**

**а) Аҳли суннат**

**Ҳанбалӣ**

1. Ибни Қудомаи Мақдисии ҳанбалӣ, Муваффақуддин Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад (620ҳ): «Аттабйин фӣ ансобил қурайшиин», чопи дуввум, Оламул кутуб, Мактабатул наҳзатил арабия», Бейрут, 1408ҳ.

2. Айюби Заръии ҳанбалӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абибакр (751ҳ): «Ҳошияту ибнил Қайим», чопи дуввум, Дорул кутубул илмия, Бейрут 1415ҳ.

3. Ибни Раҷаби ҳанбалӣ, Зайнуддин Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Шаҳобуддин Аҳмад ибни Раҷаб, (795ҳ): «Азайл ало табақотул ҳанобила», чопи аввал, Дорулмактабул илмия, Бейрут 1417ҳ.

4. Халдун Аҳдаби ҳанбалӣ: «Завоиду таъриху Бағдод алал кутуби ситта» чопи аввал Дорул қалам, Димишқ 1417.

5. Ибни Имоди ҳанбалӣ, Шаҳобиддин (1089ҳ): «Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори мин заҳаб», чопи аввал, Дору ибни Касир, Димишқ 1406.

6. Албонии ҳанбалӣ, Муҳаммад Носириддин, «Заъифул ҷомиъус сағир ваз зиёда», (Алфатҳул Кабир), чопи саввум, Алмактабул исломӣ, Бейрут 1410ҳ.

7. Албонии ҳанбалӣ, Муҳаммад Носириддин, «Заъифу сунани ибни Моҷа», чопи аввал, Алмактабул исломӣ, Бейрут 1408ҳ.

8. Ибни Яълии ҳанбалӣ, Абуҳусайн Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн (526ҳ): «Табақотул ҳанобила», чопи аввал, Дорул кутубил илмия», Бейрут 1417ҳ.

9. Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ, Абулфараҷ, Абдурраҳмон (597ҳ): «Алилалу мутаноиҳияти фил аҳодисил ваҳҳобия», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1403ҳ.

10. Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ, Абулфараҷ, Абдурраҳмон (597ҳ): «Фунунул афнон фӣ аҷоиби улумул қуръон», Алмаҷомеъул илмиятил Ироқӣ», Бағдод, 1408ҳ.

11. Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ, Абулфараҷ, Абдурраҳмон (597ҳ): «Китобул зуъафо вал матрукин», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бағдод 1406ҳ.

12. Аҳмад ибни Ҳанбал (241ҳ): «Алмаснад», Дорус содир, Бейрут.

13. Табаронии Шомии ҳанбалӣ, Сулаймон ибни Аҳмад (360ҳ): «Алмуъҷамул авсат», чопи аввал, Дорул фикр, Уммон 1420ҳ.

14. Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ, Абулфараҷ Абдурраҳмон (597ҳ): «Алмунтазам фит таърихил мулук вал умам», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут 1415ҳ.

15. Ибни Ҷавзии ҳанбалӣ, Абулфараҷ Абдурраҳмон (597ҳ): «Алмавзуъот» чопи дуввум, Дорул фикр, Бейрут 1403ҳ.

**Ҳанафӣ**

16. Ибни Тулуни Димишқии ҳанафӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибни Тулун (953ҳ): «Алаимматул исно ашарати (а)», Маншуроту Разӣ, Қум.

17. Забидии ҳанафӣ, Саидмуҳаммад ибни Муҳаммад (1205ҳ): «Итҳофул содал муттақин бишарҳи асрори «Эҳёу улумуддин», Хизонатул содот, Миср.

18. Ноблусии Димишқии ҳанафӣ, Абдулғанӣ ибни Исмоил (1413ҳ): «Асроруш шариъа билфатҳи раббонӣ вал файзир раҳмонӣ», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1405ҳ.

19. Муғлатои ҳанафӣ, Алоуддин (762ҳ): «Икмолут таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», чопи аввал, Алфоруқул ҳадисия, Бейрут 1422ҳ.

20. Шаҷарии Ҷурҷонии ҳанафӣ, Яҳё ибни Ҳусайн (499ҳ): «Аламолиюл хамсия», чопи аввал, Дорул мактабил илмия, Бейрут 1324ҳ.

21. Баҳодурхони Ҳиндии Барёнавии ҳанафӣ, Амир Аҳмад Ҳусайн (қарни 13ҳ): «Таърихул аҳмадӣ», таҳқиқи Муҳаммадсаиди Тариҳӣ, чопи аввал, Марказуд даросот вал буҳусил илмияти ва муссисатул балоғ», Бейрут 1408ҳ.

22. Сироҷиддини Ҳанафӣ, Шайх Усмон: «Таърихул ислом вар риҷол», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ (а).

23. Сибт ибни Ҷавзии ҳанафӣ (654ҳ): «Тазкиратул хавос минал уммати биззикрил хасосисул аимма», чопи аввал, муассисаи Аҳли байт (а), Бейрут

1417ҳ.

24. Қуртабии ҳанафӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳими Ашъарӣ (550ҳ): «Аттаърифу фил ансоб ва тасвияту лизил аҳсоб», Дорул манор, Қоҳира.

25. Абдулқодири Қаршии ҳанафӣ, Абумуҳаммад Муҳиддин Абдулқодир ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Насруллоҳ ибни Солим ибни Абивафо (757ҳ): «Алҷавоҳирул музияти фӣ табоқотил ҳанафия», чопи дуввум, муассисаи Аррисола, Бейрут 1413ҳ.

26. Замахшарии ҳанафӣ, Абулқосим Маҳмуд ибни Умар (538ҳ): «Рабеъул аброр ва нусусул ахбор», чопи аввал, Муассисатул илмӣ лил матбуъот», Бейрут 1412ҳ.

27. Лакнавии ҳанбалӣ, Абулҳасанот Муҳаммади Абдулҳай (1304ҳ): «Аррафеъут такмил фӣ ҷарҳит таъдил», таҳқиқи Абдулфаттоҳи Абуғудда, муссисаи Қуртаба, Ҳалаб.

28. Синдии ҳанафӣ, Абулҳасан (1138ҳ): «Шарҳи «Сунани ибни Моҷа», чопи дуввум Дорул маърифа, Бейрут 1418ҳ.

29. Ҷомии ҳанафӣ, Абдурраҳмон (898ҳ): «Шавоҳидун нубувва» мусаҳҳеҳ профессор Саидҳасани Амин, чопи аввал, дафтари нашри Тайиб, Теҳрон 1379ҳ.

30. Абдулқодир Тамимии Мисрии ҳанафӣ, Тақиюддин ибни Абдулқодир (1005ҳ): «Аттабоқотус сунния, фӣ тароҷимил ҳанафия», чопи аввал, Дору рифоъӣ, Риёз 1403ҳ.

31. Шавконии Санъонии ҳанафӣ, Муҳаммад ибни Алӣ (1250ҳ): «Алфавоидул маҷмуъата фил аҳодисил мавзуъати», Дорул кутубил илмияти, Бейрут.

32. Ҳоҷӣ Халифаи ҳанафӣ (1067ҳ): «Кашфуз зунун ан асмоил кутуби вал фунун», Дорул фикр, Бейрут 1402ҳ.

33. Дулобии ҳанафӣ, Абубашир Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳаммод (310ҳ): «Алкисо вал асмо», чопи аввал Дорул кутубил илмия, Бейрут 1420ҳ.

34. Шайх Абдулвосеъ ибни Яҳёи Восеъии Ямонии ҳанафӣ, гирдоваранда ва мусаҳҳеҳ: Маснадул имоми Зайд, Маншуроту дорул мактабул ҳаёт, Бейрут, 1966 милодӣ.

35. Зарандии ҳанафӣ, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Юсуф (757ҳ): «Меъроҷул вусул ило маърифати фазли оли расули вал Батул (а)», таҳқиқ: Муҳаммад Козими Маҳмудӣ, чопи аввал, маҷмаъу эҳёус сақофиятул исломия», Қум 1425ҳ.

36. Бадахшии ҳанафӣ, Мирзомуҳаммадхон (қарни 12ҳ): «Мифтоун наҷо фӣ маноқиби оли Або (а)», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ (а) Қум.

37. Абдулфаттоҳ ибни Нуъмони ҳанафӣ: «Мифтоҳул маориф», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ (а) Қум.

38. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ, Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳон (927ҳ): «Меҳмонномаи Бухоро», чопи 2, нашри бунгоҳи Тарҷума ва нашри китоб, Теҳрон.

39. Ибни Тағрии Бардии Атобакии ҳанафӣ, Ҷамолуддин Абумаҳосин Юсуф (874ҳ): «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», чопи аввал Дорул кутубул илмия», Бейрут 1413ҳ.

40. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ, Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳон (927ҳ): «Василатул ходим вал махдум дар шарҳи салавоти чаҳодаҳ маъсум (а)» чопи аввал, интишороти Ансориён, Қум 1375ҳ.

41. Ҳиндии Лакнавии ҳанафӣ, Муҳаммад ибни Мубин: «Василатун наҷот», Лакҳнав, 1309ҳ.

42. Қундузии ҳанафӣ, Саидсулаймон ибни Иброҳим (1294ҳ): «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», чопи дуввум, Дорул усва, Қум 1422ҳ

**Шофеӣ**

43. Оҷирии шофеӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҳусайн (360ҳ): «Аларбаъину ҳадисан», чопи аввал, Мактабатул муъалло, Кувейт 1408ҳ.

44. Шибровии шофеӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Омир (1172ҳ): «Алитҳоф биҳуббил ашроф», чопи аввал, Дорул кутубил исломӣ, Эрон 1423ҳ.

45. Масъудии шофеӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусейн (346ҳ): «Исботул васияти лилимом Алӣ ибни Абитолиб (а), Маншуротур Разӣ, Қум.

46. Тобеъии шофеӣ, шайх Аҳмад, «Алэътисом биҳаблил ислом», ҷилди

1, Матбаъатус саъодат, Қоҳира 1327ҳ.

47. Байҳақии шофеӣ, Аҳмад ибни Ҳусайн (458ҳ): «Алэътиқод вал ҳидоя ило сабилир рашод», чопи аввал, Дорул офоқул ҷадида, 1401ҳ.

48. Ибни Мокулои шофеӣ, Абунаср Алӣ ибни Ҳубаттуллоҳ (457ҳ): «Алкамол фӣ рафъил иртиёб анил муъталиф вал мухталиф фил асмои валкино валансоб», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1411ҳ.

49. Самъонии Тамимии шофеӣ, Абусаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур (562ҳ), «Алансор» чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1408ҳ.

50. Санҳутии Нақшбандии шофеӣ, шайх Ёсин ибни Иброҳим (1344ҳ): «Аланворул қудсия фӣ маноқибил содатил Нақшбандия», чопи аввал, Матбаъатус саъода, Қоҳира.

51. Фикрии Ҳусайнии Қоҳирии шофеӣ, Алӣ ибни Муҳаммад (1372ҳ): «Аҳсанул қасас», чопи аввал,  Дорул кутубил илмия, Бейрут 1359 ҳ.

52. Ҷазарии шофеӣ, Абулхайр Шамсуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад (833ҳ): «Асноал матолиб фӣ маноқиби сайидино Алӣ ибни Абитолиб (к)», Мактабатул имом Амирулмуъминин (а), Исфаҳон.

53. Ҳодии Ҳамавии шофеӣ: «Азвоу алаш шиъа» чопи аввал, Дорут туркӣ, Тунис, 1989 милодӣ.

54. Ибни Касири Димишқии шофеӣ, Абулфидо (774ҳ): «Албидояту ванниҳоя» чопи панҷум,  Дорул кутубул илмия», Бейрут 1409ҳ.

55. Ғимории шофеӣ, Абдулазиз: «Баёну наксил нокисил муътадӣ», чопи саввум , нашри Дорул имомул Нававӣ, Урдун.

56. Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ (430ҳ): «Таърихи Исфаҳон» (Зикри ахбори Исбаҳон), чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1411ҳ.

57. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Таърихул ислом ва вафиётул машоҳир вал аълом» чопи аввал, Дорул кутубил арабӣ, Бейрут 1411ҳ.

58. Табарии шофеӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир (310ҳ): «Таърихул умам вал мулук», чопи дуввум, Дорулилмияти, Бейрут 1408ҳ.

59. Суютии шофеӣ, Ҷалолуддин (911ҳ): «Таърихул хулафо», чопи аввал, муассисаи Иззуддин, Бейрут 1412ҳ.

60. Дайёри Бакрии шофеӣ, Ҳусейн ибни Муҳаммад ибни Ҳасан (966ҳ): «Таърихул хамис фӣ аҳволи анфуса нуфус, Дору содир, Бейрут.

61. Хатиби Бағдодии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (463ҳ): «Таърихи Бағдод» чопи авввал, Дорул кутубул илмия, Бейрут 1417ҳ.

62. Хондамири Ҳусайнии шофеӣ, Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин (942ҳ): «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», чопи дуввум, интишороти китобфурӯшии Хайём, Теҳрон 1353ҳ.

63. Ибни Асокири шофеӣ, Абулқосим Алӣ ибни Ҳусейн ибни Ҳуббатуллоҳ (571ҳ): «Таъриху Димишқил кабир», чопи аввал, Дору эҳёи туросил арабӣ, 1421ҳ.

64. Мирхонди шофеӣ, Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳониддини Хондшоҳ (903ҳ): «Таърихи Равзатуссафо», интишороти китобфурӯшии марказӣ, Теҳрон 1339ҳ.

65. Сулаймони Соиғи шофеӣ: «Таърихул мувассал», матбаъатул салафия, Миср 1342ҳ.

66. Ибни Асири Ҷазири шофеӣ, Маҷдуддин Муборак ибни Муҳаммад (606ҳ): «Татиммату ҷомеъил усули фӣ аҳодисир расул», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1412ҳ.

67. Ибни Вардии Ҳалабии шофеӣ, Зайниддин (749ҳ): «Татиматул мухтасар фӣ ахборил башар», чопи аввал, Дорул маърифа, 1389ҳ.

68. Маззийии шофеӣ, Юсуф ибни Абдурраҳмон (742ҳ): «Туҳфатул ашроф бимаърифатил атроф маъал нукатил зироф алал атрофи ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ (852ҳ)», чопи дуввум, Алмактабул исломия ва дорул қайима», Бейрут, 1403ҳ.

69. Суютии шофеӣ, Ҷалолиддин (911ҳ): «Тадрибур ровӣ фӣ шарҳи тақрибул навовӣ», таҳқиқи Абдулваҳҳоби Абдуллатиф, Дорул фикр, Бейрут, 1409ҳ.

70. Рофеъии Қазвинии шофеӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад (623ҳ): «Аттадвин фӣ ахбори Қазвин», Дорул кутубул илмия, Бейрут, 1408ҳ.

71. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Тазҳибу таҳзибул камол фӣ асомир риҷол», чопи аввал, нашри Алфоруқул ҳадиса, Қоҳира, 1425ҳ.

72. Халифаи Нишобурии шофеӣ, Муҳаммад ибни Ҳусайн (қарни

ҳаштум): «Тарҷума ва талхиси таърихи Нишобур», чопи аввал, нашри Огаҳ, Теҳрон, 1375ҳ.ш.

73. Афандии шофеӣ, Қозӣ Беҳҷат (1350ҳ): «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», мутарҷим Мирзо Маҳдии Адиб, чопи дуввум, Маркази чоп ва нашри бунёди Беъсат, Теҳрон, 1376ҳ.ш.

74. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Тақрибут таҳзиб», чопи дуввум, Дорул маърифа, 1395ҳ.

75. Халифаи Нишобурии шофеӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Аҳмад (қарни ҳаштум), талхис ва тарҷумаи «Таърихи Нишобур»-и ҳаким Нишобурӣ, китобхонаи ибни Сино, Теҳрон.

76. Масъудии шофеӣ, Алӣ ибнал Ҳусайн (345ҳ): «Аттанбеҳу вал ишроф», чопи аввал, муассисаи нашри Алманобеъул сақофиятул исломия, Қум.

77. Кинонии шофеӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ироқ (963ҳ): «Танзиҳу шариъатил марфуъати анил ахборил шаниъатил мавзӯъа», чопи дуввум, Дорул кутубул илмия, Бейрут, 1401ҳ.

78. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Таҳзибул таҳзиб», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1404ҳ.

79. Маззийи шофеӣ, Юсуф ибни Абдурраҳмон (742ҳ): «Таҳзибул камол фӣ асмоирриҷол», чопи аввал Дорул фикр, Бейрут, 1414ҳ.

80. Суютии шофеӣ, Ҷалолиддин (911ҳ): «Алҷомеъус сағир мин ҳадисил баширил назир», Дорул кутубил арабия, Бейрут.

81. Набҳонии шофеӣ, Юсуф ибни Исмоил (1350ҳ): «Ҷомеъу каромотил авлиё», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1414ҳ.

82. Ибни Абиҳотами Розии шофеӣ, Абумуҳаммад Абдурраҳмон (327ҳ): «Алҷаруҳу ваттаъдил», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут.

83. Самҳудии шофеӣ, Алӣ ибни Абдуллоҳил Ҳусайнӣ (911ҳ): «Ҷавоҳирул ақдин фӣ фазлил шарифин» вазоратул авқоф ва шуъунуддиния, Бағдод, 1407ҳ.

84. Форсии шофеӣ, Абулҳасан Абдулғофир ибни Исмоил (529ҳ): «Алҳалқатул уло мин таърихи Нисобурил мунтахаб минас сиёқ, интихоб: Абуисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ибнал Азҳари Сайрифинӣ (641ҳ), чопи

аввал, нашри Ҷомеъаи мударрисин, Қум, 1403ҳ

85. Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ (430ҳ): «Ҳилятул авлиё ва табақотул асфиё», чопи аввал, Дорул фикр. Бейрут, 1416ҳ.

86. Дамирии шофеӣ, Муҳаммад ибни Мӯсо (808ҳ): «Ҳаётул ҳайвонул кубро», чопи аввал, интишороти Носири Хусрав, Теҳрон.

87. Суютии шофеӣ, Ҷалолуддин (911ҳ): «Аддуррул мансур фӣ тафсири бил маъсур», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1414ҳ.

88. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Адурарул комина фӣ аъёнул миатус сомина», Дорул эҳёил туросил арабӣ, Бейрут.

89. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Дувалул ислом», чопи аввал, Дору содир, Бейрут, 1999 милодӣ.

90. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Девонул зуъофу вал матрукин», чопи аввал, Дорул қалам, Бейрут, 1408ҳ.

91. Ибни Наҷҷори Бағдодии шофеӣ, Абуабдуллоҳ Муҳибуддин Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Ҳасан (943ҳ): «Зайли таърихи Бағдод», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417ҳ.

92. Қушайрии шофеӣ, Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавзон (465ҳ): «Аррисолатул Қушайрия фит тасаввуф», таҳқиқ ва таъliқи Маҳмуд ибни Шариф ва доктор Абдулҳалими Маҳмуд, чопи Ҳассон, Қоҳира.

93. Сувайдии Бағдодии шофеӣ, Абулфавз Муҳаммадамин (1246ҳ): «Сабоиказзаҳаби фӣ маърифати қабоилил араб», Алмактабатул илмия.

94. Доруқутнии Бағдодии шофеӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Умар ибни Аҳмад (385ҳ): «Сунани Доруқутнӣ», чопи аввал, Дорул кутубул илмия, Бейрут 1421ҳ.

95. Заҳабии шофеӣ, Шамсуддин (748ҳ): «Сайрул аъломил нубало», чопи 11, Муассисатур рисола, Бейрут 1417ҳ.

96. Фахри Розии шофеӣ (606ҳ): «Ашаҷаратул муборака фӣ ансобул толибия», чопи аввал, нашри китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ, Қум 1409ҳ.

97. Ибни Абилҳадиди муътазилии шофеӣ, Абдулҳамид ибни Ҳуббатуллоҳ (656ҳ): «Шарҳи Наҳҷул балоға», чопи дуввум Дору эҳёил маърифатӣ, Димишқ, 1385ҳ.

98. Байҳақии шофеӣ, Аҳмад ибни Ҳусайн (458ҳ): «Шуъабул имон», чопи аввал, Бейрут 1421.

99. Қалқашандии шофеӣ, Абулаббос ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Абдуллоҳ (821ҳ): «Субҳалашъо фӣ саноъатил иншо», Дорул кутубил илмия, Бейрут.

100. Ибни Ҳаҷари Ҳайсимии шофеӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алӣ (973ҳ): «Ассавоиъқул муҳрақа», чопи аввал, Муассисатул рисола, Бейрут, 1417ҳ.

101. Аҳмадамини Мисрии шофеӣ: «Зуҳал ислом», чопи дуввум, Дорул китобил арабӣ, Бейрут.

102. Суютии шофеӣ, Ҷалолуддин (911ҳ): «Табақотул ҳуффоз», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1403.

103. Ибни Қозии Шаҳбати шофеӣ, Абубакр ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Умар ибни Муҳаммади Димишқӣ (851ҳ): «Табақотуш шофеия», Дорул нудватул ҷадида, Бейрут, 1407ҳ.

104. Ибни Касири Димишқии шофеӣ, Исмоил ибни Умар (774ҳ): «Табақотуш шофеия», чопи аввал, Дорул мадорил исломия, Бейрут.

105. Ибни Ҳидоятуллоҳи Ҳусайнии шофеӣ, Абубакр (1014ҳ): «Табақотуш шофеия», чопи дуввум, Дорул офоқул ҷадида, Бейрут, 1979 милодӣ.

106. Иснавии шофеӣ, Ҷамолуддин Абдурраҳим (772ҳ): «Табақотуш шофеия», Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1407ҳ.

107. Субкии шофеӣ, Тоҷуддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдул Кофӣ (771ҳ): «Табақотуш шофеиятил кубро», Дорул эҳёил кутубил арабия, Бейрут.

108. Ибни Салоҳи шофеӣ, Тақиддин Абуамр Усмон ибни Салоҳиддин ибни Абдурраҳмони Шаҳрзурӣ (643ҳ): «Табақотул фуқоҳоиш шофеия битартиби ва мустадракоти Муҳиддин Закариё Яҳё ибни Шарафи Наввавии шофеӣ (676ҳ)» ва «Танқеҳи Юсуф ибни Абдурраҳмони Маззии шофеӣ (742ҳ), чопи аввал, Дорул башоирил исломия, Бейрут 1413ҳ.

109. Шаъронии шофеӣ, Абулмавоҳиб Абдулваҳҳоб ибни Алиюл Ансорӣ (973ҳ): «Аттабақотул кубро алмусаммо бил воқеъил анвор фӣ табақотил

ахбор», Дорул фикр, Бейрут.

110. Абушайхи шофеӣ, Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Ҳайён (369ҳ): «Табақотул муҳаддисин бӣ Исбаҳон вал воридинал алайҳо», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1409ҳ.

111. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алибару фӣ хабари ман ғабар», Дорул кутубил илмия, Бейрут.

112. Муҳаммад ибни Ақили шофеӣ (1350ҳ): «Алъатабул ҷамил ало аҳлил ҷарҳ вал таъдил», таҳқиқ ва таълиқи Ҳасан ибни Алии Саққофи шофеӣ, чопи аввал, Дорул имомул Нававӣ, Урдун.

113. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Фатҳул борӣ би шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ», чопи аввал, Дору Райён литтурос, Қоҳира, 1407ҳ.

114. Ҷувайнии шофеӣ, шайхулислом Иброҳим ибни Муҳаммад (722ҳ): «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вал сибтин вал аиматту мин зурриятиҳим (а)» чопи аввал, Муассисатул Маҳмудӣ, Бейрут, 1400ҳ.

115. Дайламии шофеӣ, ибни Шеруя (509ҳ): «Фирдавсул ахбор бимасурил хитоб», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1418ҳ.

116. Манновии шофеӣ, Абдуррауф ибни Алӣ (1031ҳ): «Файзул қадир бишарҳил «Ҷомеъуссағир», чопи дуввум, Дорул фикр, Бейрут 1391ҳ.

117. Фирузободии шофеӣ, Маҷдиддин Муҳаммад ибни Яъқуб (817ҳ): «Қомусул муҳит», Дорул ҷайл, Бейрут.

118. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алкошиф фӣ маърифати мал лаҳу ривоя фил китобил ситта», чопи аввал, Дорул қибла, Муассисату улумил Қуръон, Ҷадда, 1413ҳ.

119. Ибни Асири Ҷазарии шофеӣ, Иззудин Абуҳасан Алӣ ибни Карами Шайбонӣ (630ҳ): «Алкомил фит таърих», чопи аввал, Дорул эҳёут туросил арабӣ, Бейрут, 1408ҳ.

120. Ибни Адии Ҷурҷонии шофеӣ, Абуаҳмади Абдуллоҳ (365ҳ): «Алкомил фӣ зуъофур риҷол», чопи саввум, Дорул фикр, Бейрут, 149ҳ.

121. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, Абуҳотам, Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад (354ҳ): «Китобус сиқот», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут 1393ҳ.

122. Абунуъайми Исфаҳонии шофеӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ (430ҳ):

«Китобуз зуъафо», чопи аввал, Дорус сақофа, Мағриб, 1405ҳ.

123. Доруқутнии Бағдодии шофеӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Умар ибни Аҳмад (385ҳ): «Китобуз зуъафо вал матрукин», чопи аввал, Алмактабул исломия, Бейрут, 1400ҳ.

124. Нисоии шофеӣ, Абуабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайб (303ҳ): «Китобуз зуъафо вал матрукин», чопи дуввум, Муассисатул кутубил сақофия», Бейрут, 1407ҳ.

125. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ , Абуҳотам, Муҳиддин Ҳиббони Аҳмад (354ҳ): «Китобул маҷруҳин», Дорул муътарифа, Бейрут, 1412ҳ.

126. Муқризии шофеӣ, Тақиюддин Аҳмад ибни Алӣ (845ҳ): «Китобул муқаффал кабир», чопи аввал, Дорул Ғарбил исломӣ, Бейрут, Лубнон, 1411ҳ.

127. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, Абуҳотам Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад (354ҳ): «Китобу машоҳири уламоил Миср», чопи аввал, Аннашриётул исломия, Қоҳира, 1389ҳ.

128. Иҷлунии Ҷароҳии шофеӣ, шайх Исмоил ибни Муҳаммад (1162ҳ): «Кашфул хифо ва музилул албос аммо иштаҳара минал аҳодиси ало алсинатин нос, чопи 6, Муассисатур рисола, Бейрут 1416ҳ.

129. Ганҷии шофеӣ, Муҳаммад ибни Юсуф (658ҳ): «Кифоятул толиб фӣ маноқиби Алӣ ибни Абитолиб (а)», чопи саввум, Дору эҳёит туроси аҳлил байти (а)», Теҳрон, 1404ҳ.

130. Хатиби Бағдодии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (463ҳ): «Алкифояту фил илмур ривоя», чопи дуввум, Дорул кутубил ҳадисия, Қоҳира.

131. Манновии шофеӣ, шайх Абдуррауф (1031ҳ): «Алкавокибул дуррияту фӣ тароҷимил соддатул суфия», чопи аввал, Қоҳира.

132. Суютии шофеӣ, Ҷалолиддин (911ҳ): «Аллаъолил маснуъати фил аҳодисил мавзуъатӣ, чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут,1317ҳ.

133. Ибни Асири Ҷазарии шофеӣ, Иззуддин Абуҳасан Алӣ ибни Карами Шайбонӣ (630ҳ): «Аллубоб фӣ таҳзибул ансоб», чопи саввум Дори содир, Бейрут, 1414ҳ.

134. Суютии шофеӣ, Ҷалолуддин (911ҳ): «Луббул лубоб фӣ таҳрирул ансоб», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1411ҳ.

135. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Лисонул

мизон», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1416ҳ.

136. Қалқашандии шофеӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ (820ҳ): «Маъсирул инофа фӣ маъолимул халоқа», чопи аввал, Оламул кутуб, Бейрут, 1427ҳ.

137. Саъидии шофеӣ, Абдулмутаъол (377ҳ): «Алмуҷаддидуна фил ислом», Мактабул одоб, Қоҳира, 1416ҳ.

138. Заҳабии шофеӣ, Шамсуддин (748ҳ): «Алмуҷарраду фи асмоир риҷоли «Сунан» -и ибни Моҷа, чопи аввал, Дорур рояти, Риёз, 1409ҳ.

139. Абулфидои Димишқии шофеӣ, Имоддудин, Исмоил ибни Айюб (732ҳ): «Алмухтасар фӣ ахборил башар», чопи аввал, Дорул маърифа, Бейрут.

140. Ёфеъии Ямании шофеӣ, Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Саъд (768ҳ): «Миротул ҷинон ва ибратул яқзон фӣ маърифати мо яътабару мин ҳавоидисиз замон, чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417ҳ.

141. Масъудии шофеӣ, Алӣ ибнил Ҳусейн (345ҳ): «Мураввиҷуз заҳаб ва маъодинул ҷавҳар», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут.

142. Ҳокими Нишобурии шофеӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (405ҳ): «Алмустадрику алас саҳеҳайн», чопи аввал, Мактабатул асрия, Бейрут, 1420ҳ.

143. Қуззоъии шофеӣ, Муҳаммад ибни Саломат (454ҳ): «Маснадуш шаҳоб», чопи дуввум, Муассисутур рисола», Бейрут, 1407ҳ.

144. Бусирии Қоҳирии шофеӣ, Абулаббос Шаҳобиддин Аҳмад ибни Абубакр (840ҳ.): «Мисбоҳуз зуҷоҷа фӣ «Завоид»-и ибни Моҷа», таҳқиқи Аваз ибни Аҳмади шаҳрӣ, чопи аввал, Ҷомеъатул исломия, Мадинаи мунаввара, 1425ҳ.

145. Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ (452ҳ): «Матлабус суул фӣ маноқиби оли расул (с)», чопи аввал, Муассиатул балоғ, Бейрут 1419ҳ.

146. Амин Варди шофеӣ, Боқир: «Муъҷамул уламоул араб», чопи аввал, Оламул кутуб, Бейрут, 1406ҳ.

147. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алмуъҷамул кабир (муъҷами шуйухуз Заҳабӣ)», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1410ҳ.

148. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алмуъҷамул мухтасс («Муъҷаму муҳаддисуз Заҳабӣ»)», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут,

1413ҳ.

149. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Маърифатур ривот», чопи аввал, Дорул маърифа, Бейрут, 1406ҳ.

150. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алмуъин фӣ табақотил муҳаддисин», чопи аввал, Дорул суҳут, Бейрут, 1407ҳ.

151. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алмуғнӣ физ зуъафо», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1418ҳ.

152. Заҳабии шофеӣ, Шамсиддин (748ҳ): «Алмуқтанӣ фӣ сардил куно», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1418ҳ.

153. Ҳошимии шофеӣ, Саидмуҳаммад Тоҳир (1412ҳ): «Маноқиби аҳли байт (а) аз дидгоҳи аҳли суннат», чопи аввал, Бунёди пажӯҳишҳои исломии остони қудси Разавӣ (а), Машҳад 1378ҳ.

154. Хатиби Бағдодии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (463ҳ): «Мавзаҳу авҳомул ҷамъи ват тафриқ», чопи аввал, Дорул маърифат, Бейрут, 1407ҳ.

155. Заҳабии шофеӣ, Шамсуддин (784ҳ): «Мизонул эътидол фӣ нақдир риҷол», Дорул фикр, Бейрут.

156.Доруқутнии Бағдодии шофеӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад (385ҳ): «Алмуъталаф вал мухталиф», чопи аввал, Дорул ғарбил исломӣ, Бейрут, 1406.

157. Арусии Мисрии шофеӣ, сайид Мустафо ибни Муҳаммад (1293ҳ): «Натоиҷул афкорул қудсия», Ҷомеъатул дарвешия, Димишқ.

158. Маккии Ҳусайнии Мусавии шофеӣ, Нуруддин Саидаббос ибни Алӣ (1180ҳ): «Нузҳатул ҷалиси ва маниятул адибил анис», чопи аввал, Мактабатул ҳайдария, Қум, 1417.

159. Сафурии шофеӣ, Абдурраҳмон ибни Абдуссалом ибни Абдурраҳмон (894ҳ): «Нузҳатул маҷолис ва мунтахабун нафоис», чопи саввум, Ширкату мактабати ва матбаъати Мустафо Албониил Ҳалабӣ, Қоҳира 1378ҳ.

160. Мавсилии шофеӣ, Умар ибни Шуҷоъуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳид (660ҳ): «Аннаъимул муқим лиитратин набаил азим (а)», чопи аввал, Дорул китобул исломӣ, Қум 1423ҳ.

161. Мақризии шофеӣ, Тақиюддин Аҳмад ибни Алӣ (845ҳ): «Аннуқудул исломиял мусаммо бишузурил уқуд фӣ зикрин нуқуд, чопи аввал, Маншуроту

Шарифур Разӣ, Қум, 1407ҳ.

162. Шабланҷии шофеӣ, шайх Муъмин ибни Ҳасан ибни Муъмин (1298ҳ): «Нурул абсор фӣ маноқиби оли байти набиюл мухтор», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1418ҳ.

163. Қалқашандии шофеӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Абдуллоҳ (821ҳ): «Ниҳоятул адаб фӣ маърифати ансобул араб», Дорул кутубил илмия, Бейрут.

164. Нувайрии шофеӣ, Абулаббос, Шаҳобиддин Аҳмад ибни Абдулваҳҳоб (832ҳ): «Ниҳоятул ираб фӣ фунунил адаб», вазоратул сақофия, Қоҳира.

165. Сафадии шофеӣ, Салоҳуддин Халил ибни Айбак (764ҳ): «Алвофӣ бил вафиёт», чопи аввал, интишоротил исломия, Олмон, 1381ҳ.

166. Ибни Халлакони шофеӣ, Абуаббос, Шамсуддин, Муҳаммад ибни Абибакр (681ҳ): «Вафиётул аъён ва анбои абноиз замон», чопи аввал, Дори содир, Бейрут, 1398ҳ.

167. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852ҳ): «Ҳадюус сорӣ» маъруф ба «Муқаддимаи фатҳул борӣ» чопи аввал, Дорул раййонил турос», Қоҳира 1407ҳ.

**Зоҳирӣ**

168. Муғлатои ҳанафӣ, Алоуддин (762ҳ): «Икмолу таҳзибул камол фӣ асмоир риҷол», ба замимаи назароти Муҳаммад ибни Тоҳири Мақдисии Зоҳирӣ, чопи аввал, Алфоруқул ҳадиса, Бейрут, 1422ҳ.

169. Ибни Ҳазми Андалусии Зоҳирӣ, Абумуҳаммад Алӣ ибни Аҳмад ибни Саъид (456ҳ): «Ҷамҳаратул ансобил араб», Дорул кутубил илмия, Бейрут.

**Моликӣ**

170. Қосим Алии Моликӣ, Саъд Молӣ: «Ҷамҳарату тароҷими фуқаҳоул моликия», чопи аввал, Дорул буҳусул лид дурусотил исломия ва эҳёил турос, Дубай, 1423ҳ.

171. Азҳарии Моликӣ, Муҳаммад Башири Зофир: «Табақотул моликия», чопи аввал, Дорул офоқул арабия, Қоҳира, 1420ҳ.

172. Ибни Халдуни моликӣ, Абдурраҳмон (808ҳ): «Алибар ва дейвонул мубтадо вал хабару фӣ айёмил арабӣ вал аҷамӣ вал барбарӣ ва ман осираҳум мин завис султонил акбар», маъруф ба таърихи ибни Халдун, чопи дуввум, Дорул фикр, Бейрут, 1409ҳ.

173. Ибни Саббоғи моликӣ (855ҳ): «Алфусулул муҳимматӣ фӣ маърифати аҳволил аимма (а)», чопи дуввум, Дорул азвоъ, Бейрут, 1409ҳ.

174. Рашиди Аттори моликӣ, Абулҳусейн Рашидиддин Яҳё ибни Абдуллоҳ ибни Алии Қуршӣ» (662ҳ): «Муҷарраду асомир рувота ан Молик», чопи аввал, Мактабатул ғуробоил асирия, Мадинаи мунаввара, 1418ҳ.

**Соир**[1]

175. Тармонинӣ, Абдуссалом: «Аҳодисил таърихил исломия битартибис синин», чопи аввал, Дори таллос, Димишқ, 1417ҳ.

176. Башшории Мақдисӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибнал Банно (370ҳ): «Аҳсанут тақосим фӣ маърифатул ақолим», Дорул эҳёил туросул арабия, Бейрут, 1408ҳ.

177. Ҷузҷонии Носибӣ, Абуисҳоқ Иброҳим ибни Яъқуб (259ҳ): «Аҳволир риҷол», чопи аввал, Муассисатур рисолата, Бейрут, 1405ҳ.

178. Қармонии Димишқӣ, Абуаббос Аҳмад ибни Юсуф ибни Аҳмад (1019ҳ): «Ахборуд дувал ва осорул увал», Оламул кутуби, Бейрут.

179. Абуҳанифаи Динаварӣ, Аҳмад ибни Довуд (283ҳ): «Ахборут тивол», тарҷумаи Маҳмуди Маҳдавии Домғонӣ, чопи чорум, нашри Най, Теҳрон, 1371ҳ.

180. Абуяълои Қазвинӣ, Халил ибни Абдуллоҳи Халилӣ (456ҳ): «Алиршод фӣ маърифати уламоил ҳадис», Дорул фикр, Бейрут, 1414ҳ.

181. Сулӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Яҳё (335ҳ): «Ашъори авлодил хулафо ва ахборуҳум мин китобил авроқ», чопи саввум, Дорул масира, Бейрут, 1401ҳ.

182. Заркулии Димишқӣ, Хайриддин (1396ҳ): «Алаълом», чопи нуҳум, Дорулилмил лил малойин», Бейрут, 1990 милодӣ.

---

1. Мақсуд аз соир, касоне ҳастанд, ки аз аҳли суннат буда, вале мазҳаби онҳо эҳроз (мушаххас) нашудааст.

183. Абулфараҷи Исфаҳонӣ (356ҳ): «Алағонӣ», Дорул фикр, Бейрут, 184ҳ.

184. Сафоиз Завӣ ва Аҳмадул Адвӣ: «Эҳдоид дебоҷат бишарҳи «Сунан»-и Ибни Моҷа, чопи аввал Дорул яқин, Баҳрайн, 1422ҳ.

185. Яъқубӣ ибни Абивозеҳ (284ҳ): «Албулдон», чопи авввал, таҳқиқи Муҳаммадамини Занновӣ, Дорул кутубил илмия, 1422ҳ.

186. Абузуръаи Димишқӣ, Абдурраҳмон ибни Амр ибни Абдуллоҳ ибни Савфони Насрӣ (281ҳ): «Таъриху Абузаръатил Димишқӣ биривояти Абулмаймун ибни Рошид», чопи аввал, матбуъоти Маҷмаъул луғат», Димишқ, 1400.

187. Ибни Шоҳин, Абуҳафс Умар ибни Аҳмад ибни Усмон (385ҳ): «Таъриху Асмоис сиқот», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1406ҳ.

188. Иҷлӣ, Абулҳасан Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Солеҳ (261ҳ): «Таърихус сиқот», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1405ҳ.

189. Ҷурҷӣ Зайдон, тарҷумаи Алии Ҷавоҳир Калом: «Таърихи тамаддуни ислом», чопи ҳафтум, Амир Кабир, Теҳрон, 1372ҳ.

190. Ибнал Азимӣ, Муҳаммад ибни Алии Танухии Ҳалабӣ: «Таърихи Ҳалаб».

191. Халифа ибни Хайёт, Абуамрулайсии Усфурӣ (240ҳ): «Таъриху халифату ибни Хиёт», чопи аввал, Дорул кутубул илмия, Бейрут1415ҳ.

192. Ибни Ибрӣ (685ҳ): «Таъриху мухтасарид дувал», чопи аввал, Муассисату нашру манобеъус сақофиятил исломия, Қум.

193. Яҳё ибни Муъин, Абузакариёи Марии Ғатфонии Бағдодӣ (233ҳ): «Таърихи Яҳё ибни Муъин биривоятил Абилфазл Аббос ибни Муҳаммад ибни Ҳотами Дуриюл Бағдодӣ (271ҳ)», Дорул қалам, Бейрут.

194. Яъқубӣ, ибни Абивозеҳ (284ҳ): «Таърихи Яъқубӣ», Дори содир, Бейрут, 195ҳ.

195. Мисквейҳ, Абуаъло Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яъқуб (421ҳ): «Таҷорубул умам ва таъоқибул ҳимам», чопи аввал, Дорул кутулбил илмия, Бейрут, 1424.ҳ.

196. Ибни Батутаи Марокашӣ, Муҳаммад ибни Батута (779ҳ): «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибул амсор», маъруф ба «Реҳлати ибни Батута»,

Дорул кутубил илмия, Бейрут.

197. Маъруф Аввод, Башшор: «Таҳқиқ ва таълиқи «Сунани ибни Моҷа», таҳқиқ ва таълиқи Башшор маъруф ба Аввод, чопи аввал, Дорул ҷайл, Бейрут, 1418ҳ.

198. Ҳафсии Адвӣ, Муҳаммад ибни Юсуф ибни Исо ибни Атифаш (1332ҳ): «Ҷомеъуш шумул фӣ ҳадиси хотамир расул», Дорул кутубил илмия, Бейрут.

199. Атоуллоҳи Шерозӣ: «Равзатул аҳбоб», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳ Маръашии Наҷафӣ.

200. Ибни Моҷаи Қазвинӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид (275ҳ): «Сунани ибни Моҷа», Дорул фикр, Бейрут, 201ҳ.

201. Шайбӣ, Комил Мустафо: «Асилата байнат тасаввуфи ват ташайюъ», чопи саввум, Дорул Андалус, Бейрут, 1982 милодӣ.

202. Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишобурӣ, Абулҳусайн (261ҳ): «Аттабақот», чопи аввал, Дорул ҳиҷра, Риёз, 1411ҳ.

203. Ибни Инаба, Ҷамолуддин Аҳмад ибни Алии Ҳусейнӣ (828ҳ): «Умадатул толиб фӣ ансоби оли Абитолиб, чопи аввал, муассисаи Ансорӣ, Қум, 1417ҳ.

204. Ибни Тақтақӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Таботабо (709ҳ): «Алфахрӣ фӣ одобул султония вад дувалил исломия», чопи аввал, Дорул қаламил арабӣ, Ҳалаб, 1418ҳ.

205. Танухӣ, Қозӣ Абуалӣ: «Алфараҷу баъдуш шиддата», Дорусодир, Бейрут, 1398ҳ.

206. Ибни Надим, Абулфараҷ, Муҳаммад ибни Исҳоқ (қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ): «Алфеҳрист», Дорул маърифат, Бейрут.

207. Ҷамъе аз нависандагон: Алфеҳрестуш шомил лит туросил арабиил исломиил махтут», (Алҳадисун набавиюш шарифу ва улумуҳу ва риҷолуҳу»), таҳқиқ ва нашр: Муссисатул олил байти лилфикрил исломӣ, Уммон, Урдун, 1426ҳ.

208. Ҳаравии Мавсилӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Абубакр (611ҳ): «Китобул ишорот ило маърифатиз зиёрот», Маъҳадул франсӣ, Димишқ, 1953 милодӣ.

209. Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил (256ҳ): «Китобуз зуъафоис сағир»,

чопи аввал, Оламул кутуб, Бейрут, 1404 ҳ.

210. Халифа ибни Хиёт, Абуамрилайси Усфурӣ (240ҳ): «Китобут табақот», чопи дуввум, Дорут тайибаи Риёз, 1402.

211. Маҳлабӣ, Ҳасан ибни Аҳмад (380ҳ): «Китобул Азизӣ бил масолики вал мамолик», тасҳеҳ ва таълиқи Тайсири Халаф, чопи аввал, нашри Аттаквин, Димишқ, 2006 милодӣ.

212. Ҷаҳшиёрӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдус (331ҳ): «Китобул вузаро вал куттоб», Дорул фикрил ҳадис, Бейрут, 1408ҳ.

213. Абулвафо, Ҳалабии Тароблусӣ, Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Сабт ибни Аҷамӣ (841ҳ): «Алкашфул ҳасис», чопи аввал, Оламул китоб ва мактабатун наҳзатил арабиятӣ, Бейрут, 1408ҳ.

214. Муттақии Ҳиндӣ, Алоуддин Алии Мутаққӣ ибни Ҳисом (975ҳ): «Канзул уммол фӣ сунанил ақвол вал афъол», чопи панҷум, Муассисатур рисола, Бейрут, 1405ҳ.

215. Ибни Манзури Африқӣ, Муҳаммад ибни Мукаррам (711ҳ): «Мухтасари таърихи Димишқ», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1405ҳ.

216. Ёқути Ҳамавӣ, Абуадуллоҳ Шаҳобуддин Ёқут ибни Абдуллоҳи Румии Бағдодӣ (626ҳ): «Муъҷамул булдон», Дору эҳёит туросил арабӣ, Бейрут 1399ҳ.

217. Венсинк Орантян: «Алмуъҷамул муфаҳрас лиалфозил ҳадисин набавӣ, 1936 милодӣ.

218. Каҳҳола Умар Ризо: «Муъчамул муаллифин», Дору эҳёит туросил арабӣ, Бейрут.

219. Иҷлӣ, Абулҳасан, Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Солеҳ (233ҳ): «Маърифатус сиқот», чопи аввал, Мактабатуд дори, Мадинаи мунаввара, 405ҳ.

220. Яҳё ибни Маъин, Абузакариё Марии Ғитфонии Бағдодӣ (233ҳ): «Маърифатур риҷол», чопи аввал, Матбуъоту маҷмаъул луғатил арабиятӣ, Димишқ, 1405ҳ.

221. Фасавӣ Яъқуб ибни Сафён (277ҳ): «Алмаърифату ват таърих», чопи аввал, Муассисатур рисола, Бейрут, Лубнон, 1401ҳ.

222. Венсинк, Арантян: «Мифтоҳу кунузӣ алсина», Дорул боз, Маккаи

мукаррама, 1403ҳ.

223. Абулфараҷи Исфаҳонӣ (356ҳ): «Мақотилут толибин», чопи дуввум, Маншуротур Разӣ, Қум, 405ҳ.

224. Ҳаммодии Машҳадонӣ, Муҳаммад Ҷосим: «Мавoридул Билозурӣ анил усрати уммавия фӣ ансобил ашроф», Мактабатул толибул ҷомеъӣ, Маккаи мукаррама, 1407ҳ.

225. Зағлул, Абуҳоҷари Муҳаммадсаид ибни Бисюнӣ: «Мавзуъату атрофил ҳадисин набавииш шариф (а)», Дорул фикр, Бейрут, 1414ҳ.

226. Обӣ, Абусаъид Мансур ибни Ҳусейн (421ҳ): «Насруд дурар», Ҳайатул Мисриятул omматӣ, лилкитоб, Миср.

227. Алӣ Сомии Нашшор: «Нашъатул фикрил фалсафӣ фил ислом», чопи чорум, Дорул маориф, Искандария, 1969 милодӣ.

228. Ҳазрумӣ, ибни Касир: «Василатул маъол», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ, Қум.

**Имомия**

229. Қозӣ Нуруллоҳи Маръашӣ, шаҳиди солис Ҳусайнии Шуштарӣ (1019ҳ): «Эҳқоқул ҳақ ва изҳоқул ботил», чопи аввал, Мактабу оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ (а), Қум.

230. Шайхи Тусӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ (460ҳ): «Ихтиёру маърифатур риҷол», таҳқиқ: Ҳасани Муставфӣ, донишгоҳи Машҳад, 1347ҳ.

231. Шайхи Муфид, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Нуъмон (413ҳ): «Алиршод фӣ маърифати ҳуҷаҷиллоҳ алал ибод», чопи аввал, муассисаи Олил байт (а) лиэҳёит турос, Қум, 1413ҳ.

232. Ҷамъе аз нависандагон: «Аъломул ҳидоя», чопи аввал, Алмуъҷамул оламӣ лиаҳлил байт (а), Қум, 1422ҳ.

233. Амин, Саидмуҳсин Абдулкарим (1371ҳ): «Аъёнуш шиъа», Дорут таъоруф, Бейрут.

234. Шайхи Садуқ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобавияи Қумӣ (381ҳ): «Аломолӣ», чопи панҷум, муассисаи Аъламӣ, Бейрут, 1410ҳ.

235. Шайхи Тусӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан (460ҳ): «Аламолӣ», чопи аввал, Дорус сақофа, Қум, 1414ҳ.

236. Фазлуллоҳ, Сайидмуҳаммад Ҷавод: «Алимом Ризо (а) таъриху ва даросат», чопи аввал, муассисату Дорул китобул исломӣ, Қум 1428ҳ.

237. Таботабоӣ, Сайид Абдулазиз (1416ҳ): «Аҳлул байти (а) фил мактабатил арабиятӣ», таҳқиқ ва нашр: Муасисаи Олил байти лиэҳёит туроси, чопи аввал, Қум, 1417ҳ.

238. Аллома Маҷлисӣ, Муҳаммад Боқир (1111ҳ): «Биҳорул анворил ҷомиъатуд дурари ахборул аимматул атҳор (а)», чопи аввал, Муассисатул вафо, Бейрут, 1403ҳ.

239. Музаффар, Муҳаммад Ҳусейн: «Таърихуш шиъа», чопи аввал, Доруз Заҳро, Бейрут, 1407ҳ.

240. Шайх Аббоси Қумӣ (1359ҳ): «Татимматул мунтаҳо дар таърихи хулафо», чопи аввал, интишороти Далели мо, Қум, 1382ҳ.

241. Мақомонӣ, шайх Абдуллоҳ (1351ҳ): «Танқеҳул мақол фӣ илмир риҷол», чопи аввал, матбаъатил Муртазавия, Наҷафи ашраф.

242. Шарифи Қаршӣ, Муҳаммад Боқир: «Ҳаётул имом Алӣ ибни Мӯсарризо (а), чопи аввал, Дорул балоға, Бейрут, 1413.

243. Шарифи Қаршӣ, Муҳаммад Боқир: «Ҳаётул имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)», чопи аввал, Дорул балоға, Бейрут,1413ҳ.

244. Муртазо Омулӣ, Сайидҷаъфар: «Алҳаётус сиёсияту лил имом Ризо (а), чопи аввал, Муассисатун нашрил исломӣ, Қум, 1416ҳ.

245. Аллома Ҳиллӣ, Абунаср Ҳасан ибни Юсуф ибни Мутаҳҳари Асадӣ (726ҳ): «Хулосатул ақвол фӣ маърифатир риҷол», таҳқиқ: шайх Ҷаводи Қайюмӣ, чопи аввал, Муассисатун нашрил исломӣ», Қум, 1417ҳ.

246. Шайхи Тусӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ (460ҳ): «Риҷолут тусӣ», таҳқиқ ва таълиқ: Саид Муҳаммад Содиқ оли Баҳрул улум, чопи аввал, Наҷафи ашраф, 1381ҳ.

247. Наҷошӣ, Абуаббос Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Аббоси Асадии Куфӣ (450ҳ): «Риҷолун наҷошӣ», таҳқиқ: Саид Мӯсо Шубайрии Занҷонӣ, чопи шашум, интишороти Ҷомеъаи мударрисин, Қум,1418ҳ.

248. Хонсорӣ, Мирзомуҳаммади Боқири Мусавӣ (1313ҳ): «Равазотул

ҷаннот фӣ аҳволил уламои вас содот», муассисаи Исмоилиён, Қум, 1390ҳ.

249. Афандии Исфаҳонӣ, Мирзо Абдулло (1130ҳ): «Риёзул уламо ва ҳиёзул фузало», китобхонаи оятуллоҳил узмо Маръашии Наҷафӣ (р.ҳ), Қум, 1401ҳ).

250. Шайх Аббоси Қумӣ (1359ҳ): «Сафинатул биҳор ва мадинатул ҳикам вал осор», чопи авввал, интишороти Бунёди паҷӯҳишҳои исломии остони Қудси Разавӣ (а), Машҳад, 1416ҳ.

251. Маъруф, Саидҳошим: «Ақидатул шиъатул имомия», Дорул китобул Лубнонӣ, Бейрут, 1376ҳ.

252. Шайх Садуқ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Бобовияи Қумӣ (381ҳ): «Илалуш шароеъ», чопи аввал, мактабатул Ҳайдария, Наҷафи ашраф 1385ҳ).

253. Шайх Садуқ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Бобовияи Қумӣ (381ҳ): «Уюнул ахборур Ризо», чопи дуввум, ношир Ризо Машҳадӣ, Қум, 1363ҳ.

254. Ибни Довуди Ҳиллӣ, Тақиюуддин Ҳасан ибни Алӣ (707ҳ): «Китобур риҷол», чопи дуввум, интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1383ҳ.

255. Шайх Садуқ, шайх Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасани Бобовияи Қумӣ (381ҳ): «Камолул дин ва тамомун неъма», чопи аввал, Мактабатус Садуқ, Теҳрон, 1390ҳ.

256. Мутаҳҳарӣ, Муртазо: «Маҷмуъаи осор», ҷилди 8, чопи аввал, интишороти Садро, Теҳрон, 1420ҳ.

257. Намозии Шоҳрудӣ, шайх Муҳаммад Алӣ (1405ҳ): «Мустадракоти илми риҷолил ҳадис», чопи аввал, Исфаҳон, 1412ҳ.

258. Намозии Шоҳрудӣ, шайх Муҳаммад Алӣ (1405ҳ): «Мустадракоти сафинатул биҳор», чопи аввал, интишороти Ҷомеъаи мударрисин, Қум, 1418ҳ.

259. Хуйӣ, Сайид Абулқосим (1413ҳ): «Муъҷамур риҷолил ҳадис ва тафсилу табақотир рувот», чопи 3, Маншуроти Мадинатул илм, Қум, 1403ҳ.

260. Маръашии Наҷафӣ (р), Сайид Шаҳобуддин (1411ҳ): «Мулҳақоти «Эҳқоқул ҳақ», чопи дуввум, Мактабату оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ(а), Қум, 1423ҳ.

261. Ибни Шаҳрошуб, Абуҷаъфар, Рашидаддин Муҳаммад ибни Алӣ (588ҳ): «Маноқиби оли Абитолиб (а)», интишороти Аллома, Қум.

262. Шайх Аббоси Қумӣ (1359ҳ): «Мунтаҳиюл омол фит таворихин набӣ вал ол (а)», чопи нуҳум, интишороти Ҳиҷрат, Қум, 1375ҳ.

263. Шайх Аббоси Қумӣ (1359ҳ): «Мунтаҳиюл омол фит таворихин набӣ вал ол (а)», таҳқиқ: Носири Боқирии Бедҳиндӣ, чопи аввал, интишороти Далели мо, Қум, 1379ҳ.

264. Юсуфии Ғаравӣ, Муҳаммад Ҳодӣ: «Мавсуъатут таърихили исломӣ», чопи аввал, Маҷмаъул фикрул исломӣ, Қум, 1430ҳ.